**Раёсати Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон**

---

**Маркази омӯзиши равандҳои муосир ва оянданигарии илмӣ**

# Илм ва Ҷомеа

**Маҷаллаи академии илмию оммавӣ**

**№ 1 (28), 2022**

Маҷалла 24 июли соли 2019 аз тарафи Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст.

**Муассис:** Раёсати Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон
**Сармуҳаррир:** Нозим Нурзода
**Котиби масъул:** Фирдавс Ниёзӣ
**Саҳифабанд ва тарроҳ:** Бозорбой Ибодов

**Ҳайати мушовара:** Фарҳод Раҳимӣ, Талбак Назаров, Саидмурод Фаттоҳзода, Собит Неъматуллоев, Пӯлод Бобоҷонов, Комил Бекзода, Ёрмаҳмад Ниёзӣ.

www.ravshanfikr.tj

## ФЕҲРИСТИ МАВЗӮЪҲО

### МЕРОСИ ФАРҲАНГӢ, АДАБИЁТИ МИЛЛӢ ВА МУШКИЛОТИ ФИКРӢ

**Ятимов С.** *Дар бораи як китоби дарсӣ* ........................................... 5

**Раҳмонов Шоҳзамон.** *Тахти Сангин*............................................ 32

**Саидзода Ҷамолиддин.** *Вазъи забон ва адабиёти тоҷик дар замони Аҳмади Дониш*.................................................................. 50

**Абдухалилзода Кароматулло.** *Хурофотро танҳо илму дониш решакан менамояд!*.......................................................................... 83

**Нурзода Нозим.** *Бозшиносии хурофоти мазҳабӣ дар ҷараёни тадриси фанни адабиёти тоҷикӣ (чанд андешаи муқаддимотӣ)........* 89

**Собириён Меҳр.** *Дар ҷустуҷӯи омилҳои рушд (мулоҳизоти куллӣ дар ҳошияи китоби Дарон Осимоглу ва Ҷеймс Робинсон зери унвони "Чаро миллатҳо шикаст меҳӯранд: решаҳои қудрат, шукуфоӣ ва фақр")*.................................................................................... 96

**Ашӯров Ардамеҳр.** *Дунявият дар Фаронса: мафҳум ва заминаҳои пайдоиши он*.................................................................................... 104

### ИЛМ, ИНСОНШИНОСӢ ВА ШАБАКАҲОИ ИҶТИМОӢ

**Юсуфбеков Н.Ш., Ахмедов Х.М.** *Сезонное аккумулирование энергии возобновляемых источников*......................................... 108

**Шарифзода Исомиддин**. *Ҷойгоҳи антропология дар таснифоти Ибни Сино*.................................................................................... 128

**Қурбонова Ширин.** *Роҳи наҷот илм аст (мулоҳизаҳо дар ҳошияи Паёми навбатии Пешвои миллат)*........................................................ 141

**Убайдулло Убайдуллоев.** *Соҳибкорӣ дар соҳаи сайёҳӣ ва нақши он дар рушди иқтисодиёти кишвар*...................................................... 149

**Муродбекова М.Ҳ., Юсупов С.З.** *Шабакаҳои иҷтимоӣ: истифода ва таъсири он ба ҷомеа*.............................................................................. 157

**Шарипов Рамазон.** *Саломатӣ ва вақт гаронмоятарин сарвати* 167

*инсон аст*........................................................................................................

**Шарипова Манзура.** *Интернет ва марҳилаҳои рушди он: мушкилот ва дурнамо (дар мисоли Тоҷикистон)*................................. 171

**ЧЕҲРАҲО**

**Бекзода Комил.** *Аббос Маҳмуди Аққод-шоир ва мутафаккири бузурги Миср дар асри ХХ*....................................................................... 182

**Муродова Тоҷинисо.** *Файласуфи фарҳанг (чанд андеша дар мавриди файласуф ва андешаманди миллӣ, устод Саъдулло Раҳимов)*........................................................................................... 193

**Исмоилов Фаридун.** *Саҳми Бозори Тилавзод дар ҷамъоварӣ ва пажӯҳиши ниёиш, қасам ва лақабҳои мардумӣ*..................................... 201

**ТАҚРИЗ ВА НАҚД**

**Маҳмадаминов Абдулҳай, Солеҳов Мирзо.** *Дилро ба дил раҳест (чанд андеша дар заминаи маҷмӯаи нави ашъори Ниҳонӣ «Оҳанги дил»)*........................................................................................... 208

**Сафарзода Нурмуҳаммад.** *Нақди муосири адабӣ ва кайфияти матолиби мубоҳисавӣ (чанд андеша дар ҳошияи матолиби ахири баҳсии ҳафтономаи "Адабиёт ва санъат")*............................................ 215

# МЕРОСИ ФАРҲАНГӢ, АДАБИЁТИ МИЛЛӢ ВА МУШКИЛОТИ ФИКРӢ

**С. ЯТИМОВ**
*профессор*

## ДАР БОРАИ ЯК КИТОБИ ДАРСӢ

### Муқаддима

Беш аз дувуним ҳазор сол қабл Аристотел дар асари маъруфаш "Сиёсат" навишта буд: **"Магар бошад касе, шубҳа кунад, ки қонунгузор** (*давлат, ҳукумат – С.Я.)* **бояд ба масъалаи тарбияи ҷавонон бо таваҷҷуҳи фавқулода муносибат кунад, зеро дар давлате, ки ҳамин гуна ғамхорӣ нест, худи сохти давлатдорӣ зарар мебинад"** (Аристотель. Политика. - М.: РИПОЛ классик, 2010. -С. 535).

Яъне ду масъалаи ҳаётан муҳим - алоқамандӣ ва вобастагии сохти давлатдорӣ ба мактабу маориф аз замонҳои қадим ҳамраҳи инсоният будаанд. Ва қудрати одам ҳам баробар ба умқи фикр ва қобилияти дарк карда тавонистани моҳияти зуҳуроти олам methodista шудааст. Шоир ва мутафаккири немис Гёте таъкид мекунад: **"Мегӯянд, ки рақамҳо дунёро раҳбарӣ мекунанд; шубҳае нест, ки рақамҳо нишон ҳам диҳанд, ки дунё чӣ тавр раҳбарӣ карда мешавад"** (Гегел Г.В.Ф. Слово о науке. -М.: Знание, 1978, -С.10).

Аз ин ҷиҳат, нашри китоби гурӯҳи олимони Академияи миллии илмҳо Қосимшо Искандаров, Раҳматкарим Давлатов, Ҷамолиддин Саидзода, Беҳрӯзи Забеҳулло, Сайидхоҷа Ализода, Нозим Нуров, Шамсиддин Нуриддинов **"Андешаҳои дунявӣ дар адабиёти классикии тоҷику форс"** (Душанбе, 2021, дар ҳаҷми 310 саҳ.) ҳамчун **"Воситаи**

**тавсиявӣ-амалӣ барои хонандагону донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва олии касбӣ"**, ки **"Бо қарори ҳайати мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва тавсияи Раёсати Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон чоп шудааст"**, иқдоми шоистаи дастгирӣ аст.

Ба назар мерасад, ки омода ва нашр кардани чунин китоб тақозои рӯз ба рӯз афзояндаи **яке аз муҳимтарин рукнҳои асосии давлатдории миллӣ, зарурати баланд бардоштани нақши илм дар сохтори ҷаҳонбинӣ, системакунонии маҷмӯи масъалаҳои илмии марбут ба дидгоҳи маънавӣ ва методҳои тадқиқи он, коркарди дастгоҳи истилоҳ ва мафҳумоти илмии миллӣ, муайян кардани сарҳадҳои салоҳият, бархӯрд ва ҳалли мушкилоти вобаста ба мавзӯъ, ҳамчунин ҳимояи мафкураи динӣ аз суиистифодаи он тавассути ворид кардани ҳар гуна равияҳои ифротгаро мебошад.**

Ҳадафи ибрози назар, аз ҷониби мо, **таҳлил ва арзёбии ташаккули маънавиёти миллӣ дар асоси ҷаҳонбинии дунявӣ, дар мисоле чанд, аз маҷмӯи мақолаҳо мебошад,** ки зикраш ишора гардид.

### Давлати миллӣ ва дунявият

Бояд хотирнишон кард, ки масъалаи давлат ва давлатдорӣ қисмати ҳаётан муҳимми мавҷудият ва пойдории миллат аст.

Ягонагӣ ва умумияти қаламрав, забон, фарҳанг, маданият, урфу одат, идеология, эҳсоси муштараки ирсияти қавмӣ, нажодӣ, ки асоси давлатдории миллиро ташкил мекунанд, фақат тавассути ҳокимияти сиёсии мутамарказ, бо асосҳои ҳуқуқӣ ва имконоти танзими меъёрҳои конститутсионӣ таъмин карда мешаванд. Бидуни чунин шароит осудагӣ, субот ва рушди миллӣ наметавонад воқеият дошта бошад.

Ҳама гуна даъвоҳое, ки миллат танҳо тавассути забон, адабиёт ва фарҳанг дар фазо ва вақт, дар шароите ки аз ҳокимияти сиёсӣ бархӯрдор нест, фардият, мустақилият ва ҳувияти хешро нигоҳ дошта метавонад, тавассути таҷрибаи таърихӣ рад карда мешаванд. Ва аз лиҳози мантиқи сиёсӣ, ба воқеият ва дурнамои давлатдорӣ мувофиқ намеояд. Ҳодисаҳои охирини кишвари ҳамсоя ин назарияро бори дигар исбот намуд.

Давлат дар маконе, ҳамон вақте ва бо ҳамон сабабе пайдо мешавад, ки омилҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ-идеологӣ, маънавӣ-ахлоқӣ зарурати мавҷудияти ташкилоти марказонидашударо ба манфиати субъектҳои гуногуни сиёсии ҷомеа, пеш аз ҳама, миллат ва халқиятҳо амалан эҳсос намоянд. Дар истифодаи чунин абзор тавон ва иқтидор дошта бошанд.

Давлат замоне таназзул меёбад ва аз байн меравад, ки субъекти офарандаи он иқтидори сарфи захираҳои ҳаётан муҳимми зикргардидаро аз даст медиҳад.

Давлатсозӣ ва зиёдтар аз он таъмини суботи давлат аз муҳимтарин ва мушкилтарин вазифаи миллат аст. Кори тахмин ва ҳадси эҳтимоли амал нест. Ин ташкилоти сиёсӣ, тавре хотирнишон гардид, натиҷаи таҳлили таҷрибаи кашмакаш, нобасомонӣ, бенизомиҳое мебошад, ки ғайр аз фикр карда баровардан ва таъсис додани сохторе бо номи давлат, роҳи дигаре надоштанд. Аз ин ҷиҳат, ҳама гуна бенизомӣ созгори истилоҳи давлат нест. Ва ибораи фаъолияти самараноки давлатдорӣ мафҳуми системавист.

Муташаккилӣ ва устувории ин система аз фаъолияти муназзами соҳаҳои он, ки дар алоқамандӣ, вобастагӣ ва ҳамоҳангии якдигар қарор доранд, сарчашма мегирад.

Ташаккули идеология, маънавиёт ва ҷаҳонбинӣ аз самтҳои ҳаётан муҳимми сиёсати давлатдорӣ аст.

**Аз тарафи дигар истифодаи истилоҳи идеология набояд боиси нороҳатӣ нисбат ба ифодаи тарзи тафаккур ва шакли муносибат ба маънавиёти ҷомеа бошад. Борҳо таъкид гардид ва айни замон хотиррасон карда мешавад, ки истилоҳи деидеологизатсия навъи устувори мафҳуми худи идеология аст. Он барои аз байн бурдани фарҳанги миллӣ ва дидгоҳи сиёсии дар чаҳорчӯби манфиатҳои давлатдорӣ муайянкардаи сохтори сиёсӣ, ба хотири дар мафкураи ҳадафҳои геополитикӣ ҷой кардани ҷаҳонбинии ғаразнок, таъин шудааст. Чизи дигар, кашфиёти дигаре нест. Ва буда ҳам наметавонад.**

Аристотел таъкид мекунад: **"Давлат ба оне мансуб аст, ки табиатан вуҷуд дорад ва инсон аз рӯи табиати хеш зуҳуроти сиёсӣ аст".** (Аристотель. Политика. - М.: РИПОЛ классик, 2010. -С.29).

Бо чунин манзалат инсон наметавонад бе идея (*ормон, орзу, дидгоҳ, мақсад, маром, шакли муносибати маънавӣ ба субъектҳои аслии муассисаи сиёсии давлат*) вазифаи шаҳрвандии худро иҷро намояд.

Соҳибдавлатӣ, мансубияти ҳуқуқӣ ба қаламрави кишвар ва уҳдадорӣ дар назди Ватан, худ ангеза, идея, ормон ва қутбнамои маънавии тарзи амал ҳастанд.

Зуҳуроти ҳастии муваффақ шакли комили ин ангезаи зиндагисоз аст. **"Гузашта аз он, дар амалӣ кардани мақсадгузории ниҳоӣ камолоти олӣ ифода меёбад, аз дигар тараф, мавҷудияти худкифоӣ бошад, ҳамчун падидаи ниҳоӣ ва олитарини воқеият баҳогузорӣ карда мешавад"**(Ҳамон ҷо. –С. 28). Чунин масъалагузорӣ, бидуни шак, мансуб ба инсон, ба шаҳрванд мебошад.

Мо муътақид ҳастем, шаш рукни сохти давлатдорӣ, ки дар Боби якум, Моддаи якуми Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дарҷ гардидаанд, дар баробари эълони воқеияти

ҳуқуқӣ, муайянкунандаи самтҳои идеологии давлат мебошанд.

Дар муносибатҳои субъект ва объектҳои ҳуқуқӣ, вақте сухан дар бораи таъмини суботи давлатдорӣ меравад, роҳ, усул, восита ва методҳои ҷабҳаи ташаккули ҷаҳонбинӣ мавқеи муайянкунандагӣ мегиранд. Алалхусус, дар ҷараёни таърихии истиқрори истиқлолият. Аз ин ҷиҳат, мактаб ва маориф дар поягузорӣ, вусъат ва бардавомии сохти давлатдорӣ нақши ҳалкунанда мебозанд.

Даҳсолаҳои сипаригашта барои азнавсозии маориф, ташаккули инфрасохтор ва захираҳои кадрии он сарнавиштсоз буданд. Дар шароити ниҳоят мушкили иҷтимоӣ-сиёсӣ ва иқтисодӣ заминаҳои аслӣ барои пешрафти илму маориф гузошта шуданд.

Дар ин росто, қисмати ҳаётан муҳимми фаъолияти маориф -мувофиқ кунондани китобҳои дарсӣ ва васоити таълимию тарбиявӣ ба пояҳои сохти конститутсионӣ – давлатдории миллӣ дониста мешавад. Зеро маҳз ҳарфҳои чопӣ (*он чизе, ки дар китоб дарҷ гардидааст*), мақсад ва моҳияти зиндагиро меомӯзанд. Масири кунунӣ ва ояндаи онро муайян месозанд. Тарз ва усули муносибат ба воқеияти сиёсиро нишон медиҳанд. Табиат, муҳтаво ва таъиноти инсонро дар ҷомеа, аз нигоҳи илмӣ тафсир мекунанд.

## Баъзе масъалаҳои назаривӣ дар маҷмӯа

Китоби **"Андешаҳои дунявӣ дар адабиёти классикии тоҷику форс"** дар чаҳорчӯбаи ниёзҳои иҷтимоӣ ва маънавии ҷомеа дар самти тарбия ва таълим навишта шудааст.

Маҷмӯа аз муқаддима ва мақолаҳо дар бораи омӯзиши аҳвол ва осори 27 тан аз адибони тоҷик иборат аст. Тибқи мавзӯъ, дар атрофи ақидаҳои равшангароӣ, маорифпарварӣ, илммеҳварӣ, дар умум, дунявият баҳс мекунад.

Муқаддимаи китоб ба қалами донишманд Ҳафиз Раҳмон тааллуқ дорад. Дар он мавқеи илму хирад , маърифат, давлат ва сиёсат дар муносибат ба ҷанбаҳои эътиқод тафсир гаштаанд.

Муаллифи сарсухан бо такя ба мутафаккирони машҳури олам зарурат, мавқеъ ва манзалати илму донишро дар зиндагӣ шарҳ медиҳад. Тақдири инсонҳоро дар тарзи тафаккур ва сифати шинохти олам аз ҷониби худи одамон медонад. Ӯ дуруст қайд мекунад: **"ташаккули маниши нек табиист, ки худ аз худ ба ботини кас роҳ намеёбад, боистӣ раҳнамову қутбнамое дошта бошад. Ин қутбнамо аввалтар аз ҳама дониш аст, ки ҳамроҳ бо таҷрибаи зиндагӣ касро ба зинаи ақл ва аз он болотар дар нардбони камолот – ба хирадмандӣ мебарад**" (С.4). Барои тасдиқи фикр аз Абулқосими Фирдавсӣ мисоли мувофиқ меорад. Ба андешаи мо, ин байт фикри муаллифро бештар тақвият мебахшад:

*Хирад поку дин поку дил поктар,*
*Бувад ҳар кӣ дорад маникше ба сар.*

Бузургӣ, серталабӣ ва дақиқнигории муаллифи "Шоҳнома" дар он аст, ки ӯ ҳашт аср қабл аз файласуфи машҳури Ғарб, ки фармудааст: "**На танҳо натиҷаи тадқиқот, балки роҳе, ки ба он ҳидоят мекунад, бояд ҳақиқӣ бошад. Тадқиқоти ҳақиқат худаш бояд ҳақиқӣ бошад"** (Ковалченко И.Д. Методы исторического исследования. - М.: Наука, 2003. С.13), озодагии тинати инсонро дар ҳамбастагӣ бо таркиби сохтори ҷаҳонбинӣ медонад. Аз илм, дониш, маърифат ва дин ҳам покиро тақозо дорад.

Дар ин маврид ақл, ҳуш, зеҳн, идрок ва дарёфти инсонӣ - хирадро дар ҷойи аввал мегузорад. Ва онҳоро дар алоқамандӣ аз табиат, сиришт ва бузургии одам мешуморад.

Дар муқаддима масъалаи таъмир ва татҳири (*пок, покиза, тоза*) фикр, ба воситаи он расидан ба худшиносӣ, ки танҳо тавассути донишу хирад ва таҷрибаи зиндагӣ сурат мегирад, таъкид мегардад.

Яке аз беҳтарин қисмати сарсухан таҳлили мухтасари идеяҳои дунявият дар эҷодиёти мутафаккирон ва олимони араб аст, ки шоистаи омӯзиш ва бахрабардорист. Он дар самти интихоби мавзӯъҳои илмӣ дар кафедраҳои ҷамъиятӣ ва Академияи илмҳо муфид ва барои бисёре аз зиёиёни миллӣ намуна мебошад.

Мусаллам аст, ки дунявият илм аст. Дар чаҳорчӯбаи мантиқи диалектикӣ арзи ҳастӣ мекунад. Шакли ҷаҳонбиниест, ки дар маҷмӯи далелҳо қонунмандии умумӣ ва зарурии алоқамандии воқеияти реалӣ ва тафаккурро муайян месозад. Дар доираи муҳтавои масъала зиддиятҳои дохилии радшаванда надорад. Баръакс, ҷузъиёти он давра ба давра якдигарро пурра мегардонанд. Қувват мебахшанд.

Ин шакли ҷаҳонбинӣ аз эътиқод, ки барои тасдиқи назария ва амалияи хеш ба таҷриба ва далелҳои воқеӣ ниёзмандӣ эҳсос намекунад, тафовути усулӣ дорад.

**Принсипи дунявият ҳамон вақт ба эътиқод розӣ шуда метавонад, агар охирин, усулан, ба аввалӣ қоил бошад, онро эътироф ва бидуни қайду шарт қабул кунад.**

Дар муқаддимаи китоб оварда шудааст: **"бидуни дониш... идеяҳо афзун намегарданд, яъне ғизои ақл ва дар таҷриба таҳаввулёфтаи он – хирад ҳамеша илму дониш будааст"** (С.6). Чунин тарзи масъалагузорӣ дуруст аст. Ҳамзамон муаллиф таъкид месозад: **"Ҳақиқат ин аст, ки хирад** *(ақл, ҳуш, зеҳн, идрок, дарёфт –С.Я.)* **ҳаргиз ба эътиқод** *(ақида доштан, бовар, яқин доштан – С.Я.)* **ихтилофе надорад"** (С.6).

Тарзе ишора гардид, мавзӯи баҳси илмӣ моҳияти масъала аст. Дар ин маврид сухан дар бораи сарчашма ва муҳтавои илм ва эътиқодот, таркиби сохторӣ ва вазифаҳои функсионалии онҳо меравад.

Агар хирад бар илм асос ёфта бошад, махзани он назарияи дар таҷрибаи инсонӣ тасдиқгардида мебошад, тавре ки худи муаллифи сарсухан ҳам ёдовар мешавад. Ҳамин тариқ, эътиқод ва боварҳо бо илм ва хулосаҳои илмӣ дар мухолифат қарор доранд. Муҳтавои ин зиддиятҳо дар ҷаҳони ислом, аз ҷониби бозигарони геополитикӣ мақсаднок ва тахассусмандона истифода мешаванд.

**Субъектҳои манфиатдори низоъ муътақиданд, ки ҷангҳои оштинопазири зеҳнӣ оқибат ба ҷангҳои дар даст силоҳи тарафҳо анҷом меёбанд. Ин аксиома барои бозигарони геополитикӣ воситаи "рӯзгузаронӣ" аст. Яъне ихтилоф дар раҳи рост ба вуҷуд намеояд. Ин захираи бузурги геополитикӣ – вуҷуд доштани сарчашмаҳои ҳалнашавандаи душмании тарафҳо маҳз дар чаҳорчӯбаи илм ва дин эҳтиёткорона нигоҳ дошта, парвариш меёбанд. Шаклҳои ҷадиди дар ин асос аланга задани зиддиятҳои идорашаванда коркард ва роҳандозӣ мегарданд. Таърихи Тоҷикистон, дар маҷмӯъ, ҷаҳони ислом далели ин гуфтаҳост.**

Китобҳои дарсӣ ва воситаҳои таълимӣ бояд сирф дар асоси талаботи илмӣ ва илмӣ-методӣ таълиф гарданд. Мафҳум ва истилоҳот тибқи ҳамин усул, бидуни эҳсоси духӯрагӣ ва мавҳумот истифода шаванд.

Воқеан, илм наметавонад бидуни суол хосияти устувор дошта бошад. Аммо зуҳуротеро, ки таҷриба ва озмоиш тасдиқ кардааст, натиҷаи он ҳақиқат ва ба мақсади таълиф созгор аст, салоҳ дониста мешавад, ҳамон тавр истифода гардад.

Хонандаро набояд вориди баҳсҳое, ки ӯ ҳанӯз тавони фаҳмиши онро надорад, ворид кард.

## Манбаъҳои назарияи дунявӣ

Дарки моҳияти дунявият, аввалан, бо эҳсос ва исботи қонунмандиҳои пайдоиш ва рушди ҳодисаҳои табиат, ҷамъият ва тафаккур, қатъан, зери таъсири илмҳои табиатшиносӣ пайдо шудааст. Баъдан, ҳамчун шакли ҷаҳонбинӣ ба илмҳои ҷамъиятшиносӣ, аз ҷумла адабиёт ворид гаштааст. **Илмҳои табиатшиносӣ - зистшиносӣ, риёзиёт, физика, кимиё, ситорашиносӣ, тиб ва ғайра ҷавҳар, пойдевор ва сутуни аслии тафакккури дунявият мебошанд**. Тавре маълум аст, инҳоро илмҳои дақиқ ва бунёдӣ ном мебаранд. **"Воқияти вуҷуд доштани ашё ва далел тавассути озмоиш ва мантиқ муайян карда мешавад. Чизе, ки тасдиқ намегардад, аз тафаккури ратсионалӣ** *(оқилона, маъқул, дуруст - С.Я.)* **берун аст".** (Ардашев Р.Г. Иррациональность общественного сознания россиян. -М.: 2021. -С.10). Бидуни илмҳои табиатшиносӣ дунявият, ҳамчун мафҳуми илмӣ, сиёсӣ ва ҳуқуқӣ, чизе ғайр аз тахайюли одӣ, омӣ ва содалавҳонае буда наметавонад. Бидуни илмҳои табиатшиносӣ истилоҳи дунявият навъи тафсири хурофотии олами ҳастӣ, мафҳуми пуч ва хушку холӣ аст. Чизи дигаре нест.

Ақидаҳои саромадони илм ва адабиёти тоҷик, асосгузорони ақидаҳои дунявӣ дар сохтори ҷаҳонбинии миллӣ Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абуалӣ ибни Сино, Абулқосими Фирдавсӣ, Умари Хайём, Аҳмади Дониш, Садриддин Айнӣ ва дигарон, натиҷаи омӯзиши илмҳои дар таҷрибаи инсонӣ санҷидашуда мебошанд, на таъсири дидгоҳи фавқуттабиӣ, хурофотӣ ва мифологӣ.

**Ҳамин тариқ, дунявият маҷмӯи ҷаҳонбинии илмии дар асоси дарки қонунмандиҳои пайдоиш ва рушди зуҳуроти табиат, ҷамъият ва тафаккур арзи ҳастинамуда ва назарияи дар таҷрибаи инсонӣ бо далелҳо тасдиқгардида мебошад. Маҷмӯаи низомманди андешаҳо ва амалияи тадқиқотро дар ҷараёни наздикшавии абадӣ ва беохири тафаккури инсонӣ ба олами ҳастӣ, принсип ва консепсияи батанзимдарории муносибатҳои ҷамъиятиро дар соҳаҳои давлат ва ҳуқуқ, ҳамзамон дидгоҳи аҳли илм ва адабиёту фарҳангро дар фаъолияти эҷодӣ муайян мекунад.**

### Нигоҳе ба муҳтавои китоб

Ба фикри мо, яке аз мақолаҳои муваффақи маҷмӯа **"Умари Хайём - ринди мунавварфикр"** мебошад.

Дар китоби дарсӣ ва воситаи таълимӣ, муҳим аст, аз муқаддима то хулоса ҳадафи таълиф батадриҷ, қадам ба қадам, ҳалли худро ёбад. Дар ин маврид, шарҳи замон ва тарҷумаи ҳоли адиб, нақши муҳим дорад. Ва барҳақ, муҳаққиқ маҳз лаҳзаҳои ба мавзӯъ муассири ҳаёти Умари Хайёмро интихоб намудааст, ки аз муҳимтарин омилҳои ташаккули шахсияти ӯ ҳамчун олим, адиб, мутафаккири озодандеш ва ҳақиқатнигор ба ҳисоб меравад. Чунин шакл ва усули таълиф барои омода кардани хонанда ба дарки асли мавзӯъ кумак мекунад. Муаллиф, аз ҷумла, менависад: Хайём "**дорои ҳушу хотираи неруманде будааст. Дар даврони ҷавонӣ ба фарогирии илму дониш пардохта, дар фалсафа, нуҷум ва риёзӣ ба дараҷаҳои баланди илмӣ расидааст**" (С.56).

Муҳаққиқи пухтакор бо нишон додани давраҳои донишандӯзӣ ва илмомӯзии Хайём, баъдан чӣ тавр **"субъекти таҳқиқ ба танзими ҷаҳони бенизом шурӯъ карданро"** (И.

Кант) тафсир мекунад: **“Хайём дар даврони ҳукумати султон Ҷалолиддин Маликшоҳи Салҷуқӣ дар Нишопур аввалин расадхонаро бунёд кард ва бо дархости ӯ даст баислоҳи тақвим зад, ки то кунун бо номи “Тақвими Ҷалолӣ” маъруф аст. Рисолаи “Ҷабр ва муқобала” ба иловаи рисолаи дигар, ки дар он ба мушкилоти ҳандасаи Уқлидус посух додааст, аз машҳуртарин осори Хайём дар илми риёзиёт ҳастанд”** (С.57).

Бо ошкор кардани таҷрибаи андухта ва сифатҳои шахсияти мутафаккири бузург, муаллиф муҳимтарин ҷанбаҳои ақидатии Хайёмро шарҳ медиҳад: **”Мавзӯи асосии рубоиёти Умари Хайёмро асрори азал, рози офариниш, муаммои ҳастӣ, ҷойгоҳи инсон дар низоми ҳастӣ, тамасхури хурофотпарастон, мубориза бо хурофоту мавҳумот, маҳкумияти ақоиди бепояи уламову фақеҳон, ташвиқи инсон барои баҳрабардорӣ аз дами гузарони умр, тарғиби инсон барои раҳоӣ аз қайду бандҳои сохтаву пардохтаи зеҳнӣ, ҷустуҷӯи ҳақиқати ашё ва шод зистану лаззат бурдан аз неъматҳои бешумор ... ташкил додааст”** ( С.56).

Муҳаққиқ аз шоири англис Эдвард Фитсҷералд мисол меорад, ки ӯ ҳанӯз соли 1859 рубоиёти Хайёмро тарҷума ва бо ин амал олим ва мутафаккири тоҷикро машҳури ҷаҳон кардааст. Ба хотири муътақид гардонидани хонанда, таъкид намудааст, ки маҳз аз таъсири эҷодиёти адиб ва файласуфи забардасти миллати мо, дар Ғарб даҳҳо мактабҳои пешқадами ақидатӣ арзи вуҷуд кардаанд ва барҳақ, Хайёмро яке аз асосгузорони эгзистионализм дар Дунёи Куҳан мешуморад.

Боиси қаноатмандист, ки дар мақола аз методҳои муқоисавӣ, сохторӣ – функсионалӣ, таърихӣ ҷиҳати ҷалб намудан ва муътақид сохтани хонанда, хуб истифода шудааст. Ҳамин тариқ, муаллиф мехоҳад, донишомӯзро барои дарки

муҳиммияти масъала – тағйири ҷаҳонбинӣ ба мақсади пешрафти ҷомеа, рушди миллат раҳнамун созад: **“Бо кумаки рубоиёти Хайём аврупоиҳо худро аз қайду банди мавҳумоти динию мазҳабӣ наҷот доданд, аммо шарқиён, ки ба ин мавзӯъ чандон таваҷҷуҳ накарданд, ҳамчунон дар банди афкори ғайриилмии хеш боқӣ мондаанд”** (С.56).

Дар таҳқиқи осори Умари Хайём муҳаққиқ ба дудилагӣ, духӯрагии маъно ва камҳавсалагӣ, мисле ки дар қисмате аз бахшҳои ин китоб ва рафтори баъзе аз зиёиёне, мисли иқтибоси машҳур **“худҳошонро дар иҳотаи мавҳуми мансубият ба мағзи миллат”** мешуморанд, дида мешавад, роҳ намедиҳад. Ӯ бо овардани далелҳои мушаххас, бо рӯҳи олимона иброз медорад: “**Хайём бо тамоми қудрат озодии инсонро ситоиш намуда, тарс аз ояндаро накӯҳиш менамуд. Дар андешаи Хайём он чӣ инсонро хору залил мекунад, тарс аз оянда ва қабули хурофотест, ки дар тӯли асрҳо бар ӯ таҳмил шудааст. Бинобар ин, то замоне ки инсон аз зери бори хурофот ва андешаҳои ботил зеҳни худро озод накунад, ҳаргиз ба маънии зиндагӣ сарфаҳм намеравад”** (С.56).

Забони мақола содаву равон, фаҳмо ва мувофиқ ба сатҳи фаҳми хонанда аст.

Муаллифи мақолаи **“Носири Хусрав шоири озода ва хирадгаро”** манзалати илмӣ ва адабии алломаи миллати тоҷикро, дар доираи мавзӯъ, бо мисолҳо шарҳ додааст. Кӯшидааст, муҳтавои эҷодиёти ӯро маҳсули тинати бузурги шоир ва андухтани донишу таҷриба ба қалам диҳад.

Хусусияти эҷодиёти Носири Хусрав бо он фарқ мекунад, ки ӯ дар ибрози ақидаҳо ба мисли гузаштагони бонангу ори худ, устувор, собитқадам, далеру рӯинтан аст. Муҳаққиқ тағйири ҷаҳонбинии шоирро, аз лиҳози маънавӣ, мансуб ба таъсири “Шоҳнома” ва рӯҳи ватанпарастонаи Абулқосими Фирдавсӣ

медонад. Бо далелҳои асоснок хонандаро барои шиносоӣ ва муътақидкунонӣ ба осори Носири Хисрав ҳидоят менамояд.

Муаллиф дар асоси таҳлили эҷодиёти шоир ба хулоса меояд, ки **"Носири Хусрав адиб ва мутафаккири мубориз, миллӣ, инсондӯст, адолатҷӯ, озодихоҳ, худшинос ва дар орзуи ташкили давлати миллӣ аст"** (С.93). Нидои дили қаламкаши номварро нисбат ба фанои давлати Сомониён аз ин байти шоир дармеёбад:

*Хуросон з-оли Сомон чун тиҳӣ шуд,*
*Ҳама дигар шудааст аҳволу сомон.*

Пайгирии мавзӯъ дар мақола аҳамият дорад, зеро ҳар ҷое, ки сухан дар бораи таассуб, хурофот ва маънавиёти бегонапарастӣ меравад, он ҷо таърихи миллат, забони модарӣ манзалат ва мавқеи шоистаи худро аз даст медиҳад.

Муҳаққиқ дар натиҷаи таҳлили эҷодиёти мутафаккири бузург афзалиятҳои ӯро ҳамчун шахсияти дорои қудрат ва тавоноӣ тавсиф мекунад. Ба муқобили ашхос ва зуҳуроти номатлуби ҷомеа равона шудани ин неруро таъкид месозад: "**Носири Хусрав шоир ва андешаманди ҳассос, кунҷков, пажӯҳанда, сафаргаро, ғурбатдида, чуну чарокунанда, мубориз, эътирозгар, амирситез, исёнгар, мардумдӯст, деҳқонситой, адолатхоҳ, инсондӯст буда, рӯҳониёни зоҳиргарой, мардумфиреб, шоирони маддоҳ, дингароёни муқаллиду ҷоҳил, нотавонбинони хурофотӣ, афроди беҳувият, чоплусро, ки дар хидмати бегонагон қарор доштанд, дар осораш мазаммат менамояд"** (С.94).

Барои донишомӯз азхуд кардани сифатҳои мазкур на танҳо омили бой гардидани захираи луғавии ӯ мешавад, балки муҳимтар аз ҳама, қобилияти шинохти мантиқии муҳтавои масъаларо аз лиҳози дарки иҷтимоӣ ва сиёсӣ барояш осон мекунад.

Дар мақола нигоҳи муҳаққиқ ба мавзӯъ, тавассути истифодаи босалоҳият ва тафсири бомуваффақияти ашъори барҷастаи шоир, возеҳу равшан шарҳ дода шудааст.

**"Асирӣ - намояндаи насли маорифпарвар"** аз мақолаҳои ҷолиби таваҷҷуҳ мебошад. Муаллиф барои кушодани мавзӯъ аз назарияи умумии инъикоси воқеияти ҷамъиятӣ, тавассути сухани бадеӣ хуб истифода кардааст.

Дар мавод вазъи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва муҳити фарҳангие, ки шоир ба камол расидааст, соҳиби илму маърифат гаштааст, тавзеҳ ёфтааст. Ҳамчунон, муҳаққиқ нуктаи муҳим ва ибратангезро таъкид мекунад: **"Шоир ба таври мустақил таърихи адабиёти тоҷику форс, илмҳои табиию риёзиро хеле хуб меомӯзад. Вай дар муддати ҳашт соли иқоматаш дар Хӯқанд забони русиро ҳам мустақилона омӯхта, дар мавриди тарзи навиштор ва гуфтори ин забон дониши мукаммале ба даст меорад"** (С. 279).

Сарчашмаи ҷаҳонбинии Асирӣ таҷрибаи зиндагӣ ва донишҳои мукаммали ӯ мебошанд. Маҳз ин омилҳо ба адиб имкон медиҳанд, ки зиндагии тангу тори Бухорои вақтро ба кишварҳои пешрафта дар муқоиса гузорад, баҳогузорӣ ва хулосабарорӣ намояд. Барои адиб тавони дарки омилҳои воқеияти иҷтимоӣ, сабабҳои аслии вазъ ва рӯйдоди ҷомеа муҳим аст. Асирӣ, муҳити барои гирифтани донишҳои илмӣ носозгорро ҳамчун монеа паси сар ва худро мисли як зиёии миллӣ, иродатманд ва собитқадам муаррифӣ мекунад. Муҳаққиқ аз ҷумла менависад: **"Асирӣ ба мисли дигар маорифпарварони тоҷик нисбат ба тартиботи асримиёнагии ҳоким дар Бухоро, зулми амиру амалдорон ва арбобони риёкори динӣ нафрат пайдо кард. Вазъияти пасти иқтисодиву иҷтимоӣ ва маишатии мардуми мазлуми Бухоро дили шоири нозукандешро ба дард меовард"** (С.280).

Муаллифи мақола дар натиҷаи таҳлили моҳияти эҷодиёти Тошхоҷаи Асирӣ ҳувият, тинат ва табиати шоирро ҳамчун шахсияти бузург ва ҷасуру далер, ба андешаи инҷониб, барои баъзе аз зиёинамоҳои дампои даврони мо, ки матои худҳошон ғарқи таассубу хурофот аст, барои намуна нишон додааст: **"Асирӣ шоири шуҷоъ ва ҷасуре буд. Ӯ ба таври ошкор бар зидди рӯҳониёни мутаассибу риёкор, ки бо ҳокимони золим якҷо шуда, халқи бечораро бо фиребу найранг ғорат мекарданд, мубориза бурдааст. Шоир, ки худ таҳсилкардаи мадраса дар шаҳрҳои Хуҷанду Хуқанд буд, тинати тоифаи рӯҳониро медонист ва бо макру ҳияли онҳо хуб ошно буд"** (С.281).

Бидуни шак, ҷавҳари сухан дар мақола марбути шоири донишманд ва тавоно аст, ки беҳтарин порчаҳои шеърии аз ӯ овардашуда тасдиқи афкори муҳаққиқ мебошанд. Ба хонанда илҳом мебахшанд. Ӯро дар рӯҳи баҳрабардорӣ аз илму маърифат ҳидоят мекунанд.

**Дар баробари дастовардҳо, ба фикри мо, мақолаҳои китоб аз камбудиҳо холӣ нестанд.**

Як зумра муаллифон, дар доираи мавзӯъ, ҷуръати даст задан ба таҳлил ва арзёбии аҳвол ва ашъори бузургтарин намояндагони адабиёти тоҷик ба мисли Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абулқосими Фирдавсӣ, Абуалӣ Сино ва дигар адибони барҷаста кардаанд. Дар ин роҳ заҳмат кашидаанд. Кӯшидаанд, тафсилоте пешниҳод намоянд. Аммо то ҳадди муайян, дучори мушкилиҳо гаштаанд. Мо фақат намунаҳои кӯтоҳро дар бораи шарҳи эҷодиёти сардафтари адабиёти тоҷик Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ ва Абулқосими Фирдавсӣ овардани ҳастем.

Аввалин ҷумлаи мақола, ки баъди тафсири ҳоли Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ омадааст ва эҷодиёти ӯро бидуни муқаддима хулосабандӣ карданӣ мешавад, ин аст: **"Мавзӯи**

**ашъори Рӯдакӣ умдатан нопойдорӣ ва бевафоии ҷаҳон, ғанимат шумурдани фурсат, тарғиби шодӣ ва шодзистиро дар бар мегирад"** (С.16). (*услуби баёни муаллифон дар иқтибосҳо айнан оварда шудаанд).*

Ҳамчунон, муҳаққиқ менависад: **"Рӯдакӣ шоири миллигаро ва ситоишгари фарҳанг ва арзишҳои волои миллӣ дар замони Сомониён буд"** (С. 14). Дар "Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ" калимаи миллигаро ҷойгоҳ пайдо накардааст. Аммо "миллатгаро" ҳамчун пайрави ақида ва сиёсати миллатгароӣ тафсир гаштааст. Он муродифи мафкура ва сиёсати иртиҷоӣ дар муносибат ба миллатҳои дигар ва имтиёзноку бартар шуморидани миллати худ аз миллатҳои дигар тавзеҳ ёфтааст. *(Ниг. ба "Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ". -Д:. 2010. - С. 839).*

Муҳаққиқ бо овардани беҳтарин порчаҳои шеърии Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, мутаасифона, дар шарҳи баробарвазни онон, дар доираи мавзӯъ, аз истифодаи методҳои илмӣ сарфи назар кардааст.

Дар мақолаи "**Фирдавсӣ сароядаи ҳамосаи Ватан ва андешаи дунявӣ"** муаллиф аз тафсири илмӣ - сабабҳои воқеии ҳуҷуми арабҳо ба Осиёи Миёна худдорӣ мекунад: **"Ба ҳарфи дигар, шуубия ҳамчун ҳаракати миллӣ-озодихоҳӣ дар муқобили бузургманишӣ (***бузургманиш будан, олитабиатӣ, олиҳимматӣ, асилзодагӣ, ашрофзодагӣ. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. -Д:. 2010. -С. 251 - С.Я.)* **ва поймол шудани ҳуқуқи халқҳо, бавижа аҳли Аҷам, падид омад, зеро дини ислом дар ибтидо мусовот ва баробарии ҳамаи мусулмононро эълон карда буд, аммо тадриҷан арабҳои истилогар ин шиори инсондӯстонаро канор гузоштанд ва миллатҳои шикастхӯрдаву мазлумро ба номи "мавол󠀠ӣ" хонданд, ҳаққу ҳуқуқ ва баробарии ҳамаи мусулмононро нақзу зери шубҳа гузоштанд..."** (С.24).

Дар таҳлил ва арзёбии ҳаракати шуубия дар китоб ихтилофот ҷой дорад. Он боиси ба иштибоҳ бурдани хонанда мегардад: "**Андешаҳои шуубӣ то чанд сада пас аз истиқлоли давлатҳои миллӣ дар марзҳои Ориёно ҳамчунон ривоҷ дошт ва асоси тамаддуни исломӣ бар он ниҳода шуд"** (С.14); Дар ҷойи дигар: **"Албатта, тавре ки гуфтем, шуубия ибтидо дар дохили худи қабилаҳои араб пайдо шуда буд, зеро ҳар қавму қабилаи араб худро ҳукмрони кишвар меҳисобид"** (С.29);

Аммо хотирнишон бояд кард: **"Шуубия (аз ар. шуъуб-халқ, дар Қуръон ба маънои мардуми ғайри араб, аҷамиён омадааст) ҷараёни оппозитсионӣ нисбат ба усули ҳукмронии сиёсию фарҳангии арабҳоро гӯянд, ки охири асри 8 дар байни аҷамиён пайдо шуда буд"** (Энтсиклопедияи советии тоҷик. Ҷилди 8. -Д.: 1988. -С. 486).

Ба андешаи мо, мушкили асосӣ дар таълифи **"Андешаҳои дунявият дар адабиёти классикии тоҷику форс"** ба таври мушаххас муайян накардани ***объект ва предмети илмӣ*** аст. Маҳз ба ҳамин сабаб, бисёре аз муаллифон, дар доираи маҷмӯа, вазифаҳои худро ба пуррагӣ дарк накардаанд. Китобро на ба сифати дастури таълимӣ - **"Воситаи тавсиявӣ - амалӣ барои хонандагону донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва олии касбӣ",** тавре ки дар таъиноти он эълон шудаст, балки ҳамчун ҷамъи мақолаҳои назариявӣ, ибрози дидгоҳ ё бархӯрди субъективӣ ба мавзӯъ қабул кардаанд.

Маълум аст, ки ***объекти тадқиқот*** маҷмӯи хосиятҳои муайяни зуҳурот ва ҷараёнҳои воқеияи реалӣ мебошад, ки бо сифатҳои алоҳидаи худ – система, структура, вазифа, мундариҷа, аломатҳо ва қонунмандиҳои ҳастӣ аз дигар объектҳое, ки дар табиат, ҷамъият ва тафаккур ҳастанд, фарқ мекунад.

Ба хотири он ки ҷараёни онтологӣ ва гносеологӣ дар доираи объект моҳияти охиринро, дар маҷмӯъ, дар бар мегирад, зарур аст, он **қисмати объект мушаххас карда шавад, ки барои субъекти тадқиқот ҳамчун арзиши аҳамияти амалии иҷтимоидошта интихоб шудааст**. **Ва онро, албатта, *предмети* тадқиқот ном мебаранд.**

Ин камбудӣ дар бисёр матолиби китоб, алалхусус, дар мақолаи **"Озодандешӣ ва дунёмадорӣ дар рубоиёти Абусаиди Абулхайр"** (С. 36-46) ба назар мерасад.

Истифодаи калима, ибора ва ҷумлаҳое, ки муҳтавои мақолаи зикргардидаро ифода мекунанд, далели ин гуфтаҳоанд: **"Падари ӯ касби ошпазӣ дошта, писарашро аз хурдӣ ба ҷамъомади сӯфиҳо мебурд"; "Баъди омӯхтани илм ба Меҳана омада, хонақоҳе барпо кард"; "Шайх Абусаид бар ин назар буд, ки илм бояд ба мақоми шуҳуд (**шуҳуд – фарогирии дониш бидуни ниёз ба исботу далел**) бирасад"; "дар шеъру таронаи Абусаид сухани шаръӣ ниҳон буд"; "Абусаид озору азият ва куштани инсонҳоро ҳатто дар зери ливои дин сахт маҳкум мекунад"** (С.38, 39, 40, 45).

*Таваҷҷуҳ карда шавад ба мантиқ ва шакли ифодаи назари муаллиф ва хулосабарории ӯ маҳз дар ҷумлаи охир.*

Тафсири баъзе порчаҳои шеърии Абусаиди Абулхайр натанҳо дар чаҳорчӯбаи мақолаи зикргардида, балки аз нигоҳи шинохти мавқеи иҷтимоии ин шоири равияи тасаввуф, ба андешаи мо, бозомӯзӣ ва тафсири иловагиро тақозо дорад.

Ратсионализм, тавре ки дар порчаҳои назмии Абусаиди Аблухайр мебинем, дар эҷодиёти шоир ҷойгоҳи шоиста дорад. Аз ин захираи маънавӣ, тибқи мавзӯи илмӣ мақсаднок бояд истифода кард.

**Мавқеи олим, шоир, нависанда дар тӯли таърих, дар маҷмӯъ ва дар давраи ҳассоси давлатсозии имрӯз, хусусан, аз муносибати ӯ ба манфиатҳои воқеан миллӣ – забон, фарҳанг, сарзамин, худшиносӣ ва хештаншиносии миллӣ, дар ин асос тамоюл ва иродаи дар замири наврасону ҷавонон бедор кардани эҳсос ва ифтихори ватандустӣ зоҳир мегардад. Бидуни такя ба илм ва далелҳои таърихӣ чунин кӯшиш аз таассубу хурофот беш нест.**

Боиси таассуф аст, ки баъзе аз намояндагони соҳаи илм, бошуурона (*ё шояд баръакс*) зери пӯшиши гносеологияи схоластикии **"фарогирии дониш бидуни ниёз ба исботу далел"** дар осиёби ҷараёнҳои зиддимиллӣ, ҷаҳонбинии мавҳум, ифротгароӣ, ҳаракат ба сӯйи торикиву зулмот об мерезанд ва бо ин амал "хизмат" ба илму маорифи миллӣ карданӣ мешаванд.

Чунин муносибати ***гелтерии содалавҳона*** мактаби миллӣ ва мардумро ба раҳгумӣ мебарад.

Таҳрифи тарзи илмии тафсири таърих ва тафаккури миллӣ, бозтоби он аз нигоҳи таассубу хурофот шакли нозуки фидеизм аст, агар он аз зери пӯшиши муассисаи расмии миллии илмӣ бозтоб гардад. Ва ҳамчун зуҳуроти ниҳоят дағал, аз нигоҳи воқеияти таърихӣ ва адабӣ, ки намунаҳои он дар эҷодиёти Абулқосими Фирдавсӣ, Умари Хайём, Носири Хусрав ва дигар бузургон оварда шудаанд, ба ҳисоб меравад. **"Фалсафа ҳамчун илми хирад барои ҳама таъин шудааст. На ҳама ба дарки он мерасанд, аммо ин масъалаи дигар аст"** (Гегел Г.В.Ф. Слово о науке. -М.: Знание, 1978, -С.33).

Илмҳои ҷамъиятӣ аз ҷумла фалсафа, адабиёт, санъат, забоншиносӣ, этнография, давлатшиносӣ ҳуқуқ ва ғайра, дар шакл ва мазмун, сарфи назар аз зинаи камолот, се ҳазор сол қабл ҳам хосият ва бозтоби амиқи сиёсӣ, идеологӣ ва миллӣ доштанд. **Муаллақ набуданд. Соҳиби тараф буданд. Онро**

**ҳимоя мекарданд. Давлат ҳам наметавонист ва наметавонад ҷабҳаи ташаккули маънавии миллатро бетаваҷҷуҳ монад. Муносиботи муассисаи марказии сиёсии ҷомеа (давлат, ҳукумат) ва соҳаҳои илмҳои ҷамъиятӣ, дар асл, як системаи бо ҳам алоқаманд ва вобаста мебошанд.** Ҳолати фавқулода дар ин муносибат мавзӯи дигар аст.

### Дар бораи забони маҷмӯа

Албатта, дар олам забони мутлақи фарогир, ки таркиби луғавии он фақат мансуби як миллат ё халқ бошад, вуҷуд надорад. Аммо тамоми забонҳои расмӣ дар ҳар давру замон вобаста ба шароити таърихӣ, вазъи сиёсӣ, фарҳангӣ, дараҷаи тараққиёти илму техника меъёрҳои истифодашавандаи фонди луғавӣ ва таркиби луғавӣ доранд. Дар ин маврид, яке аз забонҳои қадимтарини дунё - забони тоҷикӣ истисно буда наметавонад. Дар Тоҷикистон ҳам меъёрҳои забони адабии ҳозираи тоҷик амал мекунанд.

Бояд хотирнишон кард, ки муаллифон ҳангоми иншои мақолаҳо бидуни зарурат аз луғатҳо, калимаҳои арабиасос ва иқтибосие истифода бурдаанд, ки равонӣ ва содагии ифодаҳоро халалдор месозанд. Маънии онҳо ба хонанда нофаҳмо мемонад. Ба монанди **лиҳозо** (*бинобар ин, ба ин сабаб*), **маод** (*зиндагии баъд аз марг*), **лоязол** (*лоямут, намиранда*), **тамҷид** (*мадҳ, ситоиш таъриф*), **яди байзо** (*дасти муъҷизаноки Мӯсои пайғамбар, равшанӣ, офтоб, муъҷиза, корнома, маҳорат, тавоноӣ*) **барозанда** (*шоиста, сазовор*), **тамомиёр** (*тафсир ва ё тарҷумаи он дар луғат нест*), **разонат** (устуворӣ, пойдорӣ), **бардагӣ** (асирӣ, ғуломӣ, бандагӣ), **инҳитот** (*фуруд омадан, таназзул*), **муътаъзил** (*канорагир, гӯшанишин*), **каррот** (*дар луғат нест*), **биноан** (*бинобар ин*), **иҷмолан** (*таври хулоса*), **ливоа** (*ливо, парчам, байрақ*), **шикебоӣ** (сабр, таҳаммул),

**маҷзуб** *(ҷазбкунанда),* **муаххар** (*таъхирнопазир*) ва даҳҳои дигар.

Вобаста ба ҳадафмандӣ ва таъйиноти маҷмӯа забон ва услуби баёни китоб ниёз ба таҳрир дорад.

Бузургтарин намунаҳои забони тоҷикӣ ва тарзи ифодаи маъниҳо, мафҳумҳо дар хазинаҳои безаволи маъниофаринии Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ва ҳамасрони ӯ, "Шоҳнома"-и Абулқосими Фирдавсӣ, асарҳои илмӣ ва адабии классикони адабиёти навини тоҷик Садриддин Айнӣ ва Мирзо Турсунзода мавҷуданд.

Мақолаҳо, ки ҳамчун дастури таълимӣ таъйин шудаанд, чун қоида, бо саволҳо анҷом меёбанд. Бидуни шак, онҳо бояд имтиҳон кунанд, ки хонанда то кадом андоза мундариҷаи китоб ва мақсади таълифи онро дар доираи мавзӯъ ва ҳадафи мавод аз худ кардааст. Боиси таассуф аст, ки дар аксар ҳолат, саволҳо ба чунин талабот ҷавобгӯ нестанд.

Ҳамзамон бо ин, дар китоб хатоҳои мантиқӣ, морфологӣ, синтаксисӣ, орфографӣ, такрор истифода шудани як калима (*тавтология),* ҳатто дар доираи як ҷумла, зиёд ҷой доранд, ки аз овардани мисолҳо дар ин бора худдорӣ карда мешавад.

Қисмати зиёди мақолаҳои китоб ниёз ба таҳрири илмӣ доранд.

## Дунявият, назария ва методологияи таҳқиқ

Китоби дарсӣ, адабиёти таълимӣ ва ҳама гуна тадқиқот тибқи назарияи илмӣ, ба тарзи дигар, маҷмӯи идеяҳо ва ҷаҳонбиниҳо, ки зуҳуроти моддӣ ё маънавиро тафсир мекунанд, таълиф мешаванд. Таъкид бояд кард: **"Нисбат ба фарзия (гипотеза) назария гуфта, ҳамон чизеро меноманд, ки тавассути далелҳои илмӣ ё таҷриба ҳолат ва хулосаҳои он тасдиқ шудаанд"** (Ковальченко И. Д. Методы исторического исследования. - М.: -Наука, 2003. -С.25).

**Неруи илм дар тавъам омадани диалектика ва ҷаҳони моддӣ аст.**

Тағйироти олами беруна ҷараёни беохири олами ҳастӣ мебошад. Он новобаста аз шуури инсон, воқеият дорад. Одам – ягона мавҷудоти соҳибшуур, қудрати бузурги дарк кардан, фаҳмидан, азхуд намудан ва дигаргун сохтани муҳитро, дар ҳар шакле, ки бошад, дорад. Ва дар дунё зуҳуроте нест, ки зери таъсири собитқадамона, пайдарпай, бебокона ва мақсадноки илм чун муаммои сарбаста боқӣ монад.

Агар ба таълимоти илмӣ, фалсафӣ ва адабии абармардони миллати тоҷик, дар ҳазорсолаи ахир нигоҳ кунем, дар ин "ҷаҳони ҳамеша гирдгардон" онҳо воқеан, қудрати "аз қаъри гили сиёҳ то авҷи Зуҳал ҳал кардани ҳамаи мушкилоти гетиро" ба намоиш гузоштаанд ва ба ҷаҳониён эълон кардаанд. Адабиёт ва фалсафаи муосири миллӣ, вақтҳои охир каме сукут карда бошад ҳам, боке нест. Ба хотири он ки мабодо "ҷаҳонро ба бад наспарем", аз он захираҳои бузурги илмӣ – маънавии гузаштагонамон набояд фосилагирӣ кунем.

Ба ғайр аз назарияи илмӣ ***роҳ, усул ва воситаи*** расидан ба ҳақиқати илмӣ нақши муҳим дорад. Дар ин самт омӯхтан, азхуд кардан ва интихоб намудани ***методҳое,*** ки муносибати субъекти тадқиқотро ба объекти тадқиқот муайян мекунанд, муҳимманд.

Ба назари мо, ҳангоми таҳқиқи ҷаҳонбинии дунявӣ методҳои таърихӣ-генетикӣ, таърихӣ-муқоисавӣ, таърихӣ-типологӣ, системавӣ – сохторӣ, системавӣ – функсионалӣ, омӯхтани сарчашмаҳои таърихӣ ва далелҳои таърихӣ тавъам бо дигар методҳои тадқиқот, масири расидан ба мақсади таълифотро муайян месозанд.

**Оид ба сарчашмаҳои афкори дунявият**

Нютон таъкид карда буд: **"Агар мо аз дигарон дуртар дида бошем, сабаб он аст, ки дар китфони дигарҳо**

**истодаем".** Ин суханҳо чун ибрози эътиқод, эътироф ва миннатдорӣ аз мутафаккирони гузашта, ҳамзамон, ҳидоят ва маслиҳат барои ояндагон аст.

Китобҳои дарсӣ, дар маҷмӯи таълифот дар соҳаи илму маориф, муҳимтарин, арзишмандтарин мавод барои сохтани ҷаҳонбинӣ, тарбияи инсон, эъмори давлат ва давлатдории миллӣ ҳастанд, зеро маҳз ҳамин **"китоб чашму гӯши одамро мекушояд, гигиенаи ҷисмонӣ ва рӯҳиву ақлонии инсонро таъмин мекунад, ҷаҳонбинии як одамро ба ҷаҳонбинии инсоният мепайвандад ва баръакс, донистан лозим аст, ки агар мардум содалавҳ монад, онро наздикӣ ба баҳр ҳам наҷот намебахшад**" (Рузвелт).

Адабиёти таълимӣ ва тарбиявӣ мисли фарҳанг (*луғат*) донишҳоеро, ки айни замон дар сатҳи илми миллӣ ва дунё ба барномаи мактабу донишгоҳ мувофиқ меояд, дар бар мегирад. Ва ҳар сол, агар зарур бошад, ба онҳо тағйироти муайян ворид карда мешавад. Ба ақидаи мо, китоби дарсӣ ягона маводи илмӣ ҳаст, ки ҷавҳари дастовардҳои донишҳои соҳавӣ, вобаста ба объект ва предмети мавзӯъ, аз адабиёти дастрас дар он ҷамъ, ба таркиби луғавӣ ва мантиқи объект ва предмети мавод мувофиқ кунонида, пешкаши хонанда мегардонад. Дар ин маврид, тибқи маъмул, ягон кас кӯшиши даъвои рӯнависиро намекунад.

Навиштани китоби дарсӣ дар илму маорифи тоҷик анъанаҳои таърихӣ дорад. То инқилоб ва замони шӯравӣ бузургтарин олимон ҷуръати навиштани китобҳои дарсиро кардаанд. Давлат ҳам ба онҳо эътимод бахшидааст. Аз онҳо қаноатманд будааст. **Ин нобиғагони илм ба насли ҳафт даҳсолаи он замон ҳаққи устодӣ доранд. Шогирдон ҳам бо муаллифони китобҳое, ки аз онҳо илм омӯхтаанд, ифтихор мекунанд: Абдулқодири Шакурӣ, Маҳмудхоҷаи Беҳбудӣ, Абдурraуфи Фитрат, Сайид Ризо Ализода,**

**Тӯрақул Зеҳнӣ, Холиқ Мирзозода, Абдулғанӣ Мирзоев, Шарифҷон Ҳусейнзода, Соҳиб Табаров, Раҳими Мусулмониён, Ҳилол Карим, Воҳид Асрорӣ, Ҳамид Бақозода, Додоҷон Тоҷиев, Носирҷон Маъсумӣ, Абдусалом Деҳотӣ, Юрий Бобоев, Аълохон Афсаҳзод, Шарофиддин Рустамов ва дигарон.**

Меҳру муҳаббатро ба илму дониш тавассути сарфу наҳви забони тоҷикӣ ва адабиёти классикӣ, маҳз ҳамин донишмандон ва ҳамсафони онон ба миллионҳо наврасон ва ҷавонон омӯхтаанд. Дар онҳо эҳсоси ватандӯстӣ, хештаншиносӣ ва худшиносии миллиро бедор карданд. Аз шаш қаҳрамони миллии тоҷикон Садриддин Айнӣ ва Бобоҷон Ғафуров ба таълифи китобҳои дарсӣ шуғл варзидаанд.

**Мо муътақид ҳастем, ки китобҳои дарсии дар соҳаҳои забони модарӣ, сарфу наҳв ва адабиёти тоҷик навиштаи олимони замони шӯравӣ метавонанд, яке аз сарчашмаҳои муътамад бо коркард ва нигоҳи интиқодӣ - тағйири мисол, мавқеъҳои сиёсии замон, ҳамчун сарчашмаҳои илмӣ, илмӣ – методӣ ва услуби истифодаи захираҳои забони модарӣ истифода шаванд.**

Олимоне, ки дар асоси маҷмӯи талаботи меъёрҳои ҳуқуқӣ ва маънавӣ ба боварии унвони муаллифи китобҳои дарсӣ ва адабиёти таълимӣ сазовор мешаванд, бояд манзалати "Устоди миллионҳо"- ро дар хотир дошта бошанд.

**Давлат ба дӯши ононе, ки китоби дарсӣ менависанд, бузургтарин масъулиятро мегузорад. Ҳамзамон бо ин, муаллифони китоби дарсӣ ононе ҳастанд, ки ин масъулиятро дарк мекунанд.**

Ҷаҳонбинии миллионҳо аз қаламі ин шахсиятҳо вобастагӣ дорад.

## Хулоса

Дар маҷмӯъ, мафҳум ва тафаккури дунявӣ дар фарҳанги мо ба дарки илмии истилоҳоти "миллат", "тоҷик", "тоҷикият", "давлати миллӣ", "манфиатҳои миллӣ", "хештаншиносӣ", "худшиносии миллӣ", "истиқлоли миллӣ"ва "ҷаҳонбинии илмӣ" ҳамсанг аст.

Ҳамзамон, мафҳуми "афкори дунявӣ" барои мардуми олам, аз ҷумла тоҷикон сухани нав нест. Ҳамқадам ва ҳамсинну соли Homo Sapiens аст. Аз аввалин эъломияи эҳсоси эътиқод ва эътирофи **"дониш андар дил чароғи равшан будан"**, кӯшиши **"бардоштани ин фалакро зи миён ва сохтани дунёи нав ба мақсади осон ба коми дил расидан"**, **"ҷаҳонро сақф бишкофтану тарҳи нав андохтан"** шакли расмӣ гирифтааст. Синфи пешқадами миллат – зиёиён барои истиқлол ва ҳувияти забонӣ, фарҳангӣ, анъана ва расму русуми худ мубориза оғоз намудаанд.

**Ҳамин тариқ, дар доираи мантиқи таърихии илм, адабиёт ва фарҳанги миллати тоҷик мафҳуми дунявӣ вуҷуд дошт. Дар акси ҳол, мо аввалан тоҷик, баъдан миллат ва ахиран соҳиби давлати мустақил намебудем. Ба даврони хотирҷамъиву осудагӣ ва суботу озодагӣ намерасидем**.

Эътиқод, таассуб, хурофот ҳам маҳсул ва ҳамқадами таърихи инсоният мебошанд. Онҳо ҳам мисли дунявият шакли ҷаҳонбинианд. Мантиқи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва идеологӣ доранд. Барои ҳамаи миллатҳо чунин тақдир ҳамроҳ будааст.

Аммо сухан дар бораи таносубҳо, яъне ***ақаллият* ва *аксарият*** меравад. Миллатҳое, ки дар онҳо илму дониш фарогири аксарият шуд, дар арсаи ҷаҳон тасаллут пайдо карданд. Аҳволи мардуми хешро беҳбуд бахшиданд. Зиндагии

шоиста доранд. Натанҳо истифодаи захираҳои табиии олам, балки ақли мардумони бегонаро ҳам мутеи худ гардонданд.

Ва баръакс, дар он ҷое, ки хурофот ва таассуб аксариятро фарогир шуд, зиёӣ дар ақаллият монд. Сарзамин бо мардумони содаву гумроҳу нодонбачаҳои худ абзори арзони бозиҳои аҷнабиён гаштанд. Тавассути суиистифода аз дину мазҳаб, хурофоту таассуб омилони геополитикӣ эҳсоси худшиносӣ ва хештаншиносии миллии пайравони исломро беҳис (а н е с т е з и я) карданд. Ба ҷойи он, дар майнаи мусулмон тухми ҷаҳонбинии "ал – Қоида", "Давлати исломӣ", "Ансоруллоҳ", "ҳизби наҳзати исломӣ" кориданд. Акнун онҳоро ҳамчун лашкари муфт барои манфиатҳои худ истифода мекунанд.

Ин ҷо сухани Волтер (Франсуа Мари Аруэ, 1694 – 1778) ба хотир меояд, ки гуфтааст: **"Одамони бечора! Чӣ садсолаҳо лозим шуд, ки каме ақл пайдо кунед!"**.

Ҳамин тариқ, дар Тоҷикистон, ки зиёда аз навад дар сади мардум мусулмонанд, ду роҳ вуҷуд дорад. Ё бо пайравӣ аз илми дар таҷрибаи инсонӣ тасдиқшуда мамлакати хешро обод, якпорчагӣ ва оромиву озодагии онро таъмин мекунем, ё зери таъсири хурофоту таассуб озодӣ, рушду тараққӣ ва сулҳу суботи давлати миллии худро зери суол мебарем. Роҳи сеюм вуҷуд надорад.

Пайравони роҳи якум ба мисли Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абулқосими Фирдавсӣ, Абуалӣ ибни Сино, Аҳмади Дониш, Садриддин Айнӣ, дигар бузургони миллат, зиёиёни миллӣ ва худи мардум ҳастанд. Рӯҳи зиёӣ тавъам бо неруи мардумӣ, худшиносии миллӣ бузургтар, қавитар аз ҳамаанд.

Таърихан ва айни замон дар пушти ҷонибдорони роҳи дуюм қудратҳои геополитикӣ бо барнома ва пулу мол истодаанд. Ба онҳо бояд бо чашми хирад нигарист, шинохт ва манфиатҳои давлати миллиро ҳимоя кард.

Умед аст, ки зиёиён, (*шахси огоҳ аз илму фарҳанг, равшанфикр, бомаданияту соҳибмаърифат*) бо мувофиқ кунонидани донишу малака, ба талаботи рӯз ва мукаммал гардонидани пажӯҳишҳои худ, аз ҷумла, дар доираи китоби мазкур, дастрас гардонидани он ба омма, барои пойдории давлати миллӣ саҳми муассир хоҳанд гузошт.

Ин натиҷагирӣ аз таъкиди дар таҷрибаи таърих тасдиқгардидаи Аристотел бармеояд, ки гуфта буд: **“Охир, тарбия бояд ба ҳар як сохти давлатдорӣ ҷавобгӯ бошад; сифати инсонии мувофиқ ба ҳар як сохти давлатдорӣ, ба тарзи одӣ, барои ҳифзи ҳамин сохт хизмат мекунад ва аввалан сабаби пайдоиши он мегардад”** (Аристотель. Политика. - М.: РИПОЛ классик, 2010. -С. 535).

**Шоҳзамон РАҲМОНОВ**
*доктори илмҳои филологӣ,*
*профессор,*

## ТАХТИ САНГИН



**1**

Қисми рости Амударё диққати бостоншиносонро ҳанӯз аз охирҳои асри 19 ба худ ҷалб менамояд. Тахти Қубод имрӯз дар санглох, ки миёни дарёҳо ва кӯҳ воқеъ буда, киштукор намешавад, ҷой гирифтааст. Тахти Қубод ҷойи истиқболи Вахшу Кофарниҳон, гузаргоҳи дарёи Ому, дар рости маҷрои Куҳандиз (Қундуздарё) сохта шудааст. Шакли росткунҷа дошта, аз сатҳи оби дарё 7-8 м баланд сохта шудааст, бостоншиносон аз он ҷо печи барои қоқ кардани хишт, намунаи зиёди анҷоми сафолин, ки аз Кӯшонзамон боқӣ мондааст, ҳамчунин тангаҳои асримиёнагии қадими замони кӯшонию сосонӣ, ёдгориҳои зиёди асримиёнагӣ пайдо намудаанд. Онҳо дар як харсанги

Тахти Қубод аз боло ба поён навиштаи чанд хати мехӣ ёфтаанд. Ба ақидаи муҳаққиқон, Тахти Қубод иншооти замони юнонию бохтарӣ буда, замонҳои кӯшонию сосониро низ гузаштааст. Он аз зебо ва хуррамтарин мавзеъҳои каёниён буда, насими форами чор дарё ҳама дарду иллатро аз тани инсон мерабудааст.

Ривоят мекунанд, ки духтари шоҳаншоҳ Кайқубод-Нӯшофарини соҳибҷамол ба бемории сахт гирифтор шуда, дар ин минтақаи хуррамзамин аз насими рӯҳбахши чаҳор дарё – Панҷу Вахш ва Куҳандизу Кофарниҳон, ки рӯдхонаи бузурги Омуро ташкил медиҳанд, зуд шифо меёбад. Он гоҳ сокинон дар гузаргоҳҳо аз тоҷирони корвонгузар ва ҳар гуна корафтодагон андоз меситонданд.

5 км шимол аз шаҳраки қадимии бостонии Тахти Қубод маъбади бузурги Зардуштиён бо номи Тахти Сангин сохта шудааст, ки ҳар ду қасрҳои мухташами замони ҳахоманишию юнонӣ ба шумор меаванд. Коххои Тахти Қубод ва Тахти Сангин дар замони худ ҷойи истироҳат, корбарӣ, роҳандозии масъалаҳои гуногуни сиёсиву иҷтимоӣ ва динӣ ба шумор мерафтанд. Тарҳи бино ва бисёр чизҳое, ки аз ҳар ду қаср ёфт шудаaанд, ба ҳамдигар хеле зиёд шабоҳат доранд.

Ҳамроҳ шудани Варорӯд ба Русияи тузорӣ ва шуруъ шудани муносибатҳои капиталистӣ дар ин минтақа боиси қадам ба қадам санҷидани ин минтақа гардид. Муаррихону сиёсатмадорон дар баробари дигар масъалаҳои муҳими сиёсиву иҷтимоӣ ба ёдгориҳои қадимии мардуми куҳантабор ҳамчунон андеша менамуданд.

Аз мардумони хориҷӣ ба ҷуз мутахассисон дар Қубодиён кам одамон омада тавонистанд. Зеро қисми ҷанубӣ-шарқии аморати Бухоро кайҳо ба ихтиёри Русияи тузорӣ гузашта, акнун бо сардории генерал-губернатори Туркистон Фон Кауфман экспедитсияи Ҳисор ва Тоҷикистони Ҷанубӣ соли 1875 дар ҳайати мутахассисон даромада, ин мавзеъро ба

дурустӣ аз ҷиҳати сиёсию ҳарбӣ таҳқиқ менамуданд. Н.И.Майев сармуҳаррири маҷаллаи «Ведомости Туркистон» аввал ба ахбору иттилоот, маълумоти ҷуғрофӣ машғул шуда, баъд ба хати роҳи оҳани Осиёи Миёна шомил гардид. Ӯ ба омӯзиши харобаҳои Тахти Қубоду Лағмон (Вахш) ва Балҷувон рӯ оварда, соли 1879 бо тахаллуси Ф.Жуков навиштааст: «Моро сокинони ин ҷо раҳбаладӣ намуда, аз ёфтани маводи мухталифи қадима, аз синаи ахлоттӯда пайдо намудани муҷассамаи заррини паланг ва бисёр чизҳои дигари зарҳалин огоҳ менамуданд, ки баъд ба ҳиндувони Бадахшон қимат мефурӯхтанд".

Ба кофтукови Тахти Қубод ва атрофи он асосан туркманҳо машғул мешуданд, ки дар соҳили дарёи Вахш зиндагонӣ менамуданд». Оқибат Н.И.Майев ба навиштани ривоятҳои халқӣ гузашт. Ӯ ин навъ гуфторҳои миёни халқ мавҷудбудаи Тахти Қубодро низ ҷамъоварӣ менамуд. Муҳимтарин ҷиҳати навиштаҳо ёддошт кардани ҳар чизи дидаву шунидаи осор ба шумор мерафт. Ба фикри зану шавҳар Т.И. ва Е.В.Зеймалҳо[6], қайдҳои Н.А.Майев аз хусуси баромадани Хазина аз Тахти Қубод ва ба дасти савдогарони Равалпиндӣ расидани ёдгориҳои таърихӣ ҳақ баромад. Аз ин ҳодисаи бузурги таърихӣ пеш аз воқеа чӣ хел бехабар мондани русҳои ташкилнамудаи экспедитсия то ҳанӯз маълумот нест.

Аз рӯйи маълумоти Ҷ.Асрориён ва М.Азизов, дар иморатҳои Тахти Сангин ду сабки эҷодӣ: маҳаллӣ ва эллинӣ ҳувайдост. Суфасангу пойдевор ва сарсутунҳо нақши эллинӣ дошта, дигар намунаҳо оҳанги маҳаллӣ доранд. «Нақшу намунаҳои анъанавӣ, асотири мардуми маҳаллӣ дар меъморӣ, тасвири ҳайвонот, ҳайкалҳо дар ёдгориҳои боқи-монда хеле хуб намоён мешаванд. Раҳравҳо аз сангҳои тарошида парчин ва ҷӯйҳои ду тарафи раҳрав ҳамчунин аз сангҳои корхӯрда бунёд шудаанд».

Хусусан аз Тахти Сангин ёфтани Хазинаи Амударё диққати бисёр бостоншиносони ҷаҳонро ба худ кашид. Экспедитсияе, ки бояд роҳи оҳани Тирмизу Душанберо муоина кунад, Н.Маев ҳамчун муҳаррири аввали маҷаллаи "Ведомости Туркистон" дар мақолаи "Ҷараёни болоии Амударё", ки бо номи А.Жуков[1] навиштааст, бо одамони маҳаллӣ чанд ҷойро кофта, вале чизе дар Тахти Қубод пайдо карда натавонист. Аз рӯйи шуниди ӯ, мардум дар ин ҷо чизҳои ёфтаашонро ба ҳиндувони Бадахшон бо нархи қимат мефурӯшанд"[1].

Ба мушоҳидаи офитсер Н.И.Покотило ҳам одамон он ҷойҳоеро мекофтанд, ки хазина ёбанд. Ба фикри одамони таҳҷоӣ касе бути тиллоӣ ёфтааст, ки он барқади одам мебошад. Аз рӯйи нақли ӯ, беки Қубодиён аввал ба кофтуков иҷозат надода, баъд дидааст, ки чизе намеёбанд, кобандаҳоро ба ҳоли худ гузоштааст[2].

Мегӯянд, сабаби пайдоиши вайронаҳои соҳили Амударё Н.Майев аст, ки гӯё дар сафарномааш аз он ҷой хабар дода ва баъд Б.П.Денике аз рӯйи навиштаҳои ӯ ба ин мавзеъ мароқ зоҳир менамояд. Лекин то омадани Б.Денике[3] ба Тахти Сангин шуҳрати Хазинаи Амударё оламро фаро гирифта буд. Тахти Қубод, Тахти Сангин, гузаргоҳ аз дарё ва шаҳраки Ойхонум (дар қисми чапи Амударё) ва Саксанохур ба ҳамдигар сахт алоқаманд буда, ба мулоҳизаи бисёр муҳаққиқон якҷо омӯхта шуданашон бисёр масъалаҳои таърихию бостоншиносиро равшан менамояд.

2

Аз рӯйи маълумоти мавҷуда, соли 1877 боришгарӣ зиёд шуда, об аз соҳили дарёҳои Панҷу Вахш, ки якҷо шуданд, берун ҷаста, хоктеппаҳои Тахти Сангинро шуста, Хазинаро берун овардааст. Тартиби рӯ задани Хазина, дар ҳақиқат, бо дамидани оби дарё вобастагӣ дошта. саргаҳаш якҷошавии

дарёҳои Панҷу Вахш мебошад. Н.Маев ҳам ин ҷойро мавзеи пайдоиши Хазинаи Амударё ном мегирад.

Як рӯз одамон дар дарёи обаш пастрафтаю соҳилҳояш хушкида ҳар ҷо-ҳар ҷо дурахшҳои ситорагони мисли осмонро дида, аввал ҳайрон мешаванд, баъд тарс дар дилашон афзуда мегурезанд. Онҳо боз ба худ омада, ақиб рафта мебинанд, ки осори атиқаи ниёгон аст, ҳамаро чида мегиранд. Вақте ки корвони шутурҳои бордор аз роҳи назди қасрҳо мегузаштанд, мардумони маҳаллӣ дар даст ҳар гуна маводи маъданию зарҳалин бароварда, ба савдогарҳои бухороӣ, ки рӯ сӯи Афғонистон бо корвон мегузаштанд, ба онҳо бо нархи арзон мефурӯшанд. Савдогарон мебоист ба пули маводу маҳсулоти доштаашон аз Ҳиндустон чой, шоҳӣ, маводи хӯрок ва боз чизҳои дигари дилхоҳашонро меоварданд. Дар назари корвонкашон ганҷур бебаҳо менамуд, вале онҳо аз ин нақди бебаҳо хушҳолиашонро пинҳон дошта, нақдинаҳои зарҳалину нуқрагинро дар халтаҳои чармин андохта даҳонашонро мепӯшонданд.

Хазинаи ёфтшудаи Амударё аз даҳон ба даҳон дар доираи деҳоту маҳал ва атрофу акноф зуд паҳн шуда, ҳамагонро шавқманд менамуд, ки боз дар ҷустуҷӯйи Хазина баромада, зиёдтар дар пайдо кардани неъмати худодод ҳиссагузор шаванд. Дар ин маврид хурду калон, ҳамагон, багонаю бегона аз пайи молу маводи қиматбаҳо, ганҷури Худо расонида камар мебастанд.

Воқеан, ҷойи пайдо омадани Хазинаи Амударё 5 км шимоли Тахти Қубод, дар Тахти Сангин аст. Вале хеле донишмандони бостоншинос аз рӯйи ахбору мулоҳизаҳои олимон маҳалли пайдоиши Хазинаро ба Тахти Қубод нисбат медиҳанд.

Баҳори соли 1877 тӯфони дарёҳои Вахшу Панҷи якҷошуда соҳилҳову теппаҳоро низ шуста бурд. Он тӯфон боигариҳои

беамсоли Хазинаро ҳам, ки дар он соҳил воқеъ будааст, фурӯ бурд. Хазина чӣ миқдор маҳсулот дошт, то имрӯз касе чизе гуфта наметавонад. Ҳеҷ кӣ аз миқдори дороиҳои ганҷур шаҳодат намедиҳад. Мавҷу тӯфони дарёи ба хашмомада азимтарин чизҳоро ҳам шуста мебурд, чӣ ҷойи майда-чуйда реза-кориҳое, ки ба дами тӯфон дучор ояд, зуд илоҷашро меёфт. Дар чунин аҳвол ҳеҷ касе ҳам гуфта наметавонад, ки дар Хазина чӣ миқдор мавод буд, аз он чӣ миқдор дастраси одамони маҳаллӣ гардидааст?

Миқдори маҳсулоти Хазинаи Амударё, дар ҳақиқат, хеле зиёд буд, савдогарони бухороӣ як миқдор ба даст дароварда, боз умедвор мешуданд, ки боқимондаро низ дар сафари оянда гирифта меоранд. Яке аз тоҷирон навиштааст, ки қисми зиёди хазина аз дарё ёфта шудааст. Дар тасаввур чунин мегунҷад, ки Хазина, дар ҳақиқат, мероси бою гаронбаҳоест, ки селоби дарё бо худ бурда, як қисме аз он дар сангу хок ва рег банд шуда мондааст. Ва шояд миқдори зиёди мавод дар зери лою санги дарё нопадид гаштаанд?

Одатан одамон, хусусан мардумони ҳариси ҷустуҷӯкори Хазина ҳамаи чизи ёфтаашонро зуд ба фурӯш намебароранд, як қисмро хоҳу ноҳоҳ дар ҷойе пинҳон нигоҳ дошта, баъд ба фурӯш мебароранд. Агар чунин намешуд, боз савдогарҳоро умедвор намекарданд, ки омада, боқимондаҳоро низ харида гирифта мебаранд. Миқдори ганҷинаи Хазинаро муайян кардан душвор мебошад: дарёи ҷӯшидаву хурӯшида Хазинаро чӣ қадар бо худ бурд, маълум нест. Шояд қисми зиёди Хазинаро селоба то куҷоҳо бурдааст, аз тасаввур пинҳон мебошад. Шояд як қисм дар зери лою санг нопадид монданд. Аз ҷониби дигар, одамони Хазинаро ёфта на ҳамаро ба савдогарон фурӯхта метавонистанд ва бисёри чунин музахрафот.

Вақте ки маҳсулоти Хазина ба дасти одамони маҳаллӣ мерасад, онҳо шояд аввал ҳама чизро ба якдигар гуфта ва нақл намекунанд. Як қисмро аз рӯйи эҳтиёт пасандоз намуда, дар рӯзҳои мушкил истифода шуда-нашонро дар назар дошта, қисми кам ё андакашро шояд ба савдогарҳо фурӯхта бошанд. Аслан ҳамаи чизҳои ёфтшуда зуд фурӯхта намешаванд. Баъзе касоне, савдогароне ҳастанд, ки дороии худро зуд фурӯхта ё зуд ба одамон тақсим намекунанд. Онҳо дар ин масъала хеле зиёд андеша менамоянд. Оби дарёҳои баҳамомада харобаи қасри куҳанро ки алҳол қариб 1 км-и мураббаъ масоҳат дорад, қариб ба бутунӣ шуста бурдааст.

Ҳамин қадар мавод ҳам, ки аз Хазинаи Амударё ба даст омада, дар Осорхонаи Британияи Кабир маҳфуз мебошад, шукр гуфтан, ба эҳтиёткоронашон аҳсанту офарин хондан кам аст. Агар Хазина ба дасти англисҳо намерасид, кӣ медонад, аз ганҷур то имрӯз осоре маълум буд ё не? Ҳамин Хазинаи Амударёст, ки Қубодиён ҳамчун вилоят маълум бошад ҳам, Тоҷикистонро дар ҷаҳон боз машҳури олам гардонд. Хазинаи Амударё ба куллӣ набошад ҳам, як андоза омӯхта шуда, гузаштаи дури таърихию фарҳангии тоҷиконро равшан намоён мегардонад.

Қариб ҳамаи донишмандони аз Хазина огаҳӣ дошта боз дар пайи тараддуди чизе ёфтан, омӯхта тавонистан, таҳқиқ кардан ба ин водӣ бо умеду орзӯҳои ширин меомаданд. Дар миёни онҳо овозаҳо паҳн мешуданд, ки хазинаҳои Искандари Мақдунӣ дар ин водӣ паноҳанда аст, ки баъди истилои Ҳинд ганҷур бо худ мебарад. Ҳангомаҳое ба миён меомаданд, ки бутҳои заррини барқади одам зери замин гӯронда шудаанд. Аз ин лиҳоз, бостоншиносон ҳар мавзеъ, ки диққат бар худ мекашид, ёдгориҳои таърихӣ, қалъаву хоктеппаҳо, харобаву димнаҳои қадимиро муойина мекарданд, аз сокинони водӣ, аз

мӯйсафедон таърихи ёфт шудани Хазинаро пурсида, мардумро ба фикру андешаҳои тӯлонӣ меандохтанд.

Савдогарон дар нимароҳ аввал ба капитани англис, баъд дар бозори Ҳиндустон ба харидорони он диёр аз молу маводи Хазина, боз оварда шуданашон, ҷою макон ва манзили Хазина (миёни Қубодиёну Қундуз, дар домани Тошқӯрғон, лаби дарё, то он ҷо аз Қундуз дурӯза роҳ аст ва ҳоказо), ҳар чӣ медонистанд, барвақт ахбор дода буданд. Яъне Хазина ва молу маводи он, ҳамин тавр, ба олам васеъ паҳн мегардид. Овозаи Хазина доман густурда, ҳамагон-маҳаллиёну хориҷиёнро ба шӯру шавқ меандохт. Ганҷурхоҳони дунё аз пайи шикори Хазина ва аз он чизе ба даст даровардан муштоқ шуда, бо орзую ҳавасҳо ба ҷониби Бухорои Шарқӣ, ҷануби Тоҷикистон, Қубодиён гоҳ аз харита ба ин мавзеъ бо ҳавас ва орзуҳо менигаристанд. Сайёҳи рус Н.И.Покотилло навиштааст, ки баъди чунин хушхабарҳо даҳҳо, садҳо мардуми туркман дар дашту доманаҳо чуқуриҳо канда, хок бар сар мекашиданд, ки ганҷур ба даст оранд (16,489). Зеро дар миёни мардум овозаҳо паҳн шуда буданд, ки дар Қубодиён бутҳои заррини бар қади одам дар зери хок хобидаанд. Мардуми худию ғайри он боз бештар ҳавасманд шуда, худро дар ҷустуҷӯи Хазина кашида, ҳамоно бештар хокпошию ғалберкорӣ менамуданд.

А.А.Семёнов[4] дар як вохӯрӣ бо беки Қубодиён аз забони худи ӯ пайдо шудани ин Хазинаро шунида будааст. Вале бек аввал розӣ шуда, баъди гузаштани муддати муайян ба кофтукови ҷойи Хазина иҷозат надодааст. М.М.Дяконов[5] бинобар ин ҳам гуфтааст, ки «ин чизҳо аз салоҳияти бекигарии Қубодиён» дур аст. Сухани дигараш ин аст, ки тоҷирони форсии Пешовар тангаҳои қадимии ёфтшудаи Хазинаро ба инглисҳои Ҳиндустон мефурӯшанд, онҳо дар баҳои чунин тангаҳои қадимӣ пули калон меситонданд. «Инглисҳо пули калон доранд,--бе ҳеҷ сухани бофта илова мекарданд

онҳо,--мо чӣ гуноҳ дорем, вақте ки ҷанобони рус ин қадар ҳақир ҳастанд, ки нақди пурсидаи моро пардохта наметавонанд».

Бостоншиносон дар замони шӯравӣ бо ҷустуҷӯкориҳо хоки водиро ғалберкорӣ карда, боз маводи зиёди мисли Хазина пайдо кардаанд, ки дар аҳамияту қимат беназир буда, шукӯҳу ҷалоли Хазинаро меафзоянд.

3

Се савдогари бухороӣ Вазиаддин, Ғуломмуҳаммад ва Шукуралӣ дар роҳи Кобул-Пешавар аз ҷониби қабилаҳои саҳрогарди маҳаллӣ ғорат мешаванд. Шояд сабаби ба ғоратгарони гилзоӣ дучор шуданашон ин аст, ки онҳо як қисм тангаҳои бозёфтшударо ба офитсерҳои афғон мефурӯшанд, баъзеҳо аз намунаҳои ганҷина огаҳӣ ёфтанд. Ё дар вақти кушода гирифтани тангаҳо ҳозирин аз дигар маводи доштаашон ҳам хабардор шуданд. Чунин амал боиси пайгирии раҳзанон шудааст. Миёни роҳи Афғонистону Ҳиндустони шимолӣ хатарҳо зиёд вуҷуд доштанд. Ганҷур то шаҳри Равалпиндии Ҳинд ба душворӣ расид. Мусофирони корвонкаш дар роҳи Кобул-Пешавар то Ҳиндустон расидан, дар ҳақиқат, ба ҳуҷуми ғоратгарҳои гилзоии афғон мубтало шуда, оқибат бо кӯшишу кӯмаки капитани армияи сарҳадии англис Ф.Бартон маводи тороҷшударо бармегардонанд.

Ғоратгарон бо дороиҳо яке аз мусофиронро низ маҷбурӣ ба сӯйи кӯҳ бо худ ба ғори маҳаллаи Каркача мебаранд. Хизматгор соати нуҳи шаб аз онҳо гурехта ба лагери капитан Ф.Бартон даромада, ба ӯ аз ин аҳвол хабар медиҳад. Бартони ҷасур бо ду ҳамкор нисфи шаб ба ғори таҳдоре, ки ғоратгарон молҳои дуздидаашонро бо ҷангу ҷанҷол миёни худ тақсим менамуданд, зада даромада, чор нафарашонро захмӣ менамояд. Ғоратгарон аз чунин муносибати ғайричашмдошту фавқулодда Хазинаро партофта мегурезанд. Онҳо ба таҳдиди

капитани англис саҳари барвақт қисми дигари Хазинаро оварда, ба соҳибонашон месупоранд. Дар ҳар сурат аз чор се ҳиссаро пайдо карда, бо ҳамин ҳам қаноат карданд. Аз бурҷи халтаи чармин як қисми дастпонаи зебо намоён шуда истода будааст, ки ҳаваси Бартонро ба худ мекашад ва онро харидорӣ кардан мехоҳад. Савдогарҳо аз рӯйи сидқу вафо ба капитан Ф.Бартон барои беғаразона ғамхорӣ карданаш он дастпонаи тиллоии хушнамуд ва ба назар намоёнро ҳадя медиҳанд.

Акнун роҳ то Ҳиндустон бехавф шуд ва савдогарон хазинаро ба тоҷирони маҳаллии шаҳри Равалпиндӣ ба соҳибмансабҳои англис ва саррофони ҳиндӣ мефурӯшанд. Хазинаи Амударё дар бозори Пешавар зуд харидорони худро ёфт. Ҳиндуҳои судхӯр мушкилот ба вуҷуд меоранд. Сипас генерал Каннингем ва А.Грант бештари маводро харида мегиранд. Дертар қисми зиёди Хазина аз ҷониби англисҳо харида гирифта, баъди гузаштани солҳо ҳамаро Френкс харида гирифта, аз номи худ ба Осорхонаи Британия месупорад. Ҳамин хел, баъди хеле моҷароҳо Хазинаи Амударё ба соҳили дарёи Темза, ба Осорхонаи миллии Британияи Кабир қарор мегирад. Муҳаққиқони ин осор диққати бостоншиносони ҷаҳонро ба худ мекашанд ва мутахассисон аз ин бозёфт хурсандона асарҳо таълиф менамоянд. Шуҳрати Хазина олам гирифта, бисёриҳо ҷойи Хазинаро омада дида, баъзеи дигар дар ҳасрати дидор боқӣ монданд.

Дар фурӯхтани Хазина аз ҷониби тоҷирҳо кӣ медонад, ғайр аз англисҳо боз киҳо онро харидорӣ кардаанд. Дар ин маҷро фикру андешаҳои зиёд моро ба гумону тасаввурҳои зиёд меандозад.

4

Тахти Сангин (Утеркала) дар миёни Амударё ва кӯҳдомани Тоштеппа (Тешиктош, Рафеъ), аз шимол ва ҷануб бо деворҳои ғафси иборат аз 3 м пӯшонда шудааст. Деворҳои баланди

пуриқтидори сангин аз ду қабат иборат шуда, қисми болоӣ 4 м, қисми поёнӣ 3 м, ғафсии баъзе девор 2,2 м (ниг.: ҷадвали № 6-7) бо сутуну кунгура ва ҳалқаҳои зерсутуни сангин сохта шудаанд. Манораҳои росткунҷаи бурҷҳо ба бино тобишу ҷилоҳои хос мебахшанд. Тахти Сангин аз он сабаб мегӯянд, ки вай дар ҳақиқат аз санги сафеди хоро мисли устухони фил сохта шуда, ҳоло ҳам гӯё дирӯз бо техникаҳои навтарини ҳозиразамон тайёр кардаанд, намоён мегардад. Банда бо бародаронам Абдуғанӣ ва Абдурасул борҳо рафта, он ҷоро тамошо карда, ёдгориҳои боқимондаро рӯбарӯ санҷида ва аккосӣ менамудем. Тахти Сангин аз беҳтарин ёдгориҳост, ки мегӯянд, ҳашт ё 75 гектар масоҳат дошта, аз ҷониби Осорхонаи фарҳангии Шарқ (раҳбар Б.П.Денике, 1928, А.М.Ман-делштам[7], 1956), ба таҳқиқ гирифта шудааст. Бостоншиносон пас аз 20 сол боз ба Тахти Сангин баргашта, таҳти сарварии экспедитсия Б.А.Литвинский[8] ва сардори отряди Тахти Қубод И.Р.Пичикиён[9] ба бисёр дастовардҳо муваффақ мегарданд. Онҳо соли 1976 то соли 1989 ҳамроҳи дастаи кории худ дар қисми шимоли шаҳраки Тахти Сангин маъбади ҷомеъӣ ёфтаанд, ки дар замони Ҳахоманишиҳо сохта шуда, баъд дар аҳди юнониён асрҳои 3-2 пеш аз милод рушд кардааст (7, 146). Б.Литвинский ва И.Р.Пичикиён ҳам сохтмони Тахти Сангинро ба замони эллинии баъди ҳахоманишиён нисбат медиҳанд. Дастаи бостоншиносон дар раҳбарии Б.Литвинский ва И.Р.Пичикиён солҳои 1976-1978 аввал Толори сафедро, ки он аз 144 $м^2$, 11x12 м, иборат буда, аз 10 қатори хиштихомии (0,48x0,48x0,13 то 0,5x0,5x0,15 м, деворҳояш 5 м баландӣ, даҳлез 12 м мебошад, пайдо кардаанд.

Шаҳрак аз ҳамаи дигар ёдгориҳои дар қисми шимоли Бохтари қадим сохташуда, ғановатманд ва дорои манфиатҳои зиёд мебошад. Соли 1979 Толори сафедро кушодаанд. Пасон даҳлези № 2 (21X4 м), девори ғарбиаш аз девори шарқӣ андак

баланду нишеб сохта шуда, деворҳо аз хиштҳои хоми ҳаҷман калони берун аз андозаи замони Бохтари шимолӣ 50х14-15 см, иборат мебошанд, хиштҳои намуди хобида (горизонталӣ) 3 см, ним боломонда (вертикалӣ) 3-5 см, намуди қаҳваранги равшан дошта, бо каҳ омезиш ёфтаанд. Ҳамон сол (1979) қурбонгоҳи сангин ёфтаанд, ки низ 7,7х1,5 м мебошад. Яъне экспедитсия дар чанд соли охир аз соли 1976 то соли 1979 ба муваффақиятҳои калон ноил шуда, гӯё шаҳракро бо толори сафед ва се даҳлези дар атрофаш воқеъбударо, ки бо Толори сафед пайвандӣ доранд, ба бутунӣ ёфта гирифтаанд.

5

Кофтукови атрофи шаҳрак дар соли 1981 нақшаи отрядро тамоман тағйир дод. Ҳангоми кисми ғарби шаҳракро санҷида дидан боз як бинои нав рӯбарӯ омад, ки он 12 м дарозӣ ва 4 м баландӣ дошта, даҳлезҳои дохилшавиаш аз ҷанубу шимол 0,8 ва 1,3 м-ро ташкил медиҳанд. Дари асосии даромад ҳамчунон аз тарафи ғарб гузошта шудааст. Хиштҳои девор аз 33х33х12 см ва 37х37х11 см, фарши даҳлези № 3 аз 1,55 см иборат мебошад. Бостоншиносон ин мавзеъро, ки аз Толори сафед ҳам сербар ва дарозтар воқеъ шудааст, айвон номидаанд. Ҳамин тариқ, дар солҳои минбаъда мо дар баробари Толори сафеду се даҳлези атрофи он боз бо Айвон- толоре воҳӯрдем, ки низ ду даҳлези хурд ва аз хоначаҳои иловагӣ иборат мебошад. Нақшаи маъбади Окс 165х235 м аз рӯйи тарҳу сохтор ба маъбади Персеполи Эрон монандӣ доштааст, ки соли 1937 аз ҷониби Э.Харсфелд бозёфт шудааст.

Ҳайати экспедитсия, ки аз донишмандони забардасти бостоншинос Б.А.Литвинский, И.Р.Пичикиён ва донишҷӯён иборат буд, гоҳ-гоҳ В. Седов низ иштирок менамуд, ҳар дафъа аввали баҳор ё тирамоҳ, гоҳ дар ҳар ду мавсим ду-се моҳ дар шароити бисёр душвори ҳавои гарм, ки шамоли сахти пур аз чангу хок мевазид ва дар муҳити 45 дараҷа гармӣ аз ҳар тараф

пашшаву кана, калтакалос, каждуму морҳои газанда ба ҷойхобашон печида мехобиданд, онҳоро ба риққат меоварданд. Лекин отряд бо вуҷуди чунин душвориҳои сахту сангин барои худ хоначае сохта, баъд ба кор шуруъ карданд. Бо заминкобӣ ниҳоят тарҳи меъмории Тахти Сангинро муайян карда, ҳар чизи ёфтшуда ба рӯйхат мегирифтанд (ҷадв. № 4). Онҳо пешакӣ аз нақша хабар надоштанд, бинобар ин ҳам дар муддати қариб 15 сол тарҳи биноро муайян карда, ҳар чизи ёфтаашонро ҷамъ меоварданд (ниг.: № 1-4), Ҷустуҷӯкории бостоншиносон аз мобайни бино шуруъ шуда, чор соли аввал Толори сафед (12х12 м) ва се даҳлезро ҳам дар шафат, дар атрофи он аз се тараф—шарқу ҷануб ва шимол (6х2,6х2, 2,65 м) пайвандиашонро бо гузаргоҳҳо пайдо намуда, бо ҳамин гӯё тарҳи маъбадро кашида буданд. Лекин дар натиҷаи давом додани кор дар атрофи маъбад соли 1981 дар ғарби Толори сафед боз як Толори дигари муҳташаме пайдо карданд, ки то ҳанӯз аз чашми эшон дар канор мондааст. Ин толорро, ки бо 8 сутун бардошта, нисбат ба Толори сафед васеъ ва дарозтар воқеъ шудааст, шояд Толори сабз номидан мувофиқтар буд, лекин муҳаққиқони бостоншинос онро Айвон ном гирифтаанд.. Агар Толори сафед дар мобайн бо чор сутуни дар муқобили ҳамдигар гузошта воқеъ шуда, қурбонгоҳ дар шимолу шарқи дохили Толори сафед ҷой гирифта бошад, пас дар мобайни толори дувум аз аввал то охир чор сутун ва дар паҳлу, зери девори ғарб боз ҳамин миқдор сутунҳо гузошта шудаанд. Толори Айвон нисбат ба Толори Сафед боз хеле васеъ масоҳат дорад. Бостоншиносон онро айвони ҳаштсутундор меноманд. Айвони ҳаштсутундор нисбат ба Толори сафед андаке пасттар 11,2 м баландиаш 4 м даромадгоҳҳои ҷанубу шимол хеле хурд (0,8х1,3 м) сохта шудаанд. Даромадгоҳҳои ҷанубу шимол нисбат ба Айвони ҳаштсутуна бо намунаҳои хишти 33х33х12 см ва 37х37х11 см

сохта шуда, боз хоначаҳое аз ҷанубу шимол пайвастаанд, ки мисли даҳлез аз берун намоён шуда меистанд. Онҳоро шояд барои нигаҳдории баъзе мавод ё тарҳи бутуни сохтмон сохтаанд, ки маълум нест. Ворид шудан ба маъбад асосан аз ҷониби ғарб буда, чунон ки гуфтем, аз шимолу ҷануб ҳамчунин гузаргоҳҳои хурд сохта шудаанд.

Деворҳои маъбад 3 м ғафсӣ, 5 м баландӣ дошта, дар қадим боз баландтар 7 м буда, монандиҳояшро дар Ойхонум ва Саксанохур низ ба мушоҳида гирифтаанд. Деворҳоро чанд бор бо хоки сафед ва фаршро бо алебастр пӯшонида, бинобар ин ҳам онро Толори сафед ном гузоштаанд. Маъбад дар асрҳои 3-2 пеш аз милод сохта шуда, ба ҷиҳати сохтору созмон агар назар андозем, мегӯянд муаллифони мақола Литвинский ва Пичикиён, он ба маъбадҳои юнонӣ монанд набуда, хоси мардумони эронитабор, маъбади оташи зардуштиён аст (с.61). Ва ин муаллифон ҳамчунон эътимод доранд, ки маъбад ба Худои Окс (Худои Вахш) бахшида шуда, навиштае аз ҳайкалчаи Силен- худои юнонӣ меорад, ки найи дуқӯша менавозад ва дар он навиштае сабт шудааст: "по обету посвятил Артосок Оксу" (Назр ба Худованди Вахш аст).

6

Чунонки мебинем, маъбади Тахти Сангин аз ду толор ва аз даҳлезу ҳуҷрачаҳои зиёд иборат шудааст. Агар дар Толори сафед маросими ниёиш гузаронанд, дар Айвон, ки даромадгоҳ, ҷойи ҷамъшавии обидон мебошад, то даромадан ба ниёишгоҳ мавзеи дамгирист ва он шояд як навъ ҷойи истироҳат низ мебошад. Обидон ҳангоми ворид шудан ба маъбад назрҳои овардаашонро дар даҳлезҳо гузошта, шояд болопӯшу пойпӯшҳоро низ дар даҳлез гузошта, баъд ба айвон ва аз он ҷо ба маъбад медаромаданд. Дар ҳар сурат хидмати се даҳлези атрофи Толори сафед ва даҳлезҳои атрофи Айвон (Толори сабз) чӣ гуна хизмат мерасонанд, бостоншиносон то

ҳанӯз ҳамаҷониба маълум накардаанд. Толори сафеди шукуҳманд бо чор сутуни 6-метра оро дода шудааст. Масоҳаташ 12х12 м буда, маъбади оташи зардуштист, ки анъанаҳои қадими ниёишро иҷро менамуданд. Гуфтаанд соҳиби маъбад шояд обиде, ё сатрапе ё ҳам гумон кардан мумкин аст, ки бо боигариҳои зиёд азони шоҳу шоҳзодаест.

Донишмандон бар ин боваранд, ки ҳар чизе, мисли худои Юнон Аполлон, ки аз лою алебастр сохта ва рангубор додаанд, тасвиркардаи соҳибсанъати тахҷоӣ медонанд, зеро хок аз ин ҷост. Бештари маводеро ҳам, ки аз маъдан мисли тиллову нуқра сохта шудаанд, (мисли худованди даҳшатоваре, ки либосҳояш аз нуқраву тилло, дастаи шофу шамшер дар даст ва аспсавори болопӯши бо нуқраву тилло музайян шударо ҳамчунин моли хориҷӣ ё тахҷоиву юнонӣ ба қалам медиҳанд). Муҳаққиқи француз Пол Бернер ҳар гуна маводи аз Ойхонум ёфтаро ба ҷуз маъбад ба юнониён мутааллиқ донистааст (Литв.58). Бостоншиносон аз маъбади Окс хеле маводи пурқимат ёфтаанд, ки дар ҷадв. № 5 нишон дода шудааст.

Аз ин ҷо бостоншиносон зеҳҳои тири камону теғ, шохҳои бузу гӯсфандони кӯҳӣ, оҳу, тасвири амурҳо дар тахтаҳои биринҷӣ, тангаҳои биринҷии замони Канишкаю Хувишка, ангуштариҳои нуқраю биринҷӣ ва ғайра маводи зарҳалин пайдо кардаанд. Устохонаи сангшиканӣ, ки дар коркард истифода шудааст, ҳанӯз боқист. Дар шаҳрак қисмҳои бино, муҷассамаҳои хурд ҳанӯз нигаҳдорӣ мешаванд. Бисёре аз ёдгориҳоро мардум бинобар бесарпаноҳ монда шуданашон бурда бошанд ҳам, дар пушти яке аз сангҳои доирашакли сафеди хобида навиштаанд: «Ба осорхонаи Москва фиристода шавад!». Бостоншиносон ин суханонро ба Денике нисбат медиҳанд, ки солҳои 1926-28 дастаи бостоншиносии Тирмизро

раҳбарӣ менамуд ва қад-қади дарёи Ому то Тахти Сангин фаро мегирифт.

Ба фикри донишмандон Б.А.Литвинский ва И.Р.Пичикиён, аҳамияти калони боигариҳои Тахти Сангин дар он аст, ки онҳо бори аввал санъати то ҳанӯз номаълумро муддати ҳазорсолаҳо аз сабки ҳахоманишӣ то пайдо омадани сабки юнонию бохтарӣ ва мактабҳои бадеии кӯшонӣ инъикос мекунанд. Устухонҳои фил, ки камёбу пурқимат мебошанд, аз алоқаи мустаҳками байни халқҳои маҳаллӣ ва ҳиндӣ ёдовар мешаванд.

Дар охир бисёр муаллифон хулоса карда гуфтаанд, ки дар намунаҳои маҳсулоти аз маъбад ёфтшуда мо санъати юнонию бохтарӣ ва кӯшониро ба мушоҳида мегирем, дар онҳо муқаддам асли шарқӣ буданашон, анъанаҳои қадими эронӣ, юнонӣ ва гандҳари ҳиндиро эҳсос менамоем. Ёдгориҳои дар ҷануби Тоҷикистон пайдошуда маводи кашфкардаи бостоншиносони шӯравӣ ва хориҷии Афғонистонро ҳам дар ин масъала мукаммал менамоянд.



Рис.I. Тахти-Сангин. Храм Окса. План.

Ҷадвали ш Ч. Ржевский 1981 г

## Адабиёт


1. Жуков Ф (Маев Н.А.). Верхнее течение Аму Дарьи. Туркистанские ведомости, 1880, 18 марта.

2. Покотилло Н.И. Путешествие в Центральную и Восточную Бухару.–Известие Русского Географического общества . Спб, 1889, т. 25. С. 180—502.

3 Денике Б.П. Архитектурний орнамент Средней Азии. М,---Л, 1939.

4. Семёнов А.А. Материальные памятники арийской культуры в Средней Азии. В кн. Таджикистан. Ташкент, 1925, С. 113-150

5. Дьяконов ММ. У истоков древней культуры Таджикистана. Сталинабад, 1965.

6.Зеймаль Т.И., Зеймаль Е.В. Ешё раз о месте находки Амударьинского клада. –Известия АН Тадж ССР. Отделение общественных наук. Душанбе, 1962, вып. 1 (28). С. 40-45.

7. Амударьинский клад. Клад выставки Автор вступителной статьи и составитель каталога Е.В.Зеймаль Ленинград: Искусство, 1979

8.Мандельштам А.М. Кочевники на пути в Индию. МИА, 136. 1966 с. 146

9.Литвинский Б.А., Пичикян И.Р. Тахти Сангин – каменное городище. 1979 г. –Археологические работы в Таджикистане Х1Х в—1979. Душанбе: Дониш, 1986.

10. Литвинский Б.А., Пичикян И.Р. Бактрия: новие находки археологов. Азия и Африка сегодня. 1981, № 9. С. 60—62.

**Ҷамолиддин САИДЗОДА**
*адабиётшинос*

# ВАЗЪИ ЗАБОН ВА АДАБИЁТИ ТОҶИК ДАР ЗАМОНИ АҲМАДИ ДОНИШ

Пажӯҳиш намою битарс аз камин,
Сухан ҳар чи бошад, ба жарфӣ бубин.
Фирдавсӣ

Осори Бедил ба Мовароуннаҳр дар аввали асри XVIII омад. То ин дам адибони ин минтақа ба осори намояндагони давраи аввал ва авҷи сабки ҳиндӣ, ки асосан равшангӯй буданд, пайравӣ мекарданд. Воқеан, аз аввали асри XVII дар Мовароуннаҳр низ сабки «ҳиндӣ», ки дар Эрону Хуросон дар поёни асри XVI худро расман ба намоиш гузоша буд, сабки ҳоким ба шумор мерафт ва адибон асосан осори худро ба ҳамин сабк (тарзи нав, тарзи тоза), ки барғалат ба номи сабки «ҳиндӣ» машҳур шудааст, эҷод мекарданд. Сайидо, Шавкат, Киром, Фитрати Зардӯзи Самарқандӣ, Мулҳам ва дигарон пайравони адибони маъруфи давраи аввал ва авҷи ин сабк-Назирӣ, Урфӣ, Толиб, Калим, Соиб ва дигарон маҳсуб мешаванд. Ин адибони навпардоз, ки ба сифати намояндагони маъруфи сабки ҳиндӣ шинохта шуда буданд, дар Мовароуннаҳр аз шуҳрати зиёд бархурдор буданд. Ҳанӯз аз намояндагони сабки ҳиндии Ҳиндустон дар ин давра дараке набуд, танҳо бархе аз ашъори печидаи Носиралӣ ва Ғанӣ дар ин диёр роҳ ёфта буд. Шеъри печидаи Бедил ҳанӯз ба Мовароуннаҳр наёмада буд ва шоирон асосан ба шеъри нисбатан равшану фасеҳи шоирони эрониву хуросонии сабки ҳиндӣ-Назирӣ, Урфӣ, Толиб, Калим, Соиб, Нозим ва дигарон,

мароқ зоҳир мекарданд ва пайравӣ менамуданд. Ин байти Мулҳами Бухорой, ки аз пайравии худ аз Соиб (яке аз равшангӯёни ин сабк) барҳақ ифтихор менамояд, ин қазияро собит мекунад:

*Шукӯҳи фикри Соибро зи Мулҳам гӯш агар дорад,*
*Алиро бетаваққуф ларза дар аъзо шавад пайдо*[1]

Лиҳозо, осори аксари адибони ин давраи Мовароуннаҳр нисбатан содаву равшан буд. Маҳз дар ҳамин давра ва бо таъсири шоирони нисбатан равшангӯе чун Назирию Урфию Толибу Калиму Соиб ва ғайра шоирони номдоре чун Шавкату Сайидову Кирому Мулҳаму Фитрату дигарон дар адабиёти Мовароуннаҳр қад баланд карданд, ки имрӯз мо аз онҳо ба таври ҳаққонӣ ифтихор менамоем ва меболем. Аммо бо омадани осори тираи Бедил дар асри XVIII ба Мовароуннаҳр забону адабиёти тоҷик якбора аз равнақу ривоҷи табиӣ бозмонд ва адабиёту адибон рӯ ба бероҳаравӣ оварданд. Дар натиҷа, дар тӯли ду аср (қариб тамоми асри XVIII-XIX) ин минтақаи асосии адабиёти тоҷик-форс натавонист як адиби бузургро ҳам ба ҷаҳониён ҳадя намояд. Фақат дар ибтидои асри XIX, ба вижа нимаи дувуми он, чеҳраҳое мисли Аҳмади Дониш, Шоҳин, Савдо, Возеҳ, Тамкин, Мирзо Сироҷи Ҳаким, Асирӣ, Аҷзӣ, Файёз ва дигарон пайдо шуданд, ки барои адабиётро аз бероҳаравӣ ва асорати Бедил халос кардан кӯшиданд, осоре дархури таваҷҷуҳ офариданд, роҳро барои инкишофи табиию дурусти адабиёт дар ин минтақа ҳамвор намуданд ва муҷиби падид омадани нобиғае дар адабиёти тоҷик дар поёни асри XIX, алалхусус асри XX, мисли устод Садриддин Айнӣ, замина гузоштанд ва бад-ин тартиб обрӯи илму адабиёту миллати тоҷик ва ифтихори ӯро таъмин намуданд. Аммо то Айнӣ касе натавонист, ки тилисми дуасраи

[1] Садрӣ Саъдиев. Адабиёти тоҷик дар асри XVII. –Душанбе:Дониш, 1985. –С.154.

осори печидаи Бедилро бишканад ва адабиётро аз асорати осори гунгу печидаи ӯ раҳоӣ бубахшад. Агарчи Аҳмади Дониш аз пешгомони наҳзати мубориза бар зидди тақлиди Бедил дар Мовароуннаҳр маҳсуб мешуд, аммо бо сабабҳои айнию зеҳнӣ натавонист, ки гиребони худро билкул аз дасти осори мубҳами вай раҳоӣ бубахшад ва афкори олияшро ба забони равшану фасеҳу сода баён намояд ва ба қавли устод Айнӣ, «доҳии модарзод» будани худро ба оламиён нишон бидиҳад. Ҳамин таъсири манфии забону баёни Бедил ва таъсири суннат ва забону баёну меъёри он замон, ки ба арабзадагию туркисароӣ ва хусусан бедилиншоӣ гирифтор шуда буд, имкон надод, ки Аҳмади Донишро (на дар рӯзгори худ ва на имрӯз) мардум ба таври боиставу шоиста бишиносанд. Воқеан, ба осори ин ситораи дурахшони адаб дар он замон танҳо иддаи маъдуде ошно буданду бас. Мардум ва табақаҳои гуногуни он рӯзгор аз вуҷуди ин марди бузург дарак надоштанд. Аз як тараф, ҳукумати амирӣ ба ин монеъ мешуд, аз сӯйи дигар, сабки пур аз вожагони арабию туркию муғулӣ ва ба вижа печидаву торики Бедил, ки Аҳмади Дониш онро риоя ва дунбол мекард, имкон намедод, ки тамоми мардум ба мазмуну муҳтавои шоҳкорҳои ӯ пай баранд. Агарчи худи Аҳмади Дониш саъй мекард, ки худро аз сабки печидаи Бедил дур нигаҳ дорад ва осорашро ба забони фаҳмову дастрас баён дорад, аммо нохудогоҳ боз ҳам ба ҳамин сабки ҳокими давраш тобеъ ва таслим мешуд ва матлабро печида ба қалам меовард. Аммо, ба ҳар ҳол, ӯ дар роҳи ҷилвагирӣ аз сабки печидаи Бедил мекӯшид ва осораш дар он замон нисбат ба осори дигарон сода буд. Бинобар ин, диққати адибони мутараққӣ, аз ҷумла устод Айниро ба худ ҷалб менамуд. Ба ин маънӣ, устод Айнӣ мегӯяд: «Дар аҳдҳои охирӣ баъд аз 1200 ҳиҷрӣ, дар Бухоро ва Мовароуннаҳр дар назм, наср тақлиди Бедил шуҳрат гирифта, ҳар аҳлу ноаҳл, ки ба дасташ қалам

мегирифт, чизе дар пайравии Бедил навиштанро аз ҷумлаи татиммаи камоли худ мешуморид. Аҳмади Калла, бо вуҷуди ихлосу камоли ақидааш дар бораи Бедил дар тақлиди услуби Бедил мубориза эълон карда, худ осори манзуму мансураашро дар камоли содагию равонӣ навиштанро илзом кард. Мусоҳибони худро низ аз тақлиди Бедил манъ мефармуд. Услуби Бедилро махсуси истеъдоду маслаки бедилӣ медонист. Ба амсоли Қозӣ Абдулвоҳид Садри Сарир, Домулло Абулфазли Сират ва Исомахдуми Муфтӣ, ки муосиру мусоҳибони Аҳмад-махдум буданд, ин талқинот беасар намонд Эшон баъд аз он ки дар авоили ҳол дар назму наср Бедилро тақлид кард буданд, дар овони охирӣ соданависиро машқ менамуданд» [2].

Бояд гуфт, ки қариб тамоми онҳое, ки дар бораи адабиёти асри XVIII ва XIX тоҷик изҳори назар кардаанд, тӯтивор дар осорашон аз тақлиди адибон ба Бедил ёд мекунанд ва мегӯянд, ки осори ӯ дар мактабу мадрасаҳо хонда мешаванд, аҳли сухан, хосу ом дар кӯю барзан бедилшиканӣ менамоянд, баҳс меороянд, дар болои абёташ майна об мекунанд, кӯдакон аз овони хурдӣ шеъри ӯро ҳифз мекунанд ва ғайра. Албатта, эшон, аз як сӯ, бо таассуф, аз сӯйи дигар, боифтихор дар ин боб ҳарф мезананд. Бадбахтона, ин гуна таассуфу ифтихори зарарноку беҷо, ки ба фоидаи миллат ва адабиёт нест, то имрӯз дар нақду адабиётшиносии мо идома меёбад. Аммо то ҳол сабаби рух додани ин ҳолатро касе ба таври илмӣ ва мунсифона тавзеҳу ташреҳ намекунад ва намегӯяд, ки Бедил чӣ гуна шоир буд, дар кадом муҳит ва фазо эҷод мекард, ба кӣ пайравию тақлид менамуд? Чаро осораш печида аст, оё дар ватанаш маҳбубият дошт, дорад, осораш қобили тақлид ва худаш шоистаи пайравӣ ҳаст ё не? Оё касе, ки забони

[2] Садриддин Айнӣ. Намунаи адабиёти тоҷик. –Душанбе:Адиб, 2010. –С.201.

модариаш на тоҷикӣ, балки ҳиндист, онро аз мадраса ва мутолиаи китоб ёд гирифтааст, барояш забони хориҷист, яъне як адиби ғайритоҷик, барои соҳибони забон сармашқ шуда метавонад ва даҳҳо саволҳое, ки мебоист ба онҳо ҷавоб дода шавад, касе сухан намегӯяд. Воқеан, чӣ сабаб шуд, ки омили хориҷӣ дар адабиёт, ки ҳеҷ гоҳ барои адабиёти миллӣ шоиста нест, сармашқи адибон қарор гирифт ва ду аср (асрҳои XVIII-XIX) тамоми адабиётро зери таъсири манфии худ гузошт ва аз инкишофу тараққии табиии худ боздошт? Чаро дар Эрон бозгашти адабӣ рух дод, дар Ҳинд, ба қавли Шиблии Нуъмонӣ, ки фарсаххо аз Эрон дур аст, низ як навъ бозгашти адабӣ (мисли Эрон) воқеъ шуд? Масалан, Ғолиби Деҳлавӣ, ки дар оғоз сабки печидаи Бедилро пайравӣ менамуд, тадриҷан онро тарк кард, рӯ ба содагӣ овард ва дар як муддати кутоҳ ба дараҷаи классики адабиёти урду ва тоҷикзабони Ҳинд уруҷ кард? Чаро устод Айнӣ, ки дар оғоз зери таъсири сабки бедилӣ, ки дар минтақа ҳоким буд, ҳаракат мекард, якбора рӯ ба равонию содагӣ овард ва бо нубуғи зотиаш худро на танҳо аз асорати Бедил (мисли Сариру Сирату Исою Асирию Аҷзию дигарон) раҳо кард, балки ба эҷоди сабки тозаи насру назм дар адабиёт муваффақ шуд ва ба дараҷаи классики адабиёти тоҷик расид? Агар ӯ ҳам мисли адибони боистеъдоди ин аср-Туғрал, Тамҳид, Ҷавҳарӣ ва дигарон ба тақлиди осори Бедил идома медод ва худро аз занҷири асорати ӯ раҳо намекард, имрӯз мо ӯро дар силки яке аз муқаллидони Бедил ном мебурдем ва ҷойгоҳи волои адабиву илмиаш дар адабиёти навини мо холӣ мемонд ва забону адабиёти мо аз таҳаввуле, ки дар ин замина даст ёфт, бенасиб мегардид ва дар ҳамон масире, ки забону баён дар ду асри охир, хусусан замони Аҳмади Дониш, ҳаракат мекард ва ба масобаи як забон ва адабиёти карахту бетаҳаввул ва саршор аз вожагону таркиботи арабию туркию муғулӣ мемонд ва аз рӯҳи миллӣ, ки имрӯз забон ва адабиёти мо

дорад, бархӯрдор намегардид ва маҳрум мемонд. Мисли забон ва адабиёти Эрон, Афғонистон, ки, бо вуҷуди дастовардҳои шигарфаш, ҳанӯз ҳам аз қайди арабзадагӣ ва туркмоягӣ худро раҳо накардааст ва ҳанӯз ҳам рӯҳи арабию туркӣ ҳам дар забон ва ҳам дар баёни ин кишварҳо ҷорӣ ва сорӣ аст. Эшон ҳатто то имрӯз грамматикаи худро надоранд. Беимлоӣ, бемеъёрӣ дар саросари осори мухталифи ин кишварҳо ба мушоҳида мерасад. Аммо назму насри мо ба таҳаввули азиме дар қаламрави сарфу наҳв, мавзуъ, ғоя, ормонҳои миллӣ даст ёфт, хусусан аз равонию фасоҳати вижа бархурдор гардид. Аз ин рӯ, имрӯз дар кишвари мо қонун ва қавоиди илмию адабӣ, дастовардҳои навтарини илми забон ва адабиётшиносӣ ҳароина риоя мешавад. Муҳимтар аз ҳама, адабиёт ва адибон дигар зери таъсири забон ва адабиёти арабу турку муғул нестанд. Адибон танҳо ба забони модариашон эҷод менамоянд. Ба муламмаъгӯӣ, хушбахтона, хотима дода шудааст. Нақлу ривояту асотири арабию туркию муғулӣ, ояту ҳадисгароӣ, ки ба рӯҳи миллии мо билкул бегона аст, дар осори адибон қариб, ки ба чашм намерасад. Адибон дигар роҳи бебандуборӣ, осмону ресмонгӯӣ намесипаранд, балки аз рӯйи қавонин ва меъёрҳои вазъшуда ва рӯҳи забон ва адабиёти миллӣ ҳаракат менамоянд ва эҷод мекунанд. Аммо мо ин гуна таҳаввулотро дар забон ва адаби ҳамзабонон камтар мушоҳида менамоем. Дар фазои адабии онон ҳанӯз ҳам рӯҳи арабзадагӣ, туркию муғулгароӣ ҳокимият мекунанд, забон ва адабиёт дар хидмати неруҳои иртиҷоӣ ва зиддимиллӣ қарор дорад. Вожагон, таркибу иқтибосоти арабӣ зинатбахши навиштаҳои эшон аст. Бадтар аз ҳама, забон ва адабиёт дар ҳамон масири ғайримиллӣ, ки баъди рафтани давлати Сомониён ва рӯйи кор омадани сулолаҳои турктабор ҳаракат мекард, ҳаракат мекунад ва то имрӯз дар хидмати бегонагон қарор дорад, на миллат. Адабиёт-адабиёти исломӣ аст, на миллӣ, ғоя-ғояи

исломӣ аст, на миллӣ, яъне забони тоҷикӣ дар ин кишварҳои исломӣ дар хидмати ғояву ҳадафҳои ғайримиллӣ қарор дорад, аммо забон ва адабиёти мо дар хидмати истиқлол, орзуву ҳадафҳои миллӣ қарор дорад ва муҳимтар аз ҳама дар асорати забонҳои як умр ҳоким дар фазои мо-арабию туркию муғулӣ нест. Ҳамин гуна хусусиятро мушоҳида карда, ҳанӯз дар асри гузашта олим ва донишманди шаҳири Эрон Саид Нафисӣ забон ва адабиёти миллӣ ва волои моро ба сифати **сармашқ** барои ташкил ва ба вуҷуд овардани забон ва адабиёти миллӣ дар Эрон дастур медиҳад ва таъкид менамояд. Чунончи, ӯ мегӯяд: «Барои мо махсусан роҳи республикаҳои советии Осиёи Миёна, ки таърихан ба мо наздиканд ва дар як мудати кутоҳ ба шукуфоии маданияти худ ноил гардидаанд, ибратомӯз аст. Асарҳои нависандагони намоёни тоҷик Садриддин Айнӣ, Мирзо Турсунзода, Мирсаид Миршакар, Улуғзода, Икромӣ… барои ҷавонони мо дар роҳи ба вуҷуд овардани **адабиёти миллӣ ва ҳақиқатан халқии** худ намунаи сазоворест»[3].

Зимнан бояд гуфт, ки забон ва адабиёти тоҷик (ба сабаби набудани давлати миллӣ) ба сифати як фан на танҳо дар замони Аҳмади Дониш, балки дар тӯли таърих омӯхта намешуд, танҳо дар авали асри XX ҳамчун фанни мустақил мавриди тадрис қарор гирифт. То ин дам дар мактабу мадрасаҳо забон ва адабиёт ва сарфу навҳи арабӣ ва хусусан дар замони Аҳмади Дониш назму насри печидаи Бедил ва девонҳои туркию озарии Навоию Фузулӣ омӯхта мешуданд. Маҳз дар ҳамин аср аст, ки доираи адабии Хуқанд дар Осиёи Миёна нуфуз пайдо мекунад ва шеъри туркӣ, ки аз замони Навоӣ нуфуз ёфта буд, аммо дар Мовароуннаҳр ривоҷ надошт,

[3] Съезди дуюми нависандагони Умумииттифоқ. Ҳисоботи стенографӣ. –Москва, 1956. –С.552.

тавассути мири Хуқанд-Умархон равнақ пайдо менамояд. Ба ин маънӣ, устод Айнӣ дар «Намунаи адабиёти тоҷик» чунин менависад; «Шеъри туркӣ, ки баъд аз амир Алишер дар Туркистонривоҷе надошт, дар аҳди ин амир дувумбора курсибандӣ дид. Радифгӯӣ, ки аз замони пешин дар байни шуарои Шарқ маъмул буд, дар аҳди ин амири фозилривоҷ гирифт, чунончи, ғазалеро, ки дар радифи «ангушт» дар боло сабт ёфт (аз амир Умархон-Ҷ С), аксари шоирони муосиру муоқибаш тақлид кардаанд»[4]. Дар ҳақиқат, аз ин тақлид ҳатто шоирони мутараққие чун Ҳозиқ, Шоҳин ва ғайра низ бенасиб намонданд. Инак, чанд намуна аз тақлидҳое, ки шуаро ба ин ғазали Умархон кардаанд:

Умархон:
*Ба шавқи он ки расонам ба зулфи ёр ангушт,*
*Чу шона медамад аз дасти ман ҳазор ангушт*[5].
Адо:
*Куҷо ба ранги ҳино мениҳад нигор ангушт,*
*Зи хуни бегунаҳон мекунад нигор ангушт*[6].
Беҳҷат:
*Мазан ба ранги ҳино, эй суманъизор, ангушт,*
*Макун зи хуни дилам чун мижа нигор ангушт*[7].
Парӣ:
*Бурида бод зи дастам сари чаҳор ангушт,*
*Ки даст мекашад аз домани нигор ангушт* [8].
Ҳозиқ:
*Нигори ман зи ҳино кард то нигор ангушт,*
*Гирифт гул ба даҳон дар чаман зи хор ангушт* [9].

---

[4] Садриддин Айнӣ. Намунаи адабиёти тоҷик. –С.140.
[5] Ҳамон ҷо. –С.139.
[6] Ҳамон ҷо. –С.141.
[7] Ҳамон ҷо. –С.159.
[8] Ҳамон ҷо. –С.161.

Ҳотиф:
*Шабе зи шавқ расондам ба зулфи ёр ангушт,*
*Чу нофа гашт зи ҳар уқда мушкбор ангушт* [10].
Хиҷлат:
*Макун зи нахли ҳино ранг чу баҳор ангушт,*
*Бирез хуни маро, то шавад нигор ангушт* [11].
Шоҳин:
*Маро чу шона бибояд ба каф ҳазор ангушт,*
*Ки то барам ба хами турраи нигор ангушт…*[12]

Ҳамин тариқ, дар ин давра, яъне замони Аҳмади Дониш аксари адибон дузабона ва ё сезабон шуда буданд. Хусусан адибони дузабона хеле зиёд буданд ва шеъри туркӣ мегуфтанд. Ба масал, Адо, Афзал, Ҷавҳар, Ҳашмат (бо се забон), Девонаи Самарқандӣ, Мухтасими Бухорой, Аҷзӣ, Фоиз, Возеҳ, Асирӣ, Ҳодӣ, Маъдан, Гулханӣ ва дигарон ба ду забон шеър мегуфтанд. Агар Инқилоби Октябр намешуд, Тоҷикистон ташкил намешуд, вуҷуди адабиёт ба забони тоҷикӣ қатъ мегашт ва ҳамагон имрӯз туркӣ менавиштанд, на тоҷикӣ. Ин нигаронии яке аз шоирони ҳамрӯзгори Аҳмади Дониш безамина нест, ки мегӯяд:

*Шоирон дар шеъри туркӣ сахт мепечанд, ҳайф,*
*Нуктасанҷе ку, бигӯяд қимати шеъри дарӣ?*[13]

Аммо мудҳиштарин ҳодиса дар асорати сабку услуби печидаи Бедил мондани адибон ва адабиёти тоҷик дар ин аср (XIX) буд, ки чун асри гузашта (XVIII) тамоми қаламрави Мовароуннаҳрро фаро гирифта буд ва имкони озодиро ба ҳеҷ ваҷҳ ба адибон намедод. Бинобар ин, тамоми адабиёти ин

---

[9] Ҳамон ҷо. –С.180.
[10] Ҳамон ҷо. –С.193.
[11] Ҳамон ҷо. –С.194.
[12] Ҳамон ҷо. –С.242.
[13] А.С.Пушкин. Духтари Капитан. –Душанбе:Адабиёти бачагона, 2012. –С.4.

минтақа рӯ ба таназзул оварда буд. Ҳатто адибони соҳибистеъдод низ наметавонистанд, ки худро аз ин сабку услуби гунгу зиёнбор наҷот бубахшанд. Лиҳозо, тамоми адабиёти мо ранги тақлидро гирифта буд. Истилоҳи «муқаллидони Бедил» ба ин далел шуда метавонад, ки дар ин давра ба вуҷуд омада буд ва аксари адибон, бо ин истилоҳ ном бурда мешуданд, зеро дар асорати ӯ монда буданд. Аз ин хотир, устод Айнӣ дар китобҳои худ, ба вижа «Намунаи адабиёти тоҷик», аз ин ҳолати адибон ва адабиёт ҳамвора бо афсӯс ёд мекунад. Ӯ мехоҳад, ки адибон гиребони худро на танҳо аз чанги ин вабои адабӣ-бедилизм раҳоӣ бубахшанд ва назму насрро аз тақлид вораҳонанд, аз мавҳумбаёнию печидагӣ ба дур қарор бигиранд, балки онро дар хидмати зиндагӣ ва мардум қарор бидиҳанд, алалхусус забон ва баёни худро содаву равшану ҳамафаҳм созанд. Аз ин рӯ, вай вақте дар бораи адибони воқеан ҳам соҳибистеъдод сухан мегӯяд, ҳамвора аз умри худро беҳуда ба тақлиди назму насри Бедил барбод додани онҳо бо дареғ изҳори назар менамояд. Масалан, ӯ дар бораи шоири боистедод–Масеҳои Тамҳид, ки дар муҳосираи услуби Бедил мондааст, чунин мегӯяд: «Истеъдоди адабии Тамҳид аз наводир аст. Ҳоло тамоми қобилияти худро изҳор накарда, дар **дохили чорчӯбаи тақлиди Бедил ба муҳосира** мондааст. Агар ин истеъдоди фавқулода аз ин муҳосира халосӣ ёбад, аз наводири рӯзгор шуданаш муқаррар аст»[14]. Вай дар бораи Туғрал, ки яке аз соҳибистеъдодон буд, низ дилсӯзона сухан мегӯяд: «Туғрал муқаллиди Бедил аст, лекин мисли бисёртарини муқаллидони Бедил дар ин пайравӣ ҳеҷ муваффақ нашудааст. Истеъдоди Туғрал бисёр комил ва хаёлаш мустаъидди болодавӣ буд. Агар табъи худро дар **асорати тақлиди Бедил** намеандохт ва ҳам

[14] Садриддин Айнӣ. Намунаи адабиёти тоҷик. –С.171.

ба ҳаққи худ бисёр некбин намебуд, аз саромадони замони худ шуданаш муҳаққақ буд»[15]. Дар ҳақиқат, таъсири манфии осори Бедил ба адабиёти тоҷик, ки аз аввали асри XVIII шуруъ шуда буд, дар замони Аҳмади Дониш қариб тамоми адабиёти моро фаро гирифта буд. Ва метавон гуфт, ки дар ин давра қариб адибе набуд, ки гирифтори тақлиди Бедил нагардида бошад. Агарчи бархе аз адибон, ки дар айёми ҷавонии худ ва оғози фаъолияти адабиашон ба Бедил тақлид мекарданд, тадриҷан иштибоҳи худро фаҳмида, шеърашонро каму беш сода карданд, аммо ағлаби адибон ба ҳеҷ ваҷҳ аз тақлид даст накашиданд ва ҳатто ҷараёни маорифпарварӣ, ки адабиётро як дараҷа рӯ ба сӯйи воқеият ва содагӯӣ равона карда буд, низ натавонист ба бедилгароӣ монеъ шавад ва ба он хотима бибахшад. Намунаи боризи онро мо дар осори шоири боистеъдод, аммо муқаллиди ифротии Бедил-Туғрал бармало боздид менамоем. Хушбахтона, танҳо ба Айнӣ ва ҳамфикрони ӯ муяссар гардид, ки худро на танҳо аз тақлиди назму насри печидаи Бедил раҳоӣ бубахшанд, балки ба бунёди сабки равону равшан ва тоза даст ёбанд, адабиёти тоҷикро аз маҳвшавӣ наҷот диҳанд ва рӯҳи миллӣ бибахшанд, сакта ва таваққуф (истилоҳи устод Айнӣ) ва инҳирофу гумроҳиро, ки адабиёти мо ба он гирифтор шуда буд, барҳам зананд, ислоҳ намоянд ва адабиётро ба маҷрои аслии худ равона созанд.

Албатта, ҳукмронии осори печидаву тираи Бедил ва асорати дусадсола кори худро кард ва адабиёти тоҷикро қафо бурд, ба инкишофи табиӣ ва шоистаи он монеъ шуд, имкон надод, ки дар ин ду аср адиби барҷаста ва ҷаҳоние ба майдон биёяд ва мисли адвори пешин шоистаи ифтихори тоҷикон дар байни ҳамзабонону ҷаҳониён гардад. Лиҳозо, таъкиди устод Айнӣ, ки адабиёту фарҳангу тоҷик дар солҳои охир ба сакта ва

[15] Ҳамон ҷо. –С.279.

таваққуф гирифтор гардида буд, баёнгари воқеияти ҳол мебошад. Ин ҳақиқати талх ҳамеша барои мо бояд намунаи ибрат бошад. Мо бояд аз ин ҳодисаи манфӣ, аз ин рухдоди бадфарҷом ва зиёнрасон ба адабиёту фарҳанги худ хулосаи ҷиддӣ барорем ва минбаъд пояҳои забону адабиёти худ ва рӯҳи миллии онро таҳким бахшем ва пурқувват намоем. Аз тақлиди аносири хориҷӣ ҳароина парҳез кунем. Мо, ки ҳамеша сармашқ будем, бояд барои дигарон, тавре ки аз оғози адабиёт барои дигар манотиқ ва ҳавзаҳои шеъру фарҳангу адабиёти тоҷик-форс сармашқ будем, сармашқ бимонем. Ба хотир биёред, ки чи тавр Носири Хусрав ҳангоми сафар ба Қатрони Табрезӣ дар фаҳмидани мушкилоти ашъори Мунҷик ва Дақиқӣ кӯмак менамояд ва ба тавзеҳу ташреҳи девони онҳо мепардозад. Инро ҳам бояд донист, ки аз асри Сомониён сар карда, забон ва адабиёти Хуросону Мовароуннаҳр барои минтақаҳои дигар ба сифати сармашқ хидмат мекард ва раҳнамою пешгом буд. Танҳо баъди омадани муғул мо ин пештозиро андак-андак аз даст додем ва рӯ ба пайравию тақлид овардем, аммо тақлиди адибони мо то асри 18 (то омадани осори Бедил) пайравӣ ва тақлид аз худ (адибону Эрону Хуросон) буд, яъне ҷанбаи дохилӣ дошт, на хориҷӣ. Аз ин рӯ, ҳеҷ гуна зиён ва зарар ба пайкари адабу илмамон намезад, зеро, Мовароуннаҳру Хуросону Эрон, ки се хостгоҳи аслии забон ва адабиёти тоҷиканд, ҳамеша ба ҳамдигар таъсиргузор буданд. Воқеан, ин манотиқ маҳди забон ва адабиёти ақвоми ориёӣ ва забони тоҷикӣ забони модарии адибон буд. Аз ин рӯ, пайравӣ ва тақлид ба адибони Эрону Хуросону Мовароуннаҳр, яъне худ аз худ буд ва бар зарари инкишофи забон ва адабиёти тоҷикону форсҳо набуд, зеро онҳо соҳибони ҳамин забон ва адабиёт буданд ва ҳамеша барои рушд, пойдории ин адабиёт хидмат намуда, осоре халқ кардаанд, ки барои дигар ҳавзаҳои фаръии ин забон ва

адабиёт ба сифати намуна хидмат кардаанд. Қариб тамоми шоирони Ҳинд, Усмонӣ, Қафқоз ва соири кишварҳои Шарқ, ки ба забони тоҷикӣ эҷод мекарданд, ҳамеша пайрав ва муқаллиди адибони Эрону Мовароуннаҳру Хуросон будаанд ва ба забону баёни онҳо такя менамуданд. Ҳеҷ гоҳ унсури хориҷӣ (ғайр аз адабиёти Эрону Хуросон) ба адабиёти мо ин қадар, ки осори Бедил дар ду асри охирӣ соя андохт, соя наяндохта буд. Албатта, адворе буданд, ки бархе аз чеҳраҳои хориҷӣ каму беш ба хостгоҳҳои аслии забон ва адабиёти тоҷик таъсиргузор буданд, аммо ҳаргиз ба инкишофи табиии он монеъ намешуданд, балки як навъ мусоидат мекарданд. Агарчи таъсири осори онҳо мушоҳида ва мулоҳиза мешуд, аммо хусусияти умумӣ ва ҳамагонӣ надошт, балки хусусияти услубӣ ва ҷузъӣ дошт. Аммо бо омадани осори Бедил қариб тамоми осори адибони дигар фаромӯш шуданд, тамоми сабкҳои дигар таҳтушшуои сабки ӯ қарор гирифтанд. Агар дар гузашта адибони ин минтақа ба чанд нафар адиб, он ҳам аксар адибони Эрону Хуросон, пайравӣ мекарданд ва осори онҳо сармашқи кори эҷодӣ қарор мегирифт, ҳар оина адибони қадимро ҳам фаромӯш намекарданд, масалан, дар баробари Соибу Калиму Урфию Назирӣ (асри XVII), Саъдиву Ҳофизу Ҷомию Мавлавию Фирдавсиро ҳам пайравию тақлид менамуданд, аммо дар ин давра ҳатто Ҳофизро ҳам, ки дар ғазал баъд аз асри XIV дар тамоми Эронзамин ва хориҷ аз он сармашқи асосӣ ва ягона буд, дар замони Бедил то ҷое фаромӯш менамоянд ва бад-ин тартиб тамоми адибон, аз ҷумла Ҳофиз, ба ҷои дувум мегузаранд. Ҳама ба тақлиди Бедил, ки шоири форсибаёни Ҳинд (на форсизабон), яъне унсури хориҷӣ аст, забони тоҷикӣ забони модариаш нест ва забону баёнаш ба рӯҳи забону адабиёти мо муғойират дорад ва тираву мураккабу номафҳум аст, рӯ оварданд, аз оқибати кори хеш наандешиданд ва кӯр-кӯрона ба кори эҷодӣ

пардохтанд. Дар натиҷа, адабиёт ба бунбаст, ба қавли устод Айнӣ, ба сакта гирифтор шуд. Минтақае, ки рӯзе пешво ва сармашқи дигарон буд (қариб то асри XII), ба минтақаи пастрав табдил ёфт ва адибон дар асорати адибе афтодаанд, ки осораш лоиқи пайравию тақлиду сармашқ набуд, зеро ӯ намояндаи доираҳои адабии аслии ин забон ва адабиёт набуда, балки намояндаи доираи фаръии он буд ва ин забонро на аз модараш, балки дар мактаб ёд гирифтааст, яъне забони тоҷикӣ на забони модариаш, балки забони баёнаш аст, яъне ӯ адиби тоҷикбаён аст, на тоҷикзабон, мисли Чингиз Айтматов, ки русбаён аст, на русзабон, адиби қирғиз аст, на рус. Аз ин рӯ, ӯ агарчи адиби маъруф аст, аммо адибони рус ба ӯ пайравӣ наменамоянд ва ҳеҷ гоҳ ӯро аз Пушкину Толстой Чехову Горкийю Маяковскию Шолохов пеш намегузоранд. Дигар, Айматов ҳеҷ гоҳ наметавонад барои соҳибони аслии ин забон намуна бошад. Бедил низ ҳаргиз наметавонад барои адибони мо сармашқ бошад. Аз ин хотир аст, ки тақлиди ӯ боиси қафомонии адабиёт, пастравии сухани адибони ин минтақаи бузурги забон ва адаби тоҷик гардидааст. Ба ин маънӣ, на танҳо устод Айнӣ, балки Абдурауф Фитрат низ дар осори худ ишораҳову танбеҳҳои зиёд дорад, ки дар ин мавқеъ яке аз онҳоро аз «Баёноти сайёҳи ҳиндӣ» ба хониш гирифтан айни муддаост: «Маълум аст, ки Бухоро дар замони собиқ уламои мутабаҳҳир ва фузалои муқтадир хеле мерасонид. Ҳар рӯз як Бӯалӣ, Форобӣ, Муҳаммад ибни Исмоили Бухорой ва Улуғбеки дигареро ба майдони мусобиқат медавонид. Ба ин восита овозаи шарофати худро овезаи гӯши ҷаҳониён мегардонид. Қариб дусад сол мешавад, ки қимати алияи худро гум намуда, пас аз вуруди Мирзоҷони Шерозӣ уламои Бухоро ба хондани ҳавошӣ, ки иборат аз тадқиқи алфоз аст, майл карда, кам-кам он қадар ба ривоҷи ин таҳсили бефоида кӯшидаанд, ки номи таҳсили фоиданокро ҳам аз хотири худҳо

баровардаанд. Соири туркистониҳо низ, ки таҳсили худро дар Бухоро мекарданд, бо бухориҳо муштаракан ба мағоки ҷаҳлу ғафлат афтода, оқибат ситораи осмони маданият, саҳифаи мунаввари китоби инсоният, яъне Туркистонро ба ҳолате, ки забони дӯсту гӯши душман аз гуфтану шуниданаш мешармад, мубтало намудаанд. Ҷамоае, ки имрӯз аз улуми ҳақиқия чизе надорад, бист сол таҳсил, бист соли дигар дарсгӯӣ карда, баъд аз он ба мансаби муфтигӣ расида, боз мутолиаи кутуби арабияро мушкилу худро ба истиъмоли фиқҳияи форсия маҷбур медонанд, мақоми ҷалили руҳонияти Бухороро гирифтаанд. Ин ҷамоа амрҳои илоҳиро тобеъи раъю мақсади худ донисга, ба ранге, ки хоҳанд, оят тафсир мекунанд, ҳадис мебофанд. Чунончи дар мавқеаш ҳам тафсилан менависем, дар ҳолате ки худашон иртикоби ҳар гуна зулму гуноҳро мекунанд, ҳамеша менишинанд, то авоми бечораро ба андак гуноҳе кофир гуфта, зери лагад бигиранд»[16].

Аммо дар бораи мавзуи шеър ва забон ва умуман, назму наср ва манзараи воқеии он беҳтар аз гуфтори аллома Айнӣ наметавон далел ва мисоле барҷаставу дақиқ пайдо кард. Чунончи, ӯ дар «Мухтасари тарҷумаи ҳоли худам» дар ин боб чунин гуфтааст: «Дар замони мо мавзуи шеър дар Бухорои амирӣ аз дунё ва аз замон шикоят, мадҳияҳои бардурӯғ, ҳаҷвияҳои шахсии беадабона, май ва маҳбуба ва аз ҳамин қабил мавзӯъҳои феодалӣ буд. Агар мо Аҳмади Калла, Шоҳин, Ҳайрат ва баъзе чунин касонро истисно кунем, ҳамагӣ муқаллиди якдигар ва тақлидчии бемуваффақияти гузаштагони худ буданд. Аммо забони шеър то охирҳои асри 19 бештарин тақлиди забони Бедил бошад ҳам, аз охирҳои ин аср сар карда ҳаракати майлон ба забони омма-забони содаи ҳамафаҳм ба майдон омад. Шеърҳои охирин Шоҳин, Қозӣ

[16] Садриддин Айнӣ. Намунаи адабиёти тоҷик. –С.357-358.

Қурбонхон, Музтариб, Ҳайрат ва дигарҳо аз ҳамин қисми охиранд. Дар замонҳои охир насрнависӣ, гуфта мешавад, ба таҳрири иншои мактубот махсус шуда монда буд. Беҳтарин муншӣ ва мактубнавис ҳамон кас ҳисоб меёфт, ки муддаоеро, ки бо як ҷумла ифода карданаш мумкин аст, дар ду саҳифа бо калимаҳои қофиядор печонад. Мактубҳо ва иншоҳо айнан мисли «Нукот»-и Бедил буд. Фақат фарқ дар ин ҷо буд, ки Бедил дар ибораҳои мушкили худ маъниҳои фалсафии дақиқро (шояд барои он ки кушода гуфтани он чизҳо дар замони ӯ мумкин набошад) печонда ифода мекунад, аммо иншоҳои нукотмонанди замони мо тамоман бемаънӣ буд. Аввалин касе, ки ба ин услуби насрнависӣ ҳуҷум кард, Аҳмади Калла буд. «Наводир-ул-вақоеъ»-и Аҳмади Калла ҳарчанд, ба хонандагони замони советӣ душворӣ кунад ҳам, дар замони ҷавонии мо бисёр сода ва зидди анъанаҳои насрнависони он замон буд. Баъд аз Аҳмади Калла, Мирзо Сомӣ ин шеваро дар наср ривоҷ дод ва нисбат ба Аҳмади Калла боз ҳам содатар навишт. Шарифҷон-маҳдум, ки аз иншонависони машҳури замони худ буд, аз мухлисони Аҳмади Калла ва Сомӣ буда, иншо мактуб ва хотироти худро боз ҳам содатар ва оммафаҳмтар карда менавишт. Ман, ки дар шеър тарафдори соданависӣ буда, беҳтарин луғатҳо, ташбеҳҳо ва киноя, истиораҳои халқиро кор мефармудам, дар наср ҳам аз тарафдорони роҳи соданависон будам. Лекин дар он вақтҳо насри ман иборат аз мактубҳое буд, ки бо дӯстони худ менавиштам: [17]

Тавре ки аз ин гуфтаи устод Айнӣ бармеояд, вазъи забон ва адабиёти тоҷик дар ин замон, яъне замони зиндагии Аҳмади Дониш бо сабабҳои айнию зеҳнӣ, ба вижа ҳукмронии сабки печидаву гунги Бедил, бад ва ташвишовар буда, адабиёт ба

[17] Садриддин Айнӣ. Осори баргузида. –Ҷ.1. –Душанбе:Ирфон, 1977. –С.54-55.

бунбаст ва адибон яксара дар доми тақлид афтода буданд ва намедонистанд, ки чӣ тавр худро аз асорати осори мураккабу мушкили Бедил раҳо созанд ва роҳро барои рушду нумуви адабиёти асилу ноб ҳамвор созанд. Ба ин маънӣ, устод Айнӣ барҳақ ва бо нигаронӣ ва тааҷҷуб гуфта буд: «Маълум аст, Туркистон ва Мовароуннаҳр аз аҳди устод Абдулҳасани Рӯдакӣ то имрӯз хеле адибони форсизабон ба майдон овард. Аммо дар замонҳои охирӣ, ба кадом сабаб, ки бошад, адабиёти тоҷик ба як навъ **сакта ва таваққуф** гирифтор шуда буд»[18]. Дар ҳақиқат, ин замон давраи «фатрат», «сакта ва таваққуф» буд, адабиёт рӯ ба таназзул оварда буд ва адибон дар ҷодаи сарбаставу «гумроҳӣ» афтода буданд. Аммо онҳо ба ҷои ҷустани роҳи наҷот кӯр-кӯрона ба осори Бедил тақлиду пайравӣ менамуданд, зеро касе онҳоро раҳбарию раҳнамоӣ намекард, давлати миллӣ вуҷуд надошт. Аз ин рӯ, адибон ноогоҳона ба омили хориҷӣ такя мекарданд, ба дунболи касе мерафтанд ва медавиданд, ки ӯ худ дар вақташ ба бунбаст афтода буд ва гумроҳ шуда буд ва осорашро ба дур аз дастраси мардум, дар шакли печидаву муаммо эҷод мекард. Лиҳозо, муҷиби дилсардии хонандагону адибон на танҳо аз осори вай, балки аз сабки ҳиндӣ, ки худ аз намояндагони ифротии он маҳсуб мешуд, низ гардида буд. Бадбахтона, ба сабаби раҳнамоӣ нашудан, набудани давлати миллӣ, ғаразҳои сиёсиву қавмӣ, ки дар давлати узбекияи манғитиён ҳокимият мекард, адибони тоҷик намедонистанд, ки Бедил мураккабаёниву сарбастагӯиро, ки аз хусусияти аслии сабки ҳиндӣ буд, ба ҳадди охирин расонида, дигар ҷои пешрафт дар миён набуд. Адибон мебоист роҳи раҳоиро аз ин бунбаст меҷустанд ва домани сабки ҳиндӣ, ба вижа печидагӯиро раҳо мекарданд ва рӯ ба равшангӯию содагӯӣ меоварданд. Ин кор,

[18] Садриддин Айнӣ. Ахтари инқилоб. –Душанбе:Ирфон,1974. –С.82.

тавре ки гуфтем, хушбахтона, дар Эрон сурат гирифт. Адибон гирди ҳам омаданд ва сабки нав ё мактаби бозгашти адабиро ба майдон оварданд. Ҳатто дар худи Ҳиндустон низ адибон аз сабки печида ва гунги Бедил андак-андак фосиле гирифтанд ва як навъ бозгаштро ба роҳ монданд. Дар ин роҳ аввалин қадамро Ғолиб, ки худ дар ибтидо яке аз печидагӯён ва пайравони Бедил ва дигар тирсароён буд, амалӣ намуд. Ин гуна тағйиротро дар адабиёти Ҳинд Шиблии Нуъмонӣ дуруст ба мушоҳида гирифта ва гуфтааст: «Тааҷҷуб ин ҷост, ки Ҳиндустон бо ин ки аз инқилоби адабии Эрон дуру бехабар буда, маазолик, дар он ҷо ҳам худ ба худ инқилобе падид омад, яъне завқи шоирӣ, ки аз як муддати дарозе аз давлати Носиралӣ ва ғайра хароб шуда ва ба ҳоли инҳитот будааст, ислоҳ ва дуруст шуд. Мирзо Ғолиб инқилобе дар шеър падид оварда ва қолаби онро яксара иваз кард. Дар ибтидо ӯ ҳам бар асари мутобиат аз Бедил ба роҳи ғалат афтода буд, лекин пайравӣ аз Калим, Назирӣ, Толиби Омулӣ, Урфӣ вайро ҳифз намуд, чунонки дар хотимаи девони форсӣ ба ин матлаб ишора кардааст»[19]. Дар ҳақиқат, Ғолиби Деҳлавӣ, ки классики адабиёти урду ва шоири форсизабони Ҳинд маҳсуб мешавад, муддате аз ғафлату ноогоҳӣ ба роҳи ғалат гом ниҳода буд ва шеъри печидагӯёну муаммосароёне чун Ҷалоли Асир, Шавкат ва ба вижа Бедилро сармашқи кори худ қарор дода буд. Бинобар ин, ӯ аз бетаҷрибагӣ боифтихор мегуфт:

*Сухани сода диламро нафиребад, Ғолиб,*
*Нукатае чанд зи печидабаёне ба ман ор* [20].

Аммо баъд аз чанде паймудани роҳи гумроҳӣ ва бо боло рафтани синну сол, таҷрибаи эҷодӣ, мутолиаи осори шоирони бузурги забон ва адабиёти тоҷик-форс, аз ҷумла

[19] Шиблии Нуъмонӣ. Шеър-ул-Аҷам. –Ҷ.5. –Душанбе,2012. –С.428.
[20] Мирзо Асадулло Ғолиб. Мунтахаби осори форсӣ. –Душанбе:Ирфон,1967. –С.117.

Рӯдакиву Фирдавсӣ, Низомию Мавлавию Саъдию Ҳофизу Ҷомӣ, хусусан рӯ овардани ба каломи нисбатан содаву равшани равшангӯёни сабки ҳиндӣ-Калим,Соиб,Назирӣ,Урфӣ, Толиби Омулӣ, Ҳазин ва ғайра, каломаш рангу бӯйи устодони забони форсии тоҷикиро мегирад ва ӯ дар як муддати кӯтоҳ ба дараҷаи классики адабиёти урду ва форсизабони Ҳинд мерасад. Дар ин бора беҳтар аст, ки мо ба суханони худи шоир таваҷҷуҳ намоем, ки чӣ мегӯяд: « Қибла, дар ибтидои фикри сухан ба тарзи Бедил, Асир, Шавкат эҷод менамудам. Чунончи, мақтаи як ғазал ин тавр буд:

*Ба тарзи Бедил рехта навиштан,*
*Асадуллохон, худ қиёматест.*

Аз синни 15-солагӣ то 25-солагӣ мазомини зиёдеро ба қалам андохтам. Дар даҳ сол як девони бузург ба вуҷуд омад. Охир, вақте ки ақл ба камолот расид, ин девонро як қалам чок намудам ва аз он фақат даҳ-понздаҳ байтро барои намуна дар девони ҳол боқӣ гузоштам» [21]. Ба ин маънӣ, боз худи «Ғолиб дар хотимае, ки бар девони форсии худ навиштааст ёдоварӣ мекунад, ки дар ибтидои суханварӣ гаҳ-гоҳ ба бероҳа мерафта, вале ба ҳиммати чанд тан аз суханварон монанди: Шайх Алии Ҳазин, Толиби Омулӣ, Урфии Шерозӣ, Зуҳурӣ,Назирӣ, ки ҳамчун омӯзгор маро раҳнамоӣ мекарданд, қарор гирифтам. Онон бо суханону осори худ ҳирзе бар бозуям баста ва тӯшае дар канорам ниҳода ва равонаам карданд ва акнун бо омӯзиши онон «килки раққоси ман ба хиромиши тазарв аст ва ба ромиш мусиқор ва ба ҷилва товус асту парвоз анқо»[22].

Зимнан бояд гуфт, ки на танҳо Ғолиб, балки шуарои дигари Ҳинд, хусусан онҳое, ки афкори маорифпарвариро

[21] Мирзо Асадуллои Ғолиб. Уди ҳиндӣ. –Душанбе:Ирфон, 1982. –С.148.
[22] Девони Ғолиби Деҳлавӣ. –Теҳрон, 1376. –С.27.

ташвиқу тарғиб мекарданд, низ баъдан аз сабки печидаву гунги Бедил фосила мегиранд ва ба офаридани осори равшану фаҳмо, ки аз воқеияти зиндагӣ моя мегирад, мепардозанд ва мардумро ба бедорӣ, ҳушёрӣ, ҳаққи худро шинохтан, илму дониш андӯхтан, озодию инқилобу истиқлол фаро мехонанд. Дар ин роҳ эшон аз сабки равшани шоирони тоҷик-форс пайравӣ менамоянд ва аз андешаҳои мутараққии онҳо илҳом мегиранд. Аз ин рӯ, қариб тамоми шоирони Ҳинд дар ин давра осори худро ба сабки содаву равшани шоирони тоҷик-форс эҷод кардаанд ва асосан ба Рӯдакиву Фирдавсию Низомию Саъдиву Ҳофизу Ҷомию Урфию Назирию Қоонӣ ва дигарон пайравию тақлид кардаанд, на тирасуханону печидагӯёне чун Зулолию Хоҷа Ҳусайни Саноиву Шавкату Носиралӣ ва ба вижа сабки гунгу печидаи Бедил, ки дигар коромад набуд ва ба ниёзҳои рӯз ва мардум ҷавоб намедод. Аз ин рӯ, сабки сода ва равони адибон ҷойгузини сабки мураккабу тира гардида буд ва шоирон дигар дар қаламрави хаёлбофӣ камтар ҳаракат мекарданд, онҳо бештар мекӯшиданд, ки шеърро фаҳмову дастрас эҷод кунанд, воқеияти ҳаётро дар осорашон тарсим намоянд, паёми зиндагиро ба гӯши мардум расонанд ва дарси бедориву ҳушёриву инсондӯстонаро интишор диҳанд. Хусусан ба сабки мураккаби Бедил касе дигар таваҷҷуҳ намекард, яъне сабки ӯ як сабки мурда буд. Бад-ин маънӣ, қариб дар тамоми осори шоирони ин давра як нуқтаи мармуз, печида, муаммогуна ба чашм намерасад, суханашон софу беғубору оммафаҳм буда, барои тӯдаи мардум гуфта мешуд. Лиҳозо, на танҳо шеъри Ғолиб, балки шеърҳои Ҳаргуполи Тафта, Алтоф Ҳусайни Ҳолӣ, Шиблии Нӯъмонӣ, Азизи Лакҳнавӣ, Раҳӣ, Наштар, Сабо, Шаҳир, Ҳайрати Комилӣ, Тобон, Гиромии Ҷоландарӣ, Бисмил, Изомӣ, Ҷигар, Сӯфӣ, Раъно, Иқбол, Айюб ва соири шуарои ин сарзамин содаву равшану оммафаҳм буданд ва

озодию истиқлолу мактабу маорифу илму донишу худшиносиву худсозиро тарғиб менамуданд. Ба ҳарфи дигар, санъатгарӣ, хаёлбофӣ, печидагӯӣ, такаллуф дар шеъри ин қабил шоирон, ки хоси шоирони сабки печидаю ифротии сабки ҳиндӣ, аз ҷумла Бедил, буд, дигар дар шеъри шоирон ба дида намерасанд. Дар ин бора беҳтараш суханони Алтоф Ҳусайни Ҳолиро бишнавем, ки мегӯяд: «Дар даврае, ки Мирзо (Мирзо Ғолиб-Ҷ.С.) дар майдони шеъри форсӣ қадам гузошта буд, дар Ҳинд ду сабки шеър бештарривоҷ дошт: Яке сабки Назириву Урфӣ ва ғайра, ки аз давраи Акбар идома дошт, дувум сабки Бедил, ки дар аҳди Аврангзеби Оламгир ба роҳ андохта шуд ва то Улвию Саҳбоӣ расид ва ба поён омад… Мирзо аввал ба татаббуи сабки Бедил рафт. Сипас, назар ба ин ки аҳли забон онро хориҷ аз дорулзарб талаққӣ мекунанд, сабки Назирӣ ва Урфиро ихтиёр кард» [23].

Тавре ки мебинем, сабки печидаву торики Бедил умри чандон дарозе дар ин сарзамин намебинад ва бо Улвию Саҳбоӣ, ки аз шоирони асри 19 мебошанд, ба ҳаёти худ хотима мебахшад ва шоирон ба равшангӯёни сабкҳои хуросониву ироқиву ҳиндӣ ва ҳатто бозгашти Эрон, аз ҷумла Қоонӣ, ки осораш нав ба сарзамини Ҳинд ворид шуда буд, ба эҷоди осори равшану равон мепардозанд, яъне, ба қавли Шиблии Нуъмонӣ, як навъ бозгаштро ба майдон меоранд ва адабиёту адибонро аз асорати шеъри мураккабу печидаи Бедил озод месозанд. Аммо дар Мовароуннаҳр, ки тоҷикон аз давлати миллӣ маҳрум буданд ва адибону адабиёт мавриди ғамхории давлат қарор надошт, адибон, ки роҳи ғафлату бехабарию гумроҳӣ месипарданд, як навъ аробаи холиро мекашиданд ва баръакси шоирони Ҳинду Эрон, ҳамагӣ, ба осори мураккабу тираи Бедил рӯ оварда буданд ва ба тақлиду пайравии ӯ сухан

[23] Алтоф Ҳусайни Ҳолӣ. Ёдгори Ғолиб. –Деҳлии нав, 2000. –С.355).

мегуфтанд ва умри азизу истеъдоди волои худро қурбони ғафлату бехабарию ақибмондагӣ мекарданд.

Албатта, дар Мовароуннаҳр низ як навъ дурӣ аз осори гунгу печидаи Бедил ва рӯ овардан ба сухани содаву равон шуруъ шуда буд, аммо бисёр заифу камранг буд ва барои пурра аз асорати осори номаҳфуму тираи Бедил халос кардани адабиёт ва адибон дар ин сарзамин зӯраш намерасид ва маҷоли муқовимати ҷиддӣ надошт. Дар ин бора устод Айнӣ чунин хабар медиҳад: «Аммо забони шеърӣ то охирҳои асри 19 бештарин тақлиди забони Бедил бошад ҳам, аз охирҳои ин аср сар карда, ҳаракати майлон ба забони омма-забони содаи ҳамафаҳм ба майдон омад. Шеърҳои охирини Шоҳин, Қозӣ Қурбонхон, Музтариб, Ҳайрат ва дигарҳо аз ҳамин қисми охирианд»[24]. Ба ҳарфи дигар, дар ин ҷо ҳам, мисли Ҳиндустон баъзеҳо, ки дар ибтидо ба сабки печидаи Бедил сухан мегуфтанд, баъд аз бебарорӣ ва фаҳмидани иштибоҳи худ, аз тарзи печидаву муғлақи Бедил даст мекашиданд ва тарзи содаву равшан гуфтанро интихоб мекарданд. Чунон ки устод Айнӣ дар китоби «Намунаи адабиёти тоҷик» қайд менамояд, «Қозӣ Абдулвоҳид, Садри Сарир, Сират, Исомаҳдуми Муфтӣ… баъд аз он, ки дар авоили ҳол дар назму наср Бедилро тақлид карда буданд, дар овони охирӣ соданависиро машқ менамуданд»[25]. Дар ҳақиқат, майлони содаву равшангӯӣ, ки онро Аҳмади Дониш талқин мекард, ба адибон беасар намонд, онҳо оҳиста-оҳиста аз сабку услуби мураккабу печидаи Бедил даст кашиданд ва осори худро ба тарзи содаву оммафаҳм иншо намудан гирифтанд. Дар ҳамин давра буд ки бархе аз адибон на танҳо аз сабки печидаву гунги ҳиндӣ, ба вижа Бедил, ки дар фазои адабиву илмии Мовароуннаҳр

[24] Садриддин Айнӣ. Осори баргузида. –Ҷ.1. –С.54.
[25] Садриддин Айнӣ. Намунаи адабиёти тоҷик. –С.201.

ҳокими мутлақ буд, даст мекашиданд, балки як навъ эътироз ҳам мекарданд. Мо бархе аз намунаҳои ин гуна эътирозро, ки аз безорӣ ва гурези аҳли адаб аз сабки печидаи Бедил хабар медиҳанд, ин ҷо нақл менамоем:

*Назар кардам ба авзои замона,*
*Бирафта рағбати халқ аз миёна.*
*Ба назми Нозимӣ Толиб надидам,*
*Ба Шавкат хотири Соиб надидам.*
*Харидорон зи «Унсур» гашта Бедил,*
*Ки ӯ таъқидомез аст, мушкил*[26].

*Носеҳи Хатлонӣ*

*Чанд созам шона чун машшота гесӯи сухан?*
*Аз Ҷалолу Шавкату Бедил маро нанг асту ор.*
*То ба назми Хусрави фаррухнишон бастам рақам,*
*Гашт мазмунҳо зи эъҷози каломам ошкор*[27].

*Фориги Ҳисорӣ*

*Мо ҷумлаи шоирон саросар*
*Аз пой фитодаем яксар.*
*Дар васфи узору чашми шаҳло*
*Гуфтем қасидаҳои ғарро.*
*Дар гӯшаи ишқҳои мавҳум*
*Кардем басе раҳи талаб гум.*
*З-ин гуна абас ғазалсарой*
*Мондем ба рӯзи бенавоӣ.*
*Ҳастем кунун забонбурида,*
*Дар гӯшаи узлат орамида…*
*Услуби дигар ниҳем бунёд,*
*Созем равони Рӯдакӣ шод.*
*Равнақ бидиҳем илму фанро,*

[26] С.Амирқулов. Адабиёти тоҷик дар нимаи якуми асри XIX. –Душанбе, 1980. –С.16.
[27] Фориғи Ҳисорӣ. Девон. Нусхаи №892(Дш). –В.63б.

*Обод кунем ин Ватанро*[28].

*Мирзо Сироҷ*

Аммо, бо ин ҳама, адибони замони Аҳмади Дониш натавонистанд, ки худро аз асорати осори печидаи Бедил раҳо кунанд ва мисли адибони Эрон, Ҳинд бозгашти адабиро ташкил намоянд ва билкул аз сабки печидагӯён даст бикашанд, ба интиқоди Бедилу осори мавҳуму муғлақу печидаву хаёломезу истиориву ташбеҳиву киноии ӯ бипардозанд, садо баланд кунанд ва ба эҷоди забони содаву равон даст ёбанд. Аз ин рӯ, бедилгароӣ, печидагӣ, мавҳумбаёнӣ дар фазои адабиёти асри 19 (замони зиндагонии Аҳмади Дониш) ҳамоно ба умри худ идома мебахшад. Танҳо пас аз ғалабаи инқилоб ба бедилгароӣ, яъне ба пайравию тақлиди осори мураккабу муғлақу печида хотима дода мешавад. Бад-ин тартиб, метавон гуфт, ки миллати тоҷик на танҳо аз асорати сиёсии амирони турку муғул, руҳониёни арабмаоб, балки аз асорати осори гунгу торики Бедил низ озод мегардад, ба ташкили адабиёти милливу дур аз такаллуфу тасаннӯъ комёб мегардад, бо сабки содаву равон суруди зиндагию ҳаёти хушбахтонаи хешро мутаранним мешавад:

*Эй ситамдидагон, эй асирон,*
*Вақти озодии мо расид.*
*Муждагонӣ диҳед, эй фақирон!*
*Дар ҷаҳон субҳи шодӣ дамид…*[29]

Мо барои он ки таъсири манфии осори мураккабу гунги Бедилро дар муҳити адабии Мовароуннаҳр нишон бидиҳем, қабл аз ҳама аз осори Бедил мисол меорем, то хонанда бубинад ва бидонад, ки оё ин гуна осорро, ки бо забону баёни

[28] Худойназар Асозода. Таърихи адабиёти тоҷик. –Душанбе:Маориф ва фарҳанг, 2014. –С.34.
[29] Садриддин Айнӣ. Ахтари инқилоб. –С.9.

булаҷабу буқалмун аз қаламаш рехтааст, пайравию тақлид кардан савоб аст ё хато? Оё аз касе, ки худ соҳиби забон нест, муқаллиди забон аст, забони тоҷикиро аз мактабу мадраса омӯхтааст ва дар тақлиди соҳибони забон эҷод менамояд, пайравию тақлид кардан мумкин аст? Оё хандовар ва шармовар нест, ки соҳибони забон аз касе, ки соҳиби забон нест, забону адабиёт биёмӯзад? ва ғайра ва хоказо. Лиҳозо, аввал аз насри Бедил, ки онро танҳо худи адиб мефаҳмад, мисол меорем, аммо мо барои овардани намуна дур намеравем. Фақат бо овардани дебочаи куллиёти Бедил иктифо менамоем: «Аммо баъд мизони тааммули инсофсанҷон мунҳарифи тағофул мабод, ки решаи ҳар ниҳол дар бидояти нашвунамо чун нафаси субҳ ногузири изҳори заифист ва шӯълаи ҳар камол дар оғози қоматорой чун чун моҳи нав беихтиёри арзи наҳифӣ. Сухан, яъне ниҳоли гулшани табиат то аз рашаҳоти саҳоби фикр ба имтидоди обёриҳои равонии табъ решаи иборат дар замини матонат устувор накунад, гулҳои маънӣ дар назари имтиёзи баҳортабъон дастаи рангинӣ намебандад ва шуълаи идрок то ба доман задани мирваҳои анфос ва авқот уруҷи камол нагирад, партави мазомин дар чашми эътибори хуршеднигоҳон ба фурӯғи қабул намепайвандад... Ҳарчанд ин бетароватон дар гулшани маонӣ қобилияти бор надоштанд ва дар ҳадиқаи камол ҷуз арақи инфиол тухме намекоштанд, мутолиаи сархати тааммул написандид, ки нуқтавор чашми мурувват бипӯшад ва аз доруламни таслим дар саъи ихроҷашон кӯшад. Ночор рабти ин бебизоатон бо моядорони гавҳари камол аз шуъбаҳои зарурати вифоқ фаҳмид ва ихтилоти ин афсурдагон бо тозарӯёни чамани хаёл аз поси номуси иттифоқ андешид. Ҳар ҷо мадҳ ва замме ба силки рақам пайваста бошад, мохасали ихтилофҳои сӯҳбат фаҳмидан аст ва ҳар куҷо ҳазён домани тақрир шикаста, ба

муқтазиёти хобҳои ғафлат во расидан. Одамиро то мутолиаи қафаси зону дарёфтан илтифоти ин ҳарзамашқиҳо ночорист ва то муаммои улфати танҳоиро шикофтан майли ин дарсҳо беихтиёрӣ. Ва ҳар гоҳ мутолиаи баҳорасар ин авроқи хазониро ташрифи дафтари гул арзонӣ фармоянд ва ба тааммули хуршедназар ин шабистони зулмонро музайяни анвори саодат намоянд, ба мушоҳидаи хошок назари илтифот аз сайри гулҳо дареғ надоранд ва ба рафъати сатторӣ хатоҳои суханро чун сурати сухан нодида ангоранд… Лоҷарам натоиҷи афкоре, ки решаи таҳрир дар замини ин авроқ давонидааст ва барги шохсори сатр гардида, аксар аз абҷадҳои машқи Бедил аст, инфиоли қусур дар бор ва хиҷлати ҷаҳли муракаб даркор»[30].

Аз барои савоб, хонандаи азиз, ин чӣ гуна забону баён аст, мо намедонем, намефаҳмем? Бояд худи адиб зинда шавад ва бигӯяд, ки ин чӣ гуна забону чӣ гуна баён аст. Акнун тасаввур кунед, ки соҳибони забон, яъне онҳое, ки тоҷикӣ забони модарии онҳост, аз касе, ки забони тоҷикӣ забони модарии ӯ нест, бояд тақлиду пайравӣ намоянд ва осори худро аз ӯ ҳам мураккабтару печидатару ғарибтар эҷод намоянд. Аммо онҳо намедонанд, ки дигар аз ин ҳад пеш рафтан мумкин нест, бояд роҳи дигарро баргузид, зеро забони нобу поки тоҷикиро ба ин ҳад расондан, олуда кардан гуноҳу беҳурматӣ нисбат ба забон ва соҳибони он аст. Аммо вақте ки соҳибони забон аз ин гуна забону баён таҳсин мекунанд оҳу воҳ мегӯянд ва гӯяндаи ин гуна осори гунгро аз тамоми сухангӯёни олам боло мегузоранд ва мегӯянд, ки «Баланд аст аз фалак маъвои Бедил, Набошад ҳеҷ касро ҷойи Бедил» (Туғрал), метавон худ ба худ ба хулосае омад, ки завқи аҳли адаби Мовароуннаҳр то кадом дараҷа таназзул карда будаасту эшон дар қаламрави  ҳаёт, адабиёт,

[30] Абулмаонӣ Мирзо Абдулқодири Бедил. Куллиёт, ҷилди аввал, Кобул, 1341, дебоча,с. 5-6.

фарҳанг чӣ тавр кӯр-кӯрона амал мекардаанд ва мекунанд. Ин ҳолат бори дигар нишон медиҳад, ки дар ҳақиқат, адибони минтақаи Мовароуннаҳр то замони муғул дар арсаи эҷод пештозу пешоҳанг буданд, адибони минтақаву сарзаминҳои дигар онҳоро пайравӣ мекарданд, аммо баъд аз омадани муғул Мовароуннаҳр ба минтақаи пайрав табдил меёбад, зеро адибон аз ин замон ба баъд ҳамеша чизе, ки аз берун меомад, хоҳ мутараққӣ бошад, хоҳ иртиҷоӣ, хоҳ паст бошад, хоҳ баланд, ба он пайравӣ ва тақлид мекарданд. Масалан, баъди расмият ёфтани сабки ҳиндӣ осори ҳар шоире, ки аз Эрону Хуросону ва ҳатто Ҳинд, як кишвари хориҷӣ, ба ин сарзамин меомад, фавран мавриди тақлиду пайравии аҳли эҷоди Мовароуннаҳр қарор мегирифт. Мисли осори шоироне чун Ваҳшӣ, Фиғонӣ, Назирӣ, Толиби Омулӣ, Урфӣ, Нозими Ҳиротӣ, Зуҳурӣ, Калим, Санҷар, Қассоб, Ғанӣ, Носиралӣ, Бедил дар гузашта ва осори Эраҷу Баҳору Раҳию Нодирпуру Фурӯғу Шомлуву Иқболу дигарон дар замони мо. Чунончи, Қассоб, ки як шоири мутавассити сабки ҳиндӣ маҳсуб мешавад, аммо он замон осораш мавриди пайравию тақлиди аҳли адаби Мовароуннаҳр қарор гирифта буд. Ҳол он ки сабки ҳиндӣ садҳо шоири дигар дошт, ки аз ӯ мақоми волотар доштанд. Мо ҳамаи онҳоро классик хондем. Тавре ки Бедилро низ классик хондем. Ба сухани дигар, дар он замон ҳар чӣ ки аз хориҷи кишвар меомад, фавран мавриди тақлиду пайравии аҳли адаб қарор мегирифт. Масалан, ашъори Нозим, тибқи маълумот, тавассути Тоиби Ҳиротӣ ба Мовароуннаҳр омад, агар осори ӯро намеоварданд, касе нозимгароӣ намекард, агар осори Бедилро ҳам ба Мовароуннаҳр намеоварданд, касе намедонист, ки Бедил гуфтанӣ шоир аст. Агар осори Мунир ё Шайдоро меоварданд, ҳатман ҳама ба Шайдо ва Мунир пайравӣ мекарданд. Аммо, вақте ки осори печидаву буқаллумуни Бедилро огоҳона, бо сабабҳои айниву зеҳнӣ ба

ин минтақаи пайрав оварданд, адибон кӯр-кӯрона, бе он ки савобу хатои осори ӯро бисанҷанд, бидонанд, ба тақлиду пайравӣ сар карданд, адабиётро ба бероҳравӣ, сӯи ҷарӣ тела доданд ва бад-ин тартиб як навъ ба истеъдоди худ ва адабиёти хештан ҷабру ситам намуданд. Лиҳозо, адабиёт дусад сол дар қаламрави бебандуборӣ, нокомӣ ҳаракат намуд, натавонист худро аз қайди осори гунги Бедил раҳоӣ бубахшад. Танҳо баъди инқилоб адабиёт худро аз асорати осори печидаву тираву хираи Бедил раҳоӣ бахшид ва адибон на ба забони буқалламуни Бедил, балки ба забони софу равшану ноби модарии худ ба эҷоди бадеъ пардохтанд ва адабиётро ба зиндагию воқеият ва ҳаёти халқ пайванд сохтанд. Агарчи қаблан низ дар роҳи ҷилавгирӣ аз ин сабки печидаи Бедил бархе аз адибон, аз ҷумла Аҳмади Дониш, Сомӣ, Шоҳин, Ҳайрат, Савдо, Фориғ, Носеҳ, Мирзо Сироҷ ва ғайра, саъю талош карданд аммо натавонистанд, ки адабиётро наҷот бахшанд, танҳо инқилоб имкон фароҳам сохт, ки адабиёт худро аз аносири бегона наҷот бахшад. Хусусан, хидмати Айнӣ дар ин замина хеле бузург аст. Аз ин рӯ, мо дигар ҳақ надорем, ки хатои пешинро такрор намоем, шеъру адаби имрӯзаро ба сӯйи гунгӣ барем ва аз дастуру раҳнамоиҳои устод Айнӣ канораҷӯи намоем, яъне аз нав ба тақлиду пайравии осори печидаву гунги Бедил ҳиммат гуморем. Ин гуноҳи азим ва нобахшуданист.

Мо, албатта, метавонем аз осори дигари насрии Бедил, аз ҷумла «Нукот ва мактубҳои ӯ, низ мисол биёрем, то хонандагон худ қазоват кунанд, ки ин чӣ гуна наср, чӣ гуна забон аст, барои кӣ навишта шудааст?. Аммо алъон маҷоли сухан танг аст. Биноан, як намунаи дигар аз назми ин адиби сарбастагӯ меорем ва аз хонандагон хоҳиш менамоем, ки ба осори насрию назмии ин адиб ба дидаи инсоф бингаранд, бихонанд, худ хулоса бароранд, ки ин чӣ наср ва назм аст, ки

адабиёт ва адибони моро дусад сол дар тилисми худ печонд, ҷоду кард ва нагузошт, ки аз банди тақлиду пайравӣ берун биёянд. Инак, як намуна аз назми Бедил:

*Шаб, ки ҳуснаш бар арақ печид сомони қадаҳ,*
*Нози мастӣ буд гулбози чарогони қадаҳ.*
*Маҳви он кайфиятем, аз мо ба ғафлат нагзарӣ,*
*Олами обест сайри чашми гирёни қадаҳ.*
*Ҳар куҷо бо ёди чашмат гиряе сар мекунем,*
*Медарем аз ҳар намӣ ашке гиребони қадаҳ.*
*Дар хароботе, ки мастон зарфи ҳиммат чидаанд,*
*Нуҳ фалак як шиша аст аз тоқи нисёни қадаҳ…*
*Бӯи ранге бурдаӣ, гирди сараш гардонда гир,*
*Бодаат як парзаданвор аст меҳмони қадаҳ.*
*Машраби инсофи мо хиҷлаткаши хамёза нест,*
*Лаб намеояд ба ҳам аз шукри эҳсони қадаҳ.*
*Чашм агар бе нам шуд, уммед гудози дил қавист,*
*Шиша дорад гардане дар раҳни товони қадаҳ.*
*Гар дил аз тангӣ бароят, лофи озодӣ баҷост,*
*Нози машраб нест ҷуз бар дасту домони қадаҳ.*
*Майкашон пур бенавоянд, аз бизоатҳо мапурс,*
*Мекунад воми арақ аз шиша урёни қадаҳ.*
*Истиороти хаёле чанд бар ҳам бастаем,*
*Умрҳо шуд мепарад анқо ба мижгони қадаҳ…*[31]

Бадбахтона, мардуми мо асрҳост, ки дар ботлоқи ҷаҳлу ғафлат ғӯтидаанд, сиёҳро аз сафед, некро аз бад, сараро аз носара, дӯстро аз душман, хубро аз бад, зарарро аз фоида фарқ намекунанд, тамиз намедиҳанд. Бинобар ин, имрӯз ҳам кӯр-кӯрона боз ба оташи шеъри Бедил ва бедилгароӣ, ки адабиёти моро дусад сол ба ақиб бурда буд, аз нав равған мерезанд ва ҳушдорҳои бузургон, аз ҷумла устодон Айнӣ,

[31] Абулқодири Бедил. Куллиёт. –Ҷ.4. –Душанбе:Адиб,2004. –С.19.

Шафеъии Кадканӣ, Шиблии Нуъмонӣ ва дигаронро, ки ба мутаассибону фирефтагону гумроҳону тақлидгарони Бедил дода буданд, фаромӯш менамоянд, аз нав даст ба тақлиду пайравӣ мезананд, даст ба тарғибу ташвиқи осори ин шоири мураккаббаёну тирасухан мезананд, шеъру суханро боз ба сӯи гунгию номафҳумӣ мекашанд ва дари навгароию навгӯӣ, навсароию равшану равонгӯиро бар рӯйи ҳаммиллатон мебанданд. Ин амал хиёнат ба адабиёт ва як навъ ҷиноят дар назди миллат аст, ки аз худкушӣ ва ғафлати миллати мо дарак медиҳад. Албатта, ин худкушӣ ва ғафлати мо имрӯзӣ нест, балки суннати қадима дорад. Агар чунин намебуд, Фирдавсии ҳушёру огоҳу ватанпарвару миллатдӯст, ки Аҷамро ба порсӣ-тоҷикӣ зинда карда, аммо аз ғафлату ҷаҳолати ҳамватанонаш бо сутӯҳ омада буд, чунин намегуфт:

*Ҷаҳон сар ба сар ҳикмату ибрат аст,*
*Чаро баҳраи мо ҳама ғафлат аст?*[32]

Зимнан бояд гуфт, ки имрӯз замони аз ғоби ғафлат бедор шудан, ибрат гирифтан, ислоҳ кардани иштибоҳоти гузаштааст. Иштибоҳоте, ки ҷанбаи айнию зеҳнӣ дошт. Худи ҳамин зиндагию осори Аҳмади Дониш бароямон ибрат аст, зеро ӯ, бо вуҷуди мубориза эълон кардан бар зидди тақлиди Бедил, натавонист худро аз чанги забон ва баёни тираву торики Бедил раҳоӣ бубахшад ва афкори оливу лоязолиашро ба забону баёни дастрас, содаву фаҳмо барои ҳаммиллатон ироа намояд ва аз ҷойгоҳе, ки дархури шаъни ӯст, бархурдор гардад. Агар Аҳмади Дониш дар он замон осорашро ба забони содаву равшан, ки асли кори эҷод аст, менавишт, на ба сабки мураккаби Бедил, имрӯз ба дараҷаи адиб ва мутафаккири ҷаҳонӣ мерасид ва шинохта мешуд. Мутаассифона, маҳз ба сабаби забон ва баёни бедилгунааш имрӯз ҳам ӯро мардум ба

[32] Абулқосим Фирдавсӣ. Шоҳнома. –Ҷ.3. –Душанбе:Адиб, 1988. –С.151.

хубӣ намешиносанд ва дар доираи маҳдуд осори ӯро механанду мефаҳманд, зеро, ба қавле, «Наводир-ул-вақоеъ»-ро бе «Ғиёс-ул-луғот», «Бурҳони қотеъ» фаҳмидан мумкин нест» (Деҳотӣ). Албатта, ин ҳамон таъсири манфии забон ва баёни мураккабу печидаи осори Бедил ва зарари он ба адабиёти мост, ки захмҳояш то ҳанӯз шифо наёфтаанд. Аз ин рӯ, мо бояд ин пандҳои устодони бузургамонро овезаи гӯшу ҳуши худ намоем ва забону адабиётрро ҳеҷ гоҳ аз мардум дур набарем, онро аз нав ба ҷарӣ тела надиҳем ва мардумро ба гумроҳӣ ҳидоят нанамоем, зеро, ба қавли устод Айнӣ, «шакл ва услуби Бедил, ба сабаби душворфаҳмиаш, қобилияти умумӣ шудан надошт ва нашуд. Бинобар, ин баъзе шоироне ҳам, ки услуби Бедилро бомуваффақият тақлид карда намунаҳои дуруст дода буданд, дар охир аз ин роҳ баргашта ба оммафаҳм кардани асарҳои худ кӯшиш намуданд».[33] Воқеан, миллате, ки мисли Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Низомӣ, Саъдӣ, Мавлавӣ, Ҷомӣ, Калим, Қоонӣ, Шоҳин, Айнӣ, Лоҳутӣ, Турсунзода ва садҳо дигар адибони саҳли мумтанеъгӯй дорад, ҳоҷат ба пайравии печидагӯёне чун Заҳиру Анварию Хоқонию Зулоливу Ҷалоли Асиру Шавкату Носиралӣ, ба вижа Бедилро надорад. Ба қавли шоир:

*Ғафлат нигар, ки пушт ба меҳроб кардаем,*
*Дар кишваре, ки қибланамо мавҷ мезанад.*[34]

Бинобар ин, Шафеъии Кадканӣ низ дар пешсухани китоби «Шоири оинаҳо» ба адибон чунин ҳушдори омӯзанда медиҳад ва мегӯяд: «Ин маҷмӯаро ба ҳамаи шоирони ҷавоне, ки дар густураи забони форсии дарӣ мекӯшанд, бо ибтизоли «фикр» ва «забон», ба гунае санҷида ва жарф мубориза кунанд, тақдим

[33] Садриддин Айнӣ. Мирзо Абдулқодири Бедил. –Сталинобод, 1954. –С.108-109.
[34] Соиб. Мунтахабот. –Душанбе:Ирфон, 1980. –С.451.

мекунам»[35]. Албатта, мо метавонем аз ин гуна ҳушдорҳо, ки адибони огоҳу мутараққӣ, дилсӯз ба аҳли адаб, хусусан роҳравони ҷавони шеър, додаанд, боз ҳам биёварем, аммо сухан ба дарозо мекашад. Лиҳозо, мо бо овардани як намунаи дигар аз суханони яке аз адибони бузурги сарзамини Ҳинд, ки дар ибтидо ӯ низ монанди адибони мо роҳи гумроҳӣ месипард ва бо ғурури ҷавонӣ, таҷрибаи ками зиндагӣ ва мутолаи андак дар асорати Бедил монда, аммо пасон худро  аз асорат раҳо карда, назму насрашро содаву равон нигошт, Мирзо Ғолиб иктифо менамоем. Он ҳушдорест неку омӯзанда ба мутаассибон ва тарғибгарони огоҳу ноогоҳи Бедил, шеъри печидаву гунг ва баёни тираи ӯ: «Бидон, эй ҳушманди суханпайванд, ки номанигорро он бояд, ки нигоришро аз гузориш дуртар набурда, набиштанро ранги гуфтан диҳад ва матлабро бад-он равиш гузорад, ки дар ёфтани он душвор набувад ва агар матлабе чанд дошта бошад, дар тақдиму таъхир жарфнигоҳӣ ба кор барад ва аз он парҳезад, ки дар сухан гиреҳ дар гиреҳ гардад ва аҷзои муддао ба ҳамдигар фурӯ хӯрад. Зинҳор истироаҳои луғоти мушкилаи номаънус дар иборат дарҷ накунад ва дар ҳар навард риояти рутбаи мактуби алия дар назар дорад. То тавонад суханро дарозӣ надиҳад ва аз такрори алфоз муҳтариз бошад ва бештар ба мазоқи аҳли рӯзгор ҳарф занад ва аз иҳотаи қавоиду қавонине, ки қарордодаи ин мардум (тоҷикону форсҳо, соҳибони аслии ин забон-Ҷ.С.) аст бадар наравад, аммо андозаи хубии забон нигоҳ дорад ва ин порсии омехта ба тозиро дар кашокаши тасарруфоти ҳиндизабонони порсинавис зоеъ нагузорад ва луғоти арабӣ ҷуз ба қадри боист сарф нанамояд ва пайваста дар он кӯшад, ки содагӣ ва нағзӣ шиори ӯ гардад»...[36] Аммо

[35] Муҳаммад Шафеии Кадканӣ. Шоири оинаҳо. –Теҳрон, 1387. –С.3.
[36] Мирзо Асадулло Ғолиб. Мунтахаби осори форсӣ. –С.301-302.

мусаллам аст, ки «содагию нағзӣ», сухани равону фасеҳ гуфтан ба осонӣ ба даст намеояд, балки бо заҳмату меҳнати зиёд ва дуди чароғу хуни дил хурдан ба кас муяссар мешавад. Боз ҳам ба қавли Ғолиби Деҳлавӣ, ки дар ҷое мегӯяд:

*Эй, ки дар нутқам равонӣ дидаӣ, донӣ ки чист?*
*Мехӯрам хуни дилу мерезад аз лабҳои ман* [37].

[37] Ҳамон ҷо. –С.247.

**Кароматулло АБДУХАЛИЛЗОДА**
*номзади илми фалсафа*

## ХУРОФОТРО ТАНҲО ИЛМУ ДОНИШ РЕШАКАН МЕНАМОЯД!

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми имсолаи хеш ба Маҷлиси Олӣ тамоми дастовардҳои кишварро дар тӯли сӣ соли Истиқлолияти давлатӣ воқеъбинона ва ба таври муътамад таҳлилу баррасӣ намуда, вазифаҳои панҷ соли ояндаро мушаххасан нишон доданд. Аллакай дар оғози баромади хеш Пешвои миллат таъкид намуданд, ки роҳи пешгирифтаи кишвар роҳи дунявӣ буда, он дар моддаи якуми Конститутсия дарҷ ёфтааст ва аз тарафи тамоми мардуми кишвар якдилона тавассути референдум ва раъйпурсии умумихалқӣ қабул шудааст.

Аз суханрониҳои Пешвои миллат ба хубӣ эҳсос мегардад, ки Сарвари кишварро бо вуҷуди дастовардҳои назаррас дар таълиму тарбияи насли ҷавон боз як масъалаи хеле муҳим - хурофот аз ҳар вақт дида бештар ба ташвиш овардааст. Ба масъалаи таълиму тарбияи насли ҷавон дахл карда, Пешвои миллат таъкид намуданд, ки мо, воқеан ҳам, бо ҷавонони бонангу номуси кишвар ифтихор менамоем. Онҳо дар дигаргунсозиҳо ва рушди ҳаматарафаи ҷомеа саҳми худро гузошта истодаанд. Ҳамзамон, Пешвои миллат ба масъалаи хурофот ва хурофотпарастӣ дахл намуда, зарари онро барои ҷомеа, махсусан барои насли ҷавон таъкид карданд. Президенти кишвар сареҳатан иброз намуданд, ки хурофот ин ҷаҳолат аст. Бо хурофот ҷомеаро пеш бурдан ғайриимкон аст. Воқеан ҳам, дар ҳолате, ки илму техника имрӯз бо суръати

кайҳонӣ пеш меравад, пойбанди хурофот ва фарҳанги асримиёнагӣ будан маънои беэътиноӣ, бемасъулиятӣ, бетарафӣ нисбат ба ояндаи тақдири худ ва насли минбаъдаро дорад. Чӣ тавр бо фарҳанги асримиёнагӣ ҷомеаи имрӯзаро пеш бурдан мумкин аст? Албатта, ин амал ғайриимкон аст. Барои пешбурди ҷомеа ҳамқадами замон шудан ҳатмӣ ва ногузир аст. Расидан ба ҳадафи мазкур аз нав дида баромадани низом ва мундариҷаи таълимро дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот дар назар дорад. Яъне, муносибат ба илму маориф бояд сифатан дигаргун карда шавад.

Воқеан ҳам, Пешвои миллат ба масъалаи хурофоту мубориза ба он хеле оқилона ва дурандешона назар андохтанд. Боиси таассуф аст, ки мавқеъ ва ҷойгоҳи хурофот дар мафкураи аҳли ҷомеа ҳанӯз ҳам қавӣ боқӣ мемонад. Имрӯз мо дар қарни XXI зиндагӣ мекунем, лекин боз ҳам дар доираи меъёрҳою қолибҳои фикрии асримиёнагӣ андеша меронем. Боре таваҷҷуҳ намекунем, ки худи хурофот чист? Аз куҷо вай маншаъ мегирад? Барои чӣ то кунун вуҷуд дорад? Кадом қишрҳои ҷомеа бештар хурофотиянд? Магар хурофот метавонад, ки паёмади мусбат дошта бошад? Зарари хурофот барои ҷомеа дар чӣ ифода меёбад? Чӣ тавр онро бояд решакан намуд? Инҳо саволҳое ҳастанд, ки пайваста мавриди таваҷҷуҳи равшанфикрони ҷомеа қарор мегиранд ва посухҳои қатъии худро аз тарафи коршиносон интизоранд.

Гарчанде нуқтаи назарҳо гуногунанд, лекин мо бар онем, ки хурофот – ин тасаввуротест, ки бидуни асоси илмӣ ва мухолифи аҳкоми дини расмӣ ба дурустии он бовар карда мешавад. Ба таври мисол ба чанд намунаи хурофот, ки ба қолибҳои урфию мақолӣ дохил шудаанд, ишора мекунем: чун гурбаи сиёҳ аз пеши шахс гузашт, пас ҳодисаи нохушеро ба бор хоҳад овард; дасти чапат хорид, пул меояд ва агар дасти ростат хорид, пул сарф мегардад; агар шахс рӯзи

таваллудашро пештар таҷлил намояд, вай тез мефавтад. Чунин намуна ва мисолҳоро метавон зиёд овард, ки сатҳи хурофазадагии ҷомеаро намоён мекунанд. Агар ба таносуби ҳодисаҳои зикргардида таваҷҷуҳ намоем, пас ба осонӣ мебинем, ки байни онҳо ҳеҷ робитае нест ва буда ҳам наметавонад. Тасодуфан рух додани ҳодисаи дуюм баъд аз ҳодисаи якум сабаби пайдоиши боварии беасос гардидааст. Чунонки ба тафаккури эътиқодӣ хос аст, шахс ба сабаби оҷизӣ дар шарҳи сабаби рух додани ҳодисаи якум оҷиз монда, кори аз ҳама осон – онро ба ҳодисаи баъдӣ марбут донистааст. Тафаккури аз ҳаракат бозмонда ё танбал ба ҷойи ҷустуҷӯи посухи дуруст бо ҷавоби қаблан тарҳрезишудаи тасаллиомез, ки тайи солҳои тӯлонӣ ба хурофаҳои оммавӣ бадал шудаанд, худро тасалло дода, ҳамин тавр, масъаларо ба содагӣ (бидуни дар назар гирифтани мантиқу тафаккур) ҳал менамояд.

Хулоса, хурофот аз ҷаҳлу бесаводӣ, бемаърифатӣ, дуруст надонистани робитаҳои сабабии чи ҳаводиси ҷамъиятӣ ва чи табиӣ маншаъ мегирад. Дар ин хусус Пешвои миллат дар Паёми имсолаи хеш хеле дуруст қайд намуданд, ки хурофот ин ҷаҳолат аст.

Дар хусуси то кунун вуҷуд доштани хурофот андешаҳо гуногунанд. Лек моро ақида чунин аст, ки қисмате аз мардуми мо то кунун пойбанди тафаккури эътиқодӣ буда, аз тафаккури воқеии илмӣ дар канор мондааст. Барои ташаккули тафаккури воқеии илмӣ моро зарур аст, ки пеш аз ҳама, воқеъбин буда, дар маърифати воқеияти моро иҳотанамуда методҳои мухталифи илмии ба таҷриба асосёфтаро мавриди корбурд қарор бидиҳем.

Дар хусуси он ки кадом қишри ҷомеа бештар хурофотист, ҳамин нуктаро бояд такрор ба такрор ёдовар шуд: ҳамон қишре, ки камтар китоб мехонаду ҳаводиси табиию ҷамъиятиро аксаран дар асоси гуфтаҳои дигарон шарҳ

медиҳад, бешак, хурофотист. Зеро тафаккури илмӣ дар асоси хондани китоб шакл мегирад ва рушд меёбад. Шахсе, ки китоб намехонад, бешак, фикр ҳам намекунад ва аз ин ҷо қобилияти андешаронии ӯ рушд намекунад. Чунин ашхос маводи шунидаро бетааммулу тааққул ба ҳамсони худ дастрас мекунаду ба интишори хурофот замина мегузорад.

Дар хусуси он ки хурофот метавонад, ки паёмади мусбат дошта бошад, ҷавоби мо инкорист. Зеро падидае, ки дар табиати худ манфӣ арзёбӣ мегардад, чӣ тавр метавонад, паёмади мусбӣ ба бор оварад? Падидаи манфӣ ва зарарнок будани хурофот дар он ифода меёбад, ки вай пеши роҳи дурусти инкишофи ҷомеа, ташаккули шахсияти солим ва рушди тафаккури илмиро мегирад. Пойбандӣ ба хурофот шахсро водор менамояд, ки ба воқеияти имрӯза аз доираи арзишҳои қафомондаи асримиёнагӣ баҳогузорӣ намояд. Пойбандӣ ба хурофот на танҳо шахс, балки тамоми миллат ва ҳатто ҷомеаро вобаста ва дастнигари ҷомеаҳои ҳаматарафа пешрафтаи ҷаҳонӣ қарор хоҳад дод. Аз ин нигоҳ, бар муқобили он мубориза бурдан вазифаи ҳар як равшанфикр ва зиёии ҷомеа аст.

Ба саволи он ки онро чӣ тавр бояд решакан намуд, мо муътақидем, ки танҳо бо хондани китоб, пеш аз ҳама, ба таври асоснок, муътамад ва ҳаматарафа рушд бахшидани илмҳои табиӣ имкон дорад, ки ҳама гуна тафаккури хурофотӣ решакан гардаду барои рушди тафаккури илмӣ заминаҳои беэътимод гузошта шавад. Гузашта аз ин, фаро гирифтани илмҳои фалсафӣ, қабл аз ҳама, таърихи фалсафа, мантиқ, равоншиносӣ, равонковӣ (психоанализ), фарҳангшиносӣ, диншиносии илмӣ ва амсоли инҳо сатҳи огоҳӣ ва тафаккури таҳлилию интиқодии насли ҷавон, махсусан донишҷӯёнро боло бурда, роҳро барои шинохти хурофоту таассуби мазҳабӣ ва умуман, хурофазадагӣ ҳамвор месозад. Қобили зикр аст, ки

аллакай қариб 2 500 сол пеш аз ин Демокрит тасодуфиятро дар рух додани ҳаводис рад намуда, онро надонистани сабабҳои ҳодисаҳо арзёбӣ намуда буд. Ба таври илмӣ донистани сабаби ҳама гуна ҳаводиси чи табиию чи ҷамъиятӣ ба рушди тафаккури илмӣ мусоидат намуда, ҳама гуна тафаккури эътиқодиро решакан менамояд.

Ҷойи пӯшида нест, ки дар қуруни вусто ба сабаби паст будани сатҳи илму маърифат ва дастраси ҳамагон набудани он хурофот хеле авҷ гирифта буд. Маҳз заъфи илму дониш одамонро водор менамояд, ки сабаби ин ё он ҳодисаҳоро бо ҳодисаҳои тасодуфии дигар алоқаманд созанд ва бо ин роҳ ҳисси кунҷковии хешро қаноатманд гардонанд. Муҳити ғайриилмии ҳукмрон на танҳо пеши роҳи тафаккури илмиро гирифт, балки муҷиби бадбахтиҳои зиёди иҷтимоӣ низ гардид. Тафаккури хурофотии дар муҳити зикршуда ҳукмрон шахсро аз андешаи амиқу васеъ, ҷустуҷӯи мантиқӣ ва асосноки сабаби робитаҳо ва ҳодисаҳо боздошта, майнаи сари инсонро хушк ва худи ӯро танбал, тайёрхӯр ва заиф мегардонад. Тафаккури шахс ба ҷойи рушд намудан бидуни таҳлилу баррасии амиқ ба андешаи талқиншуда бовар намуда, аз инкишоф бозмемонад. Дар натиҷа, на як ё ду ҳодиса, балки тамоми ҳодисаҳо аз таҳқиқи воқеъбинонаи илмӣ дар канор мемонанд. Махсусан, ҳолатҳои ба душворӣ ё нокомӣ гирифторшавии шахс хеле муассир буда, дар муқоиса бо ҳолатҳои фараҳбахшанда ҳалли таъҷилиро тақозо менамоянд. Дар чунин ҳол тафаккури заифу нотавон ва ба ҷавобҳои тайёр одатнамуда ба ҷойи таҳлилу тааммулу тааққули дуруст тез ҷавоби стереотипшударо қабул намуда, худро бо ҳамин таскин медиҳад. Гӯё сабабгори нокомӣ ё бадбахтӣ ин ё он предмет ё ҳодисаи ба тозагӣ рухдода бошад. Дар чунин ҳолатҳо тафаккури илмии бо дониши муосир мусаллаҳ ҳодисаҳои мавриди матраҳро дуруст таҳлил намуда,

решаҳои воқеии онро меёбад ва барои пешгирии чунин тасаввурот назари худро пешниҳод менамояд.

Аз суханрониҳои Пешвои миллат дар Паёми имсола чунин хулоса бароварда мешавад, ки Сарвари давлат тамоми хусусиятҳо, нозукиҳо ва бурду бохти фазои маънавии кишварро хеле амиқ омӯхта, барои ислоҳи онҳо дидани чораҳои таъхирнопазирро ногузир мешуморанд. Дар ҷомеаи пурталотум ва пурраќобати имрӯза ягона роҳи таъмини хушбахтии воқеии аҳли ҷомеа илму маориф аст, на хурофоту ҷаҳолат. Зимнан, тавассути хурофот ва арзишҳои кӯҳна мо ба таври сунъӣ чархи таърихро ба қафо партофта, сабабгори бадбахтии воқеии миллионҳо мардуми кишварамон хоҳем шуд. Аз ин рӯ, ҳар шахси ватандӯсту меҳанпарастро зарур аст, ки дар партави нишондодҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳисси баланди худшиносию худогоҳӣ нишон дода, ба муқобили хурофоту арзишҳои куҳнаи асримиёнагӣ мубориза барад ва чун ниёгони хеш парчами илму маърифатро баланд бардошта, онро роҳнамои ягона ва воқеан ҳам, дурусти зиндагӣ қарор диҳад.

Дар ин самт ҷомеашиносон, олимони соҳаҳои мухталиф, омӯзгоронро зарур аст, ки барои ташвиқу тарғиби улуми табиӣ ба таври ҷиддӣ машғул шуда, барои баланд бардоштани парчами фарҳанги миллӣ, ташаккули худшиносии миллии насли ҷавон, тавлиди эҳсоси худогоҳию меҳанпарастии онҳо саҳмгузор бошанд.

**Нозим НУРЗОДА**
*пажӯҳишгар*

# БОЗШИНОСИИ ХУРОФОТИ МАЗҲАБӢ ДАР ҶАРАЁНИ ТАДРИСИ ФАННИ АДАБИЁТИ ТОҶИКӢ

*(чанд андешаи муқаддимотӣ)*

Дар олами андешаи инсонӣ, хусусан дар ҳавзаи фарҳангии тоҷикӣ аз қадим то имрӯз адабиёт ҷойгоҳи махсус дошта, ба инсон дар шинохти комплекси бовару эътиқодоташ кумак намудааст. Адабиёти форсу тоҷик, махсусан давраи классикӣ чеҳраҳои зиёди адабиро ба ҷаҳони маърифати башарӣ, назири устод Рӯдакӣ, Ҳаким Фирдавсӣ, Носири Хусрав, Хайёми Нишопурӣ, Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ, Саъдию Ҳофиз, Ҷомӣ, Соиб ва амсоли онҳо ҳадя намудааст, ки бо мероси гаронмояи худ дар ташаккул ва инкишофи тафаккури инсонӣ хидматҳои сазовор кардаанд. Ин тоифаи адибон, ки бо титулу унвонҳои адабию маърифатӣ ва иҷтимоию мадании «Устоди шоирон», «Султони шоирон», «Шайх», «Ҳаким», «Хоҷа», «Мавлоно», «Мавлавӣ» мушарраф гардидаанд, тавассути назму насри бадеӣ масоили ахлоқӣ, иҷтимоӣ, равонӣ, фикрӣ, динӣ-ирфонӣ ва фалсафиро матраҳ намуда, симои инсони воқеиро, ки орӣ аз таассубу хурофот аст, мавриди тасвир қарор додаанд.

Аслан, мубориза бо хурофоти динӣ ва мазҳабӣ дар адабиёти тоҷик мавзӯи наву тоза нест, вале дар ҳамаи давру замон муҳим будааст, чунки аз чигунагии мубориза бо хурофот давра ва марҳилаи адабию фарҳангӣ муайян ва мушаххас мешавад. Калимаи «хурофот»(шакли ҷамъи хурофа), ки онро ба сифати мавзӯи асосӣ мадди назар қарор додаем, дар луғат ба маънои ҳадиси ботил, сухани беҳуда ва

ёва далолат мекунад (ниг.: Фарҳанги Амид. –Ҷилди дувум. Таълифи Ҳасан Амид. –Теҳрон: Амири Кабир, 1375. -С.1001), яъне нафаре, ки бо сухану ҳадиси беҳуда, ботил ва бепоя андармон аст ва бар мабнои афкори пӯсида меандешад. Ба сухани дигар, чунин шахсро хурофотӣ ва ё хурофӣ мегӯянд. Вале ба маънии истилоҳӣ, хурофотӣ касеро гӯянд, ки дар шинохти масъалаҳои зиндагӣ на аз ақл, балки аз ҷаҳлу эҳсос истифода мебарад ва саранҷом ҳақиқатро вожгуна мешиносад ва ба дигарон мешиносонад. Мунташиркунандаи хурофоти динӣ-мазҳабӣ, асосан рӯҳониёни муҳофизакор ҳастанд ва дар гузашта онҳо дар симои шайху сӯфӣ ва зоҳиду обид зуҳур мекунанд. Онҳо тариқи тарғибу ташвиқи афсонаю ривоятҳои куҳна, гул задани авомуннос ҷомеа ва алалхусус, насли ҷавонро ба хурофот боварманд месозанд. Аз ин рӯ, шинохтани хурофоти динӣ ва симоҳои хурофӣ дар доираи илмҳои филологӣ ва фалсафӣ аз авлавиятҳои иҷтимоӣ маҳсуб мeёбад.

Дар гузашта бархӯрд ва мубориза бо хурофоти динӣ дар ҳар шаклу намуде зоҳир мешудааст ва бо назардошти шароити сиёсию иҷтимоӣ таҳаввул пазируфта, то замони мо расидааст. Вале як чиз мусаллам аст ва он ин аст, ки бузургони адабиёти форсу тоҷик ҳамеша дар ҳар шакле бо хурофоти динӣ бархӯрд карда, мубориза бурдаанд, то ҳамзамонону ояндагон аз зарару зиёни пурхатари он огоҳ бошанд. Ҳанӯз дар солҳои панҷоҳуми асри бистум адабиётшиноси маъруфи тоҷик, устод Холиқ Мирзозода ба ин масъала таваҷҷуҳ намуда, матлаби ҷиддии таълимӣ-методӣ ва идеологӣ (албатта, барои замони Шӯравӣ, ки мубориза бо дин асли идеологӣ ҳисобида мешуд) чоп намуд, ки солҳои сол аз он манбаъ васеъ истифода мешуд. Аммо, бо ба Истиқлолияти сиёсӣ расидани Тоҷикистон масъалаи бархӯрд ва мубориза бо хурофоти динӣ аз муд баромад, барои он ки ҷомеаи тоҷик дар раванди муборизаи мафкуравии Шӯравӣ бо дин хаста шуда буд ва

мехост аз дарёи маънавиёти худ, ки дин ва махсусан, диёнати исломӣ ном дорад, басерӣ баҳравар гардад. Ин носерӣ ва ё камсерӣ аз дарёи маърифати динӣ дар ҳоле ба вуқӯъ пайваст, ки нобасомониҳо ҷомеаи навини тоҷикиро фаро гирифта, ба вартаи муҳлики ҷанги шаҳрвандӣ тела дод. Дар натиҷа, бар асари нофаҳмиҳо муддати панҷ сол бо ҳам даргирӣ намудем ва, хушбахтона, бо ибтикори бевоситаи Сарвари давлат ба марҳилаи сулҳу субот ва ризоияти миллӣ расидем.

Акнун марҳилаи навини рушди миллӣ шурӯъ шуд ва аҳли маорифи кишвар ба сифати ниҳоди асоситарини иҷтимоӣ баҳри бароварда сохтани ниёзҳои маърифатӣ ва фарҳангии ҷомеа ба фаъолият пардохт. Бо хурофот мубориза бурдан ҳамеша ҳадафи фанни адабиёт будааст ва имрӯз, дар шароите ки минтақа ва ҷаҳон бо хатарҳои ҷаҳонии ифротгаройии динӣ рӯёрӯст, ин масъала ҷиддият касб намудааст. Мо медонем, ки фанҳои таърих, забону адабиёти тоҷик ва дар синфҳои болоӣ фанни инсон ва ҷомеа бо хурофоти динӣ ба таври назариявӣ ва мустақим мубориза мебаранд ва гурӯҳи фанҳои табиӣ-риёзӣ бошад, таври назариявӣ ва ҳам амалӣ муқовимат мекунанд.

Махсусан, дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ масъалаи мубориза бо хурофот дар ҷараёни дарси адабиёти тоҷик (вобаста ба марҳилаҳои синнусолии хонандагон) ҷиддият касб мекунад. Маҳз дар ин марҳилаи ҳассоси синнусолӣ маводи адабӣ доираи ҷаҳонбинии хонандагонро ташаккул ва инкишоф медиҳад. Албатта, марҳилаи ибтидоии ташаккулёбии ҷаҳонбинии хонандагон дар ҷараёни дарси адабиёти тоҷик аз синфи панҷум оғоз ва то синфи ҳафтум идома меёбад. Дар ин марҳила мавзӯъҳои ибтидоие аз фанни адабиёти тоҷик тадрис мешаванд, ки оҳиста-оҳиста хонандаро бо намунаҳои мероси шоирону адибони маъруфи адабиёти форсу тоҷик шинос мекунанд ва ақлу фаросати ӯро дар

бастагӣ бо масъалаҳои хурофоту таассуби динӣ шакл медиҳанд. Марҳилаи дуюми шаклгирии тафаккури илмии хонанда дар ҷараёни тадриси фанни адабиёти тоҷик дар доираи синфҳои ҳаштуму нуҳум ва марҳилаи ниҳоӣ дар маҳдудаи муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ – синфҳои даҳуму ёздаҳум маҳсуб меёбад. Дар ин се марҳилаи синнусолӣ хонанда аз масъалаҳои шинохти хурофоти динӣ ва мазҳабӣ огоҳӣ пайдо мекунад ва барои ислоҳи вазъи ҷаҳонбинии худ ва ҳамсолонаш саъю кӯшиши менамояд.

Бояд ёдовар шуд, ки баррасии мавзӯъҳои марбут ба хурофоту таассуби динӣ қариб дар ҳамаи мавзӯъҳои адабиёти тоҷик, ки дар заминаи омӯзиши зиндагиномаю мероси шоирони классикӣ ба вуқӯъ мепайванданд, дучор меояд. Албатта, бештар дар омӯхтани ҳаёту эҷодиёти шоирони барҷастаи форсу тоҷик аз устод Рӯдакӣ шурӯъ карда, то Мавлоно Ҷомӣ мавзӯи мавриди назар ҷиддӣ мушоҳида мешавад. Дар ҷараёни дарси адабиёти тоҷик, махсусан дар синфҳои нуҳуму ёздаҳум омӯзгор метавонад ба таври густурда ба мавзӯи хурофоти динӣ ва мазаррати он ба ҷомеа таваққуф намуда, бо мисолҳои мушаххас аз эҷодиёти Фирдавсӣ, Носири Хусрав, Хайём, Ҳаким Низомӣ, Шайх Саъдӣ, Хоҷа Ҳофиз, Мавлоно Ҷомӣ риёкорию дурӯягӣ, худписандию золимӣ, нодонию нотавонбинӣ, ҷаҳолатгаройии намояндагони барҷастаи хурофоти асримиёнагии форсу тоҷик – шайху сӯфӣ, зоҳиду тақводорро фош созад ва ба хонандаи имрӯзӣ, ки доираи донишаш дар масъалаҳои дину диёнат пойин аст, кумак намояд. Шоирони классики мо дар эҷодиёташон бо хурофотиёни давр аз силоҳи ақлу дониш истифода намудаанд. Масалан, Ҳофиз хурофотеро, ки дар мадориси онвақта таълим медоданд, ба таври зер интиқод намудааст:

*Аз қилу қоли мадраса ҳолӣ дилам гирифт,*
*Якчанд низ хидмати маъшуқу май кунам.*

Ё ин ки зоҳиди зоҳирпарастро мавриди накӯҳиш қарор додааст:

*Зоҳиди зоҳирпараст аз ҳоли мо огоҳ нест,*
*Дар ҳаққи мо ҳар чӣ гӯяд, ҷойи ҳеҷ икроҳ нест.*

Дар ҷараёни тадриси фанни адабиёти тоҷик дар синфи нуҳ, ки замони рушдёбии ҷаҳонбинии хонанда аст, бо намунаҳои насрию назмӣ аз осори Фирдавсӣ, Носири Хусрав, Хайём, Саъдӣ, Ҳофиз ва Мавлоно Ҷомӣ метавон масъалаи хурофоти динӣ ва дурӣ аз онро ҳаматарафа пайгирӣ кард. «Баҳористон»-и Ҷомӣ дар шинохти хурофоту таассуби динӣ ва дурӣ ҷустан аз он бо мисолҳои ҷолиби диққат бозкушой шудааст. Ҷомӣ дар ин китоб ба масъалаи фахр аз аслу насаб, ки дар асрҳои миёна ва давраи нав низ дар зеҳниёти ҷомеа нуфуз дошта ва дорад, тавaққуф намуда, ривояти яке аз сӯфиёни машҳури олами тасаввуфи исломӣ (мовароуннаҳрӣ) Хоҷа Баҳоваддини Нақшбандро истинод ва бо шакли умдаи хурофоти динӣ мубориза кардаааст: «Хоҷа Баҳоваддини Нақшбандиро пурсиданд, ки: силсилаи шумо ба куҷо мерасад? Фармуданд, ки аз силсила касе ба ҷое намерасад; рубой:

*Аз далқу асо сидқу сафое нарасад,*
*В-аз сабҳа ба ҷуз бӯйи риёе нарасад.*
*Гӯянд, куҷо расад, бигӯ, силсилаат,*
*К-аз силсила ҳеҷ кас ба ҷое нарасад!»*

Мусаллам аст, ки дар синфҳои болой (9-11) зеҳни хонанда моҳиятан тағйир ва иддаои пурсишгарӣ ба сифати меъёри тафаккурӣ дар ӯ ташаккул меёбад. Ин аст, ки барои хонанда имконияти фаҳмидан, дарк кардан ва мустақилона арзёбӣ намудани масоили муҳим фароҳам меояд. Раванди ташаккулёбӣ ва рушди тафаккури интиқодӣ, ки ба биниши фалсафӣ ва илмӣ оварда мерасонад, дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ таҳкиму тақвият меёбад. Дар муассисоти таҳсилоти олии касбӣ тадриси муваффақи фанҳои

гуманитарӣ, минҷумла таърихи адабиёти тоҷик роҳи таҳаввули ҷаҳонбинии донишҷӯро ҳамвор месозад. Дар ин давра донишҷӯ аз тариқи омӯхтани фанни таърихи адабиёти тоҷик бо масъалаҳои бунёдии илмӣ ошно мешавад. Маҳз дар доираи омӯзиши фанни таърихи адабиёти тоҷик донишҷӯ ба масири баҳсҳои ҷиддӣ дар робита бо тавсеаи хурофоти динӣ дар зеҳни насли ҷавони ҷомеа ворид мегардад. Ҷараёни муваффақи воридгардӣ ва иштироки фаъол дар мабоҳиси ҷиддӣ, қабл аз ҳама, ба устоди фан бастагӣ дорад. Ҳар қадар устоди фан ва дар маҷмӯъ, омӯзгори фанҳои гуманитарӣ аз донишҳои илмӣ бархӯрдор бошад, ҳамон қадар бархӯрди мунсифона бо мушкилоти фикрӣ ва ақидатӣ муътадил ҷараён мегирад.

Устоди фанни таърихи адабиёти тоҷик барномаи корӣ (силлабус)-ро ҳадди ақал барои ду семестр таҳия сохта, дар доираи дарсҳои амалӣ ва КМРО бо донишҷӯён рӯ дар рӯ ба баҳс мепардозад. Бахусус, дар доираи дарсҳои КМРО омӯзгор имкони зиёдтари ташкили маҳфилро дорад ва дар ростои маҳофил масоили муҳим, аз ҷумла мубориза бо хурофоти динӣ-мазҳабиро дар осори шоирони классику муосири тоҷик мавриди баррасӣ қарор мегиранд. Донишҷӯён ба гурӯҳҳои хурд ҷудо шуда, миёни худ баҳс меороянд ва мустақилона изҳори назар менамоянд. Омӯзгор дар ин маҳофил нақши гардонанда ва ё модераторро иҷро мекунад, баҳсро ифтитоҳ ва ихтитом мебахшад, раванди изҳори назарҳои донишҷӯёнро наззора мекунад ва дар мавориди зарурӣ ислоҳ медарорад. Хуллас, ҳангоми баррасии мероси шоирони классику муосир донишҷӯён бо намунаҳои барҷастаи ашъори зиддихурофотӣ вомехӯранд ва воқеияти ҷаҳолату таассуби мазҳабиро дар мисоли зиндагиномаи бузургони илму адаби миллӣ дармеёбанд.

Агар ба таърихи адабиёти асримёнагии тоҷику форс таваҷҷуҳ намоем, ба хубӣ мушоҳида мекунем, ки тамоми бузургони мо ба хурофот ба таври мустақим ва ғайримустақим мубориза бурдаанд ва мубориза ба хотири он будааст, ки чашми ҷомеаро бедор созанд, то манзараи ҷаҳолату нодониро бубинанд ва аз қафои динбозону мутаассибони мазҳабӣ нараванд. Таърих гувоҳ аст, ки хурофотиёни динӣ, ки дар қолаби рӯҳонияти динӣ мунсаҷим шудаанд, роҳи илму дониши инсониро баста, нагузоштаанд, ки одамон бо ақлу мантиқ фикр кунанд ва роҳи худро мустақилона паймоянд. Имрӯз низ ин табақаи найрангбоз, фурсатталаб, фиребгар, ҷаҳолатписанд ва хурофотгаро дар байни мо зиёд ба назар мерасанд ва мардум ва бавижа, насли ҷавонро бо ҳар роҳу васила мехоҳанд ба бероҳа бикашанд ва нагузоранд, ки дар ҳалли мушкилоти худ аз илму дониш истифода кунанд. Барои онҳо муҳим ин аст, ки доимо мардум мутеашон бошанд ва дар ҳалли муаммоҳои зиндагӣ на аз илму мантиқ, балки аз ақли хурофотии онҳо истифода кунанд.

Ба назари мо, вазифаи омӯзгорони фанни адабиёти тоҷик дар ин шароит аз он иборат аст, ки зеҳни хонандаро аз синни хурд бо илму дониш пур намоем ва вобаста ба синну соли ӯ маводи зарурии илмӣ бароящ тақдим созем, то дар зиндагӣ мисли бисёриҳо раҳгум назанад. Раҳгумӣ, пеш аз ҳама, дар нашинохтани ҳақиқат аст ва минҳайси ҳақиқат шинохтани хурофот асли раҳгумист. Аз ин рӯ, дар роҳи шиносонидани ҳақиқати илму дониш омӯзгор, махсусан омӯзгори фанни адабиёти тоҷик, ки аз ганҷинаи илми адабии гузаштагону имрӯзиён бохабар аст, саҳми асосӣ гирифта метавонад (албатта, агар саъю талош варзад ва самимона ба мардум ва ҷомеа хидмат кардан хоҳад).

**Меҳр СОБИРИЁН**
*иқтисодшинос*

## ДАР ҶУСТУҶӮИ ОМИЛҲОИ РУШД

*(Мулоҳизоти куллӣ дар ҳошияи китоби Дарон Осимоглу ва Ҷеймс Робинсон зери унвони "Чаро миллатҳо шикаст мехӯранд: решаҳои қудрат, шукуфоӣ ва фақр")*

Рушду шукуфоии мамлакат ва дар заминаи он баланд бардоштани сатҳи зиндагонии мардум, орзуи ҳамешагии ҳар як давлатмард ва пажуҳишгар мебошад. Ин мавзуъ пас аз Ҷанги Дуюми Ҷаҳонӣ мавриди омӯзиши бештар қарор гирифт ва то имрӯз китобу мақолаҳои илмии зиёде, дар бораи ин ки чаро баъзе кишварҳо дар пайраҳаи рушд қарор гирифта, ҷойгоҳи худро дар ҷаҳони муосир пайдо мекунанд, вале кишварҳои зиёди дигар шикаст мехӯранд, таълиф шудаанд. Китоби олимони амрикоӣ Дарон Осимоғлу ва Ҷеймс Робинсон зери унвони "Чаро миллатҳо шикаст мехӯранд: решаҳои қудрат, шукуфоӣ ва фақр" аз ҷумлаи онҳост (муфассал тавоҷҷуҳ шавад: Daron Acemoglu and James A. Robinson, "Why Nations Fail: The Origins of Power, Prosperity, and Poverty", Crown Publishers, USA, 2012, 544 p).

Дар оғози китоби мазкур муаллифон иброз медоранд, ки фарқият дар даромад ва сатҳи зиндагӣ миёни кишварҳои ҷаҳон возеъ аст, аммо чӣ ин фарқиятро ба вуҷуд меоварад? Ин омил фарҳангист, сиёсист, вобаста ба минтақа аст? Ё метавонад дин ё захираҳои табиӣ ба низоми сиёсӣ ва тасмимгирии сиёсатмадорон таъсир расонад?

Дар раванди ҷустуҷӯи посух ба ин саволҳо, муаллифон мавқеи олимоне, ки мушкилоти иқтисодии кишварҳои фақирро ба фарҳанги онҳо, ҷойгиршавии ҷуғрофӣ ва ё ба

ноогоҳии раҳбарон рабт медиҳанд, меоваранд, вале худ мушкилро дар низомҳои сиёсии ин кишварҳо ва дар раҳбаронашон меҷӯянд. Ба ин воқеият, ки низоми сиёсиро ҳамон раҳбароне месозанд, ки аз миёни мардум баромада парвардаи ҳамон фарҳанг ҳастанд, кам таваҷҷуҳ мекунанд. Мисолҳои зиёд барои рад кардани гипотезаҳои фарҳангӣ, ҷуғрофӣ ва ноогоҳӣ меоранд. Ба монанди мисоли шаҳри Ногалес, ки аҳолии он барандагони як фарҳанг буда, дар як шароити ҷуғрофӣ зиндагӣ мекунанд, аммо як қисми он дар Мексика ва қисми дигари он дар ИМА ҷойгир мебошад. Қисмати амрикоии ин шаҳр нисбатан пешрафта буда, аҳолии он сатҳи зиндагии баланд доранд, дар ҳоле ки қисмати мексикоии он нисбатан фақир мебошад. Ин мисолро ҳамчун далели рад кардани гипотезаҳои фарҳангиву ҷуғрофӣ меоварад, вале ин воқеият, ки низоми сиёсии ИМА ва Мексикаро намояндагони ду миллати гуногун сохтаанд, аз ҷониби муаллифон сарфи назар шудааст. Яъне онҳо ҳангоми муқоисаи қисматҳои ин шаҳр аз фарҳангу ҷуғрофиё бояд фаротар мерафтанд ва қайд мекарданд, ки низомҳои иқтисодиву сиёсӣ дар ҳар як қисмати шаҳрро барандагони фарҳангҳои гуногун сохтаанд ва назорат мекунанд. Ҳарчанд эътироф мекунанд, ки онҳо дар ду низоми сиёсии аз ҳамдигар фарққунанда зиндагӣ мекунанд. Дар чунин ҳолат метавон дид, ки гипотезаи фарҳангӣ дар рушд ё ақибмондагии қисматҳои ин шаҳр нақши худро дорад. Аммо муаллифон нақши ниҳодҳои иқтисодиро дар фарқияти даромадҳо дар кишварҳои гуногун баррасӣ карда, ниҳодҳои иқтисодиро таъсирбахши он медонанд, аммо таъсири омилҳои фарҳангиву диниро тамоман нодида мегиранд.

Новобаста аз рад шудан аз ҷониби муаллифон, намунаҳои овардашуда дар китоби мазкур нишон медиҳанд, ки фарҳангу ҷуғрофиё дар рушд ё ақибмондагии Амрикои Шимолӣ ва

Америкои Лотинӣ нақши муайяни худро доранд. Вақте испаниҳо ба Америкои Лотинӣ мераванд, онҳо бо мардуми бумие рӯ ба рӯ мешаванд, ки аллакай як сохтори иҷтимоии нисбатан мутамарказ дошта, пешвоҳои қудратманди худро доранд. Онҳо ин пешвоҳоро асир гирифта ба воситаи онҳо тамоми мардумро зери итоати худ медароранд ва ғуломвор кор мефармоянд. Аммо вақте англисҳо ба соҳилҳои Америкои Шимолӣ мерасанд, дар ин ҷо аҳолӣ кам буда, низоми иҷтимоии дигар вуҷуд дорад, ки наметавон ба осонӣ онҳоро ба ғулом табдил дод. Дар чунин шароит ширкати "Вирҷиния", ки 400 нафарро аз Британия ба он ҷо бурда буд, тасмим мегирад, ки онҳоро ғуломвор кор фармояд. Вале ин намояндагони фарҳанги англисӣ, ба ҳеҷ ваҷҳ, ҳозир намешаванд, ки ғуломвор кор кунанд. Кор то ҷойе мерасад, ки дар зимистони соли 1609/1610 аз 500 нафаре, ки ба зимистони ин сол ворид шуданд, танҳо 60 нафар дар моҳи март зинда монда буд. Яъне англисҳо аз гуруснагӣ мурданро дар баробари ғуломӣ интихоб кардаанд. Раҳбарони ширкати мазкур маҷбур мешаванд роҳи дигарро барои ба роҳ мондани колонияи худ ба роҳ монда, тариқи додани замин ва ангезадиҳии шахсӣ зертобеони худро ба фаъолиятҳои иқтисодӣ сафарбар намоянд. Аммо мардуми бумии Америкои Лотинӣ барои ҳаёти пешвои худ ғуломвор зиндагӣ карданро интихоб карда буданд. Ин як интихоби оддӣ аст, вале раванди рушди баъдии ин ду минтақа нишон медиҳад, ки ҳамин хусусиятҳои фарҳангии ду мардуми гуногун заминаи рушду ақибмондагии ин ду минтақаро фароҳам овардааст.

Аз нуқтаи назари муаллифони китоби мазкур ниҳодҳо муайянкунандаи тақдири як кишвар ҳастанд. Онҳо ниҳодҳои сиёсиву иқтисодии кишварҳоро ба ду гурӯҳ тақсим мекунанд: фарогир (inclusive) ва истихроҷӣ (extractive). Дар мисоли кишвари Конго иброз медоранд, ки на ҷуғрофиё, на фарҳанг

ва ё на ноогоҳии раҳбарон буд, ки Конгоро фақир нигаҳ медошт, балки ниҳодҳои сиёсиву иқтисодии истихроҷӣ (баҳракаш)-и он буданд, ки чунин натиҷаи бадро ба бор оварданд.

Муаллифон таъкид мекунанд, ки як рушди босуръати кутоҳмуддат дар низомҳои истихроҷӣ низ муяссар аст. Дар раванди баррасии ин назари худ онҳо низоми иқтисодии Иттиҳоди Шӯравиро баррасии амиқ кардаанд. Ҳатто олимони Ғарб то соли 1980 ҳадс мезаданд, ки ин низом беҳтар аст. Баъдан маълум шуд, ки рушди босуръат дар низомҳои истихроҷӣ устувор нест. Онҳо метавонанд технологияҳои мавҷударо бо суръати бештар аз худ карда, аз онҳо баҳрабардорӣ кунанду ба рушди босуръат дар муддати кутоҳ даст ёбанд. Аммо дар чунин низомҳо ангезабахшии кофӣ барои навоварӣ вуҷуд надорад. Ин боиси рукути иқтисодӣ ва оқибат ақибмондагиву шикасти кишварҳои дорои низомҳои сиёсиву иқтисодии истихроҷӣ мегардад.

Дар ниҳодҳои сиёсиву иқтисодии истихроҷӣ як гурӯҳи маҳдуди шаҳрвандон қудратро дар даст дошта, дар тасмимгириҳои сиёсиву иқтисодии давлати худ манфиати умумиро дар назар намегиранд ва ҳадафи ниҳоии онҳо истихроҷи бештари захираҳои табиӣ ва инсонии кишвар мебошад. Дар чунин низомҳо ангезабахшӣ барои сармоягузорӣ ва навовариҳо барои оммаи васеи мардум вуҷуд надорад, ки ин боиси поён рафтани самаранокии меҳнат ва истифодаи камсамари захираҳои табиӣ мегардад. Дар ин низомҳо як шахс метавонад қудрати мутлақро ба даст оварда, бо истифода аз он ҳуқуқу озодиҳои иқтисодии дигаронро поймол кунад ва қонуну қоидаҳоро ба манфиати худу атрофиёнаш роҳандозӣ кунад. Ин гурӯҳи кучак метавонад бо истифода аз қудрати сиёсиву низомӣ тамоми захираҳои табиии мамлакатро монополияи худ гардонида,

шаҳрвандонро истисмор намояд. Дар чунин низомҳо додгоҳи одилонаву бетараф, ки моликияти моддиву зеҳнии шаҳрвандонро ҳифз менамояд, вуҷуд дошта наметавонад.

Ниҳодҳои сиёсиву иқтисодии фарогир, ки дар он ҳамаи шаҳрвандон имконияти баробар доранд ва дар тасмимгириҳои сиёсиву иқтисодии давлати худ саҳм гузошта метавонанд, заминаро барои рушди устувору дарозмаддат дар кишварҳо фароҳам месозанд. Дар чунин низомҳо ангезабахшӣ барои сармоягузорӣ ва навовариҳо бештар буда, самаранокии меҳнат бамаротиб зиёд мегардад. Дар ин низомҳо касе қудрати мутлақро ба даст оварда наметавонад, ки бо истифода аз он ҳуқуқу озодиҳои иқтисодии дигаронро поймол карда, қунуну қоидаҳоро ба манфиати худ роҳандозӣ кунад. Як гурӯҳи кучак наметавонад тамоми захираҳои табиии мамлакатро монополияи худ гардонида, шаҳрвандонро истисмор намояд. Муҳимтар аз ҳама, дар чунин низомҳо додгоҳи нисбатан одилона амал карда метавонад, ки моликияти моддиву зеҳнии шаҳрвандонро ҳифз менамояд.

Хатари сирқати амвол аз ҷониби давлат бузургтарин монеа барои рушду пешраф дар як икшвар мебошад. Ин хатар дар кишварҳои дорои низоми сиёсиву иқтисодии фарогир камтар буда, дар кишварҳои дорои низоми сиёсиву иқтисодии истихроҷӣ хеле зиёд мебошад. Ин аст, ки аввалиҳо пайваста рушду пешрафт мекунанд, вале ахириҳо бо вуҷуди доштан ва ё надоштани рушди кутоҳмуддат дар аксар ҳолат шикаст мехӯранд. Чунки низоми сиёсиву иқтисодии истихроҷӣ қудратро дар дасти гурӯҳи хурди аҳолӣ мутамарказ карда, танҳо манфиатҳои онҳоро ҳифз менамояд. Ин гурӯҳи қудратманд, барои нигаҳдории чунин ҳолат тамоми кӯшишҳоро ба харҷ медиҳад. Барои онҳо дигар гузаштан ба низоми сиёсиву иқтисодии фарогир зиёновар маҳсуб меёбад. Чунки дар чунин ҳолат қудрат тақсим мешавад ва дар пайи он

даромади миллӣ низ тақсимоти одилонатар ба худ мегирад. Яъне пойдории низоми сиёсиву иқтисодии истихроҷӣ дар кишварҳои ақибмонда, низ ба ангезаҳои ҳамин гурӯҳи ақаллияти қудратманд вобастагӣ дорад. Гипотезаи ноогоҳии раҳбаронро муаллифон дар ҳамин ҷо бо далелҳои боварибахш рад мекунанд.

Барои рад кардани гипотезаи ноогоҳии раҳбарон, яъне ақибмондагии кишварҳоро ба надонистани роҳҳои дурусти ба роҳ мондани сиёсати иқтисодӣ аз ҷониби раҳбарон рабт додан, муаллифон дар охири китоб намунаҳо аз кумакҳои созмонҳои молиявии ҷаҳонӣ ба кишварҳои ақибмондаи африқоиро меоранд. Онҳо ба хулосае меоянд, ки наметавон шукуфоиро муҳандисӣ кард. Кӯшиши ислоҳот дар кишварҳои фақир аз ҷониби Созмонҳои байналмилалӣ, ки дар асоси хулосаи ноогоҳии раҳбарон ба роҳ монда мешавад, бенатиҷа аст. Чунки онҳо сабабҳои асосии мавҷудияти сиёсати ғалати ин раҳбаронро ба назар намегиранд. Ин ташкилотҳо кӯшиш мекунанд, ки мушкилоти иқтисодии кишварҳои фақирро, тариқи роҳандозӣ кардани ислоҳот дар низоми иқтисодиву сиёсии ин кишварҳо, бартараф намоянд. Аммо сиёсатмадорон ва бюрократҳо, ки бояд холисона ин ислоҳотро ба роҳ монанд, метавонанд худ қисме аз ин мушкилот бошанд. Гурӯҳи қудратманде, ки аз мавқеи худ суистифода карда, чунин ниҳодҳои иқтисодии бесамарро сохтааст, аз ҳамон оғоз қасди ислоҳоти бунёдии онҳоро надоранд. Дар натиҷа, ин кӯшишҳои Созмонҳои молиявии байналмилалӣ бенатиҷа ва ё ҳадди ақал бо натиҷаҳои ночиз анҷом меёбанд. Хулосаи муаллифон ин аст, ки кӯшиши ба роҳ мондани шукуфоӣ бе мубориза бо решаҳои мушкилӣ – ниҳодҳои истихроҷӣ ва сиёсатмадорони ҳимоягари он – самара нахоҳад дошт.

Хулосаи назарияи пешниҳодкардаи муаллифон ин аст, ки омили асосии рушд ё ақибмондагии кишварҳо, ниҳодҳои

бароҳмондаи онҳо мебошанд ва омилҳои фарҳангӣ, ҷуғрофӣ ва ноогоҳии раҳбарон дар он нақши кам дошта, ин гипотезаҳо, ба ҳеҷ ваҷҳ, қонеъкунанда нестанд. Онҳо дар баробари иддаои ин ки ин назария барои арзёбии сиёсатҳои иқтисодӣ муфид аст, эътироф мекунанд, ки як назария наметавонад тамоми падидаҳоро дар бар гирад. Аз ҷумла назарияи худи онҳо. Инро мо дар китоби "Бархурди тамаддунҳо"-и низ дида будем, ки муаллифи он дар баробари пешниҳоди назарияи худ эътироф мекард, ки он наметавонад ҳамаи падидаҳоиро дар бар гирад. Машҳуртарин мисол барои рад кардани назарияи Осимуғлу ва Робинсон, ки аз ҷониби мунаққидон пешниҳод гардидааст, таҷрибаи Чин мебошад. Ин кишвар бо доштани ниҳодҳои сиёсии истихроҷӣ тақрибан 40 сол боз тавонистааст дар пайроҳаи рушди босуръати иқтисодӣ бошад. Муаллифон ин воқеиятро эътироф мекунанд, вале боз ҳам пешбинӣ мекунанд, ки ин рушди Чин устувор нест ва дар ду даҳсолаи оянда маҳдуд хохад шуд. Ҳоло як даҳсола аз таълифи ин асар гузаштааст, вале Чин ҳамоно бо суръат рушд мекунад. Шояд дар оянда ин кишвар тавонад бо фарогир кардани ниҳодҳои сиёсии худ, рушди устуворро нигаҳ дорад. Билохира, танҳо бо озодиҳои бештар додан дар ниҳодҳои иқтисодӣ Чин тавонист ба пайраҳаи рушд ворид шавад. Таҷрибаи кишварҳои дигари ин минтақа (Кореяи Ҷанубӣ, Сингапур ва дигар), ки баъди расидан ба ҳудудҳои рушд зери ниҳодҳои сиёсии истихроҷӣ ба ниҳодҳои сиёсии фарогир гузашта, рушди ояндаи худро таъмин карданд, метавонад барои сиёсатмадорони Чин намуна бошад.

Хулоса, китоби олимони амрикоӣ Дарон Осимоғлу ва Ҷеймс Робинсон "Чаро миллатҳо шикаст мехӯранд" як китоби арзишманд буда, муаллифон дар ошкорсозии омилҳои ақибмондагии кишварҳои гуногун то дараҷае муваффақ шудаанд. Назарияи пешниҳодкардаи онҳо, ки рушд ё

ақибмондагии миллатҳоро вобаста ба ниҳодҳои бароҳмондаашон медонанд, як назарияи илмӣ буда, то дараҷае, сабабҳои рушд ё ақибмлндагии миллатҳоро равшан мекунад. Аз дигар тараф, мисолҳои зиёде аз таҷрибаи сиёсиву иқтисодии даҳҳо кишвари ҷаҳон, аз асрҳои қадим то ба асрҳои миёна ва давраи нав оварда шудааст, ки арзиши ин китобро боло мебарад. Метавон, аз маълумоти зиёди дар ин китоб овардашуда, ҳангоми омӯзиши мазуъҳои иқтисодиёти рушд истифода кард.

Мушкил танҳо дар ин аст, ки онҳо натавонистаанд дар радди таъсири омилҳои фарҳангиву ҷуғрофӣ далелҳои боварибахш оваранд. Ҳамоно пурсиши асосӣ дар ин мавзуъ боқӣ мондааст. Яъне, чаро раҳбари Сингапур Ли Куан Ю (1959—1990) аз баҳри манфиати шахсии худу атрофиёни худ гузашта, ниҳодҳои иқтисодии фарогир ба роҳ монда, кишвари худро дар рӯйхати мамлакатҳои сарватманду пешрафта ворид месозад, вале раҳбари Конго Мобуту (1965—1997) ниҳодҳои иқтисодии истихроҷиро ба роҳ монда, худу атрофиёнашро сарватманд сохт, вале кишварро ақибмонда ва мардуми Конгоро фақиру бехонумон гардонид?! Ин ду роҳи фарққунанда, ки тақдири кишварҳоро барои даҳсолаҳо муайян месозад, дар заминаи чӣ омилҳое аз ҷониби раҳбарон интихоб карда мешаванд? Омилҳои фарҳангӣ, динӣ ва психологии ин масъала бояд дурусттар таҳқиқ шаванд. Бе дар назар доштани ин омилҳо назарияи Дарон Осимоғлу ва Ҷеймс Робинсон нокомил ба назар мерасад. Умедворем, ин маъала аз ҷониби дигар ниҳодҳои илмӣ мавриди омӯзиши амиқ қарор мегирад, ки дар натиҷа, роҳи дурусттари решакан кардани фақр дар кишварҳои ҷаҳон пайдо мегардад.

**Ардамеҳр АШӮРОВ**
*номзади илмҳои таърих,*
*ходими пешбари илмии*
*Институти омӯзиши масъалаҳои*
*давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ*

## ДУНЯВИЯТ ДАР ФАРОНСА: МАФҲУМ ВА ЗАМИНАҲОИ ПАЙДОИШИ ОН

Дар низоми давлатдори Фаронса зери мафҳуми дунявият, асосан ҷудо будани давлат ва дин фаҳмида мешавад. Яъне, давлат ба равандҳои ҳаёти динҳои мухталифи дар кишвар мавҷудбуда бетараф аст. Ба дигар маъно, мафҳуми дунявият ифодакунандаи шарти конститутсионӣ дониста шуда, ҷудоии давлат аз созмонҳои диниро мефаҳмонад.

Нуқтаи назари дунявият дар Фаронса таърихи беш аз дуасра дорад. Аммо аввалин зикри ин мафҳум дар қонунҳои Ҷул Ферри, соли 1882 ба тасвиб расида буд, ки таҳсилотро ҳатмӣ, озод ва дунявӣ медонист. Истилоҳи секуляризм ё дунявият дар луғатҳои фаронсавии “Larousse” ё” Littre” дар ибтидои солҳои 1870 пайдо шуда, асосан бо соҳаи маориф алоқамандии бештар дошт. Заминаи ҳуқуқии ин масъала бошад, нуқтаи назари ҷудо будани калисо ва давлатро ифода месохт, ки ҳанӯз 9-уми декабри соли 1905 дарҷ ёфта, шакли қонуниро гирифта буд.[1]

Мувофиқи моддаи якуми Конститутсияи Фаронса: «Ҷумҳурии Фаронса кишвари тақсимнашаванда, дунявӣ, демократӣ ва иҷтимоӣ мебошад. Он баробарии ҳама

[1] Pascal Boyer: "Et l'Homme Crea Les Dieux:Comment expliquer la religion". — М.: Альпина нон-фикшн, 2016. — 496 с.

шаҳрвандонро дар назди қонун бидуни тафовути нажод ва дин эътироф менамояд".

Дунявият ё ба истилоҳ, «секуляризм» (аз калимаи лотинии saecularis ба маънои дунявият) бо чанд маъно ифода меёбад:

- **якум -** ба маънои бадалшавии моликияти ибодатгоҳҳои динӣ ба дунявӣ;
- **дуюм -** мусодираи амволи муассисаҳои динӣ ва интиқоли онҳо ба ҳукумати дунявӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ;
- **сеюм -** аз доираи фаъолиятҳои ҷамъиятӣ ва зеҳнӣ озод намудани таъсири дин.

Ба ин тариқ, секуляризм ё дунявият чизеро аз таъсири калисо баровардан ва ба муассисаҳои шаҳрвандӣ супурдан ва аз таъсири калисо раҳо карданро ифода мекунад. Дар мафҳуми оддитар секуляризм чунин фарзияе аст, ки тибқи он бояд ҳокимияти сиёсӣ ва ҳама гуна сарчашмаҳои ҳуқуқӣ аз ҳама анвои дин ҷудо бошад. Аз ҷониби дигар, секуляризм маънои ба фаъолияти сиёсӣ машғул шудани одамонро бидуни дахолати динӣ ифода месозад. Аммо ҳаргиз секуляризмро набояд бо атеизм омехта кард. Ин мафҳум бори нахуст ҳангоми бастани сулҳи Вестфал (1648), ки дар натиҷаи он моликияти калисо мусодира шуда буд, ба вуҷуд омадааст.[2]

Нуқтаи назари дунявият дар ҷомеаҳои аврупоӣ ва хусусан, дар Фаронса аз ақидаҳои файласуфони қадим монанди Эпикур ва Марк Аврелий, аз осори исломиёни асримиёнагӣ ва мутафаккирони Аврупо (Ибни Рушд, Марсилий Падуанский), файласуфони давраи маорифпарварӣ (Дидро, Волтер, Ҷефферсон) маншаъ мегирад. Масалан, файласуфи бузурги олмонӣ Иммануил Кант, "яке аз вазифаҳои асосии давлатро расонидани мардум

---

[2] Valentine Zuber.La laïcité française, une exception historique, des principes partagés-2019/ p. 193-205https://doi.org/10.4000/rdr.305

ба саодати маънавӣ ” медонад.[3] Ба назари мо, маънии ин гуфта дар он инъикос меёбад, ки роҳҳои дарёфти саодати маънавиро андешамандону мутафаккирон аз даврони антиқа то замони мо меҷӯянд ва то ин давра садҳо таълимоту ғояҳо ва нуқтаҳои назари мухталиф рӯйи кор омадаанд.

Агар ба масъалаи дин дар Фаронса назар кунем, маъмултарин динҳо дар ин кишвар дини католикӣ –масеҳият ва дини ислом ба ҳисоб меравад. Дигар ин ки пас аз инқилоби соли 1798 дин дар Фаронса таҳти назорати давлат бо мақсади нигоҳ доштани рӯҳияи инқилобӣ қарор ёфтааст.

Масъалаҳои ба вуҷуд омадани ҳокимияти дунявӣ бошад, дар Фаронса аз асри XVIII дар солҳои мубориза бо бартарияти калисои католикӣ оғоз меёбад. Аз охири асри XVIII таълими дин дар синфҳои ибтидоӣ манъ карда шудааст. Дар аввали асри XXI дар муассисаҳои давлатӣ, аз ҷумла мактабҳо, пӯшидани рамзҳои динӣ, аз қабили салибҳои азими масеҳӣ ва рӯймолҳои мусалмонӣ манъ гардидааст.[4]

Бояд тазаккур дод, ки дар робита бо куштори Самуэл Пати аз ҷониби як нафар террорист ва ҳамзамон зуҳуроти террористӣ дар Фаронса, вазири маорифи ин кишвар Жан-Мишел Бланке дунявиятро синоними озодӣ ва асоси арзишҳои асосии Ҷумҳурии Фаронса, аз қабили озодӣ, баробарӣ ва бародарӣ номида буд.[5]

Ҳамин тариқ, идеяи дунявият дар ҳамон замоне пайдо шуд, ки давлатҳои миллӣ пас аз шартномаи Вестфал дар соли 1648 бунёд шуданд. Пас ин раванд, ба муайян кардани нуқтаи назари тамоман нави сохибихтиёрии миллӣ мусоидат кард. Ба

---

[3] Ҳафиз Раҳмон. Давлат ва секулоризму дунявият. Адабиёт ва санъат”, №5, 05.08.2021

[4]Источник: https://nsdelvalle.com/biblia/que-pasa-en-francia-con-la-religion.html.

[5] Jean Baubérot, *Les 7 laïcités françaises*, Paris, Maison des Sciences de l'Homme, coll. « interventions », 2015, 176 p., ISBN : 978-2-7351-1985-1.

дигар маъно, дунявият мафҳумест, ки тибқи он ҳукумат ва дигар сарчашмаҳои волоияти қонун бояд аз ҳар як намуди дин ҷудо бошанд. Аз як тараф, дунявият метавонад маънои озодӣ аз қонунҳои динӣ ва таълимоти диниро ифода сохта, озодӣ нисбат ба эътиқоди диниро аз ҷониби давлат ва ҷомеа дошта бошад, ки ин муфҳуми дунявиятро дар масоили бетараф будани дин равшан менамояд. Аз ҷониби дигар, дунявият метавонад мафҳуми фаъолияти одамон, бахусус доираи фаъолиятҳои сиёсиро дар бар гирад, ки онҳо бояд ба далелу ҳуҷҷатҳо асос ёфта, нисбатан дахолатнопазир бошанд.

**Адабиёт**


1. Jean Baubérot, *Les 7 laïcités françaises*, Paris, Maison des Sciences de l'Homme, coll. « interventions », 2015, 176 p., ISBN : 978-2-7351-1985-1.
2. Pascal Boyer: "Et l'Homme Crea Les Dieux:Comment expliquer la religion". — М.: Альпина нон-фикшн, 2016. — 496 с.
3. Valentine Zuber.La laïcité française, une exception historique, des principes partagés- 2019/ p. 193-205. https://doi.org/10.4000/rdr.305
4. What about religion in France? https://nsdelvalle.com/biblia/que-pasa-en-francia-con-la-religion.html.
5. Ҳафиз Раҳмон. Давлат ва секулоризму дунявият. Адабиёт ва санъат", №5, 05.08.2021.

## ИЛМ, ИНСОНШИНОСӢ ВА ШАБАКАҲОИ ИҶТИМОӢ

**Юсуфбеков Н.Ш.** *(научный сотрудник),*
**Ахмедов Х.М.** *(академики АМИТ)*
*Центр инновационного развития науки и новых технологий Национальной академии наук Таджикистана*

# СЕЗОННОЕ АККУМУЛИРОВАНИЕ ЭНЕРГИИ ВОЗОБНОВЛЯЕМЫХ ИСТОЧНИКОВ

Количество солнечной энергии приходящий на землю во много раз превосходит мировые запасы нефти, газа, угля и другие традиционные энергетические ресурсы. Использование 0.0125% энергии Солнца могло бы обеспечить сегодняшнюю потребность мировой энергетики, а использование 0.5% – могло бы полностью обеспечить потребность энергии в будущем население планеты [1]. Важно отметить, что энергия, которую дают почти все эти источники, поступает целиком от Солнца. Ископаемые топлива уголь, нефть и газ являются остатками органической жизни, в свое время существовавшей за счет солнечной энергии. Поскольку круговорот воды в природе обеспечивается также солнечной энергией, то и работа гидроэлектростанций тоже связаны с нею. Сила ветра, которая создается за счет неравномерности нагрева разных участков атмосферы, опять же определяется Солнцем. Движение волн и приливов зависит от тепловой энергии Солнца и от колебаний величины притяжения, вызванных движением Солнца и Луны.

Каждый из двух типов источников энергии (традиционный и нетрадиционный) имеют свои достоинство и недостатки. Сегодня большинство наших топливно-энергетических потребностей

удовлетворяются за счет традиционных ископаемых видов топлива. Поэтому современную энергетику на основе ископаемых топлив считают «топливная энергетика». Главным недостатком природных ископаемых является истощение их запасов и загрязнение окружающей среды при их сгорании (парниковый эффект). Их влияние на глобальное потепление, это проблема, с которой борются во всем мире. Не бесконечны также запасы ядерного топлива – урана и тория.

Ископаемые виды топлива имеют ряд преимуществ перед другими источниками энергии. Это главная причина, почему они до сих пор являются основными поставщиками энергии в мире. Ископаемые виды топлива имеют очень высокую калорийность. При сжигание 1 грамма ископаемого топлива выделяется достаточное количество энергии. Ископаемые виды топлива легче добывать и перерабатывать, следовательно, они дешевле, чем нетрадиционные виды энергии. Уголь является ископаемым топливом, которое находится в избытке. Он используется в большинстве тепловых электростанциях, поскольку это снижает стоимость производства в значительной степени. Транспортировать углеводороды в жидкой или газообразной форме по трубам, достаточно просто и легко.

Нетрадиционные возобновляемые источники энергии (солнечная энергия, ветровая энергия, геотермальная энергия, энергия природных и искусственных водотоков и водоемов, энергия биомассы) имеют много достоинств и положительно воздействуют на окружающую среду, но, однако у них все же есть свои недостатки – непостоянство (сезонность), проблемы аккумулирование их энергии, огромные площади для размещения солнечных батарей, передача энергии на значительные расстояния и другие. Другими словами при производстве электрической энергии с использованием возобновляемых источников энергии (Солнце, ветер) возникает проблема непостоянства их мощности. Кроме того, существуют места, где временами как прямое (солнечное излучение) и так непрямое (ветровая энергия, гидравлическая энергия рек, энергия

биомассы, энергия океана) воздействие солнечной энергии недоступно. И даже если это энергия присутствует, она дается нам не в той форме, в которой ее можно применить дома, на заводе или в транспортной системе, поэтому необходимо каким-нибудь образом аккумулировать энергию Солнца, ветра, волн, океанического тепла, приливов и течений тогда и там, где она доступна. Но, к сожалению, сезонное хранение (аккумулирование) энергии возобновляемых источников до сих пор остаётся малоизученной и является одной из актуальных научно-технических проблем в мире [1,3,8,16,25].

В настоящее время в электрических сетях используется следующие виды накопителей энергии, которые позволяют эффективно решать ряд проблем, таких как провалы и пики напряжения, неравномерность графиков электрических нагрузок (ГЭН), в том числе колебание нагрузки, отклонение частоты, низкая надёжность электроснабжения [4].

К основным видами накопителей электрической энергии, выпускаемых промышленностью, относятся: маховики; суперконденсаторы; сверхпроводниковые индуктивные накопители энергии (СПИНЭ) и аккумуляторные батареи большой мощности [5].

Из преимуществ, недостатков и особенностей работы рассмотренных накопителей энергии, можно сделать вывод, что необходимо определить оптимальную область применения для каждого типа накопителей энергии и выявить их соответствие решаемым задачам. Например, маховиковые накопители благодаря высокой эффективности, большому жизненному циклу и экологичности, являются оптимальным вариантом для применения в совокупности с возобновляемыми источниками энергии, такими как ветрогенераторы и солнечные батареи, повышая надёжность их работы [6, 8].

Основным недостатком рассмотренных накопителей энергии является их узкое применение, то есть они предназначены только для хранения энергии. Такие накопители недостаточно

удовлетворяют потребности людей в энергии в их повседневной жизни. Для повседневного применения в быту необходимо такой всеобъемлющий накопитель энергии, который можно было бы своевременно использовать как для выработки энергии так и в качестве топлива.

Следовательно, необходимо иметь такой универсальный вид накопителя энергии, который бы мог хранить в себе оба источника (электрической и тепловой) энергии и мог бы действовать как связующее звено между возобновляемыми источниками энергии и потребителем за одно обеспечивая их надежность работы.

Упомянутое связующее звено накопитель или аккумулятор энергии также должен отвечать следующим условиям [1, 8]:

- быть удобным в хранении и транспортировании;
- быть топливом, которое можно использовать на транспорте, в домах и промышленности;
- отвечать требованиям экологической чистоты;
- способствовать снижению загрязнения воздуха;
- обладать неограниченными ресурсами.

Среди разнообразных накопителей энергии водород из воды лучше всех отвечает перечисленным условиям. Он не производит никаких вредных веществ, вызывающих парниковый эффект, химикатов, образующих смог и кислотные дожди. Все, что он производит в топливных элементах – это электричество и водяной пар [1,8]. Водород практически безвреден по своей природе. Главный недостаток по-прежнему заключается в его хранении, о чем будет отмечено ниже. В настоящее время в развитых странах ведутся научные работы по разделению воды на водород и кислород электролизом с использованием энергии Солнца и ветра и по эффективному хранению их энергии. В Центре инновационного развития науки и новых технологий НАНТ также ведутся исследование по сезонному хранению энергии Солнца, ветра и

энергии малых рек путем электролитического разложения воды с получением водорода (энергоносителя) и кислорода.

Водород самый лёгкий и распространенный элемент во вселенной [9]. На его долю в виде плазмы приходится около половины массы Солнца и большинства других звезд. Водород содержится в газовых туманностях, в межзвездном газе. В недрах звезд происходит превращение ядер атомов водорода в ядра атомов гелия, при этом выделяется огромное количество энергии [2]. В свободном состоянии водород встречается на Земле лишь в незначительных количествах. Иногда он выделяется вместе с другими газами при вулканических извержениях, а также из буровых скважин при добывании нефти. Но в виде соединений водород весьма распространен. Источником водорода на Земле являются вода ($H_2O$) и органические соединения, включая нефть, каменный и бурый уголь, природный газ и биомасса (состав всех растительных и животных организмов). Вместе с тем, запасы водорода, связанного в органическом веществе и в воде, практически неисчерпаемы [8].

Переход из топливной энергетики на водородную энергетику связан с заменой углеродсодержащих энергоносителей (нефть, природный газ, уголь и продукты их переработки) на водород, получаемый из воды с использованием электрической энергии как традиционным (гидро и атомная энергетика), так и нетрадиционным из ВИЭ (солнечной, ветровой, геотермальной и т.п.) [2].

Есть несколько методов получения водорода [9, 10-12]: химические; электролитические; термолитические; фотокаталитические; биохимические.

В настоящее время мировой годовой объем производства водорода составляет порядка 55 миллионов тонн, а ежегодным спрос на него увеличивается в среднем на 5%. При этом около 48% производимого водорода получают методом паровой конверсии природного газа, 30% - риформингом высших углеводородов в нефтеперерабатывающей промышленности, 18% - газификацией

угля, 3.9% - электролизом воды и 0.1% приходится на другие методы производства [14].

Из всех перечисленных методов получения водорода эффективным для Таджикистана является получение водорода электролитическим способом, т. е. электролизом воды [2].

Электролиз – разложение воды с образованием газообразного водорода и кислорода при пропускании через воду электрического тока. Электролиз воды один из наиболее известных и хорошо исследованных методов получения водорода. Он обеспечивает получение чистого продукта (99.6-99.9% $H_2$) в одну технологическую ступень. Экономика процесса в основном зависит от стоимости электроэнергии. Этот метод получил применение в ряде стран, обладающих значительными ресурсами гидроэнергии и бедными топливными энергоресурсами, таких как Норвегия и Япония. Возможные масштабы производства водорода, в этом случае, определяются гидроэнергетическим потенциалом рек. Важен этот метод и потому, что он является наиболее универсальным в отношении использования первичных источников энергии [2].

При воздействии постоянного электрического тока на воду происходит разложение воды на водород и кислород $H_2O = H_2 + 0.5\, O_2$ с выделением на катоде – водород и на аноде + кислорода. Так как вода дистиллированная является плохим проводником тока, удельное сопротивление около 4.10 ОМ-см, то для создания потока электронов в воду добавляют химически чистый едкий натрий (NaOH) или едкий калий (KOH). Напряжение между электродами составляет 1.6-2.3В, что достаточно для разложения воды, но не достаточно для разложения щелочи [13].

Дистиллированная вода является сырьем для получения водорода при электролизе воды. По своему качеству дистиллированная вода должна отвечать ГОСТ 6708-72. Для получения 1 м$^3$ водорода и 0.3 м$^3$ кислорода расходуется 0.805 кг воды [13].

С учетом уноса влаги с отходящими из электролизера газами, по практическим данным, расход дистиллированной воды поставляет 0.9 кг/ м$^3$ [13].

Фактические затраты зависят от типа электролизера, режима его работы и затрат электроэнергии на вспомогательное оборудование. С учетом этих затрат расход электроэнергии на выработку 1 м$^3$ водорода составляет 6,2 кВт-ч. Мощность производства определяется по производительности электролизера в м$^3$/час производства водорода [13] .

В настоящее время существует три способа электролитического производства водорода, отличающиеся типом электролита и условиями проведения электролиза [2,10]: Водно-шелочные 20-30%-ный водный раствор KOH (NaOH) (сухой, проточный). Температура электролиза, 50-100$^0$C. Энергозатраты на производство 1 м$^3$ $H_2$, 4-6 кВт·ч. Производительность до 500 м$^3$/ч $H_2$ (P = 0.1-5МПа; Твердый полимерный электролит (ТПЭ). Ионообменная мембрана с протонной проводимостью. Температура электролиза, 80-100**$^0$C.** Энергозатраты на производство 1 м$^3$ $H_2$, 4-6 кВт·ч. Производительность до 100 м$^3$/ч $H_2$ (P = 0.1-15 МПа). Малые габариты, безопасность, возможность работы в нестационарных режимах, простота обслуживания, отсутствие коррозионно-активных веществ. Полимерные электролизеры (ПЭ) в 5-7 раз дороже водно-щелочных с аналогичными характеристиками. Жесткие требования к чистоте подаваемой воды. Твердый оксидный электролит. Цирконий иттриевая керамика с кислород-анионной проводимостью при высоких температурах. Температура электролиза, 800-1000$^0$C. Энергозатраты на производство 1 м$^3$ $H_2$, 3.5-4 кВт·ч. Может работать только в стационарном режиме: в ходе эксплуатации следует избегать многочисленных циклов «пуск/остановка», сопряженных с циклическими изменениями температуры рабочих ячеек.

Как уже отметили в настоящее время только 4% мирового производства водорода получают электролизом воды [17]. Основной вклад в стоимость электролитического водорода, составляющий 70-

90%, вносят затраты на электроэнергию [10]. Для расщепления воды на водород $H_2$ и кислород $O_2$ затрачивается больше энергии, чем высвобождается при сгорании водорода, однако подобная схема вполне оправдана в случаях, когда себестоимость электроэнергии мала и использование водорода жизненно необходимо. При наличии дешевой электроэнергии, вырабатываемой на гидроэлектростанциях, или наличии «излишков» электроэнергии (в ночное или летнее время), эти «излишки» могут быть направлены на производства водорода $H_2$ и электролитическое получение водорода может стать рентабельным [2].

Среди других видов возобновляемых источников энергии в Таджикистане наиболее важными для применения являются гидроэнергия и солнечная энергия. Учитывая, что интенсивность солнечной радиации в большинстве районов достигает 1 кВт/м$^2$, а число часов работы солнечной системы – 2700 час/год, в случае покрытия солнечными панелями только 1% общей площади страны, теоретически энергия, которую можно было бы получать ежегодно, была бы равна 5 млрд. кВ·ч. Однако в практическом плане это нереально. Во-первых, из за высокой стоимости фотоэлектрических систем, во-вторых, невозможно охватить такие большие территории солнечными оборудованием, не нанеся вред экосистеме. Но сам принцип является верным. Можно охватить ту же самую территорию, рассредоточив установки на крышах зданий, на домах, по обочинам дорог, на заранее определенных участках земли и т.д. [16]. Выработанную электроэнергию от солнечных батарей, ветрогенераторов и биомассы можно использовать в электролизных установках для получения водорода из воды. В ясные солнечные дни фотоэлектрические станции обеспечивают гарантированное получение энергии непосредственно в местах её потребления, при этом отсутствует плата за топливо и его доставку, стоимость которого с каждым годом увеличивается. Технология производства солнечных и электрохимических преобразователей развивается высокими темпами, их стоимость с каждым годом снижается,

поэтому ставка на солнечные и ветровые электростанции с водородным накопителем энергии хорошая перспектива, поскольку путем электролиза воды на водород и кислород, с использованием энергии Солнца и ветра, можно способствовать решению проблемы сезонного аккумулирования солнечной и ветровой энергии, имеющей важное научное и практическое значение [2].

Также важно отметит, что огромные ресурсы гидроэнергетики, выработка в ближайшей перспективе до 10 млрд. кВт·ч излишков электроэнергии, и низкая себестоимость выработки электроэнергии на ГЭС Таджикистана (0.5 цент США 1кВт·ч), может сделать электролитическое получение водорода рентабельным. Необходимо отметить, что основным фактором, определяющим конкурентоспособность электролизера, будет не стоимость, а эффективность его работы, т.е. коэффициент полезного действия. Себестоимость производства водорода электролизом воды зависит от источника электроэнергии, используемой для расщепления воды, и на сегодня в 3-6 раз выше, чем получение водорода из природного газа. Однако преимуществом получения водорода этим методом является отсутствие зависимости от запаса углеводородного топлива, его стоимости и перебоев с поставками [2]).

На семью из 7 человек расходуется 1.3 м$^3$ газа в день [30]. Если с помощью водно-щелочного электролизера, производительность которого 500 м$^3$/ч (чистого водорода) а энергозатрат примерно 5 кВт·ч, произвести 500 м$^3$ водорода понадобится около 3000 кВт·ч электроэнергии. То есть 500 м$^3$ чистого водорода семьи из 7 человек употребляет в течение (500/1.5 м$^3$) 333 дней, а 333 семей состоявшие из семи человек в течение одного дня. Такой примитивный, но верный расчёт показывает, что для республики с большим потенциалам ВИЭ обеспечивать своих граждан водородом (топливом) не составит никакого труда.

Вплоть до 1960-х годов водород использовался во многих странах в форме бытового газа для освещения улиц, а также для домашних нужд (приготовление пищи, обогрев и освещение

помещений). Водород является хорошим восстановителем и широко используется в химической технологии, порошковой металлургии, машиностроении и микроэлектронике [20-25].

Среды всех известных газов водород имеет самую высокую теплопроводность, равную 0.182 Вт/м·град (при комнатной температуре и атмосферном давлении), самую низкую вязкость ($8.92 \cdot 10^{-5}$ Па·с) и большую теплотворность (120.7 МДж/кг) или 33.5 кВт·ч/кг или 3 кВт·ч/м$^3$ водорода [2]. Низкая вязкость водорода позволяет эффективно применять его для уменьшения трения в движущихся частях турбогенераторов тепловой и атомной энергетики [24].

Среди различных видов топлив водород имеет самую высокую теплоту сгорания ккал/грамм: водород – 34.0; метан – 17; нефть – 10.3; уголь – 7-8; касторовое масло – 9.1; древесина – 4.2 [15].

Данные теплоты сгорания различных видов топлив показывает, что водород может считаться топливом будущего, поскольку является самым легким топливом, с наибольшей энергией на единицу массы. Теплоту сгорания водорода можно легко превратить в химическую, механическую, и электрическую энергию с высоким КПД. КПД использования водорода в автомобилях составляет 60%, в то время как бензина – 25%. Кроме того, многочисленные исследования показали, что благодаря высокой физико-химической активности водорода достаточно его 5-10% добавки к бензину, чтобы снизить токсичность выхлопных газов до 75%, а расход топлива на 40% [1,22].

Основным потребителем водорода как топлива является космонавтика. Комбинация в топливных элементов «жидкий водород (топливо) – жидкий кислород (окислитель)» обеспечивает максимальное выделение энергии на единицу веса, что является определяющим критерием в космонавтике [19]. Ещё одним из реальных доказательств о возможности применения водорода является, что за всю историю использования водорода в ракетно-

космической технике не произошло ни одного взрыва по вине водорода [19].

Водород используют в пищевой промышленности при гидрировании природных растительных масел, в медицине (перекись водорода), в метрологии [2].

Водород также и эффективное топливо. Он может быть преобразован в другие формы энергии (механическую и электрическую) более эффективно, чем другие виды топливо) Широкие пределы воспламенения водорода 4.7-74% (об) против 0.5-6.0 (об) для бензина делают его идеальным горючим для двигателей внутреннего сгорания. Скорость сгорания водорода-воздушной смеси в двигателе в 3 раза больше, а энергия воспламенения 14 раз меньше чем изооктаново-воздушной смеси, при этом достигается значительно более высокий КПД [21]. Такие свойства водорода делают его чрезвычайно эффективным для применения в ДВС, даже в качестве добавки [2].

Вторым важным энергоресурсом и сырьём для получения водорода является вода, которым очень богат Таджикистан. Примерно 133 тыс. км$^2$ горных территорий Таджикистана являются аккумулятором воды в виде ледников и снежников [24]. Реки – самое сокровенное богатство Таджикистана. По территории страны протекают 947 рек, превышающие длину 10 км общая длина которых составляет более 28500 км. Реки Таджикистана в силу горной местности, в основном, скоротечные порожистые и не судоходные. Исключением являются реки Вахш и Сырдарья, где сооружены водохранилищи ГЭС и искусственные «моря», обеспечивающие нормальный режим работы турбин, а также способствующие орошению, водоснабжению и развитию судоходства [27]). Вода в больших реках, таких как Пяндж, берут начало из более мелких рек, которые имеют сезонный характер. Их водность увеличивается с апреля по июль, а затем снова уменьшается. Зимой вода в мелких реках замерзает или высыхает, что затрудняет нормальную работу гидроэлектростанций, и

приводит к отключению электроэнергии. Из этого можно сделать вывод, что энергию воды в мелких реках в летний период можно использовать для производства водорода с помощью микро гидроэлектростанций. Образующийся водород можно использовать для выработки электроэнергии с помощью топливных элементов и в качестве газообразного топлива. В связи с большим запасом водных ресурсов в Таджикистане имеются огромные возможности развития гидроэнергетики. Суммарные промышленные ресурсы составляют более 317 ТВт-ч в год, что почти в три раза превышает объем потребляемой сегодня электроэнергии в странах региона [2]. С вводом Рогунский ГЭС выработка электроэнергии в Республике Таджикистан достигнет 31-33 млрд. кВт-ч в год. При собственной потребности республики к 2030 году (оценочно 23-25 млрд. кВт-ч в год), избыток электроэнергии может составить 8-10 млрд. кВт-ч. Все эти условия создают большие возможности для производства водорода в Таджикистане в промышленном масштабе [28].

На рисунке 1 показано схема подключения электролизера для аккумулирования энергии ВИЭ и микроГЭС. Такую схему можно использовать в отдельности или совместно для каждого источника тока (ВИЭ и ГЭС). При использовании возобновляемых источников энергии, а именно солнечной энергии для генерации водорода электролизом воды, сначала получают электроэнергию (от солнечных батарей), потом по необходимости преобразуют с помощью преобразователей тока, затем подают в электролизную установку для получения водорода из воды. Для получения максимальной мощности от солнечных батарей чтобы обеспечить эффективность работы электролизера их снабжают устройством для слежения за точкой максимальной мощностью (солнечным трекером).




Рисунок 1. Принципиальная схема подключения электролизера к системе возобновляемых источников энергии.

Полученный водород (рис. 1) может транспортироваться по трубопроводом или в танкерах в места потребления, где из него можно получить электроэнергию с помощью топливных элементов или сразу использовать в качестве газообразного топлива для обогрева, приготовления пищи или на транспорте (рисунки 1, 2). Водород очень хорошо восполняет недостатки солнечной энергетики, и это объединение Солнца и водорода называют солнечно-водородной энергетической системой. Традиционные топливные ресурсы успешно можно заменить водородом, получая при этом значительную выгоду и не ухудшая состояния окружающей среды. [2,8].

Принципиальную схему, приведенную на рисунке 1 для аккумулирования энергии Солнца в виде водорода можно использовать для регионов с высокой интенсивностью солнечной радиации с помощью солнечных фотоэлектрических станций. Солнечные фотоэлектрические станции обеспечивают гарантированное поступление энергии непосредственно в место её потребления, при этом отсутствует плата за топливо и её доставку,

стоимость которого с каждым годом увеличивается. Технология производства солнечных и электрохимических преобразователей развивается высокими темпами, их стоимость с каждым годом снижается, поэтому ставка на солнечные и ветровые электростанции с водородным накопителем энергии имеет хорошие перспективы [18].

Схему на рисунке 1 можно использовать также к существующим большим, малым и микро-ГЭС для аккумулирования их «излишков» электроэнергии вырабатываемое в ночное или в летное время. Энергия, производимая в малых или больших ГЭС в зависимости от потребляемого напряжения электролизера воды сначала преобразуется в постоянное напряжение в преобразователях тока и потом подается к электролизеру.

В регионах с большим потенциалом гидроэнергии, где уровень воды рек летом становится больше, а осенью становится меньше, чтобы не терять дармовую энергию таких рек можно строить на них гирляндовые или другие волновые гидроэлектростанции и на выработанной электроэнергии производить водород (рис. 1). Производимый водород можно также транспортировать потребителям по трубопроводом или запасать в баллонах для хранении или использовать в качестве топливо для автомобилей. Необходимо также отметить, что гирляндный вид гидроэлектростанций один из простейших гидроэлектростанций, сооружение которой обходится дешевле всех существующих электростанций в расчёте на киловатт мощности. Они не нуждаются в плотине и могут быть установлены на реках глубиной более 25 см при скорости течения выше 1 м/сек. Гидроэлектростанция состоит из лёгких турбин – гидровингроторов, нанизанных в виде гирлянды на тросе, переброшенном через реку. Один конец троса закрепляется в опорном подшипнике, второй – вращает ротор генератора. Трос в этом случае играет роль своеобразного вала, вращательное движение которого передается к генератору через зубчатую передачу. Одна гирлянда турбин обеспечивает мощность от нескольких десятков

ватт до 5-15 киловатт. Можно объединять гирлянды, заставляя работать их на общую нагрузку и повышая тем самым мощность гидростанции [29]. Строительство таких видов гидроэлектростанций позволяет использовать энергию почти любых рек и ручеек в горных местностях Таджикистана, где естественный напор воды превышает 2 м/сек. и больше для получения водорода и кислорода электролизом воды.




Рисунок 2. Принципиальная схема использования электрической энергии производимой ВИЭ и микроГЭС для электролиза воды, её хранение в виде водородного энергоносителя и некоторые области его применения.

С экономической точки зрения, можно полагать, что использование ВИЭ для производства водорода электролитическим способом может принести огромную экономическую пользу по сравнению с тем если продавать только электроэнергию, поскольку произведенный водород имеет широкий спектр применения в экономике страны, а следовательно внести весомый вклад в бюджет страны (рис. 2).

Вторым продуктом, которое получается при электролизе воды, является кислород. Применение кислорода как у водорода очень широкое. Кислород используют при сжигании топлива, в металлургии при выплавке чугуна и стали, при сварке металлов, для получения высоких температур. Температура кислородно-ацетиленового пламени 3500°С, кислородно-водородного – 2800 °С. Он найдет свое место не только как ускоритель технологических процессов, но и как незаменимый очиститель и оздоровитель водоемов, промышленных стоков. Он также может быть помещен в хранилища и доставлен по трубопроводам к месту потребления или выброшен в атмосферу. При сжигании водород может соединяться с кислородом или из хранилища, или прямо из воздуха. Единственными продуктами сжигания водорода в чистом кислороде являются высокопотенциальное тепло и вода, а при горении водорода в воздухе образуется существенно меньшее количество загрязнителей воздуха, чем при сжигании минерального топлива. Кислород необходим для дыхания живых организмов, для окисления углеводов, жиров и белков. В природе происходит круговорот кислорода: растения в процессе фотосинтеза на свету превращают воду и углекислый газ в органические соединения, этот процесс сопровождается выделением кислорода [25,26].

На сегодняшний день основным препятствием к широкому практическому использованию водорода в качестве синтетического топлива является его высокая стоимость. Кроме того, хранение, транспортировка и применение водорода в больших количествах сопряжены с рядом трудностей. Например, при использовании водорода в качестве синтетического топлива в ДВС его масса составляет всего 1% от массы баллона, в котором он находится. Эту проблему решают путем использования сплавов некоторых металлов, которые обратимо связывают большой объем водорода. Так, лантан-никелевые и железо-титановые сплавы могут обратно связывать до 100 объемов водорода на 1 объем сплава [2].

Без создания дешевой, экономичной и надежной системы хранения водорода не приходится рассчитывать на быстрое развитие водородной энергетики. Как уже отмечалось, при электролитическом способе получения водорода его стоимость на 70-90% зависит от затраты на электроэнергию, т.е. на стоимость водорода влияют параметры электролизера и цена на электроэнергию. Например: при стоимости 1 кВт-час электроэнергии 2 цента, стоимость 1 кг произведенного водорода составляет – 1.34-1.75 долларов США; при 4 центах – 2.56-2.97 долларов, а при 8 центах – 5.51-6.05 долларов США [2,10].

Таджикистан среди стран СНГ – самая нефтезависимая страна, поскольку более 95% углеводородного сырья завозится из-за рубежа. В то же время 98% электроэнергии производиться на ГЭС республики. Огромные запасы гидроэнергетических и других видов возобновляемых энергоресурсов в Таджикистане, низкая себестоимость электроэнергии, вырабатываемой на ГЭС республики, наличия больших излишков электроэнергии, которые будут вырабатываться в ближайшие годы (8-10 млрд. кВт·ч/год) и возможность использования ночных и летних излишков «дешевой» электроэнергии дают все основания полагать, что эти ресурсы можно эффективно и рационально использовать для получения водорода из воды электролитическим методом» [2].

В связи с этим строительства завода по производству водорода в промышленном масштабе электролитическим способом путем электролиза воды в Таджикистане является весьма целесообразным, экономически выгодном и экологически безвредным производством.

## Список литературы

1. Назаров, С. К. Сезонное аккумулирование возобновляемых источников энергии. Молодой ученый. 2012, № 5, с. 50-52. URL: https://moluch.ru/archive/40/4791/.

2. Ахмедов Х.М., Каримов Х.С. Энергетика, основанная на использовании водорода и топливных элементов. – Душанбе: Дониш, 2018. С.160.

3. Савина Н.В., Лисогурская Л.Н., Лисогурский И.А. Накопители электрической энергии как средство повышения надёжности и экономичности функционирования электрической сети. – «Международный научно-исследовательский журнал», технические науки. 2020, № 2. С.63-70.

4. Сокольникова Т. В., Суслов К.В., Ломбарди П. Определение оптимальных параметров накопителя для интеграции возобновляемых источников энергии в изолированных энергосистемах с активными потребителями. – Вестник ИрГТУ, 2015, № 10. С.206-211.

5. Ефремов Д.Г. Исследование возможности и разработка способов применения накопителей энергии различного типа для противоаварийного управления при больших возмущениях в энергосистеме: дис. канд. техн. наук, – М., 2018, С.146.

6. Соколов М.А., Томасов В.С., Jastrzębskib R.P. Сравнительный анализ систем запасания энергии и определение оптимальных областей применения современных супермаховиков. – Научно-технический вестник информационных технологий, механики и оптики. 2014, № 4. С.149-155.

7. Бахтеев К.Р. Повышение эффективности функционирования систем централизованного и автономного электроснабжения путем комплексного применения электрохимических накопителей энергии, малой генерации и форсировки возбуждения синхронных машин : дис. канд. техн. наук. Казань, 2019. С.190.

8. Солнечно – водородная энергетика. [Электронный ресурс]. Режим доступа: https://enery.zp.ua.

9. Маляренко В.А., Федоренко Г.М., Губин С.В., Яковлев А.И. Изучаем земной и космический водород. – Альтернативные источники энергии. Часть 1, 2013, №1. С.40-48.

10. Тарасов Б.П., Лотоцкий М.В. Водородная энергетика: прошлое, настоящее, виды на будущее. – Российский химический журнал (Ж.Рос.хим. об-ва им. Д.И. Менделеева), 2006, т.1, №6, С.5-18.

11. А. да Роза. Получение водорода. Возобновляемые источники энергии. Физико-технические основы. /Перевод с анг. под. ред. С.П. Малышенко и О.С. Попеля/. – М.: Издательский дом МЭИ, 2010. С. 374-415.

12. Водород. Свойства, получение, хранение, транспортировка, применение. Справочник. /Под. ред. Д.Ю. Гамбруга и Н.Ф. Дубовкина / – М.: Химия, 1989. С.672.

13. Нормы технологического проектирования производства водорода методом электролиза воды. Комитет Российской Федерации по пищевой и перерабатывающей промышленности. – Москва, 1994.

14. Navarro R.M. 2 – Introduction to hydrogen production/R.M. Navarro, R. Guil, J.L.G. Fierro // Compendium of Hidrogen Energy. – 2015. – P. 21-61.

15. Глинка Н.Л. Общая химия. М.: Интеграл-пресс, 2007. С.727.

16. Солнечная энергетика. Состояние, возможности использования и перспективы развития. /Сост.: Ахмедов Х.М., Сакис Галигасис, Эльназаров А/. – Душанбе, 2007. С.114.

17. Полякова Т.В. Состояние и перспективы водородной энергетики в России и в мире. – Аналитическая записка. Центр глобальных проблем ИМИ. – Москва, 2012. С.37.

18. Нефедкин С.И., Крючкова М.И., Кпау З.Р. Использование водородных технологий в схемах автономного энергоснабжения на основе фотоэлектрической станции. – Международный форум «Возобновляемая энергетика». – Москва, 2014, С.330-337.

19. Материалы для водородной энергетики. – Курс лекций. Уральский государственный университет им. А.М. Горького, – Екатеринбург, 2008. С.132.

20. Получение водорода методом электролиза. [Электронный ресурс]. Режим доступа: http://www.gaz-gen.ru/support/articles/electrolizery/.

21. Радченко Р.В., Мокрушин А.С., Тюльпа В.В. Водород в энергетике. Учебное пособие. – Екатеринбург: Изд-во Уральского ун-та, 2014. С.229.

22. Виноградов Д.В. Современное состояние водородной энергетики. – Вопросы атомной науки и техники. Серия: Вакуум, чистые материалы и сверхпроводники, 2006, №1, С. 153-155.

23. Дмитриев А. Л. Диверсификация возобновляемых источников энергии с получением электроэнергии, тепла и водорода. – Труды II Международного симпозиума по водородной энергетике. – Москва, 1-2 ноября 2007. С. 13-15.

24. Нуралиев К., Абдусамадов М., Латипов Р.Б. Водные ресурсы Таджикистана: инициативы, ситуация и перспективы. – Душанбе: «Азия-Принт», 2011. С.220.

25. Применение кислорода. [электронный ресурс]. Режим доступа: https://ido.tsu.ru/schools/chem/data/res/neorg/uchpos/text/g3_4_7.html

26. Накоряков В, Розенберг Ж. Водородная энергетика. [электронный ресурс]. Режим доступа: https://ecoteco.ru/?id=560.

27. Министерство энергетики и водных ресурсов Республики Таджикистан https://www.mewr.tj/?page_id=390.

28. Сайт Рогунской ГЭС. [электронный ресурс]. Режим доступа: http://rogunges.tj.

29. В. Блинов. Гирляндная ГЭС. Радио 1960 №1. [электронный ресурс]. Режим доступа: http://the-mostly.ru/misc/garland_hydro_electrical_plant.html.

30. Крепис И.Б. возможности и перспективы получения энергии с помощью метанового брожения. Изв.АН СССР. Сер. биологическая, №1, 1979. С.103-112.

**Исомиддин ШАРИФЗОДА**
*номзади илми фалсафа*

## ҶОЙГОҲИ АНТРОПОЛОГИЯ ДАР ТАСНИФОТИ ИБНИ СИНО

Ибни Сино, ки яке аз бузургтарин файласуфони машоияи шарқӣ ба ҳисоб меравад, дар тақсимбандии улум ҳамон принсипҳои Арастуиро риоят намуда, маҷмуи улуми ҳикматӣ ё фалсафиро ба ду тақсим мекунад: назарӣ ва амалӣ.

Фалсафаи назарӣ масоили умумии ҳастӣ, ҷавҳари аввалияи ашёҳо ва равандҳоро баррасӣ менамояд. Фалсафи амалӣ бошад, бештар ба масоиле нигаронида шудааст, ки онҳо муатаалиқ ба инсон, табиати инсон, ҷойгоҳи инсон ва муҳимияти инсон дар ҷаҳонро мушаххас менамояд. Ба ин тариқ метавон тасдиқ намуд, ки дар низоми фалсафию илмии тақсимбандии илмҳо дар асри миёна масоили антропологӣ маҳз дар қисмати фалсафаи амалӣ баррасӣ гардидаанд. Махсусан масоили иҷтимоию сиёсӣ, моҳияти ахлоқии инсон, масоили хоҷагидорӣ ва зебоишиносӣ дар ҳамин қисмат баррасӣ мешаванд, ки робитаи бевосита ба инсон дошта, аз он маншаъ мегиранд. Дар маҷмӯъ, метавон чунин арзёбӣ намуд, ки дидгоҳи антропологии Ибни Сино дар ҷаҳонбинии фалсафии ӯ ва осораш ифода ёфта, тақсимбандӣ ё классификатсияи инҳо дар асарҳои “Донишнома”, “Фалсафаи машриқайн”, “Ишорот ва танбеҳот” зикр гардида, ҳамчунин як маҷмуае ихтисосие низ дар тақсимбандии улум бо номи «Дар ақсоми улуми ақлия тадвин кардааст». Маҳз дар ҳамин китоб Ибни Сино ҳикмати замони худашро ба ҳикмати назариву амалӣ тақсим менамоя. Мақсади асосии ҳикмати назариро дар дарёфти ҳақиқат дониста, моҳияти фалсафаи

амалиро ба самти ҳақиқат равона намудани маърифатро дар назар дорад. Яъне дар ин самт махсусан, фаъолиятҳои инсонӣ, ки ҷиҳати ба камол расонидани инсон ва ҷамбаҳои моҳияти ахлоқии инсонӣ метавонанд онро шоиставу хушбахт намоянд зикр гардидааст.

Субъекти асосии фалсафаи амалии Ибни Сино фард ҳисобида мешавад, ки он дар як вақт инсони мушаххас аст ва ҳамчунин ҳамчун маводи иҷтимоӣ дорои хусусияти иҷтимоӣ низ мебошад. Тавре Ибни Сино менигорад: "Инсон гоҳо фард аст ва гоҳо дар иҷтимоъ ва иҷтимоъ иборат аст аз аъзои оила ё ҳамзаминон. Аз ин рӯ ҳикмати амалӣ бар се қисмат аст: қисми аввал илм дар бораи идоракунии шаҳр, қисми дуюм илм дар бораи идоракунии хона ва қсими сеюм илм дар бораи идоракунии худ.[6]

Аз ин рӯ, Ибни Сино фалсафаи амалиро ба се қисми таркибӣ ҷудо менамояд, ки ҳар кадоме аз онҳо ҷиҳати сохтмони инсон ва ҷойгоҳу аҳамияти ӯ нигаронида шудаанд. Дар ин сурат ӯ гуфтори пешини худро тақвият медиҳад ва дар ҷойи аввал илми ахлоқро мегузорад ва онро "Таҳзиби ахлоқ" ном мебарад. Мутмаин аст, ки: «инсон бояд бидонад кадом навъи ахлоқ, кадом хислат ва кадом амалкардро зоҳир намояд то ин ки хушбахтиро дар зиндагии заминӣ ва куҳӣ ба даст орад»[7].. Дар ин радиф ӯ роҳнамои асосӣ китоби Аристотел «Ахлоқи Никомах»-ро пешниҳод менамояд.

Қисмати дуюми улуми амалиро донишманд ҳамчун илм дар идоракунии умури хона, яъне хоҷагидорӣ ном мебарад. Предмети ин илм хусусияти иҷтимоӣ дорад, ки дар он инсон бояд тавонад аз кадом навъи амалкард, роҳу равиш кор

[6]Ибни Сино. Донишнома. Осор. Ҷилди 1. Душанбе. Ирфон 1980. С. 104.
[7] Ибни Сино дар ақсои улуми ақлия. Осори Мунтахаб. Ҷилди 2. – Душанбе: Ирфон 1980. С.103.

бигирад, то тавонад масоили зиндагиро ба низом дарорад, то ин ки тавонад ҳамгироиро ҳамроҳи ҳамсар, фарзандону тобеон дурусту оқилона ба роҳ монад ва хушбахтиро ҳамроҳи онҳо ба даст дарорад. Дар ин маврид китобҳои зиёдеро тавсия медиҳад, аз ҷумла китоби «Арданиса» дар бораи тадбири манзил.

Қисмати сеюм ба улуми сиёсӣ бахшида шудааст, ки дар он тарзи идоракунии роҳбариро дар гурӯҳ, давлат ва дар маҷмӯъ ҷомеа баррасӣ менамояд. Маҳз барои расидан ба ин ҳадаф инсонро зарур аст: «Анвои гуногуни сиёсатро донад, асосҳои накукорӣ дар ҷомеа ва тарзи давлатдориро аз худ намояд то ин ки дар як они воҳид тавонад байни мадинаи фозила ва мадинаи ҷоҳила фарқ гузорад ва сабаби рушди он яке ва сабаби таназули дигареро баён карда тавонад».[8]

Дар ин қисмат ҳамчунин масоили расулият ва фарқи онон аз паёмбарони дурӯғин ва инчунин принсипҳои динӣ баҳс мекунад. Ибни Сино муътақид аст, ки китобҳои Афлотунун Арасту барои идораи умури сиёсӣ ҷавобгӯянд. (Дар ин ҷо ба назар мерасад, ки китобҳои Арасту "Сиёсат" ва китобҳои Афлотун "Қонунҳо" ва "Фароқонунҳо" ро дар назар дорад).

Қобили қайд аст, ки дар низоми фалсафии Ибни Сино инсон на танҳо дар доираи улуми амалӣ, балки дар доираи ҳикмати назарӣ низ мавриди баррасӣ қарор мегирад. Илми аввале, ки ба назари Сино «Моро хабардор менамояд, ки чи гуна амал кард. Ин илми амалӣ аст ва манфиаташ дар он ифида меёбад, ки он ба мо таълим медиҳад, чи амалро мо бояд анҷом диҳем ва аз чи амале бипарҳезем. Чи сон кушиш ба харҷ бидиҳем, ки аъмоламонро дар ин дунё шоиставу

---

[88] Ҳамон ҷо. С. 104.

босаодат ба роҳ монем, то дар дунёи дигар худамонро аз уқубат бираҳонем».[9] .

Илми дуюме ки Ибни Сино онро қисмати назарӣ медонад, чунин шарҳ медиҳад, ки «моро аз вазъи чигунагии ҳастии чизҳо хабар медиҳад, то ин ки руҳи мо аз гирифтори растагор бишавад ва ба саодат он дунё бирасад». [10]

Ҳамчунин ӯ илмро бар се навъ тақсим менамояд:

1. Илми уло. Яъне мовароутабиат ё метафизика.
2. Илми васатӣ(мобайнӣ) – яъне математика.
3. Илми поёнӣ –табииёт.

Аз ин се илми назарӣ наздиктарин аз онҳо, ки ба омӯзиши инсон метавонанд таъсиргузор бошанд, ин илми табииёт ба ҳисоб меравад. Зеро он дар худ фарогири нафс аст, ки он олами наботӣ оғоз гардида таҳаввулӣ он дар олами ҳайвонию инсонӣ омада мерасад ва ҳолатҳои гуногуни равониву ҷисмониро ифодагар аст. Он дар шакли нафси наботӣ, нафси ҳайвонӣ ва нафси нотиқа таҳаввул менамояд. Агар назарияи нафсро бо тақсимбандии улуми муосир муқоиса намоем он фарогири вазъиятҳои равонӣ буда, гоҳо масоили психологиро ифода мекунад ва гоҳо масоили дигарро. Аз ин бармеояд, ки назарияи нафс ҳам дар доираи улуми табиӣ ва ҳам дар доираи мантиқу метафизика чун илми мустақил мавриди баррасӣ қарор мегирад.

Предмети омӯзиши илми уло ҳастии мутлақ аст ва ҳамчунин вазъиятҳои ҳастии мутлақ «...ки баромада аз худи ҳастӣ ва ҷузъи ҷудонашаванда ва вобастаи он ба ҳисоб рафта, ҳадафи он ба даст овардани ҳақиқат аст». Ҳамаи қисматҳои назарии фалсафа ба манзури Ибни Сино теология,

---

[9] Ибни Сино дар ақсои улуми ақлия. Осори Мунтахаб. Ҷилди 2. – Душанбе: Ирфон, 1980, С. 103.

[10] Ҳамон ҷо. С.104.

математика ва физика дар таркиби худ дар баробари улуми ҳақиқӣ ҳамчунин илмҳои ёридиҳандаву татбиқӣ ва гоҳо дар шакли ишороту танбеҳот баён мегарданд.

Манзури Ибни Сино аз метафизика он аст, ки ин илм ҷиҳати маърифати ҷавҳари рӯҳонӣ ва дарки Воҷибулвуҷуд, фиристодагонаш, хусусиятҳояш, ҳамчунин дунёи дигар, дар бобати поёнпазирии зиндагии инсонӣ, инчунин дар бораи ҷисм ва ақл баҳс намуда, роҳҳои шаффоф намудани рӯҳ ва расидан ба саодати осмониро пешниҳод менамояд.[11] .

Фалсафаи табиат низ ҳамчун метафизика дар навбати худ ба ду қисмати асосӣ тақсим мешавад. Ба улуми ҳақиқии табиӣ ва улуми татбиқии табиӣ. Ҳар кадоме аз онҳо ба якчанд қисмат тақсиманд. Илми табииёти ҳақиқӣ аз 8 қисмат иборат аст ва дар худ тамоми улуми табииро ба ҷуз аз илм дар бораи нафс фарогир аст. Улуми табиии татбиқӣ ё фалсафаи табиат аз 7 қисмат иборат аст, ки дар худ фарогири Нуҷум (астрономия), пизишкия (медицина), физиогномика, илм дар бораи тафсири хобҳо, тилисмот, найранҷот ва химия. Ҳамаи улуми номбурдашуда аз рӯи дараҷаи муаян бозгӯкунандаи хулқу атвори инсон ва ҳамчунин ҳолатҳои муаяни инсонро ифода менамояд. Аз ҷумла: 1. Медицина ҳадафи ин илм аз он иборат аст, ки метавонад муайян созад, ҳолатҳои солимӣ ва сабаби бемориҳоро ва ҳамчунин чи гуна рафъ кардани беморӣ ва нигоҳ доштани саломатиро барои инсонҳо; 2. Физиогномика – аз рӯи ҳадаф бозгукунандаи хислату ахлоқи инсон дар асоси аъзои қиёфаи зоҳирии ӯ маънидод менамояд. Аз ин рӯ ин илм гоҳо ҳамчун қиёфашиносӣ низ ном бурда мешавад. 3. Илми тафсири хоб – ҳадафаш ба он равона гардидааст, ки тавонад хобҳои инсонро ва он симову

[11] Ибни Сино дар ақсои улуми ақлия. Осори Мунтахаб. Ҷилди 2. – Душанбе: Ирфон, 1980. С.103.

вазъиятҳое, ки дар вақти хоб ба вуҷуд меоянд онҳоро вобаста аз вазъи инсон пешбинию пешгӯӣ намояд ва ҳамчунин онҳоро маънидод созад. 4. Тилисмот аз рӯи мундариҷаи худ ин илм ба самти он равона карда шудааст, ки маънидод намояд дар кадомин аз вақтҳои муйаян ҳангоми омехташавии қувваи фаъоли замин бо қувваи фаъоли осмонӣ кадом навъи мӯъҷизаҳову зуҳурот ба амал меоянд. 5. Ҷодугарӣ ё илми найранҷот-илмест, ки омезишёбии нерӯҳои фаъол ва ғайрифаъолро,ки дар зимни онҳо ҳаводиси муъҷизаовар ва сеҳрангез ба вуқуъ меоянд, шарҳ медиҳад. Ҳадафи ин илм дар он аст, ки ба воситаи ин қувват сирри пушидаи дӯстона ва ҳамчунин маънидод кардани амалҳои аҷиб ва ғайриоддию осмониро дар табиати инсон бозгӯ менамояд.

Аз ин миён ду илми дигареанд, ки бевосита ба зуҳуроти табиӣ алоқамандӣ доранд, метавон Нуҷум (Астрономия) ва кимиё (химия) ном бурд, ки дар гузашта ва ҳол ҳам ин улум ба хотири бароварда кардани ниёзҳои инсонӣ истифода мешаванд.

Яке аз илмҳои дигаре ки дар сохтори улуми миёна (математикӣ) дохил мегардад ин назарияи мусиқӣ аст, ки он низ аз маҷмӯи мушаххаси ададҳо ва меъёрҳо иборат аст. Назарияи мусиқиро мансуб донистан дар таркиби илмҳои риёзӣ ногаҳонӣ нест. Зеро он "омӯзонандаи таркиби овозҳо, пайвастшавии гуногуни онҳо, ҳолату вазъи онҳо, кашиш ва анвои ташаккулёбию пайвастшавии овозҳо, оҳангнокии асбобҳои мусиқиро тафсир медиҳад".[12]

Ба тарзи дигар табиати овозҳо дорои хосияти миқдорӣ ва меъёрӣ аст: оҳангнокӣ, кашиш ва фароварди овозҳо. Ҳамчун илми татбиқии назарияи мусиқӣ илми тайёр кардани асбобҳои мусиқӣ ба ҳисоб меравад. Бо назардошти ин ки

[12] Диноршоев М. Натурфилософия Ибни Сино. Душанбе: Дониш, 1985. С. 40.

моҳияти мусиқӣ инчунин аз он маншаъгирандаи санъати рақс, зебоӣ ва маънавиёти инсон баҳравар мегардад, ин илм низба қисмати илмҳои алоқаманд аст, ки инсонро мавриди баррасӣ қарор медиҳад.

Масоили фалсафии инсон ибтидои хешро аз масъалаи таълимот дар бораи нафс, ҷон мегирад, ки дар он масъалаи ҳамбастагии ду ҷавҳари асосии инсонӣ ҷон ва тан мавриди баҳси ҳамешагианд. Махсусан ин навъи ҷаҳонбинӣ ва баҳс рӯи он хатти ҷудокунандае барои системаҳои гуногуни фалсафӣ назару дидгоҳи мутаффаккирон ва мактабҳои фалсафӣ будааст. Дар ин қисмат масъалаи меҳварӣ масъалаи моҳият ва вуҷуди инсон аст. Обекти асосии омӯзиши он аз шинохти ҳолати дарунии ҷаҳони равонии индивид шуруъ карда аз соддатарин ҷисмҳои зинда то ба дараҷаи олии ба вуҷуд омадани хиради инсонро матраҳ месозад. Вай на танҳо фарогири қисмати бошууронаи инсон балки ҳолати таҳту шуур ҳамчун фаросат (интуитсия), ғариза (инстикнт), хоббинӣ инчунин дигар ҳолатҳои равонии фардро ифода мекунад. Қобили қайд аст, ки дар он давр аз баҳогузории ҳамбастагии байни руҳ ва ҷисм дурнамои  ҷаҳонбинии ин ё он файласуф ва ҳамчунин низоми фалсафии он шакл мегирад. Махсусан аз ҳамин ҳамбастагӣ мақоми инсон дар тамоми низоми илмҳо муаян карда мешавад.

Таълимот дар бораи нафс бо ҳамбастагии ба вазъияти рӯҳонӣ масоилеро аз қабили равоншиносии хоббинӣ, фалсафӣ, ахлоқӣ, зистшиносӣ ва амсоли инҳо ба вуҷуд меоварад, ки онҳо ҳамбастагии иҷтимоӣ ва моҳияти инсонро ифода менамоянд. Аз ин хотир онҳо ҳамчун асоси консептуалӣ ва мафҳумҳои меҳварии маҷмӯи илмҳои дигар мегардад. Таҳлили муназзами масъалаи инсонро наметавон аз маҷмӯи дигар илмҳо ҷудо намуд. Онро метавон танҳо дар низоми мукаммали фалсафаи Ибни Сино мавриди баррасӣ

қарор дод. Яъне он дар ҳам дар мантиқ ҳам дар метафизика ва ҳам дар табииёти Сино ифода ёфтааст. Аз ин бармеояд, ки аксар аз улуме ки дар замони Сино мавриди омӯзишу баррасӣ қарор мегирифтанд дар худ масоили инсонро бевосита матрақ намуда инсонро ҳамчун меҳвар дар омӯзиши худ қарор доданд.

Қобили қайд аст ки дар масили ахлоқии пайравони мактаби машоҳия бахусус Ибни Сино масъалаи инсон дар маҷмуъ масъалаи меҳвариро ташкил медиҳад ва он муаянкунандаи табиати иҷтимоии инсон маърифат мегардад. Масоили инсон аз дидгоҳи назари ахлоқӣ дар консепсияҳои гуногун аз ҷумла консепсия дар бораи хайру шар, анҷоми амалҳои наку, дар бораи муҳаббат ва саодат, дар бораи озодии андеша, зимини барасии идеяи инсони комил, матраҳ мегарадад. Қобили қайд аст, ки сиёсат ва дидгоҳи сиёсии Ибни Сино ҳамчун илм қисмате аз таълимоти фалсафии ӯро ташкил медиҳад.

Яке аз номуаяниҳое ки дар низоми тақсимбанди илмии аз ҷониби Ибни Сино ба роҳ монда шуда, ин ҷойгоҳи таълимоти тадобири манзил аст. Вай як ҷойи худро гоҳе дар байни илмҳои сиёсат ва ахлоқ ишғол мекунад, ки гоҳҳо онро метавон ба аввалӣ ва гоҳҳо онро метавон ба баъдӣ мансуб донист. Ҳарчанд Ибни Сино дар нақшабандиаш дуруст нишон додааст, ки ин илм фарогири чорчӯбаи зиндагии оилавӣ аст ва онро метавон иқтисодиёт ном буд ё аз рӯи муҳтавояш метавон онро ҳамчун санъати идоракунӣ (дар зиндагии оилавӣ), яъне сиёсат ва аз ҷониби дигар ҳамчун ахлоқ дар танзими муносибатҳо байни аъзои оила дар асоси меъёрҳои ахлоқӣ ҳисобид. Дар ин бобат метавон ба яке аз асарҳои Ини Сино ки махсус дар бобати хоҷагидорӣ рисолаеро бо номи "тадбири манзил" навишта шудааст, ошноӣ пайдо намуд. Ин рисоларо метавон энсиклопедияи хурде арзёбӣ кард, ки муҳтавои онро

дар самти иқтисод, сиёсат, ахлоқ ҳамчунин дигар бахшҳои сиёсию иҷтимоии ҷомеа махсусан зиндагии фардии афроди ҷомеа баррасӣ намуд. Тавре аз тақсимбандии илмии Ибни Сино бармеояд, илми пизишкӣ дар таркиби илм дар бораи табиат дохил гардида, ҷойгоҳи дуюмдараҷаро ташкил медиҳад. Бо ин нигоҳ накарда, дар осори пизишкии Ибни Сино махсусан дар китоби "Алқонун фи тиб" мо дар бораи дастовардҳои илмии арзишманде дар масоили биологӣ, анатомӣ, физиологӣ, сохтори мағзи инсон ва амалкардҳои системаи олии асаби инсон, маълумот ҳосил менамоем. Дар ин қисмат аз ҳама арзишманд, таълимот дар бораи мизоҷ аст, ки он муайянкунандаи хислатҳои инсонӣ ва гуруҳҳои этникиро дар бар мегирад. Ҳамаи дастовардҳои Ибни Синоро дар бобати ҳамоҳангии байни ҷисму равони инсон метавон маънидод кард. Аз ин нуқтаи назар таълимоти тиббии Ибни Сино ба метафизикаю космологияи фалсафии ӯ алоқаманд буда, аз ин лиҳоз метавон арзёбӣ кард, ки инсон дар онҳо низ метавонад ба ҳайси обекти асосии омӯзиш қарор гирифта ҷанбаҳои гуногуни беруниву дохилии он метавонанд, мавзӯи матраҳи ин илмҳо бошад.

Дар низоми тақсимбандии илмҳои назарӣ яке аз ҷойҳои асосиро илми мантиқ ташкил медиҳад. Ибни Сино мантиқро ҳамчун илми "равшанибахши роҳи инсон зимни аз худ кардани ҳикмати назарию амалӣ аст. Вай барои пешгирӣ кардан аз ҳар гуна хатову инҳирофот ҳангоми баррасиҳои фаросатию назариявӣ зимни баҳсҳо хидмат менамояд"[13].

Дар низоми илмии Ибни Сино мантиқ ҷойгоҳи духура дорад ва ҷавобгӯ ба он ду вазифаро иҷро менамояд. Аз як тараф он ҷузъи фалсафа аст ва аз ин лиҳоз вай ба улуми фалсафӣ дохил мешавад. Аз ҷониби дигар вай ҳамчун равиш

[13]Ибни Сино О класификации рациональных наук. С. 108.

ва усули дарёфти дониши илмӣ яъне обзори фикр кардан (органон) аст. Аз рӯи ташхисбандӣ метавон гуфт дар чунин тақсимбандии файласуф бархурди фикрӣ вуҷуд надорад ва он дуруст қайд мекунад, ки мантиқ аз як тараф ҷузъи фалсафа аст ва аз ҷониби дигар афзори ҳосил кардани илм. "Агар мо предмети мантиқро ба ҳайси шинохти як мавҷуд гирем, дар ин ҳолат мантиқ ҷузъе аз фалсафа аст, ки ҳолатҳои гуногуни вуҷудро баррасӣ менамяод. Табиати мантиқ аз он иборат аст, ки он ба мо меомӯзад чи гуна номуаянӣ ба мо равшан мешавад, ё ин ки чи гуна ба мо барои ба даст овардани ашёи номаълум кумак мерасонад".[14]

Ба ҳайси илми алоҳида мантиқро Ибни Сино ба 9 қисмат тақсим менамояд. Ин, пеш аз ҳама, ба он нигаронида шудааст, ки масоили фаросатӣ, назарӣ ва маърифатиро ҳал намояд. Вале дар тамоми ин тақсимбандӣ чунин ба назар мерасад, ки инсон ҳолатҳои ҳамарӯзаву амалии ӯ дар ин тақсимбандӣ ба назар мерасанд. Масалан дар қисми 7 мантиқ ки риторика ё санъати суханрварӣ ном дорад гап дар бобати таъсиргузории фард дар зиндагии иҷтимоии ҷомеа баҳс мекунад, ки яке аз самтҳои муҳими фаъолтияти иҷтимоӣ дар даврони антиқа ва фалсафаи асри миёнагӣ ба ҳисоб меравад. Дар он усулҳои санъати суханварӣ ҳамчун силогизмҳои риторикӣ истифода мешуданд, ки ниҳоятан манфиатовар ҳангоми хитобаҳои иҷтимоӣ ва ҳамчунин ҳангоми мубоҳисаҳо ва истифодаи найрангҳои баҳсӣ истифода мегардид. Қисмати даҳуми мантиқро фаронетика ё поэтика номгузорӣ кардааст, ки он хоси шеър буда ба хусусиятҳои силогизимҳои шеърӣ бахшида мешавад ва фарқаш аз риторика дар он аст, ки он ифодагари ғайри воқеъият яъне бофта ва тахаюлоти инсон аст. Силогизми шоирона барои рангин кардани тасаввури инсонӣ

[14]Диноршоев М. Натурфилософия Ибни Сино. Душанбе: Дониш, 1985, С. 40.

манфиатбахш аст. Ибни Сино асрори мавҷудияти инсонро на танҳо дар осори илмиаш баррасӣ месозад, балки онҳоро зимни баррасии осори адабию бадеияш низ матраҳ менамояд, махсусан дар осори шеъриаш бахусус дар рубоиёт ки хусуияти фалсафӣ доранд, он кушиш менамояд асрори пушидаи инсонро ошкор созад ва ба яке аз масъалаҳои ҳамешагии ҳастӣ яъне инсон ҷавоб ҷӯяд. Махсус дар ҳамин осори адабию бадеӣ Ибни Сино моҳияти такомули инсонро ки ҳамеша дар ҳоли такмил аст, нишон медиҳад. Ӯ мутмаин аст, ки санъати шеър ҷойгоҳи муҳимеро дар байни илмҳои дигар ҳангоми дарки дидгоҳҳои антропологӣ ба вуҷуд меоварад. Ин ба донишманд имкон медиҳад, ки дар шакли санъати истифодаи мафҳумҳои забонӣ масъалаҳои мураккаби ҳастии инсонро баррасӣ намуда ба онҳо ҷавобҳои мушаххас пешниҳод намояд. Шеъри шакли фалсафӣ часпида улуми тиббиро низ баён месозад. Махсусан яке аз рисолаҳои тиббиаш бо номи Урҷузафиттиб дар шакли шеърӣ суруда шуда буд. Дар ашъори Ибни Сино на танҳо масоили илмию фалсафии донишманд балки ҳамчунин хислатҳои шахсии ӯ ҷаҳонбинӣ, кушишҳои маънавӣ, дурнамоҳои арзишӣ ва мавқеъгириҳои ахлоқӣ ҳамчунин ҷаҳони психологии ӯ таҷассум ёфтаанд.

Дар баробари ин масоили антропологӣ, ки Ибни Сино ба он таваҷҷуҳи бевосита зоҳир намудааст, сарчашмаи асосиаш дидгоҳи Арасту ба ҳисоб меравад.

Баъзе аз ҳолатҳое ба чашм мерасанд, ки Ибни Сино аз ҷамбаҳои ахлоқии муаллими аввал истифода мекунад ва дар тақсимбандии некуӣ ва накукорӣ аз шеваи он кор мегирад. Ҳарчанд замони тулоние байни Арастуву ва Ибни Сино гузаштааст, аммо афкори арзишманди ахлоқии Арасту моҳияти худро гум накарда ҳанӯз побарҷо мондаанд. Дар фалсафаи этикаи амалӣ низ Ибни Сино ба этикаи Арасту таваҷҷуҳ менамояд. Ҳангоми таърифи предмети ахлоқ ба

мисли Арасту аз он идеяе кор мегирад, ки рафторҳои ахлоқии инсон то андозае баёнгари маънии зиндагии ӯ буда, барои боз ҳам такмил додани маънавиёт ва ба даст овардани сифатҳои болотару олӣ дорои аҳамиятанд. Этикаи Арасту ва Ибни Сино инсонро дорои иродаи озод вале дар айни ҳол дорои масъулият ба ҳар амали аз ҷониби ӯ анҷомшаванда ки идораи ҳамаи онҳо аз ҷониби аҳли кул ба роҳ монда мешавад.

Дар замони худ Ибни Сино истеъдоди баланди фитрии Арастуро баҳогузорӣ карда қайд карда буд: "Инсоне ки бори аввал чизҳои пушидаро барои мардум ошкор кард ва надонистаҳоро барои мардумон омӯзондва хатоҳоро ислоҳ намуд, дараҷаи олии тавоноии инсон ба ҳисоб меравад" (Ибни Сино. Ҳикмати машриқия. Осори мунтахаб. Ҷ. 4. Душанбе: Ирфон, 1992. С. 21).

Ҳар касе паз аз Арасту омад ва хост онро ислоҳ кунад ӯ ба инҳирофот рафт ва ҳатман дар таснифоти соҳот дубора ба равиши татбиқ намудаи ӯ такя варзидааст. Қобили қайд аст, ки Ибни Сино на танҳо муфассир бар осори Арасту аст, балки дар ҳолатҳои муаян дидгоҳҳои Арастуӣ берун рафт ва назари шахсии хешро дар масоили гуногуни ҳастишиносию назарияи маърифат, баён медорад. Аксар аз муҳаққиқон ба он назаранд, ки дар китоби "Фалсафаи машриқайн" Ибни Сино дидгоҳи хосаи худро нисбати масолили фалсафӣ баён намудааст. Онҳо муътақидан, ки китоби мазкур аз дигоҳҳои файласуфони машоӣ ки ҳамагӣ пайравони Арасту буданд, фарқ мекунад. Ҳамин аст, ки онҳо Ибни Синоро на танҳо муфассири Арасту балки ӯро мунақиди Арасту низ ёд мекунанд. қобили қайд аст, ки дар фалсафаи юнонӣ на танҳо Арасту масолили антропологиро баррасӣ кардааст, балки дигар мутафаккирону донишмандон масоили антропологиро чи дар шакли мавзуоти фалсафӣ ва чи дар шакли мавзуҳои пизишкӣ баррасӣ гардидаанд. Қобили қайд аст, ки дар шаклгирии

донишҳои тиббии Ибни Сино таъсири донишмандони юнонӣ аст, ки он тавассути интиқол аз насл ба насл то даврони он омада расидааст. Бояд қайд кард, ки ӯ донишҳои тибиро назди Абумансури Қамарӣ ва Абусаҳли Масеҳӣ гирифтааст, ки дуввуми пайрави дини масеҳият буд. Ҳамчунин масеҳиро муаллифи китоби сад навъи санъат дар пизишкия медонанд. Донишҳои асосии масеҳӣ сарчашма мегиранд аз донишҳои тибии гипократ ва галена. Ин донишҳо баъдан аз ҷониби Абубакри Розӣ тақвият дода шуда, онҳо дар 30 ҷилд бо номи "Алкитоб ал Ҳовия" интишор ёфтаанд. Китоби қонун ал тиби Ибни Сино низ дар чорчубаи ҳамин осор навишат шудааст. Бояд қайд кард, ки масъалаи мизоҷ ки Ибни Сино онро баррасӣ менамояд, поягузорӣ шудааст дар таълимоти гипократ ва глен, ки он бо номи таълимоти дар бораи темперамент баррасӣ гардидааст. Тибқи ин таълимот мизоҷ (темперамент) вобаста аз чор моеъст, ки организм онҳоро аз худ ҷудо менамояд (хун, шилмак, талхаи зард ва сиёҳ) аз рӯи таснифоти он инсонҳоро ба чор навъи мизоҷ тақсим менамояд. Сангвиникҳо, холерикҳо, меланхоликҳо ва флегматикҳо, ки ҳар кадоме аз онҳо пайваст бо ин чор навъи моеъ буда, ҳар кадоме дорои хислату хусусияти хоса мебошанд.

Нотакрории зуҳуроти Ибни Сино дар он аст, ки ӯ тавонистааст дидгоҳҳои ғарбу шарқиро ба ҳам омезиш диҳад. Махсусан дар бахши зебоишиносӣ ӯ тавонистааст, китоби поэтикаи Арастуро ба ҳайси тафсиргари санъати бадеӣ қарор дода, дар баробари ин китоб як асаре бо номи саноати шеърӣ низ таълиф намудааст. Ҳамчунин китоби риторикаи Арасту низ дар тарзи суханварию илми хитоба ва баён барои Ибни Сино таъсиргузор ва муҳим будаанд.

**Ширин ҚУРБОНОВА**
*номзади илми таърих*

## РОҲИ НАҶОТ ИЛМ АСТ

*(мулоҳизаҳо дар ҳошияи Паёми навбатии Пешвои миллат)*

*“Дар даврони соҳибистиқлолӣ маорифпарварӣ яке аз самтҳои меҳвардавлатдории мо буда, рушди илму маориф, омӯзиши техника ва технологияҳои нав, тақвияти нерӯҳои зеҳнӣ ва ташаккули забони илм дар мақоми авлавият қарор дорад. Дар ин раванд, мо ҷойгоҳу манзалат ва дар айни замон, масъулияти олимону донишмандон, аҳли маориф ва зиёиёни эҷодкорро дар ҷомеа давра ба давра баланд бардоштем. Ҳамчунин, як силсила барнома ва лоиҳаҳои илмиро бо дарназардошти манфиатҳои давлатдории миллӣ таҳия ва мавриди амал қарор дода, барои пешрафти илму маориф заминаи мусоид фароҳам овардем”.*

*Аз суханронии Пешвои миллат зимни вохӯрӣ бо олимони кишвар дар санаи 18.03.2020*

Илмро дар замони мо василаи асосии таъмини рушди ҷомеа ва дарки табиати инсон медонанд. Дар ин маврид беш аз пеш дар улуми ҷомеашиносӣ нигоҳҳои нави методологӣ пайдо шуда, дидгоҳҳои нав андешаҳои қаблан баёнёфтаро инкор мекунанд. Мисоли ин андеша таҳоҷуми фикрии Нитше бар ақоиди Ҳегел маҳсуб мешавад ва таҳиягарони фалсафаи постмодерн низ бидуни шак бар андешамандони замони модерн бераҳмона тохтаанд, аммо илми муосир бидуни бахшҳои табиатшиносӣ, риёзӣ ва дақиқ тасаввурнопазир мебошад. Бинобар ин, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронии бардавом дар вохӯрӣ бо олимони кишвар дар

санаи 18.03.2020 ҷиҳати эълон намудани “Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиӣ, дақиқ ва риёзӣ” тасмим гирифта, борҳо таъкид намуданд, ки олимони кишвар ҷиҳати тақвият пазируфтани тафаккури техникии аҳолӣ, дар навбати аввал ҷавонон барои пешрафти илмҳои бунёдӣ ва техникаву технологӣ мусоидат кунанд. Дар асри XXI ноил шудан ба дастовардҳои сатҳи ҷаҳонӣ бо дарназардошти муборизаи байни тамоюлҳо ва дидгоҳҳо хеле душвор аст, чунки ин аср мубориза байни тамоюлҳо ва дигаргунсозиҳоро эҷод намуд. Чӣ тавре ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми ироашуда дар санаи 21.12.2021 қайд мекунад, ки тақвияти сиёсати пойдор дар асоси пойдории сулҳ аз мо талаб мекунад, ки бемайлон принсипи инсонпарвариро тасдиқ кунем ва нагзорем, ки дар ваҳдати миллӣ газанде таъсиргузорӣ кунад: “Барои расидан ба бузургтарин дастоварди замони истиқлолият – сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллӣ, ноил шудан ба зиндагии босаодати имрӯза ва бунёди Тоҷикистони навин, ки ҳоло аҳли башар онро мешиносад ва эътироф мекунад, мардуми шарафманди тоҷик содиқона заҳмат кашиданд, мушкилоту маҳрумиятҳои ниҳоят вазнинро аз сар гузарониданд, фидокориву ҷоннисориҳо нишон доданд ва қаҳрамониҳо карданд” [4].

Сиёсати маорифпарваронаи Пешвои миллат имкон фароҳам овард, ки дар мамлакат барои пажӯҳиш ва баррасиҳои илмӣ шароити мусоид ба вуқуъ пайваста, сатҳи илмомӯзии қишрҳои мухталифи ҷомеаи шаҳрвандӣ боло равад. Таърих гувоҳ аст, ки раванди рӯоварии башар ба илму донишандӯзӣ ба эҳёи ҷомеа боис гардида, пешрафти ҳамаҷонибаро дар дилхоҳ кишварҳо таъмин менамояд. Гузашта аз ин, омилҳои асоси рушди ҷомеаи Аврупо ва Амрико ҳамон ақидаи Мартин Лютер ҷиҳати ҷудо будани дин

аз давлат аст, ки онро Рене Декарт тақвият бахшид, аммо маорифпарварони Шарқ ин омилро напазируфтанд ва дар васати садаи XIX ҷаҳонбинии диние бо номи "понисломизм" таҳия намуданд, ки то кунун барои тақвият ёфтани ҳувияти миллӣ монеа эҷод мекунад. Чунин ақида вуҷуд дорад, ки кишвари мо мусулмон аст ва мо бояд ба мафҳуми "маорифу илми мардумӣ", ки дар кишварҳои мусалмонӣ ҷой дорад, қатъиян риоя кунем. Чун ин ҷаҳонбинӣ тавсеа ёфта, аксар шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистонро низ сироят кард, ҳануз дар аҳди Шӯравӣ гурӯҳи тундрави родикалӣ зуҳур карданд ва дере нагузашта дар зеҳни бештар одамон ғолиб омаданд. Бинобар ин, бо тавсеаи ҷаҳонбинии динӣ, ки ғолибан бо хурофот ва розҷӯии таҳмилӣ омехта мебошанд, густариши ҳувияти миллии тоҷикон ба қафо афтод ва имрӯз ягона роҳи наҷоти миллӣ дар тақвият пазируфтани ҷаҳонбинии илмӣ мебошад, чунки илм мухолиф ба дин аст ва чунонки Эйнштейн мегӯяд: "Тамоми илм чизе ҷуз такмили тафаккури ҳаррӯза нест". Гузашта аз ин, мудернсозии ҷомеа ва мусоидат ба раванди илмомӯзии муосир хоси миллате ҷудогона нест ва дастовардҳои илмӣ ба башар мутааллиқ мебошанд. Дар ин маврид А.П. Чехов менависад: "Илми мансуб ба миллате вуҷуд надорад, чунонки ҷадвали зарбҳои миллӣ вуҷуд надорад; он чизе ки миллист, илм нест".

Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд карданд, ки мантиқи рушд ҷомеаи моро ба арзишҳои демократӣ бурд, ки бунёди давлати дунявиро тақозо мекунанд ва натиҷаи як раванди печидаи зиддиятноки ҷалби на танҳо Тоҷикистон ба тамаддуни ҷаҳонӣ, балки тамоми Осиёи Марказӣ ба ин раванд мебошад. Тоҷикистон бо даст кашидан аз исломи радикалӣ шакли радикализм – режими динию сиёсиро низ қабул надорад. Тоҷикистон, ки давлати дунявӣ бунёд мекунад, ҳеҷ гоҳ ба истиқрори ягонагии радикалӣ дар

ҷомеа – динӣ намеравад. Мамлакат, ки роҳи демократиро интихоб намудааст, дастоварди бечунучарои истиқлолияти мост [5].

Дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 апрели соли 2009 таъкид шудааст, ки илму маориф ба таълимоти умумимиллӣ ниёз дорад, ки нақш ва ҷойи муайянкунандаи тадрисро инъикос намояд. Дар он бояд роҳҳои ҳалли як қатор проблемаҳо: муайян кардани мақсади ниҳоии илмомӯзӣ, демократикунонии он, самаранокии иҷтимоӣ, имконияти интихоби навъи фарогирии дониш мувофиқи майлу хоҳиши инфиродии мазмун ва сифати он инъикос ёбад. Аз ин бармеояд, ки ҷумҳурӣ дар марҳалаи имрӯза соҳиби истиқлолияти сиёсӣ гардида, дар назди худ вазифа гузоштааст, ки ҳадафҳоеро роҳандозӣ кунад, ки ба манфиатҳои халқи тоҷик ҷавобгӯ бошад: бунёди ҷомеаи демократӣ, дунявӣ, воҳидсозӣ, ҳуқуқбунёд, ки дар он тарбияи кадрҳои илмҳои судманд ва ҳануз дар кишвар тақвиятнаёфта, фарҳанги баланди шахсиятҳои ҷавон, ки бояд ҳама чизро баланд бардоранд ва такмил диҳанд, аҳамияти якуминдараҷа дорад, соҳаҳои хоҷагии халқи ҷумҳурӣ ва бо ҳамроҳии инсонияти тараққипарвари ҷаҳон барои пеш рафтан мубориза бурда, сулҳи рӯйи заминро муҳофизат мекунанд. Ҷамъияти мо ҳанӯз дар марҳалаи гардишии тараққиёти худ мебошад. Ба ин давраи таърихӣ хос аз нав арзёбии арзишҳо, танқид ва бартараф кардани ҳама чизест, ки ба пешравии ҷомеа мусоидат намекунад. Маънои олии гуманистии тараққиёти ҷамъият муносибат ба инсон ҳамчун арзиши олии мавҷудияти ҷаҳон мебошад.

Аз ин рӯ, масъалаи такмили худи инсон, маънии зиндагии ӯ, ба қадри имкон ва мақсади худ аз ҷалб кардани инсонҳо иборат мебошад. Эҳтиёҷоти олии бунёдии инсон ба хоҳиши

худшиносӣ табдил ёфтааст, яъне ки бо роҳи ба амал баровардани тамоми қобилият ва истеъдод худ ба худ тасдиқ карда шавад. Аммо худогоҳии Ҳегел дар иртибот бо ҷомеаи шаҳрвандон аст ва нохудогоҳии муосир ба мо ҳамон хештандорист, ки худро бидуни дигарон мебинад ва ормонҳои инфиродӣ ғолибан ба манофеи ҷамъиятӣ мухолиф мебошанд. Ташаккули ҳақиқатан инсондӯстии шахсе аз ҳамин ҷо сар мешавад ва мазмуну мақсади ҳар як инсон ҳамин аст. Маънии ҳаёти инсони муосир ин хоҳиши инкишоф додани қобилият ва истеъдоди онҳо тавассути илмомӯзӣ, гуманизатсияи он мебошад, ки муҳимтарин унсури тарбияи тафаккури илмӣ, ошкор намудани моҳияти раванди тадрис ва ба рушду ташаккули шахсият мусоидат кардан аст.

Ба давраи гузаштани ҷамъият аз индустриалӣ ба иттилоотӣ ва дохил шудани инсоният ба раванди нави рушд нақши омили маънавиро, ки ядрои генотипи иҷтимоии инсоният мебошад, баланд бардошта, дар ҳаракати он бо роҳи пешрафти минбаъдаи ҷамъият аҳамияти ҳалкунанда пайдо мекунад, ки дар он тарбия аз унсурҳои муҳими донишандӯзӣ ва заковати инфиродӣ дар сохторҳои нисбатан устувори қобилиятҳои равонии шахс мебошанд.

Зеҳният як низоми қобилиятҳои илмию ирфонии шахс аст. Интеллект бештар дар осонии омӯзиш, қобилияти зуд ва ба осонӣ аз худ кардани дониш ва малакаҳои нав, дар бартараф кардани монеаҳои ғайричашмдошт, дар ёфтани роҳи баромадан аз вазъияти ғайримуқаррарӣ, мутобиқ шудан ба шароити душвори тағйирёбанда, муҳити ношинос, дар амиқи дарки воқеаҳо, дар эҷодкорӣ зоҳир мешавад. Дараҷаи олии инкишофи интеллект аз рӯйи сатҳи инкишофи тафаккур муайян карда мешавад, ки дар ягонагӣ бо дигар равандҳои маорифӣ - дарк, хотира, нутқ ва ғайра ба назар гирифта мешавад. Якчанд самтҳои омӯзиши зеҳниро метавон ном бурд,

ки имрӯзҳо анъана шудаанд. Пеш аз ҳама, ин омӯзиши сохтори зеҳн, он қобилиятҳои асосии маърифатӣ (омилҳо), ки таъсири мутақобилаи онҳо, зеҳнро ҳамчун як омили ягона ташкил медиҳад. Таърихи фалсафа ҳашт равиши ташаккули интеллектро медонад: аз ҷиҳати феноменологӣ, ирсӣ, иҷтимоӣ – фарҳангӣ, мурофиавӣ – фаъолият, тарбиявӣ, иттилоотӣ, функсионалӣ – сатҳӣ, танзимкунанда.

Дар Тоҷикистони муосир ду тамоюл ба ҳам мепайвандад. Яке аз онҳо ҳадафи тамаддун буда, саъй ба рушди илму техника, ташаккули тамаддуни технологиро дар бар мегирад. Дар мамлакат ва давлат дар ин бобат тадбирҳои муҳим ба амал бароварда мешаванд. Ин тамоюл, бешубҳа, ба пешравии азим дар роҳи демократияи комил, ки дар фазои озодии виҷдон ва гуногунандешӣ вуҷуд дорад ва натиҷаи дилхоҳе ба бор меорад. Аммо тамоюли дигаре низ вуҷуд дорад - дар баъзе ҷойҳо тақозои фоҷиавӣ ба нотавонӣ, рамзҳои расмии илм, талабот ба ҳуҷҷатҳо - дипломҳои бо дониш таъмин нашуда, фасод дар Муассисаҳои таҳсилоти олӣ, сарфи назар аз корҳои зиёде, ки анҷом дода мешавад, мушоҳида мешавад ва аз тарафи мактабҳои олӣ ва давлат ба низом бароварда мешавад.

Навоварӣ ё инноватсикунонӣ ба ҳама гуна фаъолияти касбии инсон хос аст ва аз ин рӯ, мавзӯи омӯзиш, таҳлил ва татбиқ мегардад.

Бо назардошти ин, сарфи назар аз пешравиҳои муайян дар соҳаи илми муосир дар солҳои охир сиёсати давлат ба он нигаронида шуд, ки низоми илмии ватанӣ ба ислоҳоти куллӣ ниёз дорад. Дар даҳсолаи охир дар тараққиёти ҷамъият дар асоси усули технологии истеҳсолот вижагиҳо ба амал омаданд, ки хусусиятҳои асосии он инҳо мебошанд: гуманизатсияи технология, маҳалликунонӣ ва байналхалқии истеҳсолот, баланд бардоштани дараҷаи илмии истеҳсолот, экология ва нанотехнология. Ин тамоюл нисбат ба системаи таълим дар

мактабҳои олӣ талаботи нав ба миён мегузорад. Дар ин шароит масъалаҳои ташаккули арзишҳои стратегии интихоб, ҳадафиислоҳоти ҷомеа, бахусус арзишҳои маънавӣ, ки соҳаи маориф, илм ва фарҳангро дар бар мегиранд, ба таври нав ба миён меоянд. Аммо ин мақсадҳо тавассути минбарҳое татбиқ мешаванд, ки дар ҳар кишваре бо як унвон муаррифӣ мееёбанд: васоити ахбори омма. Президенти Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, академик Фарҳод Раҳимӣ дар табрикоти худ бахшида ба Рӯзи матбуот дар санаи 11.03.2022 чунин ишора карда буд: "Таърих гувоҳ аст, ки бархе аз олимони машҳур дар баробари пажӯҳиши илмӣ боз ба навиштани мақолаҳои публитсистӣ машғул будаанд, ки нуфузи онҳоро дучанд афсун кардааст. Айни замон, рӯзноманигорони кишвар ҷиҳати баррасӣ ва пажӯҳиши самтҳои гуногуни илми ватанӣ тасмим гирифта, оқибат ба рушди илм дар ҷумҳурӣ мусоидат менамоянд. Бинобар ин, Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон бо намояндагони васоити ахбори омма мусоидат намуда, дарҳои хешро ба рӯйи рӯзноманигорон боз медорад ва аз онҳое, ки дар рушди илму истеҳсолот нақше боқӣ мегузоранд, сипосгузор мебошад".

Ин нукта мусаллам аст, ки ҳар куҷое аз рушди илм нишона аст, он ҷо рушду тараққӣ мушоҳида мешавад ва баръакс, ҷое ки аз илму иттилоот хабаре нест, ҳеҷ пешравие низ ба назар намерасад. Аз ҳамин хотир, камина илмро роҳи наҷот гуфтам, чунки илм маърифат асту дувумӣ аз омилҳои тахассусии инсоншиносӣ маҳсуб мешавад. Айни замон бошад, инсон шудан ва дар ҳоли инсон боқӣ мондан ҳадафи илм мебошад.

**Адабиёт**


1. Гегель Г.В.Ф. Философия права, М., Мысль, -1990. -527 с.
2. Кант И. Собрание сочинений – М., - Т. 1, 1967. - С. 248.
3. Ницше Ф. По ту сторону добра и зла, М., ЭКСМО, - 2008. - 848 с.
4. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз таърихи 21 декабри соли 2021.
5. Рахмонов Э.Ш. Таджикистан на пороге будущего. - М., Т.1, 1999. - С. 17.

**Убайдулло УБАЙДУЛЛОЕВ**
*ходими калони илмии*
*Шуъбаи географияи АМИТ*

# СОҲИБКОРӢ ДАР СОҲАИ САЙЁҲӢ ВА НАҚШИ ОН ДАР РУШДИ ИҚТИСОДИЁТИ КИШВАР

**Мухтаво. Н**акши соҳибкорӣ дар соҳаи сайёҳӣ дар рушди иқтисодиёти мамлакат шарҳ ва таҳлил карда шудааст. Асосан ба паҳлӯҳои рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии ҷомеа, ки соҳаи сайёҳӣ ҳамчун омили асосии пешрафти он ба ҳисоб меравад, диққати махсус дода шудааст. Инчунин соҳибкорӣ дар соҳаи сайёҳӣ ва ё бозори сайёҳӣ ва даромад аз ин соҳа бо дигар давлатҳои пешрафта муқоиса ва баррасӣ карда шудааст. Вобаста ба пешбурд ва дурнамои соҳибкории сайёҳӣ дар мамлакатамон пешниҳодҳои муфид тавсия дода шудааст.

**Сарсухан.** «Сайёҳӣ яке аз соҳаҳои муҳими бо шуғл фаро гирифтани аҳолии қобили меҳнат, баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум, рушди дигар соҳаҳои хизматрасониву истеҳсолӣ, инчунин муаррифии таъриху фарҳанг, табиат ва анъанаҳои миллӣ ба ҳисоб меравад»[1].

**Эълон гардидани "Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ" бори дигар аз сиёсати созанда ва хирадмандонаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон шаҳодат медиҳад ва дар заминаи он Тоҷикистон ба маҷрои нави созандагиву ободонӣ ва пешрафти комил дар њамаи соњањои ҳаёти ҷомеа, аз ҷумла сайёҳӣ ноил хоҳад гардид.**

**Кишвари азизи мо бо фарҳангу тамаддуни ниёгони бойи худ, табиати нотакрор, чашмаҳои шифобахш ва қуллаҳои осмонбӯс диққати зиёди сайёҳону меҳмононро**

**баҳри шиносой ба урфу одат, анъанаҳои миллӣ, расму оини мардумӣ ҷалб намудааст.**

Соҳибкории сайёҳӣ яке аз бахшҳое мебошад, ки дар рушди иқтисодиёт, ташаккули сармояи хориҷӣ ва некӯаҳволии мардумон нақши калидӣ дорад. Ин бахш табиат ва зебоии кишварро инъикос мекунад. Он ба мардуми манотиқи дурдаст дар таблиғи фарҳанг ва урфу одатҳои онҳо кӯмак мерасонад, инчунин ба беҳбуд бахшидани некӯаҳволии кишвар ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ имконият фароҳам меорад.

Умуман, инфрасохтори сайёҳӣ, роҳҳо, меҳмонхонаҳо, чойхонаҳо бо нақшу нигори миллӣ ва ҳамаи намуди хизматрасониҳо дар ин соҳа ҳамаи ин ҷузъҳо дар умум маҷмӯъи хидматрасонии сайёҳиро таъмин мекунанд, сайёҳони бештарро ҷалб мекунанд.

Хусусияти муҳимтарини фаъолияти иқтисодии марбут ба бахши соҳибкории сайёҳӣ дар он аст, ки онҳо ба се афзалияти баландтарини кишварҳои рӯ ба тараққӣ саҳм мегузоранд: ба даст овардани даромад, шуғл ва даромади асъор, дар ин робита бахши сайёҳӣ метавонад ҳамчун омили рушди иқтисодиёт нақши муҳим бозад.

Дар шароити тезу тунд шудани муносибатҳои бозорӣ ва раванди ҷаҳонишавии иқтисодиёт ҳар як мамлакат, танҳо дар шароите рақобатпазир буда метавонад, ки вобаста ба ташкил ва рушди иқтисодиёти худ устувор бошад ва ё таҳкурсии устувори иҷтимоии иқтисодӣ ва маънавиро доро бошад. Дар робита ба ин солҳои рушди сайёҳӣ, деҳот ва ҳунарҳои мардумӣ эълон гардидани солҳои 2019-2021 яке аз масъалаҳо ва заминаҳои асосии расидан ба иқтисодиёти иҷтимоии устувор ва рақобатпазир ба ҳисоб меравад. Барои таъмини ин соҳа ва рушди устувори сайёҳӣ ҳамчун манбаи иҷтимоии иқтисодӣ ва маънавӣ, тамоми мардуми тоҷикро зарур аст, ки аз аҳамият ва нақши сайёҳӣ дар ҷаҳони муосир, таҷрибаи

давлатҳои пешқадам, имкониятҳои пешрафти соҳа ва дурнамои он ҷиҳати истифодаи самараноки захираҳо дар кишвар баҳраманд бошанд.

Соҳибкории сайёҳӣ дар сатҳи ҷаҳон дар солҳои охир аҳамият ва мавқеи хоси худро пайдо карда, бо самтҳои гуногун ва шаклу намудҳои васеъи хизматрасонӣ давра ба давра ва рӯз ба рӯз рушд ёфта истодааст.

Дар бораи таъсири соҳибкории сайёҳӣ ба рушди иқтисодиёти миллӣ ақидаи мустақим мавҷуд аст. Яъне, ки соҳибкории сайёҳӣ ба таъсиси ҷойҳои нави корӣ, коҳиши касри пардохтҳои асъорӣ дар кишвар, тақвияти иқтисодиёт, рушди истеҳсоли молу хидматрасонӣ, ки мустақиман ё ғайримустақим ниёзҳо ва хоҳишҳои сайёҳонро қонеъ мекунад, яъне таксимоти даромадро иҷро мекунад. Зарур аст, ки оиди рушд ва сайқал додани соҳаи сайёҳӣ дар баробари дигар соҳаҳо чораҳо андешида шуда, аз таҷрибаи кишварҳои мутараққӣ ва технологияи ҷадид бо диди нав кор бояд гирифт.

Таъсири назарраси ин соҳа ба ташаккули Маҷмӯи Маҳсулоти Дохилии мамлакат, кам шудани сатҳи бекорӣ ва тавозуни пардохтҳои асъорӣ ба он оварда мерасонад, ки иқтисодиёти соҳаи сайёҳӣ ҳангоми банақшагирии рушди иқтисодиёти кишвар ба назар гирифта мешавад.

Рушди соҳибкории сайёҳиро дар муддати тӯлонӣ ба нақша гирифтан ва пешгӯӣ кардан душвор аст, зеро падидаҳои зиёди номатлуби аср ба монанди пандемияи COVID-19, ифротгароӣ ва терроризм ба он таъсири манфӣ мерасонанд. Аммо ба ҳамаи ин нигоҳ накарда, хизматрасонӣ ва инфрасохтори онро тавре ташкил кардан мумкин аст, ки ба зудӣ ба дигаргуниҳои мухталифи иқтисодиву сиёсӣ, эҳтиёҷот ва ғайра мутобиқ карда шавад. Дар ин сурат, сайёҳӣ омили асосӣ баъди соҳаи энергетика яке аз омили муҳими пешрафти иқтисодии кишвар буда метавонад.

Бояд қайд кард, ки барои ворид намудани сайёҳон ба раванди рушди иқтисодиёти кишвар, банақшагирӣ ва назорати соҳаи он зарур мебошад. Пеш аз ҳама, барои сайқал додани ин соҳа муайян кардани миқдори захираҳои объектҳои сайёҳӣ барои рушди соҳаи мазкур, камбудӣ ва костагиҳо дар рушди соҳа ва натиҷагирӣ аз таҷрибаи солҳои солҳои гузашта бо назардошти камбудиҳо ва зарур мебошад.

Аз тарафи президенти кишвар оид ба рушди соҳибкории сайёҳӣ низ якчанд имтиёзҳо ва пешниҳодҳои назаррас ба миён гузошта шуд. Аз ҷумла қайд карда шуд, ки рушди соҳаи сайёҳӣ самти афзалиятноки сиёсати давлати мо ба ҳисоб рафта, ҷиҳати боз ҳам тараққӣ додани он аз ҷониби Ҳукумати мамлакат вобаста ба пардохти андоз ва боҷҳои гумрукӣ як қатор имтиёзҳо пешбинӣ гардидаанд.

Боиси қайд аст, ки дар зарфи соли якуми эълон гардидани "Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ" дар деҳоти мамлакат як қатор пешравиҳо ба назар расида, рушди сайёҳӣ ва омӯзиши ҳунарҳои мардумӣ идома ёфта истодааст. Бо ташаббус ва дастгирии Ҳукумати мамклакат то имрӯз дар кишвар зиёда аз 200 ширкати сайёҳӣ фаъолият намуда истодаанд ва 15 лоиҳаи инфрасохтори сайёҳӣ аз имтиёзҳои пешбинишуда бархурдор гардидаанд. Инчунин сафи сайёҳони хориҷӣ дар кишвар то замони паҳн шудани беморӣи сироятии COVID 19 сол аз сол хело зиёд шуда, дар соли 2019 беш аз 1,2 миллион нафар сайёҳон аз мавзеъҳои нодири кишвари мо дидан кардаанд, ки нисбат ба соли 2018- 21,5 фоиз зиёд мебошад[2].

Вобаста ба ин бо вуҷуди ин падидаи номатлуб ва коҳиш ёфтани сафи сайёҳон ва кӯҳнавардони хориҷӣ ташкил ва сайқал додани намуди сайёҳии дохилӣ аз манфиат холӣ набуда, ин иқдом муаррификунандаи ёдгориҳои табииву таърихӣ ва обектхои табобативу тамошобоби ин ё он гушаи

Тоҷикистон ба насли наврас ва аҳолии минтақаҳои гуногуни кишварамон мебошад.

**Аввал бояд донист, ки сайёҳи дохилӣ ки аст?** – сайёҳи дохилӣ ҳамон шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар шахсони дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истиқомати доимӣ дошта, ки берун аз макони сукунат ба дигар гушаву канор ва шаҳру ноҳияҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади саёҳат сафар анҷом медиҳанд.

Бинобарин соли равон бо ташаббуси Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон намуди сайёҳии дохилӣ ва сайёҳии информатсионӣ якчанд маротиба ба хатсайрҳои гуногун ба роҳ монда шуд.

Албатта ҳар як сайёҳе, ки вориди Тоҷикистон мегардад, аз хароҷотҳои ӯ тамоми мардуми мо баҳра мегирад ва инчунин боиси ғанӣ гаштани буҷаи давлатӣ мегардад. Боиси зикр аст, ки мувофиқи таҳқиқоти олимон аз як долларе, ки сайёҳ дар кишвар харҷ менамояд ҳафтод сенти он ба буҷаи давлат ворид мегардад.

Вобаста ба ин солҳои минбаъда шароити инфрасохтори сайёҳӣ дар ҳамаи мавзеъҳои сайёҳӣ беҳтар карда, сатҳу сифати хизматрасонӣ боз ҳам баланд бардошта шавад. Бо мақсади рақобатпазир гардонидани соҳа дар бозори ҷаҳонии сайёҳӣ моро зарур аст, ки мутахассисони забондон, донандаи фарҳангу таърих, тамаддуни миллӣ ва технологияҳои муосирро омода кунем, кормандони ширкатҳои сайёҳӣ, роҳбаладҳо, тарҷумонҳо ва дигар мутахассисони соҳаро мутобиқ ба талаботи бозори сайёҳӣ ба воя расонем. Зеро соҳаи сайёҳии кишвар ба кардрҳои баландихтисос ва донандагони забонҳои хориҷӣ ниёз дорад.

Бовар дорам, ки ба хотири рушди ин соҳаи муҳим тамоми сохторҳои давлатӣ, соҳибкорон, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ташкилоту созмонҳои ғайриҳукуматӣ якҷоя фаъолият намуда,

ҷиҳати муаррифии фарҳанги бойю ғании кишварамон Кумитаи рушди сайёҳиро зарур аст, ки бо мақсади тарғиби бештари омилҳои таърихиву фарҳангӣ, кӯҳнавардӣ, истироҳативу табобатӣ ва экологии Тоҷикистон барои ҷалби сайёҳони дохиливу хориҷӣ бо истифода аз таҷрибаи кишварҳои дар ин соҳа муваффақ пешниҳодҳои мушаххас ва чораҳои заруриро андеша намояд.[3.Саҳ.9].

Бо мақсади рушди сайёҳӣ заминаҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор ташаккул ёфта, тадбирҳои зерини дар шароити рушди давлат муҳим аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон андешида шудаанд:

- шикратҳои сайёҳӣ барои панҷ соли аввали фаъолияти худ аз пардохти андоз аз фоида озод карда шуданд;

- ҷорӣ намудани низоми соддакардашудаи раводид (шабакаи ягонаи электронӣ) барои шаҳрвандони зиёда аз 80 давлати ҷаҳон;

- муқаррар гардидани беш аз 10 имтиёзи дорои хусусияти иҷтимоию иқтисодӣ дар доираи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сайёҳии дохилӣ».

- бо мақсади боз ҳам беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва ҳавасмандгардонии соҳибкорони хориҷие, ки ба иқтисодиёти Тоҷикистон зиёда аз як миллион доллари амрикоӣ сармоягузорӣ менамоянд, ба онҳо аз ҷониби Вазорати корҳои хориҷӣ ва намояндагиҳои дипломатии Тоҷикистон дар хориҷи кишвар раводиди бисёркаратаи панҷсола дода шуд.

- ба шаҳрвандони давлатҳои хориҷие, ки ҳуқуқи бо тартиби содда гирифтани раводиди Ҷумҳурии Тоҷикистонро доранд, раводиди навъи сайёҳии бисёркарата дода, мӯҳлати он то 60 рӯз дароз карда шуд. Албатта ин як такони ҷиддӣ вобаста ба рушди минбаъдаи соҳаи сайёҳӣ дар кишвар ва билохира рушди иқтисоди миллӣ ба ҳисоб меравад.

Барои рушди устувори соҳибкории сайёҳӣ дар мамлакат амалӣ гардонидани тадбирҳои муайян, ки тақозои бозори ҷаҳонии сайёҳӣ мебошанд, муҳим арзёбӣ мегарданд:

-якум, иштироки дастаҷамъонаи сохторҳои ҷомеа;

-дуюм, ташвиқу таблиғи захираҳо ва имкониятҳои сайёҳӣ бар асоси стандартҳои байналмилалӣ;

-сеюм, ташкили инфрасохтори сайёҳӣ бо шарту шароити фаъолияти судбахш ва ҳавасмандгардонии доираи соҳибкорон;

-чорум, омодасозии кадрҳо, яъне мутахассисони соҳаи сайёҳӣ;

-панҷум, ба меъёрҳои байналмилалӣ мутобиқ сохтани низоми хизматрасонии сайёҳӣ.

Роҷеъ ба гуфтаҳои боло, Тоҷикистон бо мавзеъҳои зебо, обу ҳавои соф ва иқлими мусоид, объектҳои табиию солимгардонӣ ва мероси бойи таърихию фарҳангӣ барои ҷалби бештари сайёҳон имкониятҳои зиёд дорад. Дар баробари ин, саёҳати дохилӣ ба сокинони гӯшаву канори гуногуни мамлакат имкон медиҳад, ки бо расму оин, анъанаҳои қадимии этникию фарҳангии ҳамдигар ошноӣ пайдо намоянд.

Миллати тоҷик аз азал ҳунарманду хирадманд буда ва ҳунару ҳунарвариро бунёд намудаву инкишоф додааст. Минбаъд, бо мурури замон дар тараққӣ ва пешрафти ҷаҳони моддиву маънавии ҷомеаи инсонӣ нақши хешро гузоштааст.

Қайд намудан ба маврид аст, ки аз ҳисоби соҳаи сайёҳӣ даромади кишварҳои ҷаҳон сол аз сол меафзояд. Мувофиқи иттилои Созмони ҷаҳонии сайёҳӣ, мизони даромади кишварҳо аз соҳаи сайёҳӣ солҳои охир то соли 2019 дар маҷмӯъ 1200 млрд долларро ташкил намудааст. Аз ин миқдор даромади солонаи Туркия аз туризм 27,7 млрд доллар, Макао 27,8 млрд доллар, Австралия 31,4 млрд, Британия 36,115 млрд,

Тайиланд 42,1 млрд, Италия 43,9 млрд, Чин 51,7 млрд, Фаронса 56,1 млрд, Испания 60,4 млрд ва Амрико 139,6 млрд долларри ИМА-ро ташкил намудааст.

Дар фарҷом чунин хулоса намудан мумкин аст, ки албатта нақши сайёҳӣ дар пешрафти иқтисоди миллӣ бениҳоят бузург арзёбӣ карда мешавад. Барои рушди минбаъдаи иқтисоди кишвар ва муаррифии ватани азизамон ба ҷаҳониён нақши беназир дорад.

**Адабиёт**

1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ. 26.12.2018.

2. Белоногов А.Г. Безопасность туризма как социо-эколого-экономической системы/Материалы Международной научно-практической конференции. — М.: Изд-во МГУ, 2016.

3. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ. 26.12.2019.

**Муродбекова М.Ҳ.,**
*н.и.ф., дотсент, мудири*
*кафедраи фанҳои ҷамъиятии ДДҲБСТ*
**Юсупов С.З.,**
*ассистенти кафедраи*
*фанҳои ҷамъиятии ДДҲБСТ*

# ШАБАКАҲОИ ИҶТИМОӢ: ИСТИФОДА ВА ТАЪСИРИ ОН БА ҶОМЕА

Шабакаҳои иҷтимоӣ яке аз платформаҳои васеи иттилоотӣ ва манбаи ашёву амалҳои гуногуни ҷамъиятӣ ба ҳисоб меравад, ки имрӯзҳо онро метавон як қисми ҷудонашавандаи ҳаёт ва фаъолияти ҳар шахси истифодабаранда номид. Имрӯзҳо шабакаҳои иҷтимоӣ як қисми таркибии ҳаёти мо – бисёри корбарон шудаанд. Тибқи маълумоти сомонаи We Are Social, дар оғози соли 2020 беш аз 4,5 миллиард нафар одамони сайёра дастраси ба интернет доштаанд ва аудиторияи шабакаҳои иҷтимоӣ аз марзи 3,8 миллиард гузаштааст. Аз ин рӯ барои ҷомеа ва махсусан ҷавонон низ интернет аҳамияти калон дорад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар Тоҷикистон низ шумораи муштариёни алоқаи мобилӣ ва шабакаи Интернет рӯз аз рӯз меафзоянд. Дар ин росто, бояд гуфт, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми хеш ба вакилони Маҷлиси Олӣ ва тамоми мардуми кишвар, ки дар таърихи 21-уми декабри соли 2021 ба амал омад, чунин изҳори назар карданд: "Агар шумораи муштариёни алоқаи телефонӣ соли 1991 ҳамагӣ 277 ҳазор нафарро ташкил карда бошад, пас дар соли 2021 шумораи танҳо муштариёни алоқаи телефонии

мобилӣ ба беш аз 8 миллион нафар расидааст. Ҳоло истифодабарандагони шабакаи интернет дар кишвар зиёда аз 4,2 миллион нафарро ташкил медиҳад”[1]. Гуфтан ба маврид аст, ки дар Тоҷикистон интернетро ба истифодабарандагон ширкатҳои “Тоҷиктелеком”, “Интерком”, “Телекомтехнолоҷи” ва дигар ширкатҳои мобилӣ таъмин мекунанд. Мушкилии асосӣ дар Тоҷикистон суръати суст ва нархи гарони интернет мебошад. Як соат истифодаи интернет дар марказҳои интернетӣ тақрибан ба 3-4 сомонӣ баробар аст. Айни ҳол интернет истифодабарандагон 1 Г интернетро ба ҳисоби миёна бо нархи 20, 35 ва 60 сомонӣ харидорӣ мекунанд.

Асри XXI бо арзишҳои худ ба зиндагии мардум ворид шудааст, ки ҷудо кардани он аз ҳаёти рӯзмарра ғайриимкон аст. Шабакаҳои иҷтимоӣ дар даҳаи охири асри XX пайдо шуда бошад ҳам, дар ибтидои асри нав мавқеи худро дар зиндагии мо ончунон мустаҳкам намуд, ки дар иртибот бо манфиат ва зарари он ҳамарӯза ақидаҳое нашр мегардад. Гурӯҳе бар он ақидаанд, ки пешрафти кор, ташаккули фард ва иртибот бо илм бидуни шабакаҳои иҷтимоӣ имкон надорад ва мантиқан он ҷузъи аслии фаъолияти мо ҳисоб мегардад. Дар шабакаҳои иҷтимоӣ ва сомонаҳои интернетӣ барои фаъолият ва сохтани ҷойи корӣ шароити фароҳам низ вуҷуд дорад ва аз ин имконият нафароне ҳастан, ки онҳоро Блогер, Вайнес, Тиктокер меноманд ва онҳо истифодабариро самаранок менамоянд. Қисмати дигар бар он назар ҳастанд, ки сабаби рӯ овардани гурӯҳе аз ҷавонон ба терорризм ва ифротгароӣ маҳз шабакаҳои иҷтимоӣ мебошад. Дар шабакаҳои иҷтимоӣ

---

[1] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ”. 21.12.2021 ш. Душанбе www.president.tj санаи муроҷиат 09.01.2022 (маводи электронӣ).

дахолатии афроди гуногун, бемақом ва умуман мақсадҳои ғараздоштагон ба сохти сиёсӣ, ҳуқуқӣ ва иҷтимоии давлату миллат дахолат карда истода фикру ақидаи наслҳои наврасро захролуд низ месозад. Баъзе аз хушунатҳои оилавӣ, муносибати сарди волидайну фарзанд, суст гаштани шуури сиёсиву ҷамъиятӣ ва ҳаётии ҷавонон маҳз бо сабаб ва истифодаи зиёду бемақсади интернет ва шабакаҳои иҷтимоӣ мебошад.

Тайи солҳост, ки аҳолии ҷавони Ҷумҳурии Тоҷикистон низ чун сокинони ин марзу буми аҷдодӣ дар қатори аҳолии дигар давлатҳои узви ягонаи ҷомеаи ҷаҳонӣ дастрасӣ ба шабакаҳои иҷтимоиро доранд. Бояд гуфт, ки шабакаҳои иҷтимоӣ чун насли нисбатан нави воситаи коркарди иттилоот аз лиҳози фарогирии ахбору маълумоти гуногунғоя дар худ ҳамто надорад. Ин аст, ки интернетро баробари шабакаи ҷаҳонӣ унвон карданд, инчунин ба ҳайси тори анкабути умумиҷаҳонӣ ном мебаранд ва ҳамзамон таъсири онро дар ташаккули (шуури сиёсии) одамият ба ғояти барандаи арзишҳои умумибашариву ғановати фарҳангӣ буданаш басо бузург хондаанд. Зеро шабакаҳои мазкур, на танҳо ривоҷ бахшандаи ақлу заковати башарист, балки бар замми ин дар самти падидории намунаи қолабҳои муайяни зоҳирсозии рафтори иҷтимоӣ ва муносибати байниҳамӣ саҳмгузор аст.

Ба ибораи дигар, шабакаҳои иҷтимоӣ ба ғояти имкони муоширатро фароҳам оварданаш муҳити иҷтимоиест, ки насли наврас аз он меъёру намунаҳои амалкардро аз худ карда, туфайлаш дар ин ё он вазъиятҳо мавқеъёбии иҷтимоии шахсияти худро муайян месозанд. Ҷиҳатҳои мусбӣ ё хуби интернет ба ҳамагон маълум аст. Барои муайян кардани афкори ҷавонон оиди ин масъала аз ҷониби Кумитаи кор бо ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тадқиқоти сотсиологӣ соли 2018 гузаронида шуд.

Тадқиқот муайян намуд, ки ҷавонон оид ба манфиатҳо ё ҷиҳатҳои хуби шабакаҳои иҷтимоӣ ахбороти зарурӣ доранд. Масалан, 76,9% ба ин ақидаанд, ки шабакаҳои иҷтимоӣ барои саривақт дастрас намудани ахбороти зарурӣ мусоидат менамояд. Ба ақидаи 55,4% мусоҳибон шабакаҳои иҷтимоӣ ҷаҳонбинии ҷавононро васеъ менамояд, ҷавонон саривақт оид ба равандҳои Тоҷикистон ва ҷаҳон хабардор мешаванд (50,0%), муошират осон шуда, дӯстони нав пайдо мешаванд (38,3%) ва ғайраҳо *(ниг. ба диаграммаи 1).*




Масъалаи бозиҳои кампютерӣ низ, ҳам ҷиҳатҳои мусбӣ ва ҳам манфии худашро дорад. Ҷиҳати мусбати онро мо метавонем, дар он арзёбӣ кунем, ки аксар вақт кӯдакону наврасон аз бозиҳои шабакаҳои иҷтимоӣ истифода мекунанд, ки бисёре аз ин бозиҳо ба ташаккули зеҳнии онҳо муфид мебошанд ва қобилияти фикррониву таҳлил намудан ва қарор қабул карданро дар онҳо рушд медиҳанд. Аз ҷониби дигар

ҷанбаи манфии бозӣ дар шабакаҳои иҷтимоӣ саравввал зоеънамудани вақти зиёд, шахшавии шуур ва побанд гардидани кудакону ҷавонон ба онҳо, инчунин қобилияти тори фикррониву нобуд гардидани назарияҳои илмӣ ва ғайраҳо мебошанд, ки бо ҳисоб онро дарҷ кардан душвортар аст.

Албатта, ин хуб аст, ки ҷавонони замони мо бештар рӯ ба воситаҳои навтарини иттолоърасон меоранду кӯшиши гирифтани донишҳоро маҳз аз ҳамин қабил васоити аслан созгор мекунанд, аммо ин ҷо саволе ба миён меояд, ки асосан ба кадом ваҷҳу ҳадаф онҳо вориди фазои интернетӣ мешаванд? Оё насли ҷавон дар шабакаи интернетӣ ба нафъи худ кор мекунанд, ё бар зиён? Дар баробари ҷиҳатҳои мусбӣ, дар тадқиқоти сотсиологӣ мусоҳибон инчунин ҷиҳатҳои манфии интернет ва шабакаҳои иҷтимоиро махсус қайд намуданд. Масалан, мусоҳибон ба ин ақидаанд, ки истифодаи шабакаҳои иҷтимоӣ боиси беҳуда гузаронидани вақт (72,4%), тамошои видеоҳои фаҳш (52,9%), ҳамроҳ шудан ба гурӯҳҳои каҷрафтор (51,1%), коста шудани ахлоқ (44,6%), дур шудан аз муоширати зинда (33,5%) ва вобастагӣ пайдо шудан (26,2%)мегардад.

Шумораи гурӯҳҳои радикалӣ ва шабакаҳои интернетии хусусияти ифротгароидошта меафзояд. То чанд ва бо кадом амалҳояшон ру омадани ингуна шахсони роҳзану ифротгарро аз шабакаҳои иҷтимоӣ дучор шуданамон мумкин аст. Пайдо шудани фазои ягонаи итилооти ва воситаҳои каммуникатсия эҳтимолияти рушди минбаъдаи пайдоиши радикализмро ба маротиб зиёд намудааст. Намояндагони таблиғоти ифротӣ аз маърифати паст ва фанатизми динии баъзе ҷавонон суистифода намуда, таваҷҷуҳи онҳоро бо роҳҳои гуногун, махсусан технологияи коммуникатсионӣ(сомонаҳо ва шабакаҳои иҷтимоӣ) ба худ ҷалб менамоянд. Ҳарчанд имрӯз

бисёриҳо зараpу фоидаи шабакаҳои иҷтимоиро ба хуби дарк мекунанд, аммо то ҳол аз ин технология самаранок истифода бурданро наомӯхтаанд, худро идора карда наметавонанд. Миёни шабакаҳои иҷтимоии мисли “Одноклассники”, Facebook, Viber, Instagram, TikTok, Twitter, Telegram, ВКантакте ва ғайраҳо ғайрисамаранок ва бефоида истифода бурда мешаванд. Таҳлилҳо аён сохт, ки омили асосии ҷалбкунандаи аксари афроди ҷавон ба фазои интернетӣ, – ин машғул шудани онҳо ба бозиҳои компютерӣ ва ба гунаи хоси худ ҳаловат бурдан аз онҳо мебошад. Вале дар асл ин намуди бозиҳо дар рушди ҷисмонӣ ва зеҳнии толибилмон заррае суд надошта, баръакс соатҳои тӯлонӣ машғули бозиҳои компютерӣ шудани ҷавонон аз як тараф боиси тадриҷан аз онҳо вобастагии рӯҳиро пайдо карданашон шуда, аз сӯи дигар сабаби қафомонии раванди камолоти умумии наврасон аз ривоҷи мӯътадили хеш мегардад. Ҳамзамон бо ин, бозиҳои электронӣ бинобар асосан саҳнаҳои ҳарбу зарб ва қатлу кушторро фарогир буданашон аз эҳтимол дур нест, ки ба ҷараёни тарбияи ахлоқӣ-ҳуқуқии насли ҷавон низ халали ҷиддивуислоҳнопазир ворид месозанд. Ҷуз аз ин, боз тоифаи дигари ин нафарон бештари вақти худро дар шабакаи ҷаҳонӣ баҳри анҷом додани муошират бо ёру дӯстони хеш, ё худ ирсоли нома ба суроғаи электронии ҳамдигар ва ё баъзан ҷиҳати дарёфти ошноҳои нав зоеъ мегузаронанд, ки ин ҳам чандон нишони истифодаи босамару мақсаднок аз ин фазои бекарони иттилоот буда наметавонад. Аз ин рӯ, бо назардошти он, ки табиатан ҳар чизи хуброо боз ҷиҳатҳои бадаш дар бар аст, субъектҳои тарбияро мебояд, ки дар баробари донистани аҳамияти шабакаҳои иҷтимоӣ дар таъмини тарбияи сиёсии насли наврас, инчунин аз ноҷӯриҳояш дар ин самт воқиф бошанд. Зимнан, яке аз камбудиҳои тори умумиҷаҳонии анкабут, чунончи пештар

гуфта гузаштем – ин, агар бозиҳои электронӣ бошад, ки аксаран заминагузори зоҳирёбии рафторҳои зиддиичтимоии наврасони хурдсол ҳастанд, пас камбудии дигари ин шабака ҳамчунин, аллакай ишорааш рафт – мавҷудияти сомонаҳои шиносоӣ бо ашхоси бегона маҳсуб мешавад. Агар мушаххасан назар андозем мебинем, ки «тибқи нишондоди оморӣ аз 109 нафари наврасон ва ҷавонони аз 8 то 15 сола мувоҷҷеҳи маводи порнографӣ дар шабака мешаванду наздики 17% пайваста аз захираҳои мамнӯъ дидан менамоянд, тахминан 5,5% бошанд омодаанд, ки чизҳои дидаашонро дар амал татбиқ намоянд»[2]. Ташвишовараш он аст, ки дар шабакаҳои иҷтимоӣ сомонаҳои тарғибгари аъмоли номатлуб, аз қабили: асардуздӣ, қаллобӣ, дуздӣ, фосиқӣ, экстремизму худкушӣ, майнӯшиву нашъакашӣ, тарзи тайёр кардани маводҳои тарканда дар шароити хонагӣ ва дигар иттилооти дурӯғини ғайришаръӣ мавҷуданд, ки дар ҳолати беназорат гузоштани наврас дар фазои шабака метавонанд ба зеҳни ҳанӯз дар «ҳукми гул» қарор доштааш таъсири басо харобиовару ҷуброн нопазир расонанд.

Муайян шудааст, ки истифодаи фаъолияти шабакаҳои компютерӣ на ҳама вақт ба демократикунонии раванди коркард ва қабули қарорҳо дар ташкилотҳо меоварад. Бошиддат истифода кардани шабакаҳои иҷтимоӣ ва танг шудани алоқаҳои иҷтимоӣ то ба танҳоӣ оварда мерасонад. Муносибати дохилии оилаҳоро суст мекунад, афсурдаҳолиро тараққӣ медиҳад. Аз ин рӯ, интернет бояд ҷои иҷтимоии худро ишғол кунад[3].

---

[2] Болховской А.Л. Информационно-сетевое общество: социально-философский анализ: Автореферат … канд. филос. наук: 09.00.11:2010 г. – С. 12.

[3] Иванов Д. В. «Виртуализация общества» — СПб.: «Петербургское Востоковедение», 2000.

Сабаби зиёд шудани аъзоёни шабакаҳои иҷтимоӣ дар он аст, ки фаъолони сиёсӣ ва рузноманигорони мустақил дар шабакаҳои мазкур дар бораи воқеа ва ҳодисаҳои гуногуни ҳаёти сиёсии мамлакати худ маводи таҳлилӣ ҷой медиҳанд, то ки дигаронро низ аз мӯҳтавои он бархурдор намоянд. Аммо тӯли солҳои охир террористон ва экстрамистон низ ба шабакаҳои иҷтимоӣ роҳ ёфта, ба воситаи тарғибу ташвиқи иттилооти зарарнок ба шуури одамон ва рафтори онҳо таъсири амиқ расонида истодаанд. Қисми зиёди нафароне, ки ба сафи гурӯҳҳои экстрамистию террористӣ мепаёванданд, маҳз дар шабакаи иҷтимоӣ мағзшӯӣ мешаванд ва онҳо минбаъд ин дарсро ба наслҳои нав интиқол медиҳанд[4].

Албатта дар шароити вуҷуд надоштани имконоти техникӣ, пешгирӣ кардани таъсири манфии ҳама он иттилооте, ки ҳар сония вориди шабакаҳои иҷтимоӣ мешаванд, муҳол аст. Бинобар ин, мавриди зикри хоса аст, ки басо олӣ мебуд, агар Интернетпровайдерҳои Тоҷикистон дар пайравӣ аз ширкатҳои худ дар Федератсияи Русия пешниҳоди хизматрасониро дар шакли «*Интернети санҷидашуда*», ки ҳама иттилооташ пешакӣ санҷидашудаву лоиқи истифодаи ҷавонон аст, дар қаламрави ҷумҳурӣ боз ҳам қавитар карда ба роҳ мемонданд.

Дар охир гуфта метавонем, ки ворид шудани технологияи компютерӣ ва дигар воситаҳои коммуникатсионӣ (махсусан, интернет) дар фаъолияти одамон тағйиротҳои куллиро ба вуҷуд оварданд, ҷойи ҳуҷҷатҳои коғазиро ҳуҷҷатҳои электронӣ мегирад, суръати фиристодану коркарди маълумот хеле афзудааст, фазои ҳифзи маълумотҳо торафт маҳдуд мегардад, аммо дар ин самт як қатор мушкилот, аз ҷумлаи масъалаи ба

[4] Муҳаммад А.Н., Абдуҷалилов А. Терроризм ва дин (таҷрибаи Тоҷикистон). Душанбе: "Дониш", 2021 – 75 с.

танзимдарорӣ ва мӯътамад намудани зиракии сиёсӣ ва шуури сиёсии ҷомеа ва махсусан ҷавонон ба миён омадааст. Аксарияти шаҳрвандон бо сабаби тангии рӯзгор ва набудани фаъолии иҷтимоӣ аз дастовардҳои технологияи коммуникатсионӣ, аз ҷумла интернет, ки ба воситаи асосӣ ё канали ивазнашавандаи рушди маданият табдил меёбад, истифода бурда наметавонанд. Аз ин лиҳоз барои пешгирии ҳар гуна амалҳои номатлуб ва ё истифодабарии нодурусту ғайри мақсадноки муштариёни интернетӣ пешигӣ ва чораҷӯии қатъи намудан лозим. Дар тамоми муассисаҳои таълимии кишвар бояд корҳои фаҳмондадиҳӣ доир ба фарҳанги истифода бурдани телефонҳои мобилӣ ва ҳамчунин шабакаҳои интернетӣ доимо ва амалан баргузор намуда, аз пайомадҳои манфӣ аз истифодаи нодурусту ғайримақсадноки он ба наврасону ҷавонон далелҳои илмӣ-амалӣ пешниҳод гардад. Ҷавонон вақти пурқимати худро беҳуда нагузаронда бояд ба курсҳои махсуси забономӯзиву ҳунарандӯзӣ ҷалб гарданд.

**Адабиёт**

1. Гронский И.А. Социально-философские основания активности интернет - аудитории в сетевой коммуникации: Диссертация… кандидата философских наук. Нижний Новгород, 2011. – С. 76.

2. Болховской А.Л. Информационно-сетевое общество: социально-философский анализ: Автореферат. канд. филос. наук: 09.00.11:2010 г. – С. 12.

3. Кашина А.Е. Интернет и его роль в развитии современного общества/ А.Е. Кашина// Сборники конференций НИЦ Социосфера-2013. - №23. – С.39-40

4. Муҳаммад А.Н., Абдуҷалилов А. Терроризм ва дин (таҷрибаи Тоҷикистон). Душанбе: “Дониш”, 2021 – С.75.

5. Иванов Д. В. «Виртуализация общества» — СПб.: «Петербургское Востоковедение», 2000.
6. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ”. 21.12.2021 ш. Душанбе www.president.tj санаи муроҷиат 09.01.2022 (маводи электронӣ).

## Сомонаҳои иҷтимоӣ

1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон http://president.tj/node/13739
2. Дар охири соли 2015 шумораи истифодабарандагони Интернет дар саросари ҷаҳон ба 3,3 миллиард нафар хоҳад расид. http://newreporter.org/tj/2015/05/27/dar-oxiri-soli-2015-shumorai-istifodabarandagoni-internet-dar-sarosari-jahon-ba-33-milliard-nafar-xohad-rasid/

**Рамазон ШАРИПОВ**
*Докторант (PhD)- и курси 1 аз рӯи ихтисоси "Генетика"-и Институти ботаника, физиология ва генетикаи растаниҳои АМИТ*

## САЛОМАТӢ ВА ВАҚТ ГАРОНМОЯТАРИН САРВАТИ ИНСОН АСТ

*Саломатии миллат сарвати бебаҳост, ки бе он тавоноии давлатро тасаввур кардан имкон надорад.*

*Эмомалӣ Раҳмон*

Саломатӣ – воҳиди ягонаи ҳолатҳои биологӣ, рӯҳӣ ва ҷисмонии организм буда, нисбати фаъолиятии меҳнатии ҳар як шахс дар мувозинат мебошад. Тавре аз тадқиқотҳои илми тиб бармеояд, агар саломатии одам 100 % қабул карда шавад, аз ин 50 % -аш аз тарзи зиндагонӣ, 20 % аз муҳити атроф, 20% -и дигар аз хусусиятҳои ирсии шахс ва 10% -и боқимонда танҳо аз аз ёрии тиббӣ (духтурон) вобастагӣ дорад[1].

Мафҳуми аслии саломатӣ ин тани солим аст. Тани солим бошад аз омилҳои гуногун вобаста мебошад. Беҳуда нагуфтаанд: "Тозагӣ гарави саломатист". Аз ин рӯ, моро мебояд, ки дар зиндагӣ тозагиро дар маддӣ аввал гузорем. Дигар омиле, ки ба соломатӣ зараровар аст ин пурхӯрӣ аст. Буқрот мегӯяд: Агар бемор аз пурхӯрӣ даст кашад, саломатиашро низ бақарор хоҳад кард. Пурхӯрӣ сабаби аксари бемориҳо шуда метаванад (ба монанди фарбеҳӣ,

[1] Устоев М.Б. Биология Анатомия ва физиологияи одам. -Душанбе: Собириён, 2008. - №1.- С.2-4.

диабети қанд, бемориҳои дилу рагҳо ва бемориҳои узвҳои ҳозима). Пас моро мебояд, ки ба қадри саломоти расем. Роҳҳои беҳтар намудани саломатӣ ин обу тоби организм, оббозӣ кардан, офтоб хӯрдан ва истеъмолӣ ғизои солим ба ҳисоб меравад. Дигар омиле, ки метавонад барои беҳтар шудани солими мо мусоидат намояд, ин сайру гашт, тамошои манзараҳои зебою диданӣ, сабзаву себаргаҳои навдамидаи саҳро, лолазорҳо гулу гулбуттаҳо ин ҳама ба чашмонамон нур ва ба дилҳоямон шодмонӣ мебахшад. Шоире дар ин хусус менависад:

*Чаро нолам зи дасти тангдастӣ,*
*Ки ганҷи беқиём аст тандурустӣ.*

Дар замони ҳозира одамон, аксаран чизҳои надоштаҳояшонро орзу мекунанду ҳарф мезананд, аз чизҳои доштаашон сухбате ҳам намекунанду қадрашонро намедонанд. Ба ин зарбулмасали зерин бояд диққат дод "Қадри неъмат – баъди неъмат". Инсон то саломатиашро аз даст надиҳад, қадрашро намедонад. Эй инсон! ҳоло он, ки чашми бино дорӣ, пойи равон дорӣ, забони гуё дорӣ, тани солим дорӣ чаро қадрашро намедонӣ?! Ҳоло он, ки ба бемориҳои одӣ монанди зуком онқадар аҳамият намедиҳӣ! Аммо сарфи назар кардан аз ин одитарин бемориҳо метавонад пайомадҳои зиёди нохуше дошта бошанд. Ҳангоми зуком таъсири асосии он ба узвҳои нафаскашӣ (алалхусус бинӣ) мерасад ва ин узви бадани одам барои саломатиаш нақши вожае дорад. Бинӣ дарвозае аст, ки ба василаи он сироят метавонад ба дигар узвҳои бадан низ таъсир расонад. Ҳамин тариқ бинӣ аз асоситарин ва дар айни ҳол хатарноктарин узви инсон ба шумор меравад. Маҳз ба ҳамин хотир бемориҳои ин узвҳо, бахусус бемориҳои сироятӣ, табобати комплексиро тақозо мекунанд. Духтуре, ки ба ташхис ва муоличаи бемориҳои ин узв машғул аст дар тиббӣ

муосир оторинолингорог ё ба шакли кутоҳ духтури ЛОР (духтури гӯш, гулӯ ва бинӣ) номида мешавад. Инсон бештар дар ҳолати тағйирёбии иқлим, фасл ё мавқеъ ба бемориҳо мубтало мегардад. Ин бемориӣ на танҳо ба калонсолон, балки дар байни наврасону ҷавонон низ зиёд ба чашм мерасад. Бо инкишофи бемориҳои роҳҳои нафаскашӣ, пеш аз ҳама неруи муҳофизатӣ (масъуният ё иммунитет) суст гардида, тарзи ҳаёти камҳаракат, маҳсулоти хӯрокворӣ, истемоли зиёди антибиотикҳо ва тамоку сабабгор мегарданд. Яке аз хатароти дигар, ба ҳам наздик ҷойгир гардидани ин узвҳо ба шумор меравад. Барои мисол агар бинии одам сироят гирад, хатари асар кардани ин ба узвҳои дигар низ аз имкон дур нест. Яъне, ҳар як узвҳо байни ҳам алоқамандии ногусастанӣ доранд.

Дар ин бобат Саъдии Шерозӣ мегуяд:

*Бани одам аъзои якдигаранд,*
*Ки дар офариниш зи як гавҳаранд.*
*Чу узве ба дард оварад рӯзгор,*
*Дигар узвҳоро намонад қарор.*

Аз ин рӯ, ҳар яки моро мебояд, дар куҷое, ки набошем нисбати саломатӣ бетараф набошем. Ба қадри саломати расем. Саломат бошед!

Вақт– монанди давандаест, ки ҳеҷ гоҳ монда намешавад ва доимо дар ҳаракат аст. Мо ҳамагон дар бораи арзиши вақт суханҳо мегуему медонем, локин мутаасифона онро дуруст истифода намебарем. Вақт қимат аст, набояд онро бар корҳои беҳуда сарф кард, Чунонки дар ин хусус Муҳаммадиқболи Лоҳурӣ менависад:

*Вақт чун барқи шитобон меравад, ҳушёр бош,*
*Чархро баҳри ману ту фурсати таъхир нест.*

Бузурге мегӯяд, ки одамон барои ҳама чиз вақт меёбанд, агар хоҳиш дошта бошанд. Бовар кунед ҳаёти мо, ояндаи мо, дар дасти худи мост. Барор ва нобарориро танҳо як бенишонӣ

бо номи “вақт надорам” аз ҳам ҷудо месозад аз байн мебарем. Дар асл вақти мо бароямон басанда аст, то ки тавонем онро дуруст тақсим карда, онро бошуурона истифода намоем. Вақт ҳаргиз моро мунтазир намешавад. Дар хусуси муҳим ва мубрамияти вақт Бернард Вербер чунин гуфтааст: “Қимати солро аз донишҷӯи аз имтиҳон афтида, қимати моҳро аз модари бармаҳал таваллудкарда, қимати ҳафтаро аз муҳаррири ҳафтанома, қимати соатро аз ошиқи интизори роҳи маҳбуб, қимати дақиқаро аз аз мусофири аз қатора ва ё ҳавопаймо ақибмонда, қимати сонияро аз аз шахси дар садама азизи дилашро аз дастдода ва қимати як ҳиссаи сонияро аз дорандаи медали нуқра ё тилло дар бозиҳои олимпӣ бипурс !”

*Чунончи Ҳофиз гуфтааст:*

*Вақтро ғанимат дон, он қадар, ки битвонӣ,*
*Ҳосил аз ҳаёт, эй ҷон, ин дам аст, то донӣ.*

*Умари Хайём низ таъкид мекунад:*

*Рӯзе, ки гузаштаст, аз ӯ ёд макун,*
*Фардо, ки наёмадаст, фарёд макун.*
*Бар н-омадаву гузашта бунёд макун,*
*Холӣ хуш бошу умр барбод макун.*

Дар ҳақиқат, фикр кардан ва дар хотир гирифтан лозим аст, ки дирӯз гӯзашт, аз ӯ дигар ёд кардан лозим ҳам нест, аниқтараш ягон фоидае ҳам нест. Фардо ин рӯзи оҷизону танбалон ва дар гумон аст, пас, андеша куну ҳамин алон ва дар ҳамин лаҳза зиндагӣ кун. Ба қавли шоир:

*Имрӯз бикун, чу метавонӣ коре,*
*Фардо чӣ кунӣ, ки ҳеҷ натавонӣ кард*

**Манзура ШАРИПОВА**
*магистри курси дуюми Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон*

# ИНТЕРНЕТ ВА МАРҲИЛАҲОИ РУШДИ ОН: МУШКИЛОТ ВА ДУРНАМО (ДАР МИСОЛИ ТОҶИКИСТОН)

Дар масири ҳастии хеш инсоният ҳамчун мавҷудоти соҳибтафаккур ва офарандаи тамаддун, ҳамеша дар пайи офариниш ва рушди зеҳнӣ буда, ба воситаи омӯзиш, таҳқиқ ва татбиқи илм дар истеҳсолот тавонист дар баробари олами воқеӣ олами дигаре бо ном фазои маҷозӣ "virtual environment"[1]- офарад.

Кашфи интернет падидаи ҷолибу ғайричашмдоште маҳсуб мешавад, ки тавонист тамоми оламро фаро гирифта, дар ҳама самти ҳаёти инсоният таъсиррасон гардад. Аз ҷумла дар пайдо гардидани ҳукумати электронӣ, ки ба пайдошавии хизматрасониҳои электронӣ, мусоидат намуда, дар дастрасии одамон ба иттилоот имкониятҳои беназиреро фароҳам овард.

Дар ҳоли ҳозир одамон тавассути дилхоҳ воситаи техникӣ, ба осонӣ вориди Интернет гардида, метавонад муносибату муоширатро ба роҳ монда, дар бораи ҳар гуна раванду ҳодисаҳои олам иттилоъ дарёфт ва изҳори андеша менамоянд. Дар раванди босуръати технологияи муосир Тоҷикистон

[1] https://harvest.usask.ca/handle/10388/etd-09102009-012757

ҳамчун ҷузъи ҷудонашавандаи олам наметавонад, аз таъсири торҳои печ дар печи “анкабути ҷаҳонӣ”[2] бетаъсир монад.

Маҳз бо мақсади таҳлил ва баррасӣ намудани мавзӯи мушкилот ва дурнамои интернет ва шабакаҳои иҷтимоӣ. Мушкилот ва дурнамо (дар Ҷумҳурии Тоҷикистон), матлаби иҷмолие омода намудаем.

Пайдоиши интернет натиҷаи тадқиқоти илмии олимони амрикоӣ мебошад. “Соли 1957 олимон аввалин мушаки Заминро ба кайҳон сар доданд, ки он барои пайдоиши Интернет замина гузошт.” [3]

Дар ин замина, мақсади асосии таъсиси интернет дастгирии татқиқотҳои илмии соҳаи саноати ҳарбӣ, аз ҷумла тадқиқи усулҳои сохтани шабакаҳои осебнопазири дар шароити ҳассос тобовар ва ба таври мураттаб фаолияткунанда иборат буд.[4]

Тадқиқоти бардавоми олимон, дар раҳи рушди техника ва технология омили пайдошавии наслҳои нави интернет гардид. Имрӯз дар харитаи ҷаҳон қариб давлате, вуҷуд надорад, ки сокинонаш аз интернет ва шабакаҳои иҷтимоӣ истифода набаранд. Бинобар гузориши Маркази тадқиқоти ҷаҳонӣ оид ба вазъи технологияи рақамӣ We Are ва Hootsuite Digital 2022[5], ки охири моҳи январи соли 2022 интишор гардид, “Дар аввали моҳи январи соли 2022 аз 7, 91 миллиард аҳолии ҷаҳон 5,31 миллиард нафар, ё 67, 1 фоизи аҳолии курраи замин аз телефони мобилӣ истифода мебаранд ва шумораи истифодабарандагони интернет дар саайёра ба 4,95 миллиард, яъне 62,5% аҳолии ҷаҳон расида, шумораи

---

[2] https://allinweb.ru/informatika/44208/

[3] https://tg.wikipedia.org/wiki/Интернет

[4] https://durahshon.tj/fan/view_post.php?id=162

[5] https://www.sostav.ru/publication/we-are-social-i-hootsuite-52472.html

корбарон дар соли 2021 192 миллион нафар (4%) афзудааст. Дар ин баробар, теъдоди корбарони шабакаҳои иҷтимоӣ беш аз 10% афзоиш ёфта, ба 4,62 миллиард нафар расидааст, ки 58,4% шумораи умумии аҳолии ҷаҳонро ташкил медиҳад.

Рушди босуботи интернет ва дар заминаи он пайдо гаштани шабакаҳои иҷтимоӣ мушкилоти сарҳаду ҳудуд ва масофаро аз байн бардошт. Барқарорнамоии муошират бе монеаи одамон байни хешовандону наздикон аз як давлат бо давлати дигар ба воситаи ҳар гуна шабакаҳои иҷтимоӣ нишондиҳандаи авҷи аълои равнақи интернет ва технологияи муосир маҳсуб меёбад ва дар ин раванди бошитоби технологияи коммуникатсионӣ Тоҷикистони соҳибистиқлол чун қисми ҷудонопазири ҷомеаи ҷаҳонӣ канор будан наметавонад. Марҳилаи пайвастшавии Тоҷикистон ба интернет аз соли 1995 оғоз мегардад. Пайдоиши интернет дар Тоҷикистон ба раванди инкишофи технологияҳои иртиботию иттилоотӣ алоқаманд мебошад. Соли 1995 «CADA» (Агентии оид ба рушди ОМ) хизматрасонии почтаи электрониро шурӯъ намуд. 11 декабри соли 1997 дар фазои маҷозӣ домени расмии Тоҷикистон "TJ"[6] ба қайд гирифта шуда, соли 1998 аввалин провайдери интернетрасон дар кишвар «Телеком технолоҷӣ» расонидани оммавии интернетро сар кард, ки аввалин провайдери интернетрасон ба ҳисоб меравад.[7] Зери ин домен то имрӯз бештар аз 6700 сомона ба қайд гирифта шудааст. Ҳамчунин 12 оператори провайдерҳои хизматрасониҳои интернетӣ фаъолият доранд, ки хизматрасониҳои гуногунро пешниҳод мекунанд. Тоҷнет сегменти миллии доменҳо

[6] https://ru.wikipedia.org/wiki/.tj#%D0%98%D1%81%D1%82%D0%BE%D1%80%D0%B8%D1%8F

[7] Пажӯҳиши омодагии электронии Тоҷикистон. – Душанбе, 2010, –С.11

сиёсати давлатиро дар самти бақайдгирии сомонаҳои интернетӣ мушаххас мекунад.”

Давоми чанд соли аввал, бинобар набудани инфрасохтори коммуникатсионӣ интернет тариқи маҳворaӣ пайваст мешуд ва хеле нархи гарон дошт, з-ин сабаб дастраси ҳама сокинони кишвар набуд. «Дар давраҳои аввал муштариёни хизматрасонии интернетӣ сафоратҳои кишварҳои хориҷӣ, созмонҳои байналмилалӣ, бонкҳо ва ғайраҳо буданд. Ин гуна маҳдудият ба нархи баланди хизматрасонӣ бо сабаби пайвасткунии шабака аз роҳи алоқаи моҳворaӣ ва ҳамчунин набудани инфрасохтори муосири коммуникатсионӣ марбут буд»[8].

Марҳилаи рушди босуръати интернет дар Тоҷикистон соли 2005, ҳангоме ки нахустин бор дар ҷаҳон, намуди хизматрасонии олитари интернет стандарти 3G (UMTS, CDMA 2000) ба роҳ монда шуда, муаррифӣ ва муваффақона озмоиш гардида буд ба ҳисоб меравад.

Солҳои охир, дар Тоҷикистон ширкатҳои гуногун—ҶСП «Индиго Тоҷикистон»(«Tcell»), ҶСП«ТТ-Мобайл» («МегаФон Тоҷикистон»), ҶСП «Вавилон Мобайл» ва ҶДММ «Таком» («Zet Mobile», собиқ Beeline»), «Тоҷиктелеком», «Телеком-технолоджи», хизматрасониро дар бозори алоқаи мобилии телефонӣ ба уҳда доранд.[9]

Соли 2016 бо сарпарастии Бонки ҷаҳонӣ лоиҳаи “Digital CASA”[10], таҳия гардид, ки мақсадаш муҳиййёсозии инфрасохтори технологияи коммуникатсионӣ ва барқарорнамоии робитаҳои судманди давлатҳои Осиёи

[8] Пажӯҳиши омодагии электронии Тоҷикистон. – Душанбе, 2010, –С.11

[9] https://khovar.tj/2017/08/il-om-on-atoev-tedodi-istifodabarandagoni-intnrnet-dar-to-ikiston-ba-2-3-mln-nafar-rasid/

[10] https://asiaplustj.info/ru/news/tajikistan/economic/20200806/digital-casa-i-tadzhikistan-kogda-zhdat-skorostnogo-i-deshyovogo-interneta

Миёна бо кишварҳои Аврупо тариқи итернет буд, ки дар марҳилаи муайяне бояд Тоҷикистон, Афғонистон, Узбекистон, Қирғизистон ва Қазоқистонро бо хати нахи оптикӣ пайваст намуда, таъминкунандаи интернети босифат ва арзон гардад.

Тибқи омори Internet Live Stats соли 2016 аз ҷиҳати шумораи истифодабарандагони шабакаи интернет ва суръати он, дар байни 140 кишвари олам Тоҷикистон дар мақоми 114-ум[11] қарор дошт. Бинобар тахқиқоти Speedtest дар соли 2021, "Суръати боркунии маълумот дар Тоҷикистон 13,8 Мб/сонияро ташкил дод, ки бо ин нишондоди суръати интернет дар байни 140 давлати дунё мавқеи 129-умро ишғол намуд, яъне дар муқоиса ба соли 2016 поздаҳ зина поён рафтааст." [12]

Тоҷикистон дар самти рушди интернет, қимат ва суръат дар байни давлатҳои Осиёи Миёна дар ҷойи чорум қарор дорад. Қазоқистон аз руйи рейтинги суръати интернети зуд ва ҳамзамон арзонтарин миёни кишварҳои Осиёи Марказӣ дар соли 2020 ва 2021 дар ҷойи аввал қарор гирифтааст. "Аз рӯи суръати миёнаи интернет дар миёни кишварҳои Осиёи Марказӣ Қирғизистон (50,64 Мбит/сония), Узбакистон (46,94 Мбит/сония), Тоҷикистон (32,96 Мбит/сония) ва Туркманистон (3,91 Мбит/сония) мебошанд."[13]

Дар таҳқиқоти сотсиологие, ки соли 2019 аз тарафи Ташкилоти ҷамъиятии «Медиа консалтинг» дар ҳамкорӣ бо Вазорати фарҳанг ва Ташкилоти ҷамъиятии «Маркази тадқиқоти сотсиологии «Зеркало» сурат гирифта буд, омадааст, ки аз 100 фоиз пурсидашудагон 47,6 фоиз корбари

---

[11] https://www.internetlivestats.com/internet-users-by-country/

[12] https://sputnik-tj.com/20210227/tojikiston-internet-surat-1032900621.html

[13] https://repost.uz/bistro-i-deshevo?utm_source=yxnews&utm_medium=desktop&utm_referrer=https%3A%2F%2Fyandex.ru%2Fnews%2Fsearch%3Ftext%3D

интернет мебошанд. Аз миёни пурсидашудаҳои корбарони интернет 55,9 фоизро мардон ва 39,3 дарсадро занон ташкил медодааст. Дар шаҳрҳо 58,6 ва дар деҳот 43,4 фоиз худро истифодабарандаи шабака номиданд. Аз назари синну сол бошад, бештарин шумораро ҷавонони синни 18-24(69,3%) ташкил додааст."[14].

Бо мақсади мушаххаснамоии вазъи интернет дар кишвар моҳи марти соли 2022 назарсанҷии сариросҳӣ ташкил намуда, ибрози андешаи зиёда аз сӣ нафарро вобаста ба интернет ва хизматрасониҳои электронӣ пурсидем, аз 100% пурсидашудагон, 70% аз суръати паст ва гаронарзишии интернет, шикоят намуда, 10% гуфтанд, аз интернет танҳо шабакаҳои иҷтимоиро истифода мебаранд (вобаста ба дигар хизматрасониҳои интернетӣ маълумот надоранд), 17%-и пурсидашудагон худро истифодабарандаи фаъоли интернет ва хизматрасониҳои электронӣ муаррифӣ карданд, 3% -и дигар гуфтанд, аз интернет истифода намебаранд. Бояд қайд намуд, ки воситаи пайвастшавӣ ба интернети 91% -и пурсидашудагон телефонҳои мобилӣ буда, 9%-и дигар тариқи компютер бо интернет пайваст мешаванд.

Тибқи гузориши солонаи Digital - 2022 дар аввали моҳи январи соли 2021 3,36 миллион шаҳрванди Тоҷикистон корбари интернет мебошад. Теъдоди корбарони интернет дар Тоҷикистон дар давоми як сол аз моҳи январи соли 2020 то моҳи январи 2021 948 ҳазор (+39%) афзоиш ёфтааст.[15] Яъне шаҳрвандони Тоҷикистон дар марҳилаи пайвастшавӣ ба шабакаи ҷаҳонии интернет қарор доранд.

---

[14]https://tnu/tj/index.abdu-alilov-firdavs-nizomovich/саҳ: 42

[15] https://datareportal.com/reports/digital-2021-tajikistan

Ҷадвали 1.

Гузориши солонаи Digital 2022 оиди истифодабарандагони Интернет

| | Шумораи муштариёни интернет | Фоиз (%) нисбат ба соли гузашта | Шумораи муштариёни алоқаи мобилӣ | Фоиз (%) нисбат ба соли гузашта | Шумораи муштариёни фаъол | Фоиз (%) нисбат ба соли гузашта |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 2013 | 3800453 | 100,0 | 10912080 | 100,0 | 6458200 | 100,0 |
| 2014 | 3362272 | 88,5 | 11535711 | 105,7 | 6826700 | 105,7 |
| 2015 | 2851871 | 84,8 | 9911354 | 85,9 | 5000010 | 73,2 |
| 2016 | 2377477 | 83,4 | 8681092 | 87,6 | 4416 600 | 88,3 |
| 2017 | 2514763 | 105,8 | 6287119 | 72,4 | 3967000 | 89,8 |
| 2018 | 3045720 | 121,1 | 6798512 | 108,1 | 4585000 | 115,6 |
| 2019 | 3219255 | 105,7 | 6115693 | 90,0 | 4838920 | 105,5 |
| 2020 | 3346420 | 104,0 | 6072126 | 99,3 | 5434000 | 112,3 |
| 9-моҳи соли 2021 | 3307750 | 98,8 | 6199930 | 102,1 | 5164520 | 95,0 |

Дар асоси сарчашмаҳои бадастомада ва оморҳои расмӣ бо истифода аз амсилаи регрессионӣ мебинем, ки дар даҳ соли охир рушди интернети кишвар чӣ гуна аст ва дар асоси додаҳо

дурнамои он чӣ гуна хоҳад буд. Аз рӯи маълумотҳои пешакӣ, ҷадвали зеринро дида мебароем.

Ҷадвали 2.

Маълумотҳои оморӣи истифодабарандагони интернет

| № | Солҳо | Шумораи муштариёни интернет |
|---|---|---|
| 1 | 2013 | 3800453 |
| 2 | 2014 | 3362272 |
| 3 | 2015 | 2851871 |
| 4 | 2016 | 2377477 |
| 5 | 2017 | 2514763 |
| 6 | 2018 | 3045720 |
| 7 | 2019 | 3219255 |
| 8 | 2020 | 3346420 |
| 9 | 9-моҳи соли 2021 | 3307750 |

Дар асоси додашудаҳои эксперименталӣ: солҳо ($X_i$, i =1,…,9) ва шумораи муштариёни интернет($Y_i$, i =1,…,9) амсилаи хаттии регрессиониро муайян мекунем. Намуди умумии амсила хатии регрессионӣ чунин аст: $Y^p = A_0 + A_1X$ (1), ки дар ин ҷо $Y^p$ қимати пешгӯии амсилаи регрессионӣ мебошад (расми 1).




Расми 1. Амсилаи хаттии регрессионӣ

Дар асоси формулаҳои (2) ва (3) $A_0$ ва $A_1$ – ро ҳисоб мекунем.

$$A_0 = \frac{\sum_{i=1}^{n} Y_i \sum_{i=1}^{n} X_i^2 - \sum_{i=1}^{n} X_i \sum_{i=1}^{n} Y_i X_i}{n\sum_{i=1}^{n} X_i^2 - \left(\sum_{i=1}^{n} X_i\right)^2},$$

$$A_1 = \frac{n\sum_{i=1}^{n} Y_i X_i - \sum_{i=1}^{n} X_i \sum_{i=1}^{n} Y_i}{n\sum_{i=1}^{n} X_i^2 - \left(\sum_{i=1}^{n} X_i\right)^2},$$

Барои ҳисоби қимати $A_0$ ва $A_1$ аз ҷадвали 3 истифода мекунем.

Ҷадвали 3.

Ҳисоби суммаҳо

| I | Солҳо (∑X*i*) | Шумораи муштариёни интернет(∑Yi) | ∑Xi² | ∑Xi*Yi |
|---|---|---|---|---|
| 1 | 2013 | 3800453 | 4052169 | 7650311889 |
| 2 | 2014 | 3362272 | 4056196 | 6771615808 |
| 3 | 2015 | 2851871 | 4060225 | 5746520065 |
| 4 | 2016 | 2377477 | 4064256 | 4792993632 |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| 5 | 2017 | 2514763 | 4068289 | 5072276971 |
| 6 | 2018 | 3045720 | 4072324 | 6146262960 |
| 7 | 2019 | 3219255 | 4076361 | 6499675845 |
| 8 | 2020 | 3346420 | 4080400 | 6759768400 |
| 9 | 2021 | 4410333 | 4084441 | 8913283667 |
| ∑ | 18153 | 28928564.33 | 36614661 | 58352709237 |

Қиматҳои A0 ва A1-ро дар формулаи (1) гузошта, муодилаи хаттиро ҳосил мекунем, ки чунин намудро дорад.

$$Y=-124360169 + 63250*X$$

Дар асоси муодилаи хаттӣ шумораи истифодабарнадагони интернетро дар 9 соли оянда пешгӯи мекунем, ҷадвали 4.

Ҷадвали 4.

Пешгӯии истифодабарнадагони интернет дар солҳои 2022 - 2030

| | |
|---|---|
| 2022 | 3530533 |
| 2023 | 3593783 |
| 2024 | 3657032 |
| 2025 | 3720282 |
| 2026 | 3783531 |
| 2027 | 3846781 |
| 2028 | 3910031 |
| 2029 | 3973280 |
| 2030 | 4036530 |

Бо назардошти рушди босуръати технологияи муосир нақши интернет дар ҳаёти инсони асри техника рӯз аз рӯз ва беш аз пеш афзунтар мегардад. Дар ин марҳилаи ҳассоси пайвастшавӣ ба хатти ягонаи ҷаҳони маҷозӣ, ки ҳамарӯза навъҳои гуногуни хизматрасониҳои беназирро пешниҳод менамояд, мардуми тоҷик наметавонанд канор бимонанд. Дар асоси назарсанҷиҳо ва сарчашмаҳои муътамади

пешниҳодгардида, қазоват метавон намуд, ки бо вуҷуди пешравиҳои назаррас дар самти техникаю технологияи муосир то ҳол дар самти дастрасии интернет мушкилиҳо ба назар мерасанд. Дар самти рушди босуботи хизматрасониҳои электронӣ, ки имкониятҳои беназиреро фароҳам меоранд, дар "Консепсияи ташаккули ҳукумати электронӣ"[16] нуқтаҳои муҳиму созандае, оварда шудаанд. Агар бахши давлатӣ ва сохторҳои уҳдадор дар асоси муқаррароти пазируфташуда, рисолати хешро дар мухлати муайян иҷро кунад, пас дар наздиктарин фурсат, бо ҷорӣ гардидани низоми нави идоракунӣ Ҳукумати электронӣ мушкилотҳои мавҷудаи самти хизматрасониҳои интернетӣ аз байн хоҳанд рафт.

### Сарчашмаҳо


1. Пажӯҳиши омодагии электронии Тоҷикистон. – Душанбе, 2010, –С.11.
2. Пажӯҳиши омодагии электронии Тоҷикистон. – Душанбе, 2010, –С.16.
3. Абдуҷалилов, Ф. Н. Ҳукумати электронӣ ва таъсири он ба низоми иттилоотӣ [Матн] / Ф. Н. Абдуҷалилов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2015. – № 4/8 (183). – С. 300-305.


[16] maorif.tj/storage/Dokument's/Barnomaho/6675e4fc7e70b56b2ad8e190dfa75259.pdf

## ЧЕҲРАҲО

**Комил БЕКЗОДА**
*доктори илмҳои фалсафа*

# АББОС МАҲМУДИ АҚҚОД-ШОИР ВА МУТАФАККИРИ БУЗУРГИ МИСР ДАР АСРИ XX

Аққод (1889-1964) дар минтақаи Асувони Миср ба дунё омад. Модараш аз нажоди курд ва падараш мисрӣ буд. Аҳли хонавода ҳама мардуми одӣ буданд. Аққоди ҷавон мактаби миёнаро дар зодгоҳаш хонд. Баъди хатми мактаби миёна ба Қоҳира омад. Ба худомӯзӣ машғул гардид. Ба матбуот ҳамкориро барқарор намуд. Мақолаҳои фаровон чоп кард. Ҳамзамон шеър менавишт ва дар матбуоти даврӣ ва дар шакли китоб ба чоп мерасонд. Аҳли илму фарҳанги араб ӯро бузургтарин мақоланавис ва шоири классики муосири Миср эътироф мекунанд. Зиёда аз 70 китоби насрӣ ва назмӣ ба нашр расонидааст. Муддате бо аҳли давлат ва сиёсат ҳамкорӣ дошт. Дар охир изҳори пушаймонӣ кард, ки ба сабаби ин ҳамкориҳо ман аз мутолиа ва таълифи муҳимтарин осори худ маҳрум монд. Аққод як шахсияти озодандеш, мустақил ва соҳибназар буд. Ба хотири ҳақиқат ба касе муросо намекард. Хонандагони араб ҳамин рӯҳияи озодихоҳонаи Аққодро қадр ва таҳсин мекунанд.

Доир ба Устод Аққод чизе навиштан, дар назари аввал хеле осон менамояд. Чаро ки услуб ва сабки эҷоди ӯ дар мақоланависӣ, китобнависӣ ва шеър аз равшан ҳам равшантар аст. Ҳар мавзуъро ба дараҷае густурда ва амиқ фаро гирифтааст, ки баъди мутолиаи китоби ӯ дигар ба он мавзуъ

муроҷиат намудан ниёзе намебинӣ. Бо як калима: аз шарҳи мавзуъ билкул қонеъ мегардӣ. Ин хулосаи таҷрибаи ман аз мутолиаи баъзе китобҳои ин Устод аст. Унвони Устод бо ҳарфи калон дар ҳаққи Аббос Маҳмуди Аққод дар кишвари Миср як ҳақиқати маълум ва эътирофшудааст. Барои мисол, файласуф ва адиби муосири Миср, Анис Мансур (1924 -2011) дар китоби "Маҳфили Аққод", ки зиёда аз 700 саҳифа мебошад (нашри сеюм, соли 1993 дар Қоҳира) [1] дигар мутафаккиронро бо номашон зикр карда, аммо Аққодро ҳама ҷо бо номи устод зикр мекунад. Ҳеҷ китоби дастаҷамъие дар олами араб вуҷуд надорад, ки доир ба Аққод бобе ҷудо накарда бошанд.

Мо, ки дар ин навишта Аққодро ҳамчун адиб ва шоири муҳофизакор ном мебарем, чун истилоҳи муҳофизакор як истилоҳи шартӣ ва эътиборӣ (формалӣ ва шаклӣ) мебошад. Вагарна шахсияти ӯ дар ин мавҳуми танг ва маҳдуд ғунҷоиш надорад. Ин истилоҳро соҳиби ин қалам интихоб намудааст, вагарна худи муҳаққиқони араб Аққодро бо истилоҳи Устод, Аллома, Устоди бузург, шоири тавоно, мутафаккири забардаст ва ғайра ном мебаранд[2].

Мо дар ин баҳс ва навиштаи нотамоми худ ба баъзе ҷиҳатҳои ин мавзуъ ишора менамоем.

(1)

Аббос Маҳмуди Аққод[1] (1889-1964) дар китоби тарҷимаиҳолии худ бо номи "Ано" (Ман) [3] мегӯяд, ки падари ман мисрӣ асту модарам аз миллати курд. Чеҳраи зоҳирии ҷисмонии ман ва ахлоқи шахсии ман ба модарам шабоҳат дорад. Дар бархурдҳои фикрие, ки бо муосиронаш дошт, худро ориёӣ ҳисоб мекард. Вале ориёӣ будани

[1] Ба хотири кутоҳии баён мо дар ин навишта устодро бо истилоҳи "Аққод" зикр менамоем.

Ҳитлерро рад мекард ва бар зидди ӯ дар ҳаҷми 350 саҳифа бо номи "Ҳитлер дар тарозуи андеша" китоб навишта, соли 1943 дар Қоҳира ба чоп расонд. Соли 1943, ки фиристодагони низоми натсистии Ҳитлер ба воситаи киштӣ дар соҳили Искандарияи Миср аз киштӣ ба замин фуруд омадаанд, Аққод ба Судон гурехт. Баъди шикасти Ҳитлер дар Ҷанги Ҷаҳонии Дуюм Аққод ба Миср баргашт.

(2)

Муҳаққиқони муосири Миср бар ин ақидаанд, ки Аққод асосан мақоланавис буд. Яъне ҳунари мақоланависиро дар ҷаҳони араб касе баробари ӯ ҷолиб ва ҷиддӣ навишта натавонистааст. Ва бисёре аз китобҳои ӯро маҷмуаи мақолаҳо ташкил медиҳанд. Забонаш дар наср ва шеър забони меъёрӣ ва адабии имрӯзаи араб аст. Ин назари муҳаққиқон аст. Худи Аққод дар ҷаҳони араб касеро шоир, адиб ва мутафаккир дар сатҳи худаш эътироф намекунад. Доир ба файласуфи машҳури муосири Миср ва араб Абдураҳмони Бадавӣ мегӯяд, ки: "Ӯ як ҷоҳил аст. Фақат аз китобҳои аврупоӣ ва андешаҳои онҳо рӯйнавис мекунад. Ва худро шогирди онҳо ба шумор меорад". Доир ба ин мавзуъ дар саҳифаҳои оянда бармегардем.

(3)

Яке аз соҳаҳои муҳимми фаъолияти эҷодии Аққод накди адабӣ мебошад. Яке аз муҳаққиқони муосири араб доир ба ӯ китобе таълиф намуда, бо номи "Аққод ва накди адабӣ". Ин китоб қариб 1000 саҳифаро дар бар мегирад. Аққод бо ин фаъолияти танқидиаш қариб ҳамаи ҳунармандон ва зиёиёни эҷодкори ҷаҳони арабро аз худ ранҷондааст. Ду аср пеш файласуфи машҳури олмонӣ Артур Шопенгауэр (1788-1860) ҳамин корро карда буд ва ҳама аз ӯ озурдахотир шуданд. Баъдан собит гардид, ки дар воқеъ, Шопенгауэр ба ин накдҳои тезу тунди худ ҳақ дошт. Ба истисnои баъзе бархӯрдҳои ночиз,

дигар ҳама нақдҳои ӯ нишонрас ва воқеӣ буданд. Ҳамин тавр, мухолифини Аққод низ дар ҷавоби нақдҳои ӯ суханҳои гуфтание пайдо накардаанд.

(4)

Муҳаққиқони араб (Анвар ал-Ҷундӣ ва дигарон) ишора мекунанд, ки Аққод дар ҷавониаш фаъолияти худро бо танқид оғоз кард... Танқиди сахт ва метавон гуфт, ки ин аз танқид гузашта, ҳуҷум буд. Аввалан, ба адибон Аҳмад Шавқӣ ва Ҳофиз Иброҳим ҳуҷум кард. Дар ин фаъолият бо ӯ шоир Маъзинӣ ширкат мекард... Муддати 20 солро ба бархӯрдҳои сиёсӣ сипарӣ намуд. Ҷуръате нишон дод, ки ҳамзамонон чунин ҷуръатро аз худ зоҳир накарда буданд... Дар ин нақдҳо ва ҳуҷумҳо ҳама ҳудуду сарҳадҳоро шикаст... Сӣ соли тамом ба адабиёти гузаштаи араб ҳуҷум кард... Мегӯяд: "Мо ба бутҳои адабиёти қадимаи араб ҳуҷум кардем... фаъолиятҳои онҳоро инкор кардем. Андешаҳои онҳоро ноқис ёфтем. Ва онҳоро ба сӯйи андешаҳои солеҳ баргардондем. Аксари сухани онҳоро иборат аз мадҳу афсӯсу сӯгворӣ ёфтем ... Дар нисбати ашъори Ирулқайс ва Абутайиб забони эътироз кушодем. Аққод дар минтақаи Асувон таваллуд шуда буд. Асувон дорои осмони соф аст. Дорои обу ҳавои муътадил[4]. Муҳаққиқони араб менависанд, ки дар чунин минтақаи зебое Аққод дар ҷавонӣ ба беморие гирифтор шуд. [Ва мо то ҳол намедонем, ки ин беморӣ чӣ беморие буд.-К.Б.] Ба сабаби ин беморӣ Аққод гӯшанишинӣ ихтиёр кард. Барои мутолиаву андеша вақту замони муносибе пайдо намуд. Муддатҳои тулонӣ ба мутолиа машғул буд. Устоде надошт, ки ӯро зери назорат қарор диҳад. Балки ин худи Аққод буд, ки устодонро худаш интихоб мекард. Ба ин маъно ки ҳар китоберо, ки мехост, худаш интихоб мекард. Мутолиаи тӯлонӣ ба Аққод кумак кард, ки ба беморӣ ғалаба кунад.

Ва ин ғолибият сабаб гашт, ки Аққод сахт зиндагиро дӯст дорад ва бо хотири хубиҳои зиндагӣ бар зидди мухолифони зиндагӣ байрақи исён бардорад.

Дар баъзе аз мақолоти худ доир ба ибтидои фаъолиятҳои илмӣ ва фарҳангии худ чунин ишора менамояд: "Дар ибтидо се қисм китобҳоро мехондам:

Якум: Китобҳои адабиёт. Дуюм: Доир ба метафизика. Сеюм: Зистшиносӣ (биология)... Ҳар рӯз ду соат мутолиа менамудам. Баъдҳо муддати мутолиа ба ҳафт-ҳашт соат расид. Ҳар моҳ панҷ то ҳафт китобро мутолиа мекардам..."[5].

Китоби бисёр мехонд. На аз рӯйи ихтисос. Балки ба хотири он ки мутолиа дар зиндагии шахсии ӯ маъно мебахшид. Дар ибтидои зиндагиаш тасаввур мекард, ки шояд дар оянда аз се ихтисос якеро соҳиб хоҳад шуд: якум: пешвои ҳарбӣ; дуюм: донишманди тасаввуфӣ; сеюм: олими соҳаи зироат. Мегӯяд: "Дар ибтидо китобҳои бисёр, гуногунсоҳа ва дорои масъалаҳои кухна мехондам [6]. Доир ба саргузашти бузургони дин ва авлиё мехондам ва мехостам, ки мисли онҳо шавам... Ҳоло ҳам шамшери сарбозӣ дар мутолиа бо ман аст, мавзуи дин ва метафизикаро тарк накардаам... Корҳои зиндагӣ ва сиёсат ҳам метавонад монеъи машғулиятҳои ман дар мутолиаи дину метафизика шавад."

Аққод соли 1941(моҳи сентябр) навишта, ки танҳо адабиётро илме ёфтам, ки маро бо худам ба таври шоиста шинос менамояд[7]. Аққод дар зиндагии шахсӣ ва иҷтимоиаш ба соҳаҳои гуногун даст зада буд: ба муаллимӣ, рӯзноманигорӣ, адабиёт, мақоланависӣ, шоирӣ ва қасиданависӣ. Вале авҷи ҳунари ӯ дар навиштани мақолаҳои таҳлилӣ ба таври хос маълуми ҳамагон гардид.

Ба андешаи муҳаққиқ Закӣ Муборак, "Аққод нависанда аст, вале аз нависандагӣ дида дар шоирӣ дасти болотар дорад... Баъзеҳо ӯро ҳунарманди осмонӣ тасаввур мекунанд ва

гурӯҳе ӯро аҳли замин медонанд, вале ба эътирофи ҳамагон, Аққод аз табақаи якуми нависандагон мебошад. Аққоди мунаққид дар андешаҳои танқидии худ хеле муътадил ва мунсифона ҳукм меронад, ба истиснои як ҳолат. Ҳолати баҳо додан ба муосироне, ки нисбат ба ӯ хурдагирӣ мекунанд. Дар ин ҳолат аст, ки Аққод баъзан ба бероҳа меравад. Барои мисол, дар нисбати файласуфи машҳури Миср, Абдураҳмони Бадавӣ маҳз ба хотири он ки фалсафаи Урупоро дар олами араб тарғибу ташвиқ мекунад, ӯро ҷоҳил номидааст, ки ба ҳеҷ яке аз қонунҳои накди адабӣ ва фалсафӣ мувофиқ наменамояд ва ҳамагон бар ин назаранд, ки Бадавӣ бузургтарин файласуфи муосири мисри араб мебошад ва бузургтарин тарғибгари мероси гузаштаи миллати араб низ ҳаст [Ба ин мавзуъ дар саҳифаҳои оянда бармегардем].

Аққод ба дороиҳои зиндагӣ ва молу сарват таваҷҷуҳе надошт ва ҳатто мегуфт, ки “ нисбат ба мардони сарватманд ҳеҷ эҳтироме қоил нестам”.

Сайру саёҳатро дӯст медошт, вале дар зиндагӣ ба муддати кутоҳе ду бор ба Фаластину Ҳиҷоз рафту бас. Дигар минтақаҳои дунёро аз рӯйи мутолиаи китобҳо саёҳат мекард ва бо ин саёҳат худро қонеъ нигоҳ медошт... Ба ин маъно, ки саёҳатро як ҳаваси давраи ҷавонӣ медонист ва сайру саёҳати асосиро иборат аз шинохти олам аз рӯйи китобҳо ва осори фарҳангӣ тасаввур мекард.

Аққод зоҳиран ҳунари навиштани хотиротро дӯст намедошт. Вале муҳаққиқон мегӯянд, ки ӯ дар шаклҳои гуногун ёддоштҳое боқӣ гузошта, ки метавон гуфт, симо ва сурати зоҳирӣ ва ботинии Аққод бо беҳтарин шакл ба қалами худаш тасвир гардидааст.

Дар баъзе навиштаҳои худ доир ба феълу атвори шахсии худ хеле ошкоро ва холисона эътирофномаи шахсии худро боқӣ гузоштааст: Мегӯяд: “Ман табиатан майли гӯшанишинӣ

дорам. Ин одатро аз падару модарам омӯхтаам. Худоро шукр, ки дар ин одат нишоне аз уқдаҳои нафсии маъмул чизе вуҷуд надорад... Қатъи дустӣ бо ёрон ҳеҷ гоҳ аз тарафи ман сурат нагирифтааст... Дар нисбати таом шеваи зоҳидона дорам... Дар бисёр ҳолатҳо инони суханро аз даст медиҳам ва баъди таҳлил маълум мешавад, ки ҳоҷати таассуф нест. Чаро ки ошкорбаёнӣ аз кинагирӣ беҳтар ва муфидтар аст. Ман тавозуъ ва хоксории дурӯғинро таҳаммул надорам. Чаро ки он риёест аз ҷониби гӯянда ва ғафлатест аз ҷониби шунаванда...Ва ман эътироф мекунам, ки шуҳрат ва ҷовидонагии шахсияти худро дӯст медорам, ба шарте ки дар ин роҳ ба иззати нафси ман латмае ворид нагардад...[8].

(5)

Аққод аз шахсиятҳои муосири худ ду нафарро эътироф мекард: Якум ислоҳталаби динӣ ва иҷтимоӣ Муҳаммад Абду ва шахсияти сиёсии он давраи Миср Саъд Зағлулро. Саъд Зағлул сарвари партияи ҳукмрони замони Аққод буд. Доир ба ҳарду ин шахсият китоби алоҳида таълиф намудааст.

Доир ба Муҳаммад Абду мегӯяд, ки ин марди бузург буд, ки андешаҳои ӯро чун роҳнамои зиндагии маънавии худ пазируфтам ва аз ин корам ҳеҷ пушаймон нестам...[9]. Аз боби нажод падари Муҳаммад Абду туркман буд ва модараш мисрӣ. Зикри ин нукта ба ин хотир аст, ки масъалаи нажодӣ дар асри XIX ва XX, ҳатто дар кишварҳои шарқи исломӣ ҳам тарафдороне дошт.

Доир ба мақоми зан бештар вақт назари манфӣ ва нимаманфӣ дошт. Шояд дар ин масъала зери таъсири анъанаи арабӣ-исломӣ қарор дошта бошад. Ӯ таъсири анъанаро дар ин андешаҳои худ инкор мекунад ва мегӯяд, ки ба таърихи башарият нигаред. Зан дар таърих ҳамеша нисбат ба мард мақоми поинтаре доштааст. Ва ҳамеша дастнигари мард аст. Ҳатто он занҳое, ки ба мақоми сарварӣ расидаанд.

Кор ба дараҷае расид, ки Аққод то охири умр муҷаррад зист ва зан нагирифт. Дар ҷавонӣ бо духтари ҳамсояаш ба номи Соро ошиқ шуд ва баъдҳо бо номи “Соро” китобе ҳам навишт. Вале кор ба издивоҷ нарасид. Яке аз сабабҳо шояд характери шахсии Аққод буд, ки хеле тунд ва зудранҷ буд. Занҳо ин қабил характерро дӯст намедоранд. Дар солҳои камоли умр ва маънавияташ ба нависандаи Лубнонӣ бо номи Мийа Зиёда мукотибаи ошиқона дошт. Ин дафъа ҳам кор ба издивоҷ нарасид. Сабабашро муҳаққиқон аз ин иборат медонанд, ки Мийа (Марям) масеҳӣ буду Аққод мусулмон. Аққод ин ақидаро инкор мекунад. Мунокишаҳои каломии ин ду нафар дар мактубҳояшон омадааст. Аққод дар васиятномааш навиштааст, ки мактубҳои моро ҳоло, ки зиндаем, чоп накунанд. Ҳангоми вафоти Аққод як зан бо духтараш дар ҷанозаи ӯ даъво намудаанд, ки ин духтар,-духтари Аққод аст. Вале ин даъво то ҳол ба исбот нарасидааст. Вафоти Аққод соли 1964 буд дар зодгоҳаш – Асувон. Минтақае ки мисриҳо ва шӯравиҳо стансияи электрикии обӣ дар онҷо сохтанд.

Аққод адабиёти бо ном урён ва макшуфи замони худро намеписандид. Ва далелаш ҳам ин буд, ки ин адабиёт барои насли ҷавон зарарнок аст. Дар ин замина ба ӯ пешниҳод гардид, ки “Боғи Эпикур” – и Анатол Франсро ва романи “Леди Шатерли” – ро ба арабӣ тарҷума кунад. Аққод ин пешниҳодро қатъиян рад кард. Ба ин хотир, ки ин ду асар машҳуртарин осори ҳунарии адабиёти урён шуморида мешуданд.

(6)

Муҳаққиқони араб менависанд, ки Аққод нисбат ба масъалаи нажоду миллат ҳассосияти хос нишон медод. Аз он ки модараш аз нажоди курд буд, худро ориёӣ ҳисоб мекард. Ва дар гуфтор ва навиштаҳои худ аз андеша ва фалсафаи ориёӣ ҳимоят мекард. То ба ҳадде, ки асолати қавмҳои сомиро

нодида мегирифт. Ва ҳатто дар бархурдҳои каломӣ ва баҳсу мунозираҳои лафзӣ мухолифони хешро мавриди тавҳин ва таҳқир қарор дода, савол мекард:

Оё китоби Освалд Шпенглерро хондаӣ? Ин китоб "Шикасти Ғарб" ном дорад ва дар он идеяи бузургии қавми ориёӣ мавриди гуфтугӯ аст. Ҳизби натсистии Ҳитлер маҳз ҳамин идеяи Освалд Шпенглерро шиори сиёсии худ қарор дода буд. Бо вуҷуди ин Аққод сиёсати нажодпарастонаи Ҳитлерро қабул надошт ва он сиёсатро ошкоро сахт танқид мекард. Ва ҳамзамон бар зидди Ҳитлер китоби муфассале (360 саҳифа) навишт бо номи "Ҳитлер дар тарозу" – яъне арзиши шахсият ва идеологияи Ҳитлерӣ (1943).

Ба ин муносибат зикри мухтасари ин ҳодиса шояд зарурат дошта бошад, ки армияи Румел чун ба Қоҳира наздик мешавад, Аққод саросемавор ба Судон мегурезад. Ин муҳоҷират дуру дароз давом накард. Вале барои Аққод зарари адабии бузурге ба бор овард. Ӯ маҷбур шуд, ки чандин дастнависҳои чопнашудаи худро оташ занад.

Як ҳодисаи таассуфбарангези дигар дар зиндагии Аққод ин буд, ки соли 1934 ба зиндон афтод. Чун дар як мақолааш шоҳи Мисрро танқид карда буд. Муҳаққиқон менависанд, ки зери таъсири ин ҳодиса Аққод аз бисёре аз идеяҳои ифротии сиёсии худ даст кашад ва чанд соле баъд аз узвияти ҳизби ҳокими замони худ истеъфо дод. Ин иқдом озодии шахсии ӯро бештар намуд, ки ба характери ӯ бештар созгор буд. Дар асл аз нигоҳи сиёсӣ ба озодиҳои низоми демократӣ тамоил дошт ва аз низоми тоталитарӣ шадидат интиқод мекард. Аз ҷанбаи назарӣ ҳам бар зидди низоми истибдодӣ ва тоталитарӣ китобе навишт бо номи "Низоми ҳукми мутлақ дар қарни бистум". Ба андешаи муҳаққиқон, дар нимаи аввали асри XX чунин китобе доир ба истибдод ва тоталитаризм дар олами араб касе таълиф накарда буд.

Дар охир бояд гуфт, ки:

-Аққод дар 28 июни соли 1889 дар Асувон таваллуд шудааст. Аввалин мақоларо соли 1904 дар рӯзномаи “аз - Зоир” ба нашр расонд. Кори таъсисӣ ва тадқиқиро бо ҳамроҳии дӯстонаш ал – Маъзинӣ ва Фарид Абуҳадид соли 1915 оғоз бахшид.

-Зиёда аз 20 китоб ба нашр расонд: “Соатҳое дар байни китобҳо”, “Мутолиаҳо”, “Рӯ ба китобҳо”, китобҳои таҳлилӣ ва интиқодӣ доир ба Муҳаммад Абду, Саъд Зағлул, Ибни Румӣ, Мутанаббӣ, Муҳаммад(с), Умар, Абубакр, Алӣ, Ҳусайн, Билол; Ва китобҳое чун: “Аллоҳ”, “Фалсафаи Қуръонӣ” ва ғайра.

Муҳаққиқон равияи асосии эҷодиёти Аққодро навиштани автобиографияи психологӣ ташхис додаанд.

-Аққод ҳамеша аз ин ҳолат шикоят доштааст, ки ҳодисоти сиёсии дохилӣ ва хориҷии Миср ва Ҷанги Дуюми Ҷаҳон маро аз навиштани китобҳои ҷиддии илмӣ боз медоштанд. Ахиран дар эътирофномае, ки соли 1954 дар синни 65-солагӣ навишта, мегӯяд, ки “Орзуи ҷавонии ман дар роҳи расидан ба лашкаркаши ҳарбӣ ва олими зирой чун дақиқтар мулоҳиза намудан, майли асосӣ ва ботинии ман ба сӯйи адабиёт будааст”.

**Адабиёт**

[1] Анис Мансур. “Маҳфили Аққод”, нашри 3, соли 1993. Дор-уш-шуруқ. Қоҳира. Номи пурраи ин китоб: “Дар салони Аққод мо рӯзгоре доштем”.

[2] Аббос Маҳмуди Аққод. “Ман”. Дор-ул-маориф. Қоҳира, 1982. С.5.

[3] Аббос Маҳмуди Аққод. “Ман”. Дор-ул-маориф. Қоҳира, 1982. С.16.

[4] Аққод. Рӯзномаи “Ал-Асос”, 19-10-1951.

[5] Анвар Ҷундӣ. Бузургони фикр ва адаб. Силсилаи фикр. мазҳабҳо ва шахсиятҳо. Қоҳира, 1951. (Минбаъд: Анвар Ҷундӣ. Бузургон. с.)

[6] Маҷаллаи “Мусаввар”, феврали соли 1944.

[7] Анвар Ҷундӣ. Бузургон, С. 146.

[8] Анвар Ҷундӣ. Бузургон, С. 148-149.

[9]Анвар Ҷундӣ. Бузургон, С. 150.

**Тоҷинисо МУРОДОВА**
*номзади илми фалсафа,*
*ходими пешбари илмии ИФСҲ-и*
*ба номи А.Баҳоваддинови АМИТ*

## ФАЙЛАСУФИ ФАРҲАНГ

*(чанд андеша дар мавриди файласуф ва андешаманди миллӣ, устод Саъдулло Раҳимов)*

Дар мақола дар бораи яке аз олимони бошахсияту бонуфузи илму фарҳанг – файласуфу санъатшинос, муҳаққиқ ва мунаққиди кино ва театри тоҷик, доктори илмҳои фалсафа, профессор Раҳимов Саъдулло Хайруллоевич сухан меравад.

Муҳтарам Саъдулло Раҳимов мутаваллиди шаҳри Бухоро (1951) буда, дар хонаводаи бошахсияту бо фарҳанг тарбия ёфтааст. Падари Саъдулло Раҳимов Хайрулло Раҳимов - номзади илмҳои педагогӣ ва профессори Донишгоҳи педагогии ба номи Садриддин Айнии ш. Душанбе буда, солҳо дар он ҷо кору фаъолият намуданд. Худи Саъдулло Раҳимов хатмкунандаи факултаи забон ва адабиёти русии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мебошанд, ки пас аз хатми он соли 1983 дар шаҳри Москва дар Институти фалсафаи Академияи илмҳои СССР аз рӯи ихтисоси «Зебоишиносӣ» («Эстетика») рисолаи номзадии хешро дифоъ намудааст. Олими закию боирода дар соли 2007 рисолаи доктории худро дар мавзӯи «Андешаҳои фалсафӣ-эстетикии зардуштия» бо муваффақият дифоъ намуда, соҳиби дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа шуданд.

Саъдулло Раҳимов солҳои зиёде дар Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинов кору фаъолият мекунанд ва вазифаи мудири «Шуъбаи фалсафаи

фарҳанг»-ро анҷом медиҳанд, ки дар байни аҳли илму адаби Институт бо илму маърифат ва инсонияти волои худ мақом ва ҷойгоҳи хосса доранд. Муҳтарам Саъдулло Раҳимов як шахсияти донишманду мутафаккир, хоксору мутавозеъ, ҳалиму меҳрубон ва беозору заҳматкашанд ва рӯи ҳарфу суҳбати хеш ҳамеша андешида амал мекунанд ва эй кош дар ҷомеа чунин шахсиятҳо бисёртар мешуданд.

Саъдулло Раҳимов узви Иттиҳоди кинематографистҳои Тоҷикистон, узви Иттиҳоди кинематографистҳои давлатҳои мустақил ва кишварҳои Балтика мебошанд. Дар баробари ин, узви ягонаи созмони байналмилалии ФИПРЕССИ (Федерацияи байналмилалӣ) аз ҷониби Тоҷикистон буда, ҳамчун узви ин ташкилот ба унвони ҳакам (жюрЬ) дар форум ва фестивалҳои кино ва театр ширкат намуданд. Аз соли 1987 сар карда, зиёда аз 10 сол роҳбарии кинстудияи «Тоҷикфилм»-ро ба уҳда доштанд. Солҳои 1997-1998 ба вазифаи ҷонишини раиси Комитети радио ва телевизиони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон кор кардаанд. Аз соли 1999 то инҷониб дар Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови АМИТ дар «Шуъбаи фалсафаи фарҳанг» адои хизмат намуда истодаанд. Аз соли 2011 то имрӯз вазифаи мудири «Шуъбаи фалсафаи фарҳанг»-и Институтро анҷом медиҳанд.

Саъдулло Раҳимов муаллифи як қатор филмҳои ҳуҷҷатӣ, монографияву дастурҳои илмӣ-методӣ мебошанд, ки мо метавонем чанде аз онҳоро номбар кунем: «Симои саҳна» («Луч экрана») (2004), «Аз таърихи ҷаҳонбинии зебоишиносии мардуми тоҷик» (2005), «Эстетикаи зардуштия» (2006), «Доиратулмаорифи кино (синамо)-и Тоҷикистон» (2012), «Проблемаҳои мубрами фарҳанги тоҷик» (2020), «Очеркҳои таърих ва назарияи синамои тоҷик»: марҳилаи худшиносӣ) (2020). Мақолаҳои илмӣ ва илмӣ-омавии ӯ дар маҷаллаву

маҷмӯаҳои илмӣ, нашрияҳои энсиклопедӣ ва рӯзномаву маҷаллаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Россия, Эрон, Қазоқистон, Қирғизистон, Фаронса, Англия, Кореияи Ҷанубӣ ва дигар кишварҳо нашр гардидаанд ва азбаски теъдоди онҳо зиёд аст, мо ин ҷо номгӯи онҳоро намеорем.

Раҳимов Саъдулло ҳамчун муҳаққиқи кино ва театру кинофестивалҳои тоҷик аз соли 2004 то имрӯз Раиси бахши ҳунарии Кинофестивали байнамилалии «Дидор» мебошанд. Он кас дар баробари ин боз муҳаққиқи хуби фалсафа ва олими фарҳангшинос буда, дар симпозиумҳои байналмилалӣ ва конфронсҳо доир ба масъалаҳои мубрами фалсафа, фарҳанг ва эстетика бо баромаду мақолаҳояшон қобили эҳтиром ва пазириши аҳли илму адабу фарҳанг гардиданд. Барои хизматҳои шоиста бо баромаду навиштаҳои илмӣ-фарҳангӣ-интиқодӣ, ҳамчун рамзи идеяҳои воло дар соҳаи илму фарҳанг, махсусан кино ва театрҳо бо мукофотҳои бахши марбутаи СММ дар Тоҷикистон ва бо Грамотаҳои фахрии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (ҳозира АМИТ) ва Донишгоҳи Кобул (Афғонистон) мукофотонида шудаанд.

Саъдулло Раҳимов дар тарбияи кадрҳо низ саҳмгузор буда, шогирдони зиёдеро тарбия намуда, соҳиби унвони номзадӣ намудаанд.

Арзанда аст, ки бо чанд сухане фаъолияти илмӣ-таҳқиқотӣ ва фарҳангии Саъдулло Раҳимовро матраҳ намоем. Дар маґолаи ҳозир доир ба ду китоби боарзиш ва барҷастаи муаллиф, ки бо унвонҳои «Очеркҳои таърих ва назарияи кинои тоҷик»: марҳилаи худшиносӣ ва «Масоили мубрами фарҳанги тоҷик», ки соли 2020 аз чоп баромадаанд, мухтасар баъзе андешаҳои хешро баён намуда, мубрамияти онҳоро ба хонанда ва ҳаводорони илму фарҳанг ва ҳунар пешкаш намоем. Бо вуҷуди он ки банда муҳаққиқи риштаи санъату ҳунар нестам, боз ҳам мехоҳам нисбати китобҳои дар боло

номбаршудаи ин олими пурдону бо- фазилат муҳтарам Саъдулло Раҳимов фикрҳои шогирдонаи хешро баён намоям.

Дар китоби якум «Очеркҳои таърих ва назарияи синамои тоҷик» муаллиф таърихи вазнини тай намудаи синамои тоҷикро ҳамчун ангуштнамои фарҳангу тамаддуни миллӣ мавриди таҳлилу таҳқиқ қарор додаанд. Чунонки муҳаққиқи барҷастаи таърихи фалсафа, академики шодравон Мусо Диноршоев (ёдашон ба хайр) қайд намудаанд мавзеи баҳси ин китоб идомаи ҳамон китоби пештараи муаллиф «Симои саҳна» (2004) мебошад. Аммо ин маънои онро надорад, ки муаллиф айни мавзеи он китоби ғаблиро такрор намудааст. Мо медонем, ки синамо ва театри тоҷик дар замони барҳамхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ рӯ ба рукӯъ ниҳод, вале он дер давом накард. Чунонки дар боло ишора шуд, аз соли 2004 то инҷониб Саъдулло Раҳимов Раиси бахши ҳунарии Кинофестивали байналмилалии «Дидор» ва ҳамчунин Директор ва роҳбари бадеии киностудияи «Тоҷикфилм» мебошад. Бо кумаку талош ва ҳамкориҳои ӯ бо ходимон ва ҳунарпешаҳои киною театр, кино ва театри тоҷик боз аз нав ре ба рушд ниҳод. Масъалаҳои муҳиме, ки замони истиқлолият дар пеши аҳли илму фарҳанг, махсусан муҳаққиқону олимон ва ҳунарпешагони кинову театр гузошт, мавриди диққату тамаркузи муаллиф гардидааст. Аз ин лиҳоз Саъдулло Раҳимов саъю кӯшиш намудаанд, ки дар ин асари хеш масоили муҳими замони муосирро, дар мисоли синамову театри тохик ва санъати ҳунарии ҳунармандони он мавриди муҳокимаву баррасӣ қарор диҳанд. Чунки ба қавли бузургон, мо наметавонем ёди гузашта кунему ду даст пеши бар монда, бо афсус бинишинем, балки бояд мо ба зиндагии хеш обуранг дода, ҳамқадам бо давлату миллати худ пеш равем ва ҳувияти милливу худшиносиамонро дар замони Истиқлолият, ки ба мо имкониятҳои фаровон додааст, такмил диҳем ва онро ҳифз

намоем. Дар ин бора Президенти Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар баромаду суҳбатҳои хеш нисбати болоравии маърифатнокӣ ва фарҳангу худшиносии мардум борҳо ишора намуда, аҳли илм ва донишмандонро ба таҳлилу таҳқиқи илму тамаддуни гузаштаву имрӯзаи миллати тоҷик даъват менамояд. Муҳаққиқи китоби «Очеркҳои таърих ва назарияи кинои тоҷик» аз ҳамин нуқтаи назар амал намуда, рушду такомули синамо ва театри тоҷик, санъати ҳунарии ҳунарпешаҳои бомаҳорати онро дар ин асари худ аз назари илмӣ-таърихӣ ва интиқодӣ баррасӣ намудаанд, ки хонандаи муҳтарам метавонад хавҳари андешаҳои муаллифро дар ҳангоми мутолиаи китоб дарёбад.

Муаллифи китоб ҳамчунин аз таърихи илму фарҳанги мардуми тохику форси асрҳои миёна низ гуфтугӯ намуда, ташаккули тафаккуру шуури ҷамъиятӣ, сохт ва ташаккулёбии олами ҳастӣ, назарияи маърифат ва нақши он дар донисташавии олами ҳастӣ ва гуманизми ахлоқиро то ҳадде дар мисоли мутафаккирони барҷастаи тоҷик – Рудакӣ, Ҳофиз, Мавлонои Балхӣ, Муҳаммади Ғазолӣ ва дигарон тавассути иҷрои нақши ҳунарпешаҳои ватанӣ баррасӣ менамояд.

Саъдулло Раҳимов дар ин асари хеш дар бораи филмҳои киностудияи тоҷик «Достони Рустам», «Рустам ва Суҳроб», «Достони Сиёвуш», «Муҳохир», «Дохунда», «Фарзанди Тоҷикистон», «Қисмати шоир», «Зумрад», «Марги судхӯр», «Субҳи нахустини ҷавонӣ» («Юности первое утро»), «Асрори хонаводагӣ», «Дарди ишқ», «Ишқ ва фалсафа» ва амсоли инҳо баҳс намуда, мақому манзалати ин филмҳо ва ҳунарпешаҳои онҳоро дар таърихи илму фарҳанг, синамою театр ва тарбияву худшиносии миллӣ-маънавии тоҷик хеле моҳирона ва боназму низом аз нигоҳи таърихӣ-иҷтимоӣ, фалсафӣ-ахлоқӣ ва эстетикию фарҳангӣ мавриди муҳокимаву таҳлил қарор додааст. Аз ин рӯ, мутолиа ва баррасии ин китоб барои

олимон ва муҳаққиқону дӯстдорони фарҳангу синамо ва театр аз манфиат холӣ нест, махсусан, роҳу равиши таҳқиқ ва услуби таҳлилии муаллиф метавонад кумаки бузурге барои олимони ҷавони илму санъат ва ҳунари тоҷик бошад.

Китоби дигари муаллиф «Масоили мубрами фарҳанги тоҷик» проблемаҳои муҳими фарҳангу тамаддун ва маънавиёти тоҷикро аз замонҳои қадим то замони муосир дар бар гирифтааст. Китоби мавриди назари мо, асосан барои фарҳангшиносон, мутахассисони фалсафаи фарҳанг, зебоишиносон, донишҷӯёну унвонҷӯён ва магистрҳои соҳаи фарҳанг, ки рағбат ба таҳқиқи масоили фарҳангу тамаддуни мардуми тоҷик доранд, нигаронида шудааст.

Мавзеи баҳси ин китоб, асосан характери таърихӣ дошта, аз асотир сар карда, то фарҳангу тамаддуни замони ҳозирро фаро гирифтааст, ки инро аз мундариҷаи кор ба хубӣ пай мебарем. Қисмати аввали мундариҷаи он ба ин минвол матраҳ шудааст: таҳлили муқоисавии шуури асотирӣ ва асотири муосир; шакли асотирии ҷаҳонфаҳмии зардуштия; муборизаи баҳамзидҳо ҳамчун принсипи зардуштия, нақш ва ё таъсири он ба фарҳанги Эрони бостон; доир ба баъзе принсип ва хусусиятҳои тафаккури бадеии зардуштия ва Эрони бостон; дар бораи файласуфон ва шоирони файласуфмашраб дар асрҳои миёнаи Шарқ; ҷаҳонбинии фалсафӣ-эстетикии Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ; андешаҳои зебоишиносии Ибни Сино ва ғ. Қисмати дигар мавзӯъҳои китоб бештар масоили мухталифи замони муосирро дар бар гирифтааст, ба монанди: Таассурот ва андешаҳо дар бораи китоби академик Мусо Диноршоев «Матолиби фалсафаи Ибни Сино»; "дунё дигар шуд, дарёи ман, ту ҳамоне, ки ҳамоно, ки ҳастӣ" "фалсафа ва мусиқӣ" "Ба ҳар ҳол ба гузашта (оқиб) менигарем" "Фаъолияти индивидуалии рассоми миллӣ" "Доир ба

масоили театр ва «театралӣ»" Ҳомид Маҳмудов ва баъзе масоили театри муосири тохик ва амсоли инҳо.

Бархе аз мақолаҳои китоб масъалаҳои фарҳангӣ-суннатӣ, ба мисли ташаккули тафаккури эстетикии ҷомеаи тоҷик; Наврӯз - ҷаҳонбинии болидарӯҳиву некбинӣ ва созандагӣ; ҷанбаҳои психиологӣ- иҷтимоӣ ва фарҳангии тақвимии хашнгирии форсӣ-тоҷикӣ; Фидокорӣ ва хизматҳои шоёни академик М.Осимӣ ва ғ.-ро фаро гирифтааст.

Чунонки аз мухтасари мазмуну мундариҷаи китоби мазкур ба назар мерасад, муаллиф дар навиштан ва сохтори ин китоб заҳмати зиёде кашида ба хонанда масоили муҳими фарҳангу тамаддуни мардуми тоҷикро аз замони қадим то имрӯз бо як назокату назму низом ба қалам додааст. Дар ҷараёни таҳлилу баррасии масъалаҳои дар пеш гузоштаи хеш муҳтарам Саъдулло Раҳимов аз усулу равишҳои фалсафӣ-ахлоқӣ ва эстетикӣ истифода намуда, як асари арзишманди илмӣ-таҳқиқотии фалсафӣ-фарҳангиро ба аҳли илму адаб, олимону ҳунармандони соҳаи этикаву эстетика, синамову театр ва унвонҷӯёну донишҷӯёни соҳаи илму фарҳанг ва тамаддун пешниҳод намудааст.

Бояд қайд намуд, ки ду китобе, ки мо дар боло хеле фишурда баррасӣ намудем ва шояд аз нигоҳи санъатшиносону фарҳангшиносон заиф ба назар расад, бо вуҷуди ин, саъй намудем, ки то ҳадде тавонем мазмуну мундариҷа ва бо санъати илмӣ-ҳунарӣ, фалсафӣ-таърихӣ навишта шудани онҳо ва рӯи об баровардани фарҳангу тамаддуни ғании мардуми тоҷик хизмату фидокории қалбии муаллиф – Саъдулло Раҳимовро ба аҳли илм муаррифӣ намоем. Меарзад, ки чунин муаллифони варзида қобили ташвиқ ва дастгирии хирадмандони ҷомеа гарданд. Зеро ки Саъдулло Раҳимов аввалин муҳаққиқ аст, ки дар ин ду китоби худ шуҷоатмандона масъалаҳои муҳими таърихи фалсафаву

фарҳанг, адабиёту ҳунар ва театру синамои тоҷикро аз ибтидо то имрӯз таҳлилу баррасии бунёдӣ намудааст, ки ифодакунандаи арзишҳои маънавию фарҳангии мардуми тоҷик мебошанд.

**Фаридун ИСМОИЛОВ**
*ходими илмии шуъбаи фолклори*
*Институти забон ва адабиёти*
*ба номи Рӯдакии АМИТ*

# САҲМИ БОЗОРИ ТИЛАВЗОД ДАР ҶАМЪОВАРӢ ВА ПАЖӮҲИШИ НИЁИШ, ҚАСАМ ВА ЛАҚАБҲОИ МАРДУМӢ

Бозори Тилавзод аз зумраи муҳаққиқони бисёрфан ва донишманди нотакрори соҳаи фолклоршиносии тоҷик ба ҳисоб меравад. Истеъдоди беҳамтои навиштан ё нигоришро ба вай Яздони пок сазовор донистааст. Ба навиштани хотирот, ёдномаҳо ва махсусан осори гаронбаҳои шифоҳии халқи тоҷик бо завқу ҳавас ва бо ҳавсалаи том камари ҳиммат бастааст. Ба гуфтаи яке аз таборони шодравон «ӯ (яъне, Бозори Тилавзод, Ф.И) ба мисли устод Айнӣ ба навиштан шавқи зиёд дошт ва он кас дар ҳар маҳфилу суҳбатҳо аз ҷайби худ хомаву дафтар бароварда, маълумоти муҳимро барои худ сабт мекард». Яъне, барои навиштани маводи фолклорӣ ба қавли равоншод, фолклоршинос Салоҳиддин Фатҳуллоев ӯ «девкор» буд. Ҳеч гоҳ хастагиро эҳсос намекард. Баръакс, ҳар вақте ки як маълумоти нодирро аз забони гӯяндагон мешунид, ба дафтари ёддошти хеш менавишт ва пас аз он хушнуд мегардид. Далели ин гуфтаҳо, маводи зиёди гирдовардаи устод Бозори Тилавзод дар ҳаҷми зиёда аз сад дафтари дастнавис мебошад, ки ҳоло дар бойгонии Фонди фолклори Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ маҳфузанд. Дар ин дафтарҳо жанрҳои гуногуни осори шифоҳии тоҷик, луғатномаҳо, беҳтарин байтҳо ва хотироту ёддошти муаллиф нигошта шудаанд, ки барои хонандагон ва махсусан донишпажӯҳони осори мардумӣ муҳим ҳастанд.

Доктор Бозори Тилавзод дар баробари ҷамъоварии маводи фаровони мухталифи шифоҳӣ ба жанрҳои паремиологии фолклори тоҷик диққати ҷиддӣ медиҳад. Китобҳои «Поэтикаи зарбулмасал ва мақолҳои халқии тоҷикӣ» (1967), «Репертуари имрӯзаи зарбулмасалҳои халқи тоҷик» (1974), «Таҷрибаи таҳлили миқдории фолклори тоҷик» («Опыт количественного анализа таджикского фольклора», 1989) аз муҳимтарин таълифоти муҳаққиқ дар бахши паремиологияи тоҷик ба шумор меравaнд. Ӯ ҳамчунин мураттиби маҷмӯаҳои «Суханҳои дилафрӯз» (1973) ва «Зарбулмасалҳои машҳур» (1983), «Библиографияи Раҷаб Амонов» (1983, 1994), «Баёзи фолклори тоҷик» (ҷ. 2, 1990) «Зарбулмасалу мақолаҳои тоҷикӣ» (1989), «Чароғи дониш» (луғати мухтасари синонимҳо, 2006), «Ҳикмати машриқ» (2006), «Суханҳои рӯҳафзо» (2006) ва ғайра мебошад.

Лозим ба ёдоварист, ки дар дастхатҳои устод Бозори Тилавзод ғайр аз он ки миқдори ниҳоят зиёди зарбулмасалу мақол, чистону шугунҳо гирдоварӣ шудаанд, боз намунаҳои зиёди ниёишҳои кутоҳи мардумӣ, махсусан, дуову қасамҳои мардуми Панҷакент ва лақабу лақабгузории ин мардум дарҷ гардидаанд. Ҳангоми мутолиаи дафтарҳои дастнависи пурганҷи эшон диққати моро ҳамин гуна жанрҳои хурди шифоҳӣ ҷалб кард. Ҳунару истеъдоди фардӣ ва дониши фасеҳи ин пажӯҳишгари моҳир аз ҳар нигошта ва ҷузъиёти зарурии илми фолклоршиносии тоҷик ҳувайдост. Навиштаҳояш саршор аз таҷрибаи рӯзгор ва ифодакунандаи умеду ормони халқ ва тараннумкунандаи рӯзгори воқеии мардум мебошанд. Устод Бозори Тилавзод намунаи ниёишҳои кутоҳи мардумиро соли 1994 дар мақолае бо унвони «Дуо ва қасамҳои мардуми Панҷакант» дар маҷаллаи «Мардумгиёҳ» (гоҳномаи илмӣ ва оммавии фарҳанги мардум, шумораи №1-2, нашр намуд, ки ин пажӯҳиши муҳаққиқ дар шинохти

жанрҳои дуо ва қасамҳои сокинони Панҷакенти бостонӣ аҳаммияти муҳимми илмиву назарӣ дорад. Ҷойи зикр аст, ки дар хусуси жанри дуо муҳаққиқони дигар ба мисли Р.Амонов, Р.Раҳмонӣ, О.Муродӣ, Р.Аҳмадов, Р.Раҷабӣ, Д.Раҳимӣ ва дигарон низ дар асарҳои худ ибрози андеша намудаанд [3, 40-88]. Аммо Бозори Тилавзод ба ниёишҳои минтақаи болооби Зарафшон ва махсусан сокинони шаҳру деҳоти атрофи Панҷакент аҳаммият дода, намунаи зиёди онҳоро аз гӯяндагони бомаҳорат навишта гирифтааст. Тавре ки муҳаққиқ дар бораи ҷамъоварӣ ва таҳлилу таҳқиқи намунаҳои осори шифоҳии мардуми Панҷакент менависад: «Таассуф, ки луғату дуову қасам ва дашному сурудҳои Панҷакант ҳанӯз ба таври бояду шояд гирдоварӣ нашудааст» [1, 62]. Дар мақолаи мазкур Бозори Тилавзод дуоҳоро ба ду гурӯҳ тақсим карда, аз рӯйи мавзуву муҳтаво ва мавриди истифодаи онҳо бархе аз он матнҳоро шарҳу тафсир намудааст.

Ба гурӯҳи аввал ниёишҳои нек, ки ифодакунандаи таманниёт, орзуву омоли нек, тавфиқу хайрхоҳӣ аст, матнҳои «Ба некиҳо бинем!», «Аз фарзандакот бинӣ!», «Ба дӯст зору ба душман хор накунад!», «Балота гирам!», «Ба калонкардагет ҳазор раҳмат!», « Бар падарат ҳазор раҳмат!», «Бахту тахт тияд!», «Ба ҳазор дарой! Ҳазорсола шавед!», «Иқболи баланду рисқи фарох тияд!», «Камию костия набинӣ!», «Кушоиши кор!», «Роҳи сафед!», «Бахти сафед тияд!», «Пирон мададгорат бошанд!», «Тани сиҳат, хотири ҷамъ, дили беғам, ҳамин дамакоя парешон накунад, омин, Аллоҳу акбар!», «Тӯю тамошо бинед, ба мурод у мақсад расонад!», «Саракат дарда набинад!», «Умри об тияд!», «Худо фарзанда тияд, қобил бошад!», «Ҷошон ҷаннат шавад! Худо раҳмату мағфират кунад!» [1, 63-64] ва ғайраро мувофиқ медонад. Ин ҳама ниёишҳои мардумиро муҳаққиқ аз одамони солхӯрдаву умрдида дар суҳбату машваратҳо навишта гирифтааст.

Бахши дуюми ниёишҳоро пажӯҳишгар бо унвони «Дуоҳои бад ё худ нафрин» номгузорӣ намудааст. Ин қабил ниёишҳо ҷанбаи нафратӣ дошта, бадбинӣ ва ба гумони бад нигаристани одамон равона шудаанд. Дуоҳои «Авлодат қир шавад!», «Арвоҳ занад! Арвоҳи пиру пешвоҳо занад туя!», «Ба нохуни фарзанд зор шавӣ!», «Бар калонкардагет ҳазор лаънат!», «Бар паддарат ҳазор лаънат!», «Да болои сарат мурғи сиё пар-пар кунад! (Сухани яҳудиҳо). Мурию сияҳбахт бошӣ!)», «Да даҳанат хок!», «Заҳри заққум шавад! (Хӯроки хӯрдагиат заҳр шавад!)», «Кирмони лаҳад хӯранд туя!», «Нон гуфта, замина газӣ!», «Нон кӯр кунад туя!», «Норбончета рост кунам! (Илоҳо, ҷавонмарг шавӣ!)», «Рӯзи нека набинӣ!», «Рӯят сиёҳ шарманда! Мур!», «Тухмат сӯзад!», «Ғӯрамарг шавӣ!», «Қирон биёд! (Илоҳо, ҳамаатон бимиред!) Ӯлат[2] биёд, барад!», «Қолаби рӯт вайрон шавад! (Ба бемории даҳшатнок гирифтор шавӣ!) [1, 65-67] ба гурӯҳи ниёишҳои бад шомил медонад, ки мақбул аст. Зеро мазмуну муҳтавои ин бахш оҳанги манфӣ ва нафратро ифода мекунанд. «Ҷавонмарг шавӣ ё худ ғӯррамарг шавӣ» хеле дуои ҷонкоҳ ва сахт аст, ки барои ҷавонон гуфта мешавад. Аксари ниёишҳое, ки устод Бозори Тилавзод сабт намудааст, имрӯз низ дар ҷомеаи мо роиҷ мебошанд.

Қасам ё худ савганд низ аз жанрҳои хурди осори шифоҳӣ мебошад, ки истифодаи онро дар байни мардум мушоҳида мекунем. Густариши ин навъи адабӣ низ таърихи тӯлонӣ дошта, дар ҳар давру замон аз як давра ба давраи дигар ва аз як насл ба насли дигар интиқол меёбад. Мусаллам аст, ки ин навъи осори шифоҳӣ дар фолклори тоҷик ба таври бояду шояд ҷамъоварӣ ва таҳлилу таҳқиқ нашудааст. Устод Бозори Тилавзод дар солҳои охири умри хеш намунаҳои савгандҳоро гирдоварӣ ва нашр намудааст. Ин тадқиқи устод Бозори

[2] Ӯлат-марг, аҷал.

Тилавзод барои илми фолклоршиносии тоҷик як кори хайр ва мондагор мебошад, ки барои муҳаққиқони пасин дастури муҳим аст. Ба гурӯҳи қасамҳои мардумӣ матнҳои «Ба Худо, ки…!», «Биллои азим!», «Китоб занад, ки…!», «Қуръон занад!», «Кӯр шавам!», «Мусулмон набошам!», «Нон занад!», «Нон кӯр кунад!», «Худо болои сар!», «Худо занад» [1, 67-68] ва ғайраро шомил намудааст.

Дигар навъи осори мардумӣ, ки дар байни манотиқи гуногуни кишвар ҳамеша фаъол аст, лақаб ва лақабгузорӣ мебошад, ки онро дар адабиёти хаттӣ «тахаллус» меноманд. Дар байни шоирони адабиёти оламшумуламон тахаллус гузоштан ба номи зодгоҳ ё маҳалли зода шудану истиқомати онҳо расм шуда буд. Ба мисли Камоли Хуҷандӣ, Саъдии Шерозӣ, Хоҷуи Кирмонӣ, Амир Хусрави Деҳлавӣ, Ҳофизи Шерозӣ ва ғайра. Ин навъи адабиро дар байни мардум «лақаб» ё «клечка» ном мебаранд. Пажӯҳишгари нуктасанҷ Бозори Тилавзод роҷеъ ба ин жанри фолклорӣ низ ҳамчун мутахассис назари жарф намуда, дар дафтарҳои дастнависи худ намунаи зиёди онро дарҷ кардааст. Чунончи, Исмат Ланҷӣ – марди сусткору камҳаракат, Гадо Хунук – одами гапаш нофорам, гапхунук, дили одамоя меранҷондагӣ, Эшони Зард – марди мӯю ришаш сурх, ҷасур, чолок, шиновари бузург. Аз наберaҳои машҳури Халифа Ҳасани тоҷик, ки дар асри 20 мезисту байни мардум эътибори бузург дошт. Кӯри Ориф – касе, ки чашмонаш хира гашта, маҷбуран айнак монда мегашт. Раиси номдор, марди накӯхислат, меҳрубон, ҳалиму хоксор буд. Ин лақаб оҳанги дӯстонаи ҳазломез дорад. Кали Ҳамро – одамо бо нафрат лақабаша ба забон меоварданд. Мирзои Кала – марди беозори меҳнатӣ, каллакалон. Лангида-лангида роҳ мерафт, ҷуфт мекард. Набӣ Лола – марди кулчарӯйи зебосурати гунаҳош сурхи серхун. Шароф Тулум – сокини гузари Вашанӣ, марди тануманд. Нори Чақ-чақ – ҳар гуна

қандфет тайёр карда мефурӯхт. Ҳамчун марди чақчақийи хушсуҳбат байни мардум азизу муҳтарам буд. Яҳё Получ – марди эрка, давлатманд. Пойи луч гаштана нағз медидаст. Лақаби ҳазломез. Бозори Ҳафмаҳа – марде нек, пеш аз вақт таваллуд шудагӣ. Бозори Чоргӯша – дар паси ду гӯшаш ду лунда гӯшти зиёд дошт. Марди иззатманд, усто, падари Бозоров Исрофили ходими «Хорпуштак». Усто Сангини Ошпаз – ошпази дараҷаи аввал да тӯю маъракаҳо. Тӯхта Пучуқ – артист, биниш монанди муғулҳо фурӯ рафтагӣ, марди шӯх [2, 42-48].

Лақаб муаррифгари хосият ва одату рафтори одамон аст. Дар байни мардум ба инсонҳо аз рӯйи ҳунар, кору пайкор, рафтору кирдор, хислату одат, шаклу сифат ва дигар хусусиятҳо лақаб мегузоранд. Лақабҳои вобаста ба паҳлавонӣ ва бузургҷуссагии одамон, монанди Азими Гов – паҳлавони машҳур, ниҳоят пурзӯр, сокини гузари Кӯктоши поёни шаҳри Панҷакент. Яздон Палвон – бузкаши беҳамто, марди таҳамтан, ронанда [2, 49-50], ва амсоли инҳо.

Мавриди зикр аст, ки тадқиқот ва ковишу нашри эҷодиёти шифоҳӣ аз тарафи Бозори Тилавзод бо ин чанд намуна иктифо намеёбад. Ӯ дар ҳар дастхат ва нусхаҳои нодири бойгонии хеш анвоъи зиёду мухталифи шифоҳиро бо шарҳу тафсир, маълумотномаи гӯяндаҳо, санаи навишта гирифтани онҳо қайд менамояд. Агар дар маҷмӯъ ҳамаи он осори дастнависи аз байни мардум гирдовардаи устодро дар шакли китоб мураттаб намоем, зиёда аз панҷоҳ ҷилдро ташкил медиҳад, ки ин кори басо заҳматталаб мебошад. Аз ин рӯ, моро зарур аст, ки аз бойгонии эшон намунаҳои нодири эҷодиёти мардумиро ҷудо намуда, ба шакли китоб мураттаб созем, кори басо муҳим ва хайр хоҳад шуд. Хидмати ӯ дар ин самт нотакрор аст ва чунин фаъолият барои илми фолклоршиносии тоҷик боиси арҷгузорӣ ва пайравӣ

мебошад. Месазад, ки фолклоршиносони ҷавон аз пажӯҳиш ва ҳунару фаъолияти илмии устод Бозори Тилавзод ибрат гирифта, барои корҳои илмии худ аз мақолаву асарҳояш истифода баранд. Номи нек ва хотироти фаромӯшнашавандаи Бозори Тилавзод ҳамеша дар байни ҳамкорон, дӯстон ва муҳаққиқон гиромиву ҷовидон боқӣ мемонад. Шайх Саъдӣ ба ин маънӣ хеле бамаврид фармудааст:

*Саъдиё, марди накӯном намирад ҳаргиз,*
*Мурда он аст, ки номаш ба накӯӣ набаранд [4, 44].*

## Адабиёт


1. Бозори Тилавзод. Дуо ва қасамҳои мардуми Панҷакант. Мардумгиёҳ, гоҳномаи илмӣ ва оммавии фарҳанги мардум. Соли дувум. Шумораи №1-2. 1994 (1373 ҳиҷрии шамсӣ). Сардабир: Равшани Раҳмонӣ. Душанбе: «Пайванд» 1994, С.63-64.
2. Доктор Бозори Тилавзод. Фонди фолклор. Ҷилди 123, дафтари 1. – Душанбе, 02.07.2008.
3. Р.Раҳмонӣ. Қиссаҳо, ривоятҳо ва дуоҳои Бухоро дар сабти Раҳмонӣ. – Душанбе: Ройзании фарҳангии ҶИЭ, 1998. – 186 с. Раҷабӣ Раҳмон. Намунае чанд аз фолклори тоҷикони Шаҳрисабзу Китоб. Душанбе: «Пажӯҳишкадаи мардумшиносӣ», 2001. 132 с.
4. Саъдии Шерозӣ. Гулистон. Душанбе, «Маориф ва фарҳанг», 2008, 232 саҳ.

## ТАҚРИЗ ВА НАҚД

### ДИЛРО БА ДИЛ РАҲЕСТ...

*(чанд андеша дар заминаи маҷмӯаи нави ашъори Ниҳонӣ «Оҳанги дил»)*

*Мекашад ҳар лаҳза сӯйи хеш дилро ҳусни ту,*
*Баҳри дил дорад ҳамеша ҷанг бо мо ҳусни ту.*
*(Ҳ.Юсуфӣ).*

Дил ҳамчун образи лирикӣ дар каломи ҳунарии манзум аз пуркорбурдатаринҳо буда, на танҳо қавитарин бори ғоявӣ бар уҳда дорад, беш аз он, ҷанбаҳои эстетикии тасвирҳои лирикиро таҳкиму тақвияти хос эҳдо мекунад ва неруи қавии тасхиргарии он, албатта, ба қареҳаи шоир вобастагӣ дорад. Зеро агар баён қалбию сидқӣ бошад, соҳибистеъдод ба дилҳо роҳ меёбад…

Чанде пеш маҷмӯаи нави ашъори Ниҳонӣ таҳти унвони «Оҳанги дил» пешкаши дӯстдорони каломи ҳунарии манзум гардид, ки онро нашриёти «Нури маърифат»-и шаҳри бостонии Хуҷанд ба зевари табъ ороста гардонидааст.

Дар қисмати аввали маҷмӯа баёни симо ва корномаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мавриди арзёбӣ қарор гирифтааст, ки хеле ҷолиб аст. Зеро фаъолияти басо пурмасъулияттарини ин симои абарқудрати сиёсии миллӣ, рисолатҳои таърихии баҷоовардаи Пешвои миллат, нақшаҳо ва маромномаҳоиояндаи он кас баҳри беҳбудии рӯзгори халқ ва ободии мамлакат хеле сидқиву содиқона қаламдод шудаанд. Чунончи, дар мусаммати мураббаи «Садри мо – Пешвои мо», ки муштамил бар чаҳор банд аст, дар банди

чаҳорум аҳдофи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва дурандешиҳои ин симои абарқудрати сиёсӣ оид ба тақдири халқу давлати миллӣ чунин натиҷагирӣ гардидааст:

*Баҳри хушҳолии халқ аз таҳти дил меҳнат кунем,*
*Баҳри шодию нишоти кӯдакон хизмат кунем.*
*То бигардад мулки мо ҷаннатмакон заҳмат кунем,*
*Шукри ин Раҳбар, ки ҳаст андар ғами фардои мо.*

Мафҳумҳои калидӣ дар банди фавқуззикри мусаммати мураббаъ: меҳнат кардан, хушҳолии халқ, шодию нишоти кӯдакон, мулки ҷаннатосо ва Роҳбару ғами фардо буда, бунёди оптимистонаи натиҷагирӣ ба мушоҳида мерасад, ки хеле хуб баён шудааст. Ҳадаф аз зикри **кӯдакон** – ояндаи миллату халқ ва аз **ғами фардои** мо низ маҳз ҳамин падида аст, ки бунёди оптимистона доранд ва манзур ваҳдати халқу давлати миллист.

Ё худ дар ғазали «Мароми Пешво», ки бо матлаи зерин оғоз мешавад, пойдории сулҳи босалоҳ, осоиштаъминкунӣ тавассути гуфтушунид чунин баён мешавад:

*Сулҳро ӯ бо сухан, на бо дами ханҷар намуд,*
*Душманонро дӯст карда, дур аз сангар намуд.*

Натоиҷи аҳдофи Сарвар – натоиҷи ранҷҳои пасисарнамудаи ӯ аст, ки хеле хуб мушоҳида гардидаву ба риштаи назм кашида шудаанд:

*То расад мардум ба амну зиндагонии ҳалол,*
*Хиштро болиш карду хорро бистар намуд.*

Дар ғазали мазкур тағйирёбии симои шаҳру навоҳӣ ва деҳоти мамлакат, хосса пойтахти ҷумҳурӣ басо хотирмон ва нишонрасу ҷолиб ба тасвир гирифта шудааст, ки хонандаро сахт мутаассир месозад, то ин ки созандагию бунёдкориро пайваста ҷузъе аз фаъолияти хеш дар ягон соҳа қарор бидиҳад. Ин аст, ки Ниҳонӣ созандагию рушдро ҷузъи меҳварии

маромномаи Пешвои миллат медонад ва онро чунин ба қалам медиҳад:

*Пойтахт – ин хонаи умеди ҳар соҳибватан,*
*Шаҳру деҳоту маҳал ободу хушманзар намуд.*

Агар ҷилоҳои мақсадноки баёни эҷодкорро зеҳн монем, мебинем, ки ғазали фавқуззикр муқаффову мураддаф буда, вожаҳои қофияшудаи он: ханҷар, сангар, бистар, хушманзар дар абёти овардашуда буда, шакли қофия муқайяд аст, зеро пас аз равӣ – «Р» аносири дигари қавофӣ зикр нашудааст.

Вожаҳои қофияшуда маҳз ба хотири бори ғоявии ғазал интихоб гардида, инчунин хушилҳонии онро низ таъмин кардаанд ва адиб дар ин ҷода муваффақ ҳам шудааст. Аз тарафи дигар, тасдиқи ғояҳои матраҳшударо, ки қофияҳо бар уҳда доранд, радифи ғазал – вожаи тасдиқии **намуд** таҳкиму тақвияти хос эҳдо менамояд, ки ниҳоят муҳим мебошад. Маҳз барои боз ҳам барҷастатар ифода шудани тамоюлоти ғоявӣ адиб вазни мувофиқ баргузидааст, ки ин ҳам бесабаб нест. Яъне ғазали фавқуззикр дар баҳри рамали мусаммани маҳзуф иншо гардидааст, ки шакли афоъилии он чунин аст:

-V--/-V--/-V--/-V-
-V--/-V--/-V--/-V-

Шакли афоъилии зикршуда чунин хонда мешавад:

фоъилотун, фоъилотун, фоъилотун, фоъилун ва ё фоъилон.

Умуман, аносири шаклӣ, ки басо муваффақона кор гирифта шудаанд, барои ифодаи аҳдофи асосӣ ва баёни гуворо мусоидат кардаанд.

Ё ин ки дар ғазали «Ташрифоти Пешво» файзи иқдом васф мешавад, ки Пешво ба ҳар ҷое қадам ниҳад, он ҷо мардумон шодон, серию пурӣ ва он ҷо макони ободон хоҳад шуд ва онро таҷрибаи сӣ соли кори пурсамар унвон мекунад. Ба ин маънӣ Ниҳонӣ чунин таъкид мекунад:

*Ҳар кучҷое Пешво омад, фаровонӣ фузуд,*
*Рушди деҳоту ҳунар аз нав дучандон омада.*
*Шодмон гӯем мо: Хуш омадед, эй Пешво!*
*Баҳри таҷдиди хуши сӣ соли даврон омада.*
*Пешво, бин чеҳраи шоду кушоди мардумон,*
*Баҳри истиқбол ин халқ аз дилу ҷон омада.*

Эҷодкор барои нишонрасии аҳдоф аз аносири шаклии ғазал низ хеле хуб кор гирифта тавонистааст. Зеро матлаъ, ҳусни матлаъ, мақтаъ, ҳусни мақтаъ, қофияҳову радиф, гузиниши алфозу калом, вазни мувофиқ ва ғайра ҳусни баён ва нишонрасии ифодаҳоро таъмин сохта, тамоюлоти ғоявиро равшан гардонидааст. Вожаҳои ҳамқофия: **дучандон, даврон, ҷон** дар абёти зикршуда кор гирифта шудаанд, ки ҳуруфи қавофӣ «он» буда, «н» ҳарфи равӣ аст ва чун пас аз равӣ унсури дигар ширкат надорад, пас қофияи муқайяд аст. Сифати феълии**омада** комилан бори ғоявӣ мекашад ва дар ғазали фавқуззикр ҳадафи меҳварии эҷодкорро ифода карда тавонистааст. Муштаракоти дигари қофияву радиф таъмини алҳони марғуб аст, ки хуб риоя шудааст.

Эҷодкор барои боз ҳам ҳадафманд баромадани хостаҳои хеш, вазни гуворо дарёфтааст ва аз ин рӯ, ӯ муваффақ шудааст. Зеро ғазал дар баҳри рамали мусаммани маҳзуф рӯйи кор омадааст, ки шакли афоъилии он чунин аст:

-V--/-V--/-V--/-V-
-V--/-V--/-V--/-V-

Афоъили фавқ чунин хонда мешавад: фоъилотун, фоъилотун, фоъилотун, фоъилун.

Инчунин дар маҷмӯаи «Оҳанги дил» васфи Ватан, муқаддасоти давлатдорӣ, марзу буми кишвар, шаҳру навоҳӣ, вилоёти он, гиромидошти хоку об, хору хаси Ватан, шоҳкориҳои мардум, бунёдгариҳову созандагиҳо ва хосса расидан ба Истиқлолияти давлатӣ ва бузургдошти он, дифоъ

аз қонуну қонуният, муҳофизони он, гиромидошти адлу адолат, худшиносии миллӣ, ифтихори миллӣ, гиромидошти волидайн, миллат ва муқаддассоти миллӣ, ситоиши саромадони каломи ҳунарии миллӣ: Мавлавӣ, Саъдӣ, Ҳофиз ва дигарон аз оғоз то интиҳо ситоиш мешаванд, ки басо муҳимму писандида аст. Албатта, ашъори ишқӣ низ аз масоили аввалиндараҷаи таркиби маҷмӯа аст, зеро мавзӯи мазкур, хосса дар каломи ҳунарии тоҷик аз масоили ҷовидона ва дараҷаи аввал буда, эҷодкоре нест, ки ба ин мавзӯъ рӯ наоварда бошад.

Ниҳонӣ ин мавзӯъро яке аз мавзӯъҳои меҳварии ашъори хеш дониста, ба ин мавзӯъ басо ҷиддӣ рӯ овардааст. Масалан, шеърҳои «Эй парӣ», «Ҳури нур», «Пардаи ҳусн», «Парии осмон», «Маст зи бӯй», «Мастам», «Ишваю ноз», «Қиссаи дил», «Дилдор», «Лабханд», «Дилдодаҳо», «Шоми ишқ», «Ҷон адоят» ва бисёр шеърҳои дигари маҷмӯаи мазкур ашъори ишқия буда, ифодагари эҳсосоти қалбии инсонанд, ки отифаи воло доранд. Чунончи, шеъри «Ҷон адоят», ки ғазал аст, бо матлаи зерин оғоз мешавад, хеле хуб эҷод шудааст:

*Ман, ки табибам, чӣ давоят кунам,*
*Ҷону дилу дида фидоят кунам…*

Ё ин ки шеъри «Чашми сиёҳ» бо матлаи зерин оғоз гардида, бо коргирӣ аз ғулув ва вазни гуворо басо писандида рӯйи кор омадааст:

*Шоме туро баногаҳ дар байни шаҳр дидам,*
*То субҳ он шаби тор аз бӯйи ту шамидам.*

Ғазали зикршуда мураддаф набуда муқаффо аст ва чунон ки ишора шуд, дар баҳрҳои музореъ ва раҷазу мунсареҳ эҷод шудааст, ки басо нодир аст. Барои боз ҳам шохис намудан мо шакли афоъилии баҳрҳои болоро зикр хоҳем кард:

--V-/V--/--V-/V--

--V-/V--/--V-/V--

1. Шакли мазкур баҳри раҷази мусаммани мақтӯи махбун буда, мустафъилун фаъӯлун, мустафъилун фаъӯлун хонда мешавад.

2. Айнан дар ҳамин шакл метавон вазни мазкурро баҳри мунсареҳи мусаммани махбуни макшуф хонд.

3. Ғазали фавқуззикр, пеш аз ҳама, дар баҳри музореъи мусаммани ахраб рӯйи кор омадааст, ки шакли афоъилии он чунин аст:

--V/-V--/--V/-V-

Шакли зикршуда чунин хонда мешавад:мафъӯлу фоъилотун, мафъӯлу фоъилотун.

Мавзӯъҳои фавқуззикр, ки то андозае мавриди баҳси мо қарор гирифтаанд, паҳлуҳои басо бештаре ҳам доранд, ки Ниҳонӣ хеле хуб аз онҳо кор гирифта тавонистааст. Ҳатто мавзӯъҳои панду андарзиро, ки нисбатан мураккабҷанбаъ маърифат мешаванд, шоир дар ғазал хуб кор гирифтааст, ки аз ҷустуҷӯҳову омӯзиши муттасили **эҷодкор гувоҳӣ**медиҳад. Чунончи, дар ғазале таҳти унвони «Китоб» то тазмини мисрае аз Абдурраҳмони Ҷомӣ, оид ба нақши китоб – ҳамчун манбаи дониш ва ғановати маънавӣ ва рушди ҳамаҷониаби инсон басо муваффақ муҳокимаронӣ мекунад, ки ба андешаи мо, матлубу мақбул аст. Ғазали «Китоб», ки чанд байте мо аз он чун намуна хоҳем зикр кард, чунин аст:

*«Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст»,*
*Ба дониш аҳли хониш дар шитоб аст.*
*Чу хоҳӣ давлату сарват биёбӣ,*
*Китоб он кас бихонад, комёб аст.*
*Китоб – ин рушди ақлу зеҳну идрок,*
*Ба ҳар асрор ҳар ҳарфаш ҷавоб аст.*

Яъне, Ниҳонӣ ҳарис будани инсон, хоса ҷавононро дар мутолиа ҷонибдор аст ва ҳатто даъват менамояд, ки таъхир ҷуз пушаймонӣ чизи дигаре нест ва дар роҳи мутолиаву қироат ӯ китобро авло медонад, ки басо писандида аст.

# НАҚДИ МУОСИРИ АДАБӢ ВА КАЙФИЯТИ МАТОЛИБИ МУБОҲИСАВӢ

*(чанд андеша дар ҳошияи матолиби ахири баҳсии ҳафтаномаи "Адабиёт ва санъат")*

Минбари эҷодкорони кишвар -- ҳафтаномаи "Адабиёт ва санъат" чандест, ки бо иқдоми наҷиби худ вазъи адабиёти муосир ва мушкилоти нақди адабиро аз тариқи пахшу нашри матолиби илмӣ ва ихтисосии муҳаққиқон ва адабиётшиносон мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор додааст. Чунин тасмими созанда ва бунёдӣ ба аҳли сухан **возеҳ** менамояд, ки ба вазъи кунунии нақди адабӣ ва ҷараёнҳои адабии муосир бетараф набошанд ва дар такмили минбаъдаи шеваҳои тозаи равандҳои муосири адабӣ саҳми муносиб бигузоранд. Ин гуна мубоҳисаҳои илмӣ ва гуфтугӯҳои адабӣ дар замони Шӯравӣ дар Рӯзномаи "Маданияти Тоҷикистон" (муҳаррир Аскар Ҳаким) ва Маҷаллаи "Садои Шарқ" (муҳаррир Лоиқ Шералӣ) пайваста баргузор гардида, фикру мулоҳизаҳои аҳли илму адаб дар нисбати масоили мубрами адабиёти муосир, нақди адабӣ ва тарҷумаи бадеӣ иброз мегардид. Дар солҳои 80-уми қарни мозӣ Рӯзномаи "Маданияти Тоҷикистон" масъалаи тарҷумаи бадеиро таҳти мавзӯи "Тарҷума чӣ тавр бояд шавад?" ва Маҷаллаи "Садои Шарқ" вазъи насри бадеиро зери мавзӯи "Масоили насри муосир" мавриди таҳлилу муҳокимаи аҳли сухан қарор дода, бад-ин васила роҳҳои минбаъдаи адабиёти муосирро муқаррар менамуд. Ҳамзамон, солҳои 20-уми ибтидои асри XX, дақиқтараш аз соли 1926 то соли 1931 дар саҳифоти матбуоти даврӣ дар робита бо масъалаи интихоби забони адабӣ мубоҳисаҳои аҳли адаб давом карда, он дар маҷмӯаи "Забони тоҷикӣ дар мабнои мубоҳисаҳо" (таҳти назари академик Муҳаммадҷон Шакурӣ) чоп гардид, ки то имрӯз баҳси мунозираҳо аҳамияти илмии

худро гум накарда, то ҳол мавриди назари муҳаққиқон қарор нагирифтааст. Ногуфта намонад, ки вазъи шеъри имрӯз пайваста дар саҳифоти матбуот аз ҷониби донишмандону суханварон, аз ҷумла Турақул Зеҳнӣ, Шарифҷон Ҳусейнзода, Раҳим Ҳошим, Муҳаммадҷон Шакурӣ, Холиқ Мирзозода, Аскар Ҳаким, Юсуф Акбаров, Абдураҳмон Абдуманнон, Абдуманнон Насриддинов ва дигарон ба таври анъана даромада буд. Турақул Зеҳнӣ аз зумраи донандагони назарияи арӯз ва шеър буда, дар саҳифоти матбуот ва тадқиқоти алоҳидаи худ оид ба шеъри навқаламон андешаҳои басо ҷолиб ва муҳим баён намуда, дар ин замина мушкилоти вазни шеър, шарҳи баъзе абёти мушкилфаҳм, саноати бадеӣ ва дигар масоили каломи бадеъро бо забони фаҳмо ва бо шоҳидбайтҳои мувофиқ ба миён мегузошт ва бо ин васила хонандаи шеъру суханро аз нозукиҳои ин ҳунари басо муҳим ва дилпазир огоҳ менамуд. Яке аз вижагиҳои хоси мақолаҳои устод Турақул Зеҳнӣ дар он буд, ки эшон зимни баррасӣ ва нишон додани баъзе аз нуқсону камбудиҳои шеъри навқаламон, ҳамзамон роҳҳои ислоҳи норасоии мисраъ, таъбир ё вазни шеъри мавриди назарро нишон медод. Мутаассифона, ин гуна шеваи таҳқиқи шеъри навқаламон дар нақди адабии имрӯз аз лавҳи хотири мунаққидони шеъру сухан зудуда шуда, ҷойи онро баҳсҳои носолиму худнамоӣ гирифтааст. Ва ё профессор Шарифҷон Ҳусейнзода аз тақлид ба шеъри нав ва дурӣ ҷустани аҳли сухан аз "адабиёти миллӣ" ба ташвиш афтода, суханварони шеъру адабро ҳушдор медод, ки ҳаргиз аз шеъри гузашта ва меъёрҳои он, хусусиятҳои миллӣ ва анъанаҳои маъниофаринии адабиёти мардуми тоҷик канораҷӯӣ накунанд. Ӯ гӯё вазъи минбадаи шеъри тоҷикро эҳсос карда, бар алайҳи муддаиён ва муқаллидони шеъри он рӯз, ки дар гирдоби тақлид ғарқ шуда, аз адабиёти гузашта огоҳона чашм мепӯшиданд, чунин эътироз намудааст:

“Дар назари баъзе касон гӯё шеъри гузаштагони мо танҳо аз эҳсосот ва санъати шеърӣ иборат буда, меъёрҳо ва қолабҳои он, ҳатто мазмунҳои он низ қобили қабул нестанд, ҳатто баъзе аз онҳо чунин мулоҳизаҳои ғайриилмӣ доранд, ки гӯё шеъри шарқӣ, аз ҷумла шеъри форсӣ-тоҷикӣ дар гузашта аз фалсафаи маҷнунӣ -- аз бадбинӣ иборат аст” (ниг.: Ҳусейнзода Ш. Ҳабдаҳ маҷола.- Душанбе: Ҳумо, 2007. С. 286). Бо ин ҳущдоре, ки мунаққиди муҳтарам ба миён мегузорад, ҳамзамон аҳли нақди адабро даъват менамояд, ки ҳамеша дар тарғиб ва ҳимояи шеъри ниёгон бошанд ва “унсурҳои тавоно, зинда ва мутараққии шеъри гузаштаамон, ки бо зиндагии имрӯз баробар ва ҳамқадам мебошад, пайвастагӣ дошта бошем”. Дар воқеъ, сабақҳои салафи ҷӯяндаву созандаи мо дар шароити муосири бархӯрдҳои сиёсию тамаддунӣ, ки дар қолиби раванди ҷаҳонишавӣ фарҳангу ҷомеаи моро аз ҳар ҷиҳат таҳдид мекунанд, сазовори омӯзишу пайгирӣ мебошанд ва моро зарур аст, ки бо истифода аз таҷрибаи муҳаққиқону мунтақидони гузаштаи худ ҳар лаҳза дар пайи ҳифзи суннатҳои неки фарҳангу адаби ниёгонамон гомҳои устувор бардорем.

Дар мубоҳисае, ки идораи ҳафтаномаи “Адабиёт ва санъат” иқдом намудааст, мубоҳисон асосан масоили шеърро дар миён мегузоранд ва дар дигар паҳлуҳои адабиёти муосир гӯё мушкилотеро намебинанд. Аз ҷумла, донишманди пуркор, сермаҳсул ва фаъоли нақди имрӯз Рустами Ваҳҳобзода, ки асогузори ин мубоҳисаи муҳим мебошад, нақди адабиро танҳо дар доираи мушкилоти шеъри имрӯз маҳдуд ба миён мегузорад, ҳоло он ки мақолаи “Аслҳои нақди шеъри муосир” мебоист чун мақолаи аввалин ва роҳкушои ин баҳс масоили кулли нақди адабиро ба қалам дода, аҳли суханро дар баррасии бахшҳои каломи бадеъ муттаҳид менамуд. Бо вуҷуди ин, иқдоми устод Ваҳҳобзода дар ин росто муҳим, саривақтӣ

ва дуруст буда, дар саҳифаҳои нақди муосир масоили муҳим ва ҳалталабро ба миён хоҳад гузошт.

Дар фарҳанги форсизабонони гузашта ва муосир нақди адабӣ асосан маҳдуд дар доираи масоили шеър ё каломи мавзун ба миён гузошта мешуд. Аз Шамс Қайси Розӣ, Насируддини Тӯсӣ, Абдурраҳмони Ҷомӣ, Ҳусайн Воизи Кошифӣ, Ваҳиди Табрезӣ, Сайфии Бухороӣ ва дигар донандагони илми шеър сар карда, то имрӯзиён чун Сируси Шамисо, Абдуалии Дастғайб, Абулҳусайни Зарринкӯб, Саид Нафисӣ, Абдуғанӣ Мирзоев, Холиқ Мирзозода, Турақул Зеҳнӣ, Шарифҷон Ҳусензода ва дигарон нақди адабиро танҳо дар шеър ва масоили он дидаанд. Бо кадом сабабе бошад, ки дар таҳқиқоти онҳо насри муосир, вазъи тарҷумаи бадеӣ, нақди нақд ва ҳатто забони асарҳои бадеӣ ҳамеша берун ва ё дар алоҳидагӣ мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Агар ба китобҳои "Нақди адабӣ"-и Абулҳусайни Зарринкӯб ва матолиби ихтисосии Сируси Шамисо таваҷҷуҳ намоем, дар онҳо масоили адабӣ танҳо дар доираи шеъри муосир маҳдуд баррасӣ нашудааст. Дар ин асарҳо дар баробари масоили шеър, ҳамзамон ҷараёнҳои нақд дар Эрон, назарияҳои адабӣ ва мактабҳои адабӣ дар Аврупо, ки бар пояи осори нависандагони Ғарб арзи ҳастӣ доранд, таҳқиқ гардидааст. Масалан, масъалаи мутобиқати лафзу маъниро, ки аз бобҳои алоҳида ва асосии "Нақди адабӣ"-и Сируси Шамисо мебошад, метавон дар насри муосир ҳам таҳқиқ намуд. Ҳатто шеваҳои нави адабӣ, ба монанди рамзгароӣ, вуқуъгӯӣ, сюреализм, на фақат шеъри имрӯз, балки насри муосирро низ зери таъсири худ мекашад. Имрӯз дар баробари шеваҳои шеъри нав, нигоштаҳои Муҳаммадзамон Солеҳ, Баҳманёр, Муҳаммадраҳими Сайдар, Сайф Раҳим ва Юнус Юсуфӣ низ дар адабиёти муосири тоҷик ба тадқиқу пажӯҳиши бунёдӣ ниёз доранд, то хонандаи тоҷик аз муаммоҳои ин навъи эҷодӣ

огоҳӣ пайдо кунад. Аз ин нуқтаи назар, аз мубоҳисони ин ҷараёни чащдорем, ки дар нигоштаҳои худ ба вазъи насри муосир, тарҷумаи бадеӣ низ таваҷҷуҳ карда бошанд. Дар ин ҳолат, нақди адабие, ки мо дар назар дорем, мушкилот ва масоили куллии адабиёти имрӯзро фаро хоҳад гирифт.

Рустам Ваҳҳобзода ба масоили муҳими шеъри муосир дақиқкорона таваҷҷуҳ намуда, кӯшиш дорад, ки дар баён ва баррасии мушкилоти имрӯзи адабиёт муҳаққиқону адибон низ ҳамовозӣ намоянд. Аз ҷумла муҳаққиқ менависад: "Пас мебояд ба ҳифзи таҷрибаҳои мусбати ин даврони адабиётамон ва ҳамзамононамон ба кор гирифтани дарёфтҳо ва андӯхтаҳои нав назарияи нави илмии адабиётро тарроҳӣ кард, то дар чаҳорчубаи он қазоватҳои мо дорои меъёри маъқул ва мушаххас бошад". Ин назарияҳоро аз куҷо бояд гирифт ва онҳоро дар асоси кадом меъёрҳои илмӣ ё адабӣ асоснок намуд? Аз сабаби набудани ин гуна назарияҳо ва асоснок набудани меъёрҳои назоратӣ дар муҳити адабии мо дар шеър, наср ва рисолаҳои илмӣ тақлидкориҳои маҳз расм шудааст. Шояд аз надонистани назарияи шеъри нав шоирони мо аз риояи унсурҳои зотии шеър, ки аз шоир на фақат маҳорат, ҳамчунин меҳнату мутолиаи бештарро металабанд, канораҷӯӣ карда, дар корхонаи эҷодии худ як муҳити озодеро ба вуҷуд овардаанд. Шарифҷон Ҳусейнзода ин вазъро хеле хуб дарк карда, дар яке аз таълифоташ чунин менигорад: "Аммо баъзе шоирони мо аз ин озодӣ сӯъистифода намуда, ба ҳеч гуна қонун ва меъёри шеърӣ риоя накарда ва шеърро ба дараҷаи наср расонида истодаанд. Мутаассифона, баъзе ҷавонон низ бо сабаби он ки нозукӣ ва усули шеъри навро намедонанд, пиндоштаанд, ки агар вазн шикаста шавад, мисраъҳо кӯтоҳу дароз ва ба қофияҳо риоя карда нашавад, шеъри нав эҷод мекунанд" (ниг.: Ҳусейнзода, Шарифҷон. Ҳабдаҳ мақола.- Душанбе: Ҳумо, 2007. С. 287). Набояд ин

нуктаи муҳимро сарфи назар кард, зеро ин вазъ имрӯз ҳам дар шеъри нав ва насри муосири тоҷик роиҷ аст ва зарурати шикастани мисраъ ва сарфи назар намудани унсурҳои зотии шеърро надониста, навовариҳои беасосро дар шеър бор кардан ба суннати адабӣ табдил ёфтааст. Ва ё ин ки Ибни Сино дар шеър, пеш аз ҳама, хаёлангезиро муҳим медонад ва донистан ва риояи меъёрҳои онро барои шоирон таъкид менамояд. Вале муҳаққиқони баъдӣ ба ин назари Ибни Сино камтар таваҷҷуҳ намуда, ҳамагӣ фақат ба коркарди назарияҳои сохтории шеър, аз ҷумла арӯз ва қофия умри худро бахшида, рисолаҳои бешуморе дар шинохти арӯз ва қофия ба мерос монданд. Вале хаёлангезии шеър дар асоси кадом меъёрҳо бунёд гардад ё маъниофариниши шоир бояд чӣ гуна сурат гирад ва ё саҳнаофариҳои шоирона дар шеър бояд чӣ тарз бандубаст шавад, касе ё муҳаққиқеро ба ташвиш намеовард. Ба гунаи мисол, дар шарҳи шеъри Ҳофиз ва Бедил аз ривоёту афсонабофиҳо берун андешаронӣ нашудааст.

Дар муҳити адабии мо аз сабаби коркард нашудани назарияю меъёрҳои шинохти шеър шоирони мо аз таъсири тақлид берун баромадан наметавонанд. Академик Акбар Турсон раванди пазируфтани "тарзу тариқи аз худ кардани чизи бегона"-ро чунин арзёбӣ мекунад, ки овардани он дар ин баррасиҳои мо мувофиқи матлаб аст: "Чаҳор роҳро медонам, ки барои ҳама халқу замонҳо рост меояд: а) бегонаро ба ҳамон шаклу андоме, ки дорад, пазируфтан(*иқтибос;*, б) аввал тағйири шакл кунонда, баъд қабул кардан"(*тақлидкорӣ*); в) фақат бурунмояашро гирифта, дар замина ё қолаби он чизе офаридан(*эҷодории тақлидӣ);* г) онро ойинаи ибрат дониста, дар пасманзараш чизи комилан нав ба вуҷуд овардан(*муколамайи эҷодӣ*)" (ниг.: Акбар, Турсон. Устоди ҳунаркеш. //Самак, 22 декабр, 2021). Ин меъёрҳоро дар шеъри нави имрӯз татбиқ ва таҳлил кардан мумкин аст. Агар

ба раванди воридшавии шеъри нав ба адабиёти муосири тоҷик таваҷҷуҳ намоем, мебинем, ки шинохт ва вуруди шеъри нав ба муҳити фарҳангии мо аз солҳои 60-уми қарни гузашта бо шеъри Муъмин Қаноат, Ғаффор Мирзо, Қутбӣ Киром, Лоиқ Шералӣ, Мастон Шералӣ, Гулрухсор, Гулназар, Аскар Ҳаким ибтидо гирифта, дар эҷодиёти онҳо шеъри нав дар шакли *муколамаи эҷодӣ* сурат гирифтааст. Масалан, шикастани мисраъҳо ва ё пазироии мавзӯъҳои таърихӣ, офариниши мзмунҳои тоза дар солҳои 60-80-уми қарни гузашта дар шеъри шоирони зикршуда ба тариқи эҷодӣ ба вуҷуд омадааст. Масалан, шеъри "Фирдавсӣ"-и Бозор Собир баъд аз шеъри "Муҷассамаи Фирдавсӣ"-и Сиёвуши Касроӣ эҷод шуда бошад ҳам, дар шеъри Бозор Собир Ҳаким Фирдавсӣ ҳамчун шоири худшинос, муборизи зидди араб (Бар мисли мисраъҳои расояш, ки як лак аст, Тозӣ ба тохтан нарасиду намерасад) ва марди сарафрозу сарбаланд дар муқобили Султон Маҳмуд ва Алпи Арслон тасвир шудааст, ки ин мазмунҳоро дар шеъри Сиёвуши Касроӣ мушоҳида намекунем. Ҳамзамон мисраъҳои зер аз ҷасорати шоирии ӯ дар замони пуртазоди солҳои 90-ум дарак медиҳад:

*Меорам аз навиштагарон ин навиштаро-*
*Фирдавсӣ чун завола суханро сириштааст.*
*Бо лаҳҷаи дариву бо хуни Сиёҳвуш*
*Бар мо калимаҳои шаҳодат навиштааст.*
*Гӯянд агар калимаи худро ту арза кун,*
*Мехонам аз навиштат Фирдавсӣ байтҳо.*

(ниг.: Собир, Бозор. Бо чамидан, бо чашидан. - Душанбе: Адиб, 1987. С. 193)

Вале баъд аз солҳои 90-ум шеъри нав дар муҳити адабии тоҷикон ба зинаии дуюми *"тарзу тариқи аз худ кардани чизи бегона"*, яъне эҷодкории тақлидӣ майл намуд. Зеро Истиқлолият дари муносибатҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва

фарҳангиро боз намуда, имконоти дастрасии адабиёти ҳамзабононро бештар фароҳам овард. Ба шоирону суханварон ва муҳаққиқону фарҳангнигорон имкон фароҳам омад, ки бештар аз шеъри муосири Эрон баҳрабардорӣ намоянд. Ҳамзамон робита бо фарҳангиёни Эрон ва Афғонистон боис гашт, ки сарчашмаҳои илмию фарҳангии ниёгон бештар дар фазои иттилоотии мардум мавқеъ пайдо кунад. Хонандаи онрӯз ва имрӯз баробари шоирон аз сарчашмаҳои илмию фарҳангӣ баҳравар нест. Бинобар ин, хонандаи имрӯз **аз** бисёр шоирони навгаро ва сабку услуби онҳо иттилоъ надорад. Донишманди тоҷик Матлубаи Мирзоюнус ҳамин вазъро дар нисбати шеъри Фарзона ба ҳисоб гирифта, пажӯҳишеро таҳти унвони "Шарҳи шаст шеъри Фарзона" таълиф намуд ва сабаби таҳияи ин асари худро чунин асоснок намудааст, ки ин иқдом қобили таваҷҷуҳ мебошад: "Дар миёни хонандагони имрӯз низ гоҳе сару садоҳое баланд мешаванд, ки шеъри баъзе шоирон, аз ҷумла Фарзона барояшон чандон фаҳмо нест. Ба назари мо, тааммуқ дар сари чанд шеър ба ҷаҳони ботинии муаллиф роҳ мекушоянд ва имкон медиҳад, ки ашъори дигарро осонтар дарк намоем. Ба ин хотир ба чанд шеъри шоир рӯ меорем ва саъй мекунем, ки коғази мунаққаши онҳоро боз намоем ва барои дарёфти розҳои нуҳуфтаи шоир роҳ пӯем" (ниг.: Мирзоюнус, Матлуба. Шарҳи шаст шеъри Фарзона. - Хуҷанд: Ношир, 2019. С. 4). Ба назари мо, зарурати ба вуҷуд омадани шарҳ бар шеъри Фарзона дар он аст, ки нақди адабии имрӯз наметавонад ба василаи тақризҳои илмӣ, мубоҳиса бо худи муаллиф, пажӯҳишҳои махсус дар атрофи шеъри шоир ҳадафи Фарзонаро ба хонандаи шеъраш расонад. Ҳамзамон шоирон ҳам саъй намоянд, ки бозёфтҳои шоирии худро ба зеҳну завқи хонанда мувофиқтар пешниҳод намоянд, зеро савияи дониш ва завқи шеърии ҳаводорони шеъри имрӯз хеле коста шуда, мутаносибан пойин шудааст.

Мунаққиди муҳтарами шеъри имрӯз Абдураҳмон Абдуманнон тозакориҳо ва маънисозиҳои шоир Камол Насруллоро хеле барҷаста ва шоиста баррасӣ менамояд, ки баъди мутолиаи он дил мехоҳад ба адабиёт ва ҳунари маънисозии шеъри имрӯз бештар дастрасӣ пайдо намояд. Дар дунболаи ин тозаҷӯиҳо Абдурраҳмон Абдуманнон аз пайи дарёфти меъёрҳои шеъри асил мешавад ва таъкид мекунад: “Имрӯз дар нақду адабиётшиносӣ ва матбуоти даврӣ мо чӣ меъёрҳоеро бояд пеш гирем, ки аз миёни ин анбӯҳи махлут шеъри сазовор ва шоистаро ҷудо кунему арзёбӣ намоем” (ниг.: Абдурраҳмон, Абдуманнон. Тозагӯиву навоварӣ дар шеъри имрӯз. //Адабиёт ва санъат, 3-юми феврал, 2022).

Ба назари мо, аз силсилаи меъёрҳои шинохти шеъри имрӯз бояд хирадмеҳварӣ, миллатдӯстӣ, меҳанпарастӣ, дунёмадорӣ, ҳувиятсозӣ, рӯҳбаландӣ (пафос), хушбинӣ (оптимизм) дар дараҷаи аввал қарор бигиранд ва пасон тозакорию маънисозӣ ва тасвиргариҳои шоирона, ки ҷанбаи ҳунарию отифии шеърро ташкил медиҳанд, меъёрбандӣ шаванд. Ба ин маънӣ, мавриди нақду баррасӣ қарор гирифтани шеъри шоирони миллиандеш ва ҳувиятмадоре назири Салими Зарафшонфар ва Назрӣ Асадзода, ки аз ҷуръату ҷасорати миллӣ сухан ба миён меоваранд, зарурат дорад. Аз ин гузашта, арзёбии намунаҳои манзуми шоирону файласуфон ва донишмандоне мисли Зиё Абдулло, Мирзо Боқӣ, Комил Бекзода, Назри Яздонӣ, Мирзо Ҳасани Султон, Исомиддин Шарифзода дар қолаби матолиби ҷудогонаи нақдӣ ба манфиати кор хоҳад буд. Меъёри шинохти шеъри асилро профессор Шарифҷон Ҳусензода чунин муайян намудааст, ки қобили эътибор аст: “ Чунин ба назар мерасад, ки онҳо (шоирони навҷӯ-О.Н.) баъзе тағйири вазнро дар шеър ба таносуби тағйири мазмун зарур медонанд. Барои ин ки он навъи шеър дар адабиёти мо

характери умумӣ касб намояд, бояд он хусусиятҳои миллӣ низ дошта, асоси баҳрҳои арӯзӣ ташкил диҳанд. Лекин дар ин масъала набояд ба хараҷу мараҷи арӯзӣ роҳ диҳем. Вақте ки аз таҷрибаҳои адабии дигарон истифода мебарем, бояд ин корро дар шакли миллии шеърамон ба ҷо оварда бошем. Ба гуфтаи В.Г. Белинский, он чизеро, ки аз адабиёти дигар халқҳо иқтибос карда мешавад, ба асосҳо ва заминаҳои миллии шеърамон тобеъ гардонем" (ниг.: Ҳусейнзода, Шарифҷон. Ҳабдаҳ мақола. - Душанбе: Ҳумо, 2007. С. 289). Дарвоқеъ, бояд мо меъёрҳои "шакли миллии шеър"-ро муайян намоем, он гоҳ онро дар радифи талаботи шеъри асил ҷой дода, аз шоирон риояи онро талаб карда метавонем. Чунин ба назар мерасад, ки тарғиб ва шинохти арзишҳои миллӣ ва ситоиш ва тараннуми расму русуми мардумӣ, ки мардуми тоҷикро бо онҳо мешиносанд, аз ҷумлаи меъёрҳои шинохти адабиёти миллӣ мебошад. Масалан, Раҳмат Назрӣ яке аз анъана ва русуми мардумро дар ин мисраъҳо хеле моҳирона шеър кардааст, ки пеши назар як манзараи зебоеро ба ҷилва меорад:

*Кош аз нав об гирам дасти пиронаш ,*
*Дар сари оши гузар, Кӯлоб, эй Кӯлоб!*
*Рост дар шодиву ғам ҳамчун дарахтонаш,*
*Бо ту бошам бар ба бар, Кӯлоб, эй Кӯлоб!*
*Сар-сари дар, лаб-лаби сангоб аз пушта,*
*То ҷаҳонам сар ба сар, Кӯлоб, эй Кӯлоб!*

Ба арзишҳои миллӣ ҳамзамон ситоиши забон, марзу буми Ватан, расму русуми аҷдодӣ ва ғайраро дохил кардан мумкин аст. Дар ин радиф шеъру достонҳои Муъмин Қаноат, Лоиқ Шералӣ, Бозор Собир, Гулназар ва Гулрухсорро метавон ҳамчун намунаи адабиёти миллӣ арзёбӣ намуд.

Ниҳоят, ҳунари суханварӣ ва меъёри шинохти шеъри асилро дар офариниши саҳнаҳои зебои зиндагӣ, ки муҳаббати хонандаро ба табиати атрофу акноф зиёд мекунад, дидан

мумкин аст. Саҳнаҳои зебои табиат ва тасвири онҳо аз шоир маҳорати баландро талаб менамояд. Абдуалии Дастғайб ин ҷараёнро чунин ба риштаи таҳқиқ мекашад: "Вақте идроки ҳунармандро метавон наву тоза донист, ки бубинем, ӯ нисбат ба ҷаҳони пиромуни худ чӣ гуна нигарад? Оё ҳанӯз офтобро ба шакле мебинад, ки Манучеҳрӣ ва Фирдавсӣ, Саъдӣ дида буданд? Оё маҳтоби ӯ ҳамон маҳтоби Ҳофиз ва Соиб аст? Оё ҳанӯз дар банди қиссаи Фарҳоду Ширин, Лайливу Маҷнун, Вомиқу Узро аст ва ин ашхосро намунаи ошиқони воқеӣ мешиносад? Оё лаби ёрро лаъл, қади ӯро сарв ва чашмашро ҳамчун наргис мебинад?" (ниг.: Дастғайб, Абдуалӣ. Таҳлил аз шеъри нави форсӣ. С.56). Ин ҷо чанд намунае аз шоирони тоҷик меоварем, ки саҳнаҳои офаридаи онҳо қобили эътибор буда, аз пешрафти шеъру шоири имрӯз дарак медиҳад:

*Симчӯби кӯча оҳанге хазин бунёд кард,*
*Қатрае борон чу нохун зад ба тори сими ӯ.*
*Резаборон ҳамчу ҳарфи тозаэҷоде чакид,*
*Бар варақҳои хазони кучабоғу роҳи ӯ.*

*Салими Зарафшонфар*

*Оҳуи чашми худро дар чашми ман чаро деҳ,*
*Зеро гиёҳи меҳрат дар чашми ман бируста.*

*Фарзона*

*Пироҳани шом хол-хол аст,*
*Дар гӯшаи осмон ҳилол аст.*

*Фарзона*

*Дар хилвати торик дилам ғамгин аст,*
*Дилгиртар имшаб аз шаби дӯшин аст.*
*Дӯшина лифофаи уфуқ бикшоданд,*
*Диданд, ки номаи саҳар хунин аст.*

*Давлати Раҳмониён*

Дар шеъри имрӯз *“нағмаи вожаҳо”* ва ё *“калимасозии шоирона”* яке аз вижагиҳои шеъри имрӯз ба ҳисоб меравад. Зеро вожаҳо дар шеър ғайр аз маънои маъмулӣ ба вазифаи маҷозӣ низ меоянд. Ин гуна калимоти офаридаи аҳли шеър ҳанӯз дар маркази таваҷҷуҳи аҳли сухан қарор надорад. То кадом ҳад ин гуна калимаҳо бори маънӣ бар дӯш доранд, пажӯҳиши алоҳидаеро тақозо мекунад. Масалан, ин калимаҳои офаридаи шоири намоёни тоҷик дар дохили матни асосӣ мебояд санҷида шаванд, вале мо барои намуна меорем: ***дилраҳзан, ҷаннатулҷаннот, ангубинзанбӯр, ҷисмсӯз, меҳнатистон, роҳаҳистон, ғурбатнасиб, зулматойин, зулматогин, зулмхӯ, равшанойин, ширинҷисм, каҷроӣ, равоҳукм, тирахӯ, пастодам, кӯргираҳҷоду, нигаҳҷоду, нигоҳалмоспайкар, навтироз, гулхирманканор, хушкиданахл ва ғайра.***

Ибора ва ифодаҳои шоирона дар шеъри имрӯз низ мебояд дар нақди адабӣ мавриди таваҷҷуҳ қарор гирад. Аз ҷумла, дар ҳар як шеъри Гулназар ибора ва ифодаҳои шоиронаеро пайдо кардан мумкин аст. Мо дар ин ҷо аз ин офаридаҳои шоир барои намуна меорем, то ки нақди адабӣ аз маҳорати тасвирсозиҳои Гулназар огоҳӣ пайдо намуда, ба гулзори маъниҳои ашъори ӯ роҳ ҷӯяд:

***Дарвозаи зангхӯрдаи хотир, доғчашми лолаи саҳро, тори заррини вафодорӣ, шогирди шукуфоии лабҳо, дили зардӯзи ман, гиряҳои вожаҳои зинда, бӯсаҳои оби борон, ҳузури нуронии ту, хандаҳои зарҳалии офтоб, зеҳни софи чашмаҳо, тифли ғам, хаёли боғи ғамгин, хандаҳои маҳтобии танҳоӣ, гули табассуми хайрӣ, гулбаргҳои интизорӣ, баҳори хандаҳо, байти беғубор, шамими кокул, канори гулбуни меҳр, гули қоқуи дард, абри мӯҳои сафед, ширинии нози гул ва ғайра.***

Ин равия дар насри муосир ҳам мутадовил шуда, вижагиҳои нав касб мекунад. Солҳои охир воридшавии

калимаҳои лаҳҷавӣ дар эҷодиёти нависандагони муосир хеле зиёд шуда истодааст. Нақди адабӣ дар ин росто бояд меъёри истифодаи калимаҳои лаҳҷавиро муайян намояд, то забони наср аз пайи забони лаҳҷаву шева шуда, махсусиёти забони адабиро гум накунад.

Ҳамин тариқ, матолиби мубоҳисавии ҳафтаномаи "Адабиёт ва санъат" бо иштироки муҳаққиқону суханварон дар **рушди** адабиёти муосир, нақди адабӣ ва бунёди адабиёти миллӣ саҳифоти тозаеро боз хоҳад кард.

Нурмуҳаммад Одинаев
*номзади илмҳои филологӣ*

## ОБУНА БА МАҶАЛЛАИ «ИЛМ ВА ҶОМЕА»

Хонандагони муҳтарам!

Соли 2016 бо ташаббуси Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Раёсати Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон як маҷаллаи дигари илмию оммавӣ бо номи «Илм ва Ҷомеа» арзи ҳастӣ кард. Ҳадаф аз он нашри мақолаю маводҳои илмии олимону донишмандони тоҷик, бозтоби дастовардҳои илмии ҷаҳониён, ошкор кардани мушкилоти ҷаҳони муосир ва аз ин роҳ, ба донишомӯзӣ ҷалб намудани ҷавонон ва мусоидат кардан ба ҳалли мушкилоти мубрами Тоҷикистон, минтақа ва ҷаҳон ба шумор меравад.

Бо ин мақсад, ҳайати таҳририяи маҷаллаи «Илм ва Ҷомеа» Шумо – хонандагони гиромии ин маҷалларо даъват мекунад, ки ба он обуна шавед. Шумо метавонед ба маҷалла фардӣ, гурӯҳӣ ва ё аз ҳисоби ташкилоту муассисаи худ обуна шавед. Нархи солонаи маҷалла бидуни хизматрасонии почтавӣ **109 сомонию 68 дирам** мебошад.

**Индекси обуна**: 77759
**Нишонӣ**: 734025, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33
**Сомонаи мо:** www.ravshanfikr.tj
**Телефон**: 221-53-97, 918-67-79-13, 935-26-62-95
**E-mail**: ilm-jomea@ravshanfikr.tj

**Суратҳисоби Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон**

РМА (ИНН): 010009529
Суратҳисоб (р\сч): 20204972712010100002
БИК (МФО): 350101800
Ҳисоби бонкӣ (к\сч) 22402972000002
Сарраёсати хазинадории марказии
Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон

*Ба матбаа супорида шуд 24.06.2022*
*Барои нашр имзо шуд 25.06.2021*
*Чопи офсетӣ. Ҷузъи чопӣ 19,6. Андоза $70x100^{1}/_{8}$.*
*Адади нашр 150 нусха. Супориши №93.*

*Муассисаи нашриявии "Дониш"- АМИТ*
*ш. Душанбе,734063, кӯчаи С. Айнӣ 299/2*

*www.ravshanfikr.tj*